مترجم الى اللغة
الطاجيكية

БА ТОҶИКӢ
ТАРҶУМА ШУДААСТ

# Тақсим ва танзими қоида барои қавли муфид

# شرح كتاب التوحيد


МУАЛЛИФ
ҲАЙСАМ ИБНИ МУҲАММАД САРҲОН
СОБИҚ МУДАРРИСИ ДОНИШГОҲИ ҲАРАМИ МАСҶИДИ НАБАВӢ


ФУРӮШАШ ҶОИЗ НЕСТ

Вақф барои Аллоҳ
фурӯхтан ҷоиз нест

ترجمة باللغة الطاجيكية
وقف لله لا يجوز بيعه

# Тақсим ва танзими қоида барои қавли муфид


МУАЛЛИФ

**ҲАЙСАМ ИБНИ МУҲАММАД САРҲОН**

СОБИҚ МУДАРРИСИ ДОНИШГОҲИ ҲАРАМИ МАСҶИДИ НАБАВӢ

ВА САРДОРИ МАВҚЕЪИ ТАЪСИЛИ ИЛМӢ

http//attasseel-alelmi.net.

http//saphaan.net.


АЛЛОҲ Ӯ ВА ВОЛИДАЙНИ Ӯ ВА ҲАР КАСЕРО, КИ ДАР

НАШРИ ИН КИТОБ ЁРӢ ДОДААСТ, МАҒФИРАТ КУНАД.


ТАРҶУМОН

***ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ***

# التَّقْسِيمُ وَالتَّقْعِيدُ لِلْقَوْلِ الْمُفِيدِ

بقلم الفقير إلى عفو ربه

هيثم بن محمَّد سرحان

المدرِّس بمعهد الحرم بالمسجد النَّبويِّ –سابقًا– والمشرف على موقع التَّأصيل العلميِّ

http://attasseel-alelmi.com

غفر الله له ولوالديه ولمن أعانه على إخراج هذا الكتَاب

المترجم

شهاب الدين بن صالح بن سيد الطاجيكي

الطَّبعة الأولى

جميع الحقوق محفوظةٌ

إلَّا من أراد طبعه أو ترجمته لتوزيعه مجَّانًا بعد مراجعة المؤلِّف

الرَّجاء التَّواصل على:

islamtorrent@gmail.com

فسح وزارة الإعلام

## Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Албатта сипосу ситоиш барои Аллоҳ аст. Аз Ӯ талаби ёрӣ ва ҳидоят ва омурзиш мекунем. Ва ба Аллоҳ аз нафсҳои бадамон ва аз кирдорҳои нописандамон паноҳ талаб мекунем. Касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас ӯро касе гумроҳ намекунад ва касеро Аллоҳ гумроҳ кунад, пас ӯро касе ҳидоят намекунад. Ва гувоҳи медиҳам ин ки маъбуди ҳаққе нест, магар Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва паёмбари Аллоҳ аст. Аммо баъд:

### Асосҳое, ки маърифати он пеш аз омӯхтани китоб шоиста мебошад

1). Бар донишҷӯ ҳифзи матн пеш аз омӯхтани китоб зарур аст. (Ҳифз кун, ҳар ҳифзкунанда имом аст).
2). Маърифати ваҷҳи далел овардан ба ҳар оят ва сабаби овардани он дар боб.
3). Маърифати муносибати ҳар боб ба китоби Тавҳид ва сабаби оварданаш дар он, то китоб муназзам бошад.
4).Бар як шарҳ дар ҷамъоварӣ таркиз мекунем ва асос дар назди мо "Қавли муфид"-и шайх Ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ аст, ҳаргоҳ онро тамом кунем, шарҳи дигареро мегирем ва инчунин, то ки маълумот дар ҳам омехта нашавад.

### Барои чӣ ин китобро меомӯзем

1). Зеро олимони раббонӣ ба хондани он насиҳат карданд. 2). Зеро ки он аз беҳтарин китобест, ки дар ин боб таълиф шудааст. 3). Зеро ки муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар ботил сохтани ҳуҷҷати мухолиф нек карда ва шубҳаро ба далел рад кардааст. 4). Зеро ки Аллоҳ барои он дар замин қабул шуданро гузоштааст. 5). Насиҳати олимон ба ҳифз ва фаҳми он. 6). Бобгузорӣ ва тартиби нек аст. 7). Аҳамият додани олимон ба дарс додани он ва шарҳҳои бисёр бар он навистанд. 8). Зеро ки китоб ба далелҳои Қуръон ва Суннат пур аст. 9). Осон будани ҷумлаҳояш. 10). Гувоҳии олимон барои муаллиф ба илми амиқ ва дурустии эътиқодаш. 11). Зеро китоб дар тавҳиди убудият бештар аҳамият додааст, вақте дар он халали калон воқеъ шуд, бо зикри тавҳиди рубубият ва номҳо ва сифатҳо. 12). Зеро муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар он бар равиши салаф рафтааст, пас чизе аз сухани худаш нагуфтааст, монанди имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ дар "Саҳеҳ"-аш.

# Хулосаи бобҳои китоби тавҳид (67 боб аст)

Пеш аз омӯхтани ҳар китоб барои маърифати муҳтавои китоб ва тариқаи таълиф ва пурра тасаввур кардани он, бояд пешгуфтор ва феҳрасти онро хонд. Бинобар ин моро мумкин аст, ки китобамонро ба даҳ қисм тақсим намоем.

## Нахустин: Пешгуфтор (аз панҷ боб иборат аст)

**1). Барои ин боб унвон нагузоштаанд ва он боби воҷиб будани тавҳид аст).**

Ин бобро барое ки тавҳид аввалин ва воҷибтарини воҷибҳост, навист ва барои он ки он даъвати паёмбарон алайҳимус салом аст.

**2). Боб дар баёни фазли тавҳид ва баёни ин ки тавҳид гуноҳҳоро тоза мекунад.** Ин бобро ба хотири ташвиқ ва баён кардан, ки зикри фазли шайъ далел барои воҷиб набудани он нест ва чаро ки инҷо касоне ҳаст, ки аз омӯхтан ва омӯзондани тавҳид мерамонад ва зуҳд мекунад.

**3). Боб касе дар ҳаёт тавҳидро татбиқ кунад, беҳисоб дохили Ҷаннат мешавад.** Ин бобро ба хотири холис сохтани тавҳид аз ширк, бидъатҳо ва маъсиятҳо овард, пас муносиб омад, ки ин бобро баъди ду боб, боби воҷиб будани тавҳид ва фазли он орад.

**4). Боб андар тарсидан аз ширк.** Ин бобро барои он овард, ки касе тавҳидро таҳқиқ намояд, ӯро мебояд, ки аз ширк бар худ ва бар ғайраш битарсад, чаро ки ӯ гумон мекунад, ки тавҳидро таҳқиқ кардааст ва ҳоло он ки онро таҳқиқ накардааст. Ва ҳар боберо ки баъди ин боб овард, он аз таҳқиқи тавҳид аст, масалан боби тарсидан аз ширк аз зимни таҳқиқи тавҳид аст.

**5). Боб андар даъват ба сӯи шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ".** Аллоҳ донотар аст, ин бобро барои ду сабаб овард:

**1)**-Зеро касе қасди таҳқиқи тавҳид намояд, ӯро месазад, ки ба сӯи он даъват кунад, монанди феъли Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва пайравони Ӯ.

**2)-** Ва барои радди касе, ки гуфт: Аввалин чизе киба сӯи он даъват мешавад, намоз мебошад.

## Дуюм: Тафсири тавҳид (аз нуҳ боб иборат аст)

**6). Боби тафсири тавҳид ва шаҳодати ин ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест.** Баъде ки барои мо воҷиб будани тавҳидро зикр кард ва моро ба сӯи он ташвиқ намуд ва воҷиб будани таҳқиқи он ва аз зидди он тарсидан ва ба сӯи он даъват карданро зикр намуд, муносиб омад, ки барои мо ҳақиқати тавҳидро аз ин боб шурӯъ карда то охири китоб баён намояд.

**7). Боб, пӯшидани ҳалқа ва ресмон ва монанди ин ду барои рафъи бало ё дафъи он аз ҷумлаи ширк аст.** Ин тафсири тавҳид ба маърифати зидди он мебошад.

**8). Боб андар руқияҳо ва туморҳо.** Ин бобро барои тафсири руқияҳо ва туморҳои ширкие, ки тавҳидро нафй мекунад, овард.

**9). Боб андар касе ки ба дарахт ё санг ва монанди инҳо табаррук меҷӯяд.** Инро барои баёни табарруки мамнӯъ, ки нафйкунандаи тавҳид аст, овард.

**10). Боб андар забҳ кардан барои ғайри Аллоҳ.** Муаллиф баён кардани инро қасд кардааст, ки забҳ барои ғайри Аллоҳ аз рӯи муҳаббат ва таъзим шиканандаи тавҳид аст.

**11). Боб андар ин ки барои Аллоҳ қурбонӣ карда намешавад дар ҷое ки барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ карда мешуд.** Он чиро ки баъзе ҷоҳилон аз монандӣ ва мушоракати мушрикон дар идҳояшон ва маконҳои ибодатҳояшон мекунанд, муаллиф хост, ки онро баён намояд, ки он аз нафйкунандагони тавҳид аст.

**12). Боб: Назр барои ғайри Аллоҳ ширк аст.** Инро барои тафсири назри мамнӯъ, ки он тавҳидро нафй мекунад, овард

**13). Боб ба ғайри Аллоҳ паноҳ бурдан ширк аст.** Муаллиф баёни паноҳ бурдан ба ғайри Аллоҳ дар он чизе ки ҷуз Аллоҳ касе бар он қудрат надорад, ва инчунин паноҳ бурданеро ки тавҳидро нафй мекунад, ирода намуд.

**14). Боб: Фарёдрасӣ кардан ба ҷуз Аллоҳ ё дуо кардани ғайри Аллоҳ ширк аст.** Муаллиф тафсири амалҳои ширкӣ аз фарёдрасӣ ва дуо кардани ғайри Аллоҳ дар чизе ки ҷуз Аллоҳ таъоло касе бар он қудрат надорад ва фарёдрасие, ки тавҳидро нафй менамояд, ирода кардааст.

## Сеюм: Ботил будани ибодати ғайри Аллоҳ (иборат аз чор боб аст)

**15). Боб андар фармудаи Аллоҳ: "Оё ин мушрикон шарик меоранд чизеро, ки ҳеҷ (қудрате надорад, ки чизеро) биофаринад ва худи ин шарикон махлуқанд"**. Ин бобро барои нафйи ибодати ғайри Аллоҳ овард, хоҳ он набӣ ё бут ва ғайри инҳо бошад.

16). **Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "То чун тарсу ҳарос аз дилҳояшон бартараф шавад, мегӯянд: Парвардигоратон чӣ фармуд: Мегӯянд: Ҳақ ва Ӯ баландмартабаи бузург аст"**. Ин бобро барои нафйи ибодати малоикаҳои киром овард.

17). **Боб андар шафоат.** Кофирон дар шафоати бутҳояшон мутааллиқ буданд, муаллиф ин бобро ба хотири ботил кардани ин тааллуқ овард.

18). **Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Албатта ту ҳидоят намекунӣ, касеро ки дӯст медорӣ ва локин Аллоҳ касеро бихоҳад, ҳидоят мекунад"**. Ин бобро ба хотири ботил кардани ҳидояти тавфиқ аз ғайри Аллоҳ, овард.

## Чорум: Сабаби куфри фарзанди Одам (иборат аз чор боб аст)

Баъди тафсири тавҳид ва ботил кардани ибодати ғайри Аллоҳ, зикр кардани сабабҳои воқеъ шудани дар куфр муносиб омад, то аз он парҳез намоем:

19). **Боб андар ин ки сабаби кофир шудани фарзанди Одам ва тарки дин карданашон ҳамон зиёдаравӣ дар ҳаққи бузургон буд**. Ин хатарноктарини асбоб дар воқеъ шудани фарзанди Одам дар куфр аст ва он аввалин ширкест, ки дар замин воқеъ шуд.

20). **Боб андар сарзаниши сахт дар ҳаққи касе ки Аллоҳро дар назди қабри марди солеҳ парастад, пас чигуна аст ҳаргоҳ ӯро бипарастад?!.** Аз асбоби воқеъ шудани дар ширк пайкараҳо ва суратҳо ва қабрҳоро масҷидҳо гирифтан аст.

21). **Боб андар ин ки зиёдаравӣ дар қабрҳои бузургон, ононро бутҳое мегардонад, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад.** Аз асбоби куфр, дар ҳаққи бузургон зиёдаравӣ кардан аст.

22). **Боб андар ҳимояи Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷониби тавҳидро ва бастани Ӯ ҳамаи роҳҳоеро, ки ба сӯи ширк мерасонад**. Бастани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам роҳҳои ширкро дар мавриди эътиқодҳо ва феълҳо. Ва ба зуди боб дар бастани Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам доир ба суханоне ки ба сӯи ширк мерасонад, меояд.

## Панҷум: Ботил кардани ҳуҷҷати касе ки мегӯяд: Ширк дар ин уммат ё дар ҷазираи араб воқеъ намешавад (як боб аст)

**23). Боб андар ин ки баъзеи ин уммат бутҳоро мепарастад.**

## Шашум: Амалҳои шайтонӣ (иборат аз ҳафт боб аст)

**24). Боб андар он чи дар мавзӯи ҷоду омадааст**. Ин бобро овард, чаро ки ҷоду танҳо аз тариқи куфри ба Аллоҳ сурат мегирад ва он аз бузург-тарин василаҳо барои даъвати мардум ба сӯи куфр аст.

**25). Боб андар баёни баъзе анвоъи ҷоду.** Ин бобро овард, то моро таълим диҳад, ки ҷоду чанд навъ аст, аз ҳамаи он парҳез кардан воҷиб мебошад.

**26). Боб андар мавзӯи коҳинӣ ва монанди он**. Ин бобро овард, то барои мо ононро ва ҳукми пеши онон рафтан ва суратҳои пеши онон рафтанро баён намояд.

**27). Боб андар мавриди ботил кардани ҷоду**. Ин бобро барои дур кардани ишкол ба зикри манъшуда ва рухсатдодашудаи он овард.

**28). Боб андар фол задан ба парвози паранда.** Ин бобро барои нафй кардани бадфолие ки аҳли ҷоҳилият мекарданд, овард.

**29).Боб андар мавриди ситорашиносӣ.** Ин бобро ба хотири ботил кардани илми таъсири гумоншуда овард.

**30). Боб андар ҳукми талаби борон кардан ба ситорагон.** Ин бобро ба хотири ботил кардани тааллуқи ба асбоби ширкӣ овард.

## Ҳафтум: Амалҳои қалбҳо (иборат аз нуҳ боб аст)

31). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Баъзе аз мардум ғайри Аллоҳро ҳамонанди Аллоҳ гиранд". Ин бобро барои нафй тавҳид аз касе овард, ки махлуқеро монанди дӯст доштани Аллоҳ ё сахттар дӯст медорад.
32). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Танҳо ин шайтон аст, ки дӯстдорони худро метарсонад". Ин бобро барои нафй тавҳид аз касе овард, ки аз махлуқе монанди тарсидани аз Аллоҳ ё бештар метарсад.
33). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва бар Аллоҳ таваккал кунед, агар имон доред". Ин бобро барои нафй тавҳид аз касе ки бар ғайри Аллоҳ таваккал кардааст, овард.
34). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё онҳо худро аз макри Аллоҳ эмин медонанд". Ин бобро овард, то яккапараст дар сайр карданаш ба сӯи Аллоҳ дар байни тарсу умед ҷамъ оварад.
35). Боб андар ин ки сабр кардан ба тақдирҳои Аллоҳ аз ҷумлаи имони ба Аллоҳ аст. Ин бобро барои баёни ҳоли яккапараст дар вақти бало овард.
36). Боб андар мавзӯи риё (худнамоӣ). Ин бобро барои баёни бузург будани хатари риё бар яккапараст овард ва ин тарсноктарин чизест, ки бар накӯкорон аз он тарсида мешавад.
37). Боб андар анҷоми амалҳои ухравӣ барои дастёбӣ ба ҳадафҳои дунёӣ низ навъи ширки (асғар) аст. Ин бобро барои баёни ин ки касе ба амали ухравӣ қасди дунё кунад, дар ширк воқеъ мешавад ва баёни ин, ин аст ки ба хотири дунё розӣ мешавад ва ғазаб мекунад.
38). Боб андар итоати олимон ва раҳбарон дар ҳалол донистани ҳаромҳо ва ҳаром донистани ҳалолҳои илоҳӣ ба маънои онҳоро арбоб гирифтан аст (ин ширки дар тоат аст). Ин бобро барои баёни он овард, ки ба ғайри Аллоҳ доварӣ кардан тавҳидро нақз мекунад.
39). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Мехоҳанд (корҳои худро) ба муҳокимаи тоғут баранд". Ин бобро барои ёрӣ додани яккапараст бар фаҳмидани маънои куфри ба тоғут ва барои тафсири имони рост ва дурӯғ овард.

## Ҳаштум: Тавҳиди номҳо ва сифатҳо (як боб аст)

40). Боб андар инкори чизе аз номҳо ва сифатҳои Аллоҳ. Ин бобро барои баёни нафйи тавҳид аз касе ки чизе аз номҳо ва сифатҳоро инкор мекунад, овардааст.

## Нуҳум: Лафзҳо ва ширкҳои манъ кардашуда. (29 боб аст)

41). Боб андар фармудаи Ӯ таъоло: "Онҳо неъмати Аллоҳро мешиносанд, сипас онро инкор мекунанд". Ин бобро барои баёни он чизе ки бар яккапараст дар муқоибили неъматҳо воҷиб мешавад, овард.
42). Боб андар фармудаи Ӯ таъоло: "Пас дидаву дониста барои Аллоҳ ҳамтоёне нагиред!". Ин бобро барои баёни ҳоли яктопараст аз савганд хӯрдани ба Аллоҳ, на ба ғайри Ӯ ва барои баёни фарқ дар байни ҳарфи (вов) ва (сумма) овард.
43). Боб андар шахсе ки ба савганди ба номи Аллоҳ қаноат намекунад. Ин бобро барои баёни ҳоли бузургии Аллоҳ дар дили яктопараст, дар вақти барои вай ба Аллоҳ савганд хӯрдан, овард.
44). Боб андар гуфтани он чи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ. Ин бобро овард, то яктопараст аз ширк овардани дар машийят ҳазар диҳад.
45). Боб андар шахсе ки замонаро дашном диҳад, пас Аллоҳро дашном дода аст. Ин бобро овард, то яктопарастро аз дашном додани чизе, ки ба сабаби он дашномдиҳандаи касе ки онро амр ва мусаххар кардааст, мегардад, таҳзир кунад.
46). Боб андар номгузорӣ ба Қози-юл-қузот ва монанди он. Ин бобро овард, то яктопарастро ҳушдор диҳад, ки бар ҷониби рубубият таҷовуз накунад.
47). Боб андар эҳтироми номҳои Аллоҳ таъоло ва тағйири ном ба хотири он. Ин бобро барои баёни ҳоли боадабонаи яктопараст бо Аллоҳ, номҳо, сифатҳо, дин ва паёмбарони Ӯ овард.
48). Боб андар касе ки ба чизе ки дар он зикри Аллоҳ ё Қуръон ё Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам шухӣ менамояд. Ин бобро барои баёни нафй асли имон аз шахси масхаракун ва чигуна бо вай муомала кардан ва воҷиб будани ҳифзи забон овардааст.

49). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва агар ба баъд аз сахтие, ки ба вай расида бошад, бахшоише аз ҷониби Худ бичашонем, албатта гӯяд: Ин барои ман аст". Инро барои баёни воҷиб будан бар яктопараст пеш аз фурӯд омадани неъмат ва баъди вуҷуди он овардааст.

50). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Пас чун Аллоҳ ба онҳо фарзанде шоиста дод, барои Ӯ дар он чи ба онҳо дода буд, шарикон муқаррар карданд". Инро барои баёни ҳоли яктопараст дар назди фурӯд омадани неъматҳо ва ҳаром будани ҳар исме, ки барои ғайри Аллоҳ ба бандагӣ нисбат дода шудааст.

51). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва номҳои нек барои Аллоҳ аст, пас Ӯро ба он номҳо бихонед". Инро барои ҳушдор додани яктопараст аз илҳоди дар номҳои Аллоҳ ва сифатҳои Ӯ овардааст.

52). Боб андар ин ки ассалому алаллоҳи таъоло гуфта намешавад. Инро барои ҳушдор додани яктопараст аз лафзҳое, ки адаби бо Аллоҳро нафй мекунад, овардааст.

53). Боб андар гуфтани: Эй Аллоҳ, агар бихоҳӣ маро мағфират кун! Инро барои ҳушдор додани яктопараст аз истиснои дар дуояш ва донистани қудрати Аллоҳ овард.

54). Боб ғулом ва канизи худро бандаи ман ва канизи ман намегӯяд. Инро овард, то яктопарастро бар истеъмоли лафзҳои нек огоҳ кунад.

55). Боб касе ба номи Аллоҳ таъоло бипурсад, рад карда намешавад. Ин боб дар баёни ҳоли яктопараст аст, ҳаргоҳ ба номи Аллоҳ пурсида шавад, аз рӯи таъзими Аллоҳ онро иҷобат мекунад.

56). Боб ба ваҷҳи Аллоҳ таъоло ҷуз Ҷаннат чизе пурсида намешавад. Ин бобро барои баёни ҳоли яктопараст аз таъзими Аллоҳ таъоло ва бо камоли адаб бо Ӯ таъоло рафтор кардан, овард.

57). Боб андар он чизе ки дар калимаи "агар" омадааст. Ин бобро барои адаби яктопараст дар истеъмоли сухани нек ва бар шариат ва қадар эътироз накардан, овард.

58). Боб андар наҳй аз дашноми бод. Ин бобро барои роҳнамоии яктопараст ба сӯи сухани нек, ҳаргоҳ чизи нописандеро бинад, овард.

59). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Онҳо дар бораи Аллоҳ гумони ноҳақ мекарданд (монанди) гумони ҷоҳилият".

Ин бобро барои ҳушдор додани яктопараст аз гумони бад нисбат ба Аллоҳ, ҳамонгуна ки он гумони ҷоҳилият аст овард.

60). Боб андар он чизе ки оиди инкоркунандагони тақдир омадааст. Ин боб барои баёни ҳоли имони яктопараст ба қазову қадар аст.

61). Боб андар он чи ки оиди сураткашон омадааст. Ин бобро овард, то яктопарастро бар хатари гузаштан бар ҷониби парвардигорӣ огоҳ намояд.

62). Боб андар он чи ки оиди бисёр савганд хӯрдан омадааст. Ин бобро овард, то яктопарастро ба ҳифзи имон ва таъзими Аллоҳ дар вақти муомалаи бо мардум, васият намояд.

63). Боб андар он чизе ки дар паймони Аллоҳ омадааст. Ин бобро овард, то яктопараст паймони Аллоҳ ва паймони паёмбараш саллаллоҳу алайҳи ва салламро дар ҳоли шодӣ ва зарар таъзим намояд.

64). Боб андар он чизе ки дар савганд хӯрдани бар Аллоҳ омадааст. Ин бобро овард, то яктопарастро аз гузаштан бар ҷониби парвардигорӣ ба бастани дари раҳмат аз бандагон, ҳушдор диҳад.

65). Боб аз Аллоҳ талаб карда намешавад, ки барои халқаш шафоатгар шавад. Ин бобро овард, то яктопарастро ҳушдор диҳад, ки мартабаи махлуқро болотар аз мартабаи Холиқ қарор надиҳад.

66). Боб андар посбонии Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз марзҳои тавҳид ва бастани роҳҳои ширк. Ин бобро овард, то яктопараст аз ҳар қавле, ки ба сӯи ширк мерасонад, дурӣ ҷӯяд.

## Даҳум: Хотима (як боб аст)

**67). Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва Аллоҳро (ба андозаи) ҳаққи шинохтани Ӯ нашинохтанд".** Ин бобро овард, то барои яктопараст баён намояд, ки мушриконе, ки Аллоҳро ягона надонистанд, Аллоҳро чуноне ки ҳаққи шинохтани Ӯ нашинохтанд, пас эй яктопараст аз роҳи онҳо ҳазар кун!

## Аввал: Пешгуфтор (5 боб аст) китоби тавҳид

**Барои чӣ барои ин китоб пешгуфтор зикр накардааст?**

**1). Аз баъзе нусхабардорон соқит шудааст, пас дар баъзе нусхаҳо бисмиллоҳ ва алҳамду лиллоҳ ва салот бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳаст.**
**2). Ба тарҷума иктифо кард, чаро ки он унвон бар мавзӯи китоб ва он тавҳид аст, мебошад.**

**3). Ӯ ба имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ иқтидо кардааст, вақте ки барои китобаш пешгуфтор нанавист ва хост, ки мардумро ба Қуръон ва суннат мутааллиқ созад.**
**4). Панҷ боби аввали китоб ба монанди пешгуфтор аст.**

### Таърифи тавҳид

**Дар луғат:** **Масдари ваҳҳад-аш-шайъ, ҳаргоҳ онро якка шуморад.**

**Дар шариат:** **Ягона донистани Аллоҳ ба он чизе ки хосси Ӯст, аз рубубият ва улуҳият ва номҳову сифатҳо.**

**1). Тавҳиди рубубият:** **Ягона донистани Аллоҳ таъоло дар офаридан, мулк, ва идора кардан, ё Аллоҳ таъолоро дар феълҳояш ягона донистан аст.**

**2). Тавҳиди улуҳият (убудият):** **Аллоҳ таъолоро дар ибодат якка донистан, ё дар феълҳои бандагон.**

**3). Тавҳиди номҳо ва сифатҳо:** **Ягона донистани Аллоҳ таъоло ба он чизе ки худашро дар китобаш ё ба забони расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам номид ва васф кард ва ин ба исботи он чизе ки барои нафсаш исбот кард ва нафй он чизе ки аз нафсаш нафй кардааст, бетаҳриф ва бетаътил ва бекайфият ва бемонандкунӣ аст.**

**Амалҳо бетавҳид қабул намешавад ва офарида шудем, то ягона бипарастем ва Ҷаннат танҳо якто-параст дохил мешавад ва даъвати анбиё алайҳимус салом ва таҳқиқи он монеъ аз воқеъ шудани дар ширк аст ва он сабаби бисёр шудани некиҳост.**

**Ибодат ба ду чиз гуфта мешавад:**

1).Амалкунанда: Ибодат кардан ба маънои барои Аллоҳ ба иҷрои амрҳояш ва дур шудан аз наҳй-кардаҳояш аз рӯи муҳаббат ва таъзим фурӯтанӣ кардан аст.

2). Амал: Ба он ибодатшуда, пас он: Исми ҷомеъ барои ҳар чизе аз гуфтор ва кирдори зоҳирӣ ва ботинӣ, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ ме-шавад, мебошад.
(Сухани Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ).

## (1) Боб андар воҷиб будани тавҳид

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ барои ин боб, бобгузорӣ накардааст, то мар-думро ба Қуръон ва суннат мутааллиқ созад ва далелҳоеро, ки зикр кардааст, бар воҷиб будани тавҳид далолат мекунад, пас мумкин аст, ки онро боб андар воҷиб будани тавҳид ном гузорем.

**Далели якум:**
**Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва ҷинну инсро наофаридам, магар ки Маро бипарастанд".**

❁ (Маро бипарастанд): Маро ягона бипарастанд, ё барои Ман аз рӯи адои амрҳо ва тарки ҳаромкардаҳо ба тоат фурӯтанӣ кунанд. (Ҳар ибодате, ки дар Қуръон аст, маънои он тавҳид аст. Ин қавли Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аст).
❁ Маънои оят: Ман ҷинну инсро барои чизе ҷуз ибодат наофаридам.

**Далели дуюм:**
**Ва фармудаи Ӯ: "Ва албатта Мо дар миёни ҳар уммате паёмбаре фиристодем, ки Аллоҳро парастед ва аз тоғут дӯрӣ кунед!".**

❁Ин оят бе се таъкидкунанда таъкид карда шудааст: 1). Қасами тақдиршуда. 2). Ва ҳарфи лом. 3). Ва ҳарфи қад.
❁Дар ин оят иҷмоъи расулон алайҳимус салом бар даъват кардани ба сӯи тавҳид аст ва ин ки Аллоҳ таъоло онҳоро ба хотири тавҳид фиристода аст.

**Калимаи уммат дар Қуръон бар чор маъно омадааст:**

**1-Тоифа:** Ҳамонгуна ки дар ин оят омадааст.

**2-Имом:** "Ба ростӣ Иброҳим (ба танҳои) уммате буд, фармонбардори Аллоҳ, холӣ аз инҳироф буд".

**3-Миллат (дину ойин):** "Балки мегӯянд: Мо падарони худро бар ойине ёфтем".

**4-Замон:** "Ва яке аз он ду нафар ки наҷот ёфта буд, баъд аз замоне (Юсуф)-ро ба ёд овард".

**(Ва аз тоғут дӯрӣ намоед)**: Яъне аз тоғут дӯр шавед, ба ин тарз ки шумо дар як тараф бошед ва он дар як тараф.
Ва ҷомеътарини таърифе, ки оиди тоғут гуфта шудааст, он чизест, ки Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ зикр карда ки: **(Он чизест, ки банда ба сабаби он аз ҳадаш мегузарад, яъне аз матбӯъ, ё маъбуд, ё мутоъ)** ва муродаш касест, ки ба ин розӣ бошад, аст. 1) Матбӯъ: Монанди коҳинон, ҷодугарон ва олимони бад. 2) Маъбуд: Монанди бутҳо. 3) Ва мутоъ: Монанди амироне, ки аз тоати Аллоҳ хориҷшавандаанд.
Далолати оят бар тавҳид ин аст, ки бутҳо аз ҷумлаи тоғутҳост, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад.
Тавҳид комил намешавад магар ба ду асос, он ду асос нафю исбот аст: Чаро ки нафй маҳз соф бекор кардан аст ва исботи маҳз аз шарикӣ манъ намекунад, мисоли ин: Зайд қоим аст, бар собит будани қиём барои Зайд далолат мекунад, локин далолат намекунад, ки танҳо Зайд қоим аст ва (ягон нафар қоим намебошад) ин нафй маҳз аст, аммо (касе ҷуз Зайд қоим намебошад), пас ин танҳо барои Зайд қоим буданро исбот мекунад, чаро ки шомили нафю исбот аст.

**Ҳикмат аз фиристодани расулон:**

**1)Барпо кардани ҳуҷҷат: "Паёмбароне ки башоратдиҳанда ва бимдиҳанда буданд, то баъд аз (омадани) ин паёмбарон барои мардум бар Аллоҳ ҳуҷҷате набошад".**

**2) Раҳмат: "Мо туро нафиристодем магар раҳмат барои оламиён".**

**3) Баёни роҳи расонанда ба сӯи Аллоҳ.**

**Далели сеюм:**
Ва фармудаи Ӯ: **"Ва Парвардигорат (чунин) дастур дод, ки ҷуз Ӯро напарастед ва ба падару модар некӣ кунед, ҳаргоҳ яке аз он ду, ё ҳар дуи онҳо назди ту ба сини пирӣ расанд, (ҳатто) ба онҳо уф (камтарин калимаи ранҷовар) нагӯ ва бар (сари) онҳо фарёд назан ва бо некӣ бо онҳо сухан бигӯ".**

**(Ҷуз Ӯро напарастед)**: Ин ҳамон тавҳид аст барои нафю исботро дар бар гирифтанаш.

## Дастури Аллоҳ ду қисм аст:

**1) Дастури шаръӣ:**
❁Дар чизҳое ки Аллоҳ дӯст медорад, мебошад.
❁Воқеъ шудан ва нашудан аст, раво мебошад, " **Ва Парвардигорат (чунин) дастур дод, ки ҷуз Ӯро напарастед** " пас қазо ба маънои шаръ намуд ё васият кард, мебошад.

**2) Дастури кавнӣ:**
❁Дар чизҳое ки Аллоҳ дӯст медорад ва дӯст намедорад, мебошад.
❁Воқеъ шуданаш ҳатмӣ аст, **"Ва ба бани Исроил дар китоб (Таврот) ваҳй кардем, ки ду бор дар замин фасод хоҳед кард"** ва фасодро Аллоҳ шаръ нагардондааст ва онро дӯст намедорад.

**Чигуна Аллоҳ чизеро ки дӯст намедорад, ба он дастур медиҳад?**
Чизе ки ба хотири ғайраш дӯст дошта мешавад, гоҳо худаш нописанд мебошад ва локин ба хотири ҳикмат ва маслиҳате ки дар он аст, дӯст дошта мешавад, пас аз як ҷиҳат маҳбуб ва аз ҷиҳати дигар ғайри маҳбуб мебошад. Мисоли ин: Дар замин фасод кардани бани Исроил дар назди Аллоҳ макрӯҳ мебошад, чаро ки Аллоҳ фасод ва фасодкоронро дӯст намедорад ва локин барои шомил шуданаш ҳикматеро, аз ҷиҳати дигар дар назди Аллоҳ маҳбуб мебошад ва аз ҷумлаи ин қаҳтӣ, хушксолӣ, беморӣ ва фақирӣ мебошад.

## Маҳбуб ду қисм мебошад:

1). Ба зоташ маҳбуб мебошад: Ва он Аллоҳ аст.

2). Барои ғайраш маҳбуб аст: Монанди даво, ки барои давогӣ маҳбуб аст.

**Бандагӣ ба се қисм тақсим мешавад:**

| | | |
|---|---|---|
| Омма, ин бандагии парвардигорӣ (бандагии қаҳру ғалаба аст) ва ин барои ҳамаи халқ аст, Аллоҳ таъоло фармуд: **"Ҳеҷ чиз дар осмонҳо ва замин нест, магар ин ки ба бандагӣ сӯи (Аллоҳи) Раҳмон биёяд"**. Дар зимни ин кофирон низ дохил мешаванд. | Хосса, ин бандагии тоати омма аст, Аллоҳ таъоло фармуд: **"Ва бандагони (хосси) Раҳмон касоне ҳастанд, ки бо фурӯтанӣ бар замин роҳ меравconfigured"**. Ин ҳамаи касонеро, ки Аллоҳро тибқи шаръаш мепарастанд, фаро мегирад. | Хоссаи хос, ин бандагии расулон алайҳимус салом аст (ва ин комилтарини ибодат аст), Аллоҳ таъоло фармуд: **"Пурбаракат ва бузургвор аст касе ки Фурқон (Қуръон)-ро бар бандааш нозил кард"**. Чаро ки ягон кас бо расулон дар бандагӣ мусобиқа намекунад. |

**Далели чорум:** Ва фармудаи Аллоҳ: **"Ва Аллоҳро бипарастед ва чизеро бо Ӯ шарик нагардонед"** то охири оят.

**(Чизе)** номуайян дар равиши наҳй омада, пас ҳамаи чизро фаро мегирад, на паёмбар, на малоика ва на валиеро, балки амре аз умури дунёро шарики Аллоҳ магардон, пас дунёро шарик бо Аллоҳ қарор мадеҳ.

**Далели панҷум ва шашум:** (5) Ва фармудаи Аллоҳ: **"Бигӯ, биёед то он чи Аллоҳ бар шумо ҳаром карда ҳамаро бар шумо бихонам ва он ин ки ҳаргиз ба Аллоҳ чизеро шарик наоред"**. (6) Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу гуфт: Касе хоҳад, ки васияти Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро ки бар он муҳраш аст, назар кунад, пас ин фармудаи Аллоҳ таъолоро бихонад: **"Бигӯ биёед то он чи Аллоҳ бар шумо ҳаром карда ҳамаро бар шумо бихонам, (фармудааст) ки ҳаргиз ба Аллоҳ чизеро шарик наоред"**, то охири оят.

Сирот (роҳ) гуфта мешавад, ба: 1-Аллоҳ, зеро ки ба сӯи Ӯ мерасонад ва зеро ки Ӯ зотест, ки ин роҳро барои бандагонаш гузошта аст. 2-Роҳрави он, чаро ки онҳо ба он роҳ рафтаанд ва роҳи наҷотдиҳанда якто аст, чандто намешавад ва роҳҳои боқӣ парокандакунанда аст.

## Ин оятҳо даҳ васиятро дар бар мегирад

**Ояти якум (5 васият):**

1-Тавҳиди Аллоҳ таъоло.
2-Ба падару модар некӣ кардан.
3-Фарзандонамонро накушем.
4-Ба фаҳшоҳо наздик нашавем.
5-Одами бегуноҳро накушем, магар ба ҳақ.

**Ояти дуюм (4 васият):**

6-Моли ятимро нахӯрем ва ятим касест, ки падараш вафот карда ва ба балоғат нарасидааст, магар ба ваҷҳе ки накӯтар бошад.
7-Ҳаргоҳ сухан кунем, адл кунем.
8-Дар паймона ва мизон адл намоем.
9-Ба аҳди Аллоҳ таъоло вафо кунем.

Ояти сеюм (як васият): (10) **"Ва албатта ин роҳи Ман аст"**, дар ҳадис омада, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам як хати рост кашид, пас фармуд: "ин роҳи Аллоҳ аст", сипас аз тарафи рост ва чапи он хатҳо кашид, пас фармуд: "Ин роҳҳост ва дар сари ҳар роҳ шайтон аст, ки ба сӯи он даъват мекунад", сипас оятро қироат кард..

## Баъзе фоидаҳои муҳим

**Нафсе ки Аллоҳ қатлашро ҳаром гардондааст:**

1-Мусалмон.
2-Зиммӣ (кофире, ки дар давлати Исломӣ зиндагӣ мекунад).
3- Ҳамаҳд, (ки дар байни мо ва онон аҳд аст).
4-Талаби амнхоҳ (ба касе ки амон додаем).

(Мо шумо ва ононро ризқ медиҳем), Аллоҳ ба ризқи волидайн шурӯъ кард, зеро ки фақр барои онҳо ҳосил мешавад ва дар сураи Исро (Мо онҳо ва шуморо ризқ медиҳем), ба ризқи авлод пеш аз ризқи волидайн шурӯъ кард, пас онҳо боян, локин аз фақр метарсанд.

**(Магар ба ҳақ) он чизе ки шаръ исбот кардааст:**

1-Нафс ба нафс. 2-Марди зандида ва беваи зинокор.
3-Тарккунандаи динаш, аз ҷамоат ҷудошаванда.

Ба сини балоғат расидан, ки ба сабаби он таклиф мешавад:
1-Понздаҳ сол пурра шавад.
2-Рӯидани мӯи зери ноф. 3- Ё нозил шудани об(-и мард) ва дар зан хуни ҳайз изофа мешавад.

**Васият** ба маънои аҳд аст ва аҳд ба маънои васият намебошад, магар ки дар амри муҳим бошад.

**Барои чӣ Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу гуфт: Ин оят васияти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва ҳоло он ки Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам васият накардааст?**

Зеро назари ӯ ин аст, ки ин оятҳо шомили ҳамаи Дин аст ва ин оятҳои бузург аст.

Зеро ки ин васияти Аллоҳ аст: **"Ин чизе аст, ки Аллоҳ ба шумо васият кардааст"**, ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам васияти Аллоҳро расонанда аст.

**Далели ҳафтум: Ва аз Муоз ибни Ҷабал разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Ман дар радифи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар болои хар будам, пас бароям гуфт: Эй Муоз, оё медонӣ ҳаққи Аллоҳ бар бандагон чист ва ҳаққи бандагон бар Аллоҳ чист? Гуфтам: Аллоҳ ва расулаш донотар аст, фармуд: Ҳаққи Аллоҳ бар бандагон ин аст, ки Ӯро бипарастанд ва бо Ӯ чизеро шарик нагиранд ва ҳаққи бандагон бар Аллоҳ ин аст, ки шахсеро, ки ба Ӯ чизеро шарик нагирифта аст азоб надиҳад. Гуфтам: Эй Расулуллоҳ! Оё мардумро мужда надиҳам? Фармуд: Муждаашон надеҳ, пас ба он такя мекунанд. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)**

❁**"Оё медонӣ"**: Суол барои ташвиқ кардан аст, то ин ки қалбаш сахт ҳозир бошад ва ин аз таълими нек аст.
❁**"Ҳаққи бандагон бар Аллоҳ"**: Бандагон бар Аллоҳ чизеро воҷиб намегардонанд, балки Аллоҳ бар худаш аз рӯи фазлаш онро воҷиб гардонда аст.
❁**"Убашшир"**: Башорат- хабар додан ба он чизе ки шод мекунад ва гоҳо дар хабаре ки зарар меорад, гуфта мешавад.
❁**"Ба онҳо мужда надеҳ"**: Яъне ба онҳо хабар надеҳ. ❁ Дар ҳадис фазилати тавҳид аст ва ин ки тавҳид монеъ аз азоби Аллоҳ аст. ❁ Ва дар ҳадис ин аст, ки Аллоҳ касеро ки ба Ӯ чизеро шарик нагирад, азоб намедиҳад ва ин ки маъсиятҳо ба сабаби таҳқиқи тавҳид бахшидашуда аст. Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз хабар додани онҳо боз дошт, то ки ба ин мужда беамалӣ кардани талаботи он такя накунанд, зеро амалӣ кардани тавҳид дурӣ аз маъсиятҳоро лозим мегардонад, чаро ки маъсиятҳо аз ҳавову ҳавас сар мезанад ва ин аз навъи ширк аст.

**Дар ин чанд масъала аст:** (Ин масъалаҳо аз китоби тавҳид нест, муаллиф онро монанди шарҳ барои китобаш навистааст ва ӯ беҳтарин касест, ки онро шарҳ медиҳад, чаро ки ӯ ба мақсадаш донотар аст, пас ба он аҳамият додан, шоиста мебошад).

**Якум:** Ҳикмати офариниши ҷинну инс (тавҳид аст, на ин ки ба хӯрданиҳо ва никоҳҳо лаззат баранд).

**Дуюм:** Албатта ибодат ҳамон тавҳид аст, зеро дар мавриди он хусумат аст. (Яъне дар байни Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва қурайш хусумат дар тавҳид буд, пас ҳар ибодате, ки бар тавҳид бино нашавад, пас он ботил аст).

**Сеюм:** Албатта касе ки тавҳидро иҷро накунад, Аллоҳро напарастида аст, пас дар ин маъно фармудаи Ӯст: "Ва на шумо ибодат мекунед он чиро ки ман ибодат мекунам" сураи Кофирун, ояти: 3.

**Чорум:** Ҳикмати фиристодани расулон (ибодати Аллоҳи ягона ва аз ибодати тоғутҳо дӯрӣ ҷустан аст).

**Панҷум:** Албатта рисолат ҳамаи уммат (тоифа)-ро дарбар гирифта аст.

**Шашум:** Дини анбиё як аст (асли дин як аст ва шариати амалӣ ба ихтилофи умматҳо ва маконҳо ва замонҳо мухталиф мешавад).

**Ҳафтум:** Масъалаи бузург, ин ки ибодати Аллоҳ ҳосил намешавад, магар ба кофир шудани ба тоғут, пас дар ин маврид гуфтаи Ӯст: "Пас касе, ки ба тоғут кофир шавад" то охири оят. (Инро бузург гардонд, зеро бисёриҳо намедонанд ва гуфтани ширк ё куфр ё лаън бар касе ки чизе аз ин амалҳоро кард, ҷоиз намебошад, зеро ба ин ҳукм дар ин масъала ва ғайраш ҳукм кардан асбоб ва монеаҳо дорад).

**Ҳаштум:** Тоғут ҳамаи он чизеро, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, шомил аст.

**Нуҳум:** Бузург будани се ояти муҳками сураи Анъом дар назди салаф ва дар онҳо даҳ масъала аст. Якумаш: Аз ширк боз доштан аст.

**Даҳум:** Оятҳои муҳкам дар сураи Исро. Дар он ҳаждаҳ масъала аст. Аллоҳ он масъалаҳоро ба гуфтааш ибтидо кард: "Бо Аллоҳ илоҳи дигареро шарик қарор мадеҳ, пас мазамматшудаву хор хоҳи нишаст". Сураи Исро, ояти: 22 ва ба гуфтааш хатм намуд: "Ва ҳаргиз бо Аллоҳ касеро ба худои мапараст вагарна маломатзада ва мардуд ба Дӯзах партофта хоҳӣ шуд" сураи Исро, ояти: 39. Ва Аллоҳ субҳонаҳу моро бар бузург будани шаъни ин масъалаҳо ба гуфтааш огоҳ кардааст: "Инҳо баъзе аз ҳикматҳост, ки Парвардигорат ба ту ваҳй кард". Сураи Исро, ояти: 39.

**Ёздаҳум:** Ояти сураи Нисо, ки онро ояти даҳ ҳуқуқ гуфта мешавад, Аллоҳ таъоло инро ба гуфтааш ибтидо кардааст: "Ва шумо Аллоҳро бипарастед ва бо Ӯ чизеро шарик нагардонед". (Пас ҳақтарини ҳуқуқҳо ҳаққи Аллоҳ таъоло аст).

**Дувоздаҳум:** Танбеҳ бар васияти Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар вақти вафоташ (ва локин Ӯ дар ҳақиқат ба он васият накардааст, балки ишора кард ба ин ки ҳаргоҳ мо ба китоби Аллоҳ чанг бизанем, ҳаргиз гумроҳ намешавем).

**Сездаҳум:** Маърифати ҳаққи Аллоҳ бар болои мо (ба ин ки Ӯро ибодат кунем ва ба Ӯ чизеро шарик нагардонем).

**Чордаҳум:** Маърифати ҳаққи бандагон бар Аллоҳ, ҳаргоҳ ки ҳаққи Ӯро баҷо оранд (яъне ҳаққе ки Аллоҳ бар фазлаш бар худаш воҷиб гардондааст).

**Понздаҳум:** Ин масъаларо бештари саҳобагон намедонистанд. (Инро Муоз аз рӯи тарси китмони илм пеш аз вафоташ хабар дод, баъде ки бисёри саҳобагон фавтида буданд ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам метарсид, ки ба ин такя мекунанд ва китмони онро мутлақо намехост, чаро ки агар инро мехост онро ба Муоз хабар намедод ва на ғайри ӯро).

**Шонздаҳум:** Ҷоиз будани китмони илм аз рӯи маслиҳат (ин мутлақ нест).

**Ҳабдаҳум:** Мустаҳаб будани мужда додани мусалмон ба он чизе ки ӯро шод мекунад. (Ин аз беҳтарин фоидаҳо аст).

**Ҳаждаҳум:** Тарсидан аз такя кардан бар васеъии раҳмати Аллоҳ. (Ва ноумед шудан инчунин аст).

**Нуздаҳум:** Қавли пурсидашуда аз он чизе ки намедонад: Аллоҳ ва расулаш донотар аст. (Дар ҳаёти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва дар умури шаръие, ки онро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам медонад, гуфта мешавад).

**Бистум:** Ҷоиз аст, ки хос баъзеро таълим диҳӣ.

**Бистуякум:** Тавозӯъи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои дар ҳар бо радиф савор шудан.

**Бистудуюм:** Бо радиф савор шудан бар чорпо (ҳайвон) ҷоиз аст, (ба шарте ки бар он машаққат наорад).

**Бистусеюм:** Бузург будани шаъни ин масъала.

**Бистучорум:** Фазилати Муоз разияллоҳу анҳу.

## Боб дар баёни фазли тавҳид ва баёни ин ки тавҳид гуноҳҳоро тоза мекунад

Инро муаллиф барои ташвиқ кардан зикр кардааст, ба хилофи чизе ки шайтон дар нафсҳо воқеъ мекунад ва аз собит будани фазл барои чизе воҷиб набудани он лозим намеояд, балки фазл аз натиҷаҳо ва осори он аст, монанди намози ҷамоат.

**Далели аввал: Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Касоне ки имон оварданд ва имони худро ба зулм (ширк) омехта накарданд эмини аз они онҳост ва онҳо ҳидоятшудагонанд".**

❁(Омехта накарданд): Наомехтан. (Ба зулм): Зулм инҷо дар муқобили имон аст ва он ширк аст.
❁(Онҳо ҳидоятшудагонанд) дар дунё ба сӯи шаръи Аллоҳ ба илму амал ва дар охират ба сӯи Ҷаннат.
❁Аз фазилатҳои имон қарор гирифтани амн дар дунё ва охират аст.

**Далели дуюм ва сеюм:**

2) Аз Убода ибни Сомит ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Касе ки гувоҳи диҳад бар ин ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи ягона нест ва шарик надорад ва ҳароина Муҳаммад банда ва паёмбари Ӯст ва ба таҳқиқ Исо банда бандаи Аллоҳ ва расули Ӯст ва калимаи Ӯст, ки онро ба сӯи Марям фиристод ва рӯҳест аз тарафи Аллоҳ ва Ҷаннат ва Дӯзах ҳақ аст, Аллоҳ ӯро бар ҳар амале, ки дорад дохили Ҷаннат мекунад". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)
3) Ва Бухорию Муслим аз Итбон ривоят карданд: Албатта Аллоҳ шахсеро, ки ло илоҳа иллаллоҳ мегӯяд, дар ҳоле ки ба ин гуфтааш ризои Аллоҳро қасд дорад, бар Дӯзах ҳаром гардонида аст.

❁ **(Шаҳида):** Шаҳодат: Ба забон эътироф кардан ва ба қалб эътиқод кардан ва ба аъзои бадан амал кардан аст.
❁ **(Ло илоҳа иллаллоҳ):** Маъбуде ба ҷуз Аллоҳ шоистаи парастидан намебошад.
❁ **(Ваҳдаҳу-ягона аст)** таъкид барои исбот аст, **(Ӯро шарике нест)** таъкид барои нафй дар ҳар он чизе ки махсуси Ӯст, мебошад.

❀**(Ва ин ки Муҳаммад)** ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиби Қурайшии Ҳошимӣ хатмкунандаи паёмбарон аст.
❀**(Бандаи Ӯст):** Яъне 1) Шарике бо Аллоҳ нест, 2) обидтарини халқ аст.
❀**(Ва расули Ӯст):** Яъне фиристодашуда ба он чизе ки ба сӯи Ӯ ваҳй шудааст, пас бар Аллоҳ дурӯғ намегӯяд. Ва таҳқиқи ин шаҳодатро 1) анҷоми маъсиятҳо, 2) дар Дин чизе овардан, ки аз он нест, нақз мекунад.
❀ Имкон дорад, ки маъсиятҳоро ба маънои умумӣ аз ҷумлаи ширк эътибор кунем ва ба маънои хос тақсим мешавад ба: 1) Ширки акбар. 2) Ширки асғар. 3) Маъсияти бузург. 4) Маъсияти хурд.
❀**(Исо бандаи Аллоҳ аст)** рад бар насоро аст, **(ва расули Ӯст)** рад бар яҳуд аст, ба рисолати Ӯ имон меорем ва ҳаргоҳ шариати Ӯ бо шариати мо мухолиф ояд, бар мо пайравии он лозим намеояд. Ва шариати пеш аз мо чанд ҳолат дорад:
1). Мухолифи шариати мо бошад, пас амал бар шариати мост.
2). Мувофиқи шариати мо бошад, пас мо пайравии шариатамонро мекунем.
3). Аз он шариати мо сукут карда бошад, пас он барои мо шариат аст.
❀Мардум дар шаъни Исо алайҳис салом ба ду тараф ва миёна тақсим шуданд:
1).**Ҷафокор:** Монанди яҳуд, ки ӯро дурӯғгӯ карданд ва дар ҳаққи ӯ ва модараш таъна заданд ва паёмбарии Ӯро инкор карданд ва ба қатли ӯ ҳукм карданд.
2).**Ғулот:** Монанди насоро, ки гуфтанд: Ӯ писари Аллоҳ ва сеюми сето аст ва ӯро илоҳ қарор доданд.
3).**Миёнарав:** Гувоҳӣ медиҳем, ки Ӯ бандаи Аллоҳ ва расули Ӯст ва модараш сиддиқа аст ва ин ки ӯ духтари шавҳарнокардаи покдоман буд ва қиссаи ӯ дар назди Аллоҳ монанди қиссаи Одам аст, ӯро аз хок офарид сипас барояш гуфт: Пайдо шав, пас пайдо шуд.
❀**(Калимаи Ӯст):** Чаро ки ӯ ба калима офарида шуд ва Исо калимаи Аллоҳ нест, пас калом сифати Аллоҳ аст.

❀**(Рӯҳе аз Ӯст):** Халқе аз махлуқоти Аллоҳ аст, ба сӯи Аллоҳ таъоло аз рӯи бузург доштан ва эҳтиром равона карда мешавад.

❀**(Аллоҳ ӯро дохили Ҷаннат мекунад):** Дохил кардани Ҷаннат ду қисм аст:

1).Беазоб комилан дохил кардан, барои касе ки амалро комил кардааст.

2).Дохил кардани ноқис, ки азоб дода мешавад, барои касе ки амалро бо камбудӣ анҷом додааст.

❀**(Гуфт: Ло илоҳа иллаллоҳ):** Ба шарти ихлос, ба далели: **(Ба ин гуфтааш ризои Аллоҳро қасд дорад)**.

❀**Дар ин ҳадис рад бар ду тоифа аст:**

1). **Мурҷиа**, ки ба гуфтани "ло илоҳа иллаллоҳ" беамалу ихлос иктифо мекунанд.

2). **Хавориҷ**, ки мегӯянд: Соҳиби гуноҳи кабира кофиру дар оташи Дӯзах ҳамеша мемонад.

**Он чизеро ки Аллоҳ таъоло ба сӯи худаш равона мекунад:**

Изофаи чизҳое, ки ба худашон қоим ҳастан ва чизе ки ба ин айнҳо пайваст ҳастанд, махлуқанд (шутури Аллоҳ), ин аз боби изофа кардани махлуқ ба сӯи Холиқаш аст, пас ҳар чизе ки ба зоташ қоим асту аз Аллоҳ ҷудост, махлуқ аст.

Изофаи сифатҳое, ки ба чизи махлуқ изофа намешавад (он чизеро, ки Ман ба дастонам офаридам), ин аз боби изофаи сифат ба сӯи мавсуф аст.

**Изофаи умумӣ:** Аллоҳ таъоло фармуд: "Албатта замини Ман васеъ аст".

**Изофаи бузург доштан:** Аллоҳ таъоло фармуд: "Ва рӯҳест аз ҷониби Ман".

**Далели чорум:** Ва аз Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Мусо алайҳис салом гуфт: Эй Парвардигори ман, ба ман чизе таълим бидеҳ, ки Туро ба он зикр ва дуо кунам! Аллоҳ фармуд: Эй Мусо ло илоҳа иллаллоҳ бигӯ! Мусо гуфт: Ҳамаи бандагонат инро мегӯянд. Аллоҳ гуфт: Эй Мусо агар ҳафт осмон ва оббоддорандагони онҳо ҷуз Ман ва ҳафт замин дар як палаи тарозу гузошта шавад ва ло илоҳа иллаллоҳ дар палаи дигар, ҳароина палаи ло илоҳа иллаллоҳ гарон мебошад. (Ривояти Ибни Ҳиббон ва Ҳоким ва онро Ҳоким ҳадиси саҳеҳ шуморида аст).

**Далели панҷум:** Ва Тирмизӣ ҳадисеро аз Анас ривоят карда ва онро ҳасан мегӯяд. Анас разияллоҳу анҳу мегӯяд: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунидам, ки мефармояд: Аллоҳ таъоло мефармояд: Эй фарзанди Одам, аз ин ки агар Маро ба пурии замин аз гуноҳон мулоқот кунӣ, дар ҳоле ки бо Ман ширк наовардаӣ, Ман бо пурии замин аз мағфирату бахшиш пеш меоям ва туро меомурзам!.

❁ **(Ло илоҳа иллаллоҳ):** Ин ҷумла зикрест, ки шомили дуо аст, зеро зикркун мехоҳад, ки Аллоҳ аз ӯ розӣ бошад, локин касе ба калиде биёяд, ки дандона надорад, барояш дар кушода намешавад ва шартҳои он ҳамон дандонаҳо аст.

❁ **(Бо пурии замин аз мағфират):** Некии тавҳид бузург аст, ки хатоҳои калонро тоза мекунад, ҳаргоҳ бо Аллоҳ вохӯрад, дар ҳоле ки бо Ӯ чизеро шарик нагардонда аст ва мағфират пӯшондани гуноҳ ва аз он гузаштан аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Васеъии фазли Аллоҳ. **Дуввум:** Зиёд будани савоби тавҳид дар назди Аллоҳ. **Сеюм:** Бо вуҷуди ин гуноҳҳоро тоза месозад.

**Чорум:** Тафсири ояте, ки дар сураи Анъом аст, (Касоне ки имон оварданд ва имони худро ба ширк олуда накарданд).

**Панҷум:** Андешидан дар панҷ чизе ки дар ҳадиси Убода аст.

**Шашум:** Албатта ту ҳаргоҳ байни он ва ҳадиси Итбон ва баъди он ҷамъ намоӣ, бароят маънои қавли ло илоҳа иллаллоҳ маълум мешавад ва низ хатои мағруршудагон маълум мешавад. (Ҷаро ки ба он қасди ризогии Аллоҳро доштан ҳатмӣ аст ва ҳаргоҳ инчунин бошад, пас ҳатман ӯро бар иҷрои амали нек водор месозад).

**Ҳафтум:** Танбеҳ ба шарте, ки дар ҳадиси Итбон аст. (Фақат ба забон гуфтан кофӣ намебошад).

**Ҳаштум:** Анбиё барои огоҳӣ додан бар фазли ло илоҳа иллаллоҳ эҳтиёҷ доранд, (пас ғайри анбиё ба таври авло эҳтиёҷ доранд).

**Нуҳум:** Танбеҳ ба роҷеҳ будани он ба ҳамаи махлуқот, бо вуҷуди ин ки бисёри касоне ки онро мегӯянд, тарозуяшон сабук мешавад. (Пас бало аз ҷониби гӯянда аст на аз қавл, барои халал доштани шарте ё вуҷуди монеъае).

**Даҳум:** Далел бар ин ки ҳафт замин монанди осмонҳост, (монанди дар адад аст).

**Ёздаҳум:** Дар онҳо (яъне осмонҳо) зиндагӣ мекардагиҳост (яъне малоикаҳост).

**Дувоздаҳум:** Исботи сифатҳо бар хилофи Ашъариҳо (ва муаттила, пас дар он исботи сифати ваҷҳ аст).

**Сездаҳум:** Ҳаргоҳ ҳадиси Анасро донистӣ, медонӣ, ки гуфтааш дар ҳадиси Итбон : "Пас албатта Аллоҳ бар оташи Дӯзах шахсеро, ки ло илоҳа иллаллоҳ мегӯяд, ҳаром гардонидааст" ин ки он тарки ширк аст, на фақат ба забон гуфтани он.

**Чордаҳум:** Андешидани ҷамъи байни будани Исо алайҳис салом ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки ҳар ду бандаҳои Аллоҳ ва расулони Ӯянд.

**Понздаҳум:** Маърифати ихтисоси Исо алайҳис салом ба калиматуллоҳ буданаш (ва ин ки ӯ бепадар офарида шудааст).

**Шонздаҳум:** Маърифати рӯҳе аз ҷониби Ӯ буданаш (рӯҳе аз рӯҳҳои офаридашуда аст).

**Ҳабдаҳум:** Маърифати фазли имон ба Ҷаннат ва оташи Дӯзах (ва ин ки он аз асбоби дохил шудани Ҷаннат аст).

**Ҳаждаҳум:** Маърифати гуфтааш: "Ба ҳар амале ки бошад".

**Нуздаҳум:** Донистани ин ки тарозу ду пала дорад.

**Бистум:** Донистани зикри ваҷҳ "рӯ" (ва он сифате аз сифатҳои Аллоҳ аст).

## (3) Боб андар касе ки тавҳидро дар ҳаёт татбиқ кунад, беҳисоб дохили Ҷаннат мешавад

Ин бобро зикр кард, то ки мо тавҳидеро, ки бар мо воҷиб аст татбиқ намоем ва моро ба сӯи он ташвиқ намуд ва таҳқиқи он, холис сохтани он аз ширк, бидъат ва маъсиятҳо мебошад. Ва ин ба илм, эътиқод ва сар фурӯ овардан мебошад. Ва таҳқиқи тавҳид дар назди муаллиф раҳимаҳуллоҳ ба хондани боб ба таври муфассал ва муҷмал ва ба умури зерин мебошад:
1). Иқтидо кардан ба паёмбари Аллоҳ Иброҳим алайҳис салом. 2). Ба сайидҳои авлиё (саҳобагон) иқтидо кардан. 3). Бар тавҳид боқӣ мондан ва агарчи ба танҳоият бошӣ. 4). Таваккул кардан ва руқия, доғ ва ба паранда фол заданро тарк кардан.

**Далели аввал:** "Албатта Иброҳим уммати фармонбардор ва яктопараст буд ва аз ҷумлаи мушрикон набуд".

Дар ин оят сано бар сайиди мо Иброҳим алайҳис салом аст, пас бар мо дӯст доштани Ӯ ва ба Ӯ иқтидо кардан воҷиб аст, пас боз барои мо сано аст ба қадре ки ба Ӯ иқтидо мекунем. Ин ба хотири он аст, ки Ӯ тавҳидро ба шаш умуре, ки дар оят зикр шудааст, таҳқиқ намуд:
1). (Уммат): Имоме, ки ба Ӯ дар амалҳо, феълҳо ва ҷиҳодаш бо эътимод кардан бар Аллоҳ иқтидо карда мешавад.
2). (Қонит): Ҳамеша тоаткун, дар тоат ба ҳар ҳол идомадиҳанда, пас ӯ мутеъ, устувор, идомадиҳанда аст.
3). (Барои Аллоҳ): Бар ихлос далолат кард.
4). (Ҳаниф): Ба сӯи Аллоҳ рӯ оранда, аз ширк рӯ гардонанда, аз ҳар он чизе ки тоатро мухолифат мекунад, иҷтинобкунанда мебошад.
5). (Ва аз ҷумлаи мушрикон набуд): Аз ширк ва аҳли он (ба қалб, забон ва аъзои бадан) безорӣ ҷустан.
6). (Шукргузори неъматҳои Ӯ буд): Зеро ки неъмат ибтило аст ва ба шукр эҳтиёҷ дорад.

### Фоидаҳо:

1). Озар падари Иброҳим алайҳис салом бар куфр фавтид, **(Чун барои ӯ "Иброҳим" ошкор шуд, ки ӯ душмани Аллоҳ аст, аз ӯ безорӣ ҷуст)**.
2). Падару модари Нуҳ алайҳис салом мӯъмин буданд, **(Парвардигоро ман ва падару модарамро мағфират кун)**.
3). Имом Аҳмад гуфт: Се чиз асл надорад: Корҳои ҷанговарон ва куштор-гоҳҳо ва тафсир, пас ғолибан инҳо бесанад зикр карда мешаванд, пас ягон кас аз умматҳои пешин чизеро намедонад, магар аз тариқи ваҳй аз каломи Аллоҳ таъоло ва суннати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

**Далели дуюм:**

**Ва фармуд: (Ва онҳое, ки ба Парвардигорашон ширк намеоранд).**

❁**(Ширк намеоранд):** Ширк ба маънои умумитар аст, чаро ки тавҳид мутаҳаққиқ намешавад, магар ба парҳез кардан аз ширк ба маънои умумитари он ва локин маънои ин он нест, ки аз онон маъсият сар намезанад, чаро ки ҳамаи фарзанди Одам хатокор аст ва пок нест ва локин ҳаргоҳ исён кунанд, пас онон тавба мекунанд ва бар он идома намедиҳанд.

**Далели сеюм:**

Ва аз Ҳусайн ибни Абдурраҳмон ривоят аст, ки гуфт: Дар назди Саъид ибни Ҷубайр будам, пас гуфт: Кадоми шумо дишаб афтодани ситораро дид? Гуфтам: Ман. Сипас гуфтам: Аммо ман дар намоз набудам, вале маро неш зада шуд. Гуфт: Пас чӣ кор кардӣ? Гуфтам: Дам (руқия) хондам. Гуфт: Чӣ туро водор ба ин кор кард? Гуфтам: Ҳадисе, ки ба мо Шаъбӣ ривоят кард. Гуфт: Чӣ ба шумо ривоят кард? Гуфтам: Аз Бурайда ибни Ҳусайб ривоят кард, ки ӯ гуфт: Руқия танҳо аз чашм ва таб аст. Гуфт: Ба таҳқиқ нек аст, ки шахс ба шунавидагиаш амал кунад, вале ибни Аббос разияллоҳу анҳу аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят кард, ки Ӯ фармуд: Умматҳо бароям (дар хоб) арз карда шуд, дидам, ки паёмбар мегузарад ва бо вай як нафар аст ва паёмбаре мегузарад, ки бо вай ду нафар аст ва ӯро мутобиат мекунанд. Ва паёмбари дигаре, ки бо вай як гурӯҳ аст ва паёмбари дигареро дидам, ки ҳеҷ кас бо вай нест. Пас сиёҳии бузургеро дидам, ки офоқро пур карда буд, умед кардам, ки ин уммати ман бошад. Пас гуфта шуд: Ин Мусо ва қавми Ӯст. Сипас нигоҳ кардам, инҳангом сиёҳии бузургеро дидам. Пас бароям гуфта шуд: Инҳо уммати туянд ва ҳамроҳи онон ҳафтод ҳазор нафар аст, ки беҳисобу беазоб Ҷаннат медароянд.

Сипас бархосту дохили манзилаш шуд. Пас мардум дар кӣ будани онон баҳс намуданд, пас баъзеашон гуфтанд: Шояд онон ҳамсуҳбатони Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бошанд.

Ва баъзеашон гуфтанд: Шояд касоне бошанд, ки дар замони Ислом ба дунё омада ба Аллоҳ чизеро шарик нагардондаанд ва чизҳоеро зикр карданд, пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз манзилаш берун омад, Ӯро аз ин амр хабар доданд, пас фармуд: «Онон касонеанд, ки талаби руқия намекунанд ва худро доғ намекунанд ва фоли бад намезананд ва ба Парвардигорашон таваккул мекунанд». Укоша ибни Миҳсан қоим шуда гуфт: Аллоҳро дуо кун, ки ман аз ҷумлаи онон бошам, фармуд: Ту аз онон ҳастӣ. Сипас марди дигаре қоим шуда гуфт: Аллоҳро дуо кун, ки маро низ аз ҷумлаи онҳо бигардонад. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: «Укоша бар ту пеш кард».

(Инқазза): Афтод, (иртақайту): Талаби руқия кардам, (чашм): Назари ҳасадхӯр.

(Чӣ туро водор ба ин кор кард?): Дар ин ҷоиз будани талаби ҳуҷҷат ё далел аст, локин боадабона.
(Руқия танҳо аз чашм ва таб аст): Яъне илоҷу давое дар ҳасад ва неш задани заҳрдорон аз руқияи шаръӣ ба шартҳояш дида фоидаовардатар нест, руқия дар ғайри ин ду низ собит аст.
(Ҳума): Неш задани ҳар соҳиби заҳр аст ва аммо ҳумма: Баланд шудани ҳарорати ҷисм аст.
(Раҳт): Аз се то нуҳ аст.
(Талаби руқия намекунанд): Аз касе талаб намекунанд, ки бар онҳо дуо хонад, барои умури зерин:
1). Қуввати эътимодашон бар Аллоҳ.
2). Иззати нафсҳояшон аз хор шудани барои ғайри Аллоҳ.
3). Дар ин таъаллуқ барои ғайри Аллоҳ аст.
❁ Ривояти (Руқия намехонад): Хато аст, ҳамчуноне ки Шайхи Ислом гуфт, зеро ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам руқия мехонд ва Ӯро Ҷибраил ва Оиша руқия хондан ва инчунин саҳобагон руқия мехонданд.
❁ Қисмҳои мардум дар талаби руқия:
1). Аз касе талаб кунад, ки ӯро руқия хонад ва аз ин камол фавт шуд (аз ҳафтод ҳазор хориҷ шуд).
2). Касе ки ӯро руқия мехонад, манъ накунад ва инро камол фавт намешавад, чаро ки ӯ талаби руқия накардааст.
3). Касе ки ӯро руқия мехонад, манъ кунад, ин хилофи суннат аст, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам Оишаро аз руқия хондан манъ накард.
(Ва доғ намемонанд): Аз ягон кас талаб намекунанд, ки онҳоро доғ монад.
(Ва фоли бад намезананд): Татайюр ба чизи дидашуда, ё шунидашуда ё маълум аз рӯи макон ва замон фолӣ бад задан аст ва ҳукми он: Ширки асғар аст.
❁ Ғайри ин се чиз аз беҳисобу беазоб дохил шудани Ҷаннат манъ намекунад, барои ҳуҷҷатҳое ки ба муолиҷа кардан амр карда ва бар баъзе давоҳо сано гуфтааст, монанди асал ва сияҳдона.

**Анвоъи уммат**

**Уммати иҷобат:** ки Аллоҳ таъоло ва Расул саллаллоҳу алайҳи ва салламро иҷобат карданд.

**Уммати даъват:** Шомили касест ки Аллоҳ ва Расул саллаллоҳу алайҳи ва салламро иҷобат кард ва касе ки иҷобат накард (яъне аз кофирон).

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Маърифати мартабаҳои мардум дар тавҳид.

**Дуюм:** Маънои таҳқиқи тавҳид чист? (Холис сохтани он аз ширк, бидъатҳо ва маъсиятҳо мебошад).

**Сеюм:** Таъриф кардани Ӯ субҳонаҳу Иброҳимро барои аз мушрикон набуданаш.

**Чорум:** Таърифи ӯ бар авлиёи содот барои аз ширк саломат монданаш.

**Панҷум:** Тарк кардани руқия ва доғ аз таҳқиқи тавҳид аст (талаби руқия ва доғ кардан).

**Шашум:** Ҷамъкунандаи ин хислатҳо ҳамон таваккул аст (ба ҳайсе ки аз рӯи қуввати таваккул тарк кард).

**Ҳафтум:** Амиқ будани илми саҳоба, ба маърифати онон ин ки инро ба даст наовардаанд, магар ба амал (-и холис) кардан.

**Ҳаштум:** Ҳарис буданашон бар кори хайр (чаро ки онҳо хостанд ба натиҷае бирасанд, то ба он амал намоянд).

**Нуҳум:** Фазилати ин уммат ба миқдор (адад) ва кайфият (амал).

**Даҳум:** Фазилати ёрони (пайравони) Мусо алайҳис салом.

**Ёздаҳум:** Арз намудани умматҳо бар Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам 1) аз барои тасаллои Ӯ, 2) ва баёни фазилат ва шарафи Ӯ.

**Дувоздаҳум:** Албатта ҳар уммат бо паёмбараш ҳашр мешавад.

**Сездаҳум:** Кам будани шахсоне ки анбиёро пазируфтанд.

**Чордаҳум:** Паёмбареро, ки ҳеҷ кас қабул накард, ба танҳоияш меояд.

**Понздаҳум:** Натиҷаи ин илм, он аст, ки 1) ба бисёрӣ мағрур нашудан (пас бо онҳо ҳалок шавем) ва дар камӣ зуҳд накардан (гоҳо камӣ аз бисёрӣ беҳтар аст).

**Шонздаҳум:** Руқия (-и шаръӣ) хондан аз осеби чашм ва таб (ва ғайри ин ду) рухсат аст.

**Ҳабдаҳум:** Умқи илми салаф, аз рӯи гуфтааш: "Ба таҳқиқ нек аст, ки инсон ба шунидагиаш амал кунад, вале инчунин ва инчунин". Пас дониста шуд, ки ҳадиси аввал ҳадиси дуюмро мухолифат намекунад.

**Ҳаждаҳум:** Дурии салаф аз таърифи инсон ба он чизе, ки дар вай нест.

**Нуздаҳум:** Фармудааш "ту аз онон ҳастӣ" нишонае аз нишонаҳои паёмбарӣ мебошад.

**Бистум:** Фазилати Укоша разияллоҳу анҳу (аз ҷумлаи касоне буданаш, ки беҳисобу азоб дохили Ҷаннат мешаванд).

**Бистуякум:** Истифодаи сухане, ки сареҳ нест (1. Барои мунофиқ буданаш 2. Ва ё барои тарси кушода шудани ин боб буд, пас ин мартабаро касе мепурсад, ки аз аҳли он намебошад).

**Бистудуюм:** Некрафтории Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

# (4) Боб андар тарсидан аз ширк

**Барои чӣ муаллиф ин бобро баъди боби таҳқиқ тавҳид овард?**

Чаро ки ҳар бобе, ки баъди таҳқиқи тавҳид аст, он аз таҳқиқ тавҳид мебошад, пас аз таҳқиқи тавҳид тарсидан аз ширк аст ва аз таҳқиқи он ба сӯи он даъват кардан аст ва инчунин то охири китоб.

Зеро инсон гумон мекунад, ки тавҳидро таҳқиқ кардааст ва ҳоло он ки ӯ таҳқиқ накардааст, пас ба худаш мағрур нашавад.

**Далели якум ва дуюм:**

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: (Албатта Аллоҳ ҳар касро, ки бо Ӯ ширк орад нахоҳад бахшид ва ба ғайри ширк ҳар киро хоҳад, мебахшад).

2). Ва Халил алайҳис салом фармуд: (Ва Ман ва фарзандонамро аз парастиши бутон дур дор).

## Чигуна аз ширк метарсем?

- Омӯхтани тавҳид ва ба он амал кардан ва ба сӯи он даъват кардан ва сабр кардан.
- Омӯхтани ширк ва донистани асбоб ва даъваткунандаҳои он ва ин барои аз он парҳез кардан мебошад.
- Дуо кардан ва ёрӣ хостан аз Аллоҳ таъоло.
- Аз ширк ва аҳли он безорӣ ҷустан ва аз онон дур шудан, то аз онон нагардад.

❁Ҳаргоҳ инсон бар ширк бимирад, Аллоҳ ҳаргиз ӯро намебахшад, зеро ки он бар ҳаққи хосси Аллоҳ ҷиноят кардан аст ва он тавҳид аст, пас касе бар ширки акбар бимирад, пас ӯ ҳамешаву абадӣ дар оташ аст ва гар бар ширки асғар бимирад, пас ба қадри ширкаш азоб дода мешавад, сипас дохили Ҷаннат мешавад ва дар Дӯзах абадӣ намемонад, зеро ки ӯ аз аҳли имон аст.

❁(Ва маро дур бигардон): Маро дар як тараф ва бутпарастонро дар дигар тараф қарор деҳ, то дур шавад.

(Асном): Санам чизест, ки бар сурати инсон ё ғайраш гардонда мешаваду ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, аммо васан чизест, ки ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, бар кадом ваҷҳе ки бошад, пас васан аз санам омтар аст.
Иброҳим алайҳис салом бар нафсаш метарсад ва ӯ халили Раҳмон ва имоми яктопарастон аст, пас инҳангом нисбат ба мо чӣ фикр дорӣ?! Пас аз ширк эмин машав ва аз нифоқ эмин машав, чаро ки аз нифоқ ҷуз мунофиқ эмин намешавад.

**Далели сеюм то панҷум:**

3). Ва дар ҳадис омада аст: ***(Сахтарин чизе ки бар шумо метарсам ширки хурд аст. Аз он пурсида шуд? Пас фармуд: Риё "худнамоӣ" аст).***

4). Ва аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***(Касе бимирад, дар ҳоле ки ғайри Аллоҳро бипарастад, дохили Дӯзах мешавад)***. (Ривояти Бухорӣ).

5). Ва дар Муслим аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят омада аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***(Касе бо Аллоҳ мулоқот кунад, дар ҳоле ки бо Ӯ чизеро шарик насохтааст дохили Ҷаннат мешавад ва касе Ӯро мулоқот кунад, дар ҳоле ки бо Ӯ чизеро шарик овардааст дохили Дӯзах мешавад).***

**Риё** ин аст, ки Аллоҳро ибодат кунад, то мардум ӯро бубинад ё дар бораи ӯ бишнавад, пас барои обид буданаш ӯро таъриф кунанд ва намехоҳад, ки ибодаташ барои мардум бошад. Ва аммо ҳаргоҳ ба ибодаташ қасд дошта бошад, ки мардум ба ӯ иқтидо кунанд, пас ин риё нест, балки ин аз даъвати ба сӯи Аллоҳ аст. Ва илоҷи риё ба умури зерин аст:
1). Омӯхтани тавҳид, зеро ба омӯхтани тавҳид Аллоҳро таъзим мекунад ва дар дини Аллоҳ ба касе парвое намекунад. 2). Дуо кардан. 3). Ҳарис будан бар ин ки амалҳо дар байни банда ва Парвардигораш сир бошад. 4). Амалро тарк накардан ба ҳуҷҷате ки дар риё воқеъ нашавад. 5). Амалҳои неке ки охиратро ёдрас мекунад, зиёд кардан, монанди зиёрати қабрҳо ба шартҳояш.

Барои чӣ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар умматаш аз риё сахттар тарсид аз тарсиданаш аз Масеҳи Даҷҷол?

- Чаро ки фитнаи Масеҳи Даҷҷол ошкор аст, аммо фитнаи риё пӯшида аст.
- Чаро ки фитнаи Даҷҷол дар замони муайян (охири замон) аст, аммо риё дар ҳамаи вақт аст.

## Ақсоми риё

Дар асли ибодат бошад: Яъне барои риё ибодат кунад, пас ибодат ботил аст.

Пешомади ногаҳонӣ: Асли ибодат барои Аллоҳ аст, локин бар он риё ногаҳонӣ воқеъ шуд.

**Баъди фориғ шудан аз ибодат риё воқеъ шуд: Таъсир намекунад, магар ҳаргоҳ ки дар он душманӣ бошад, монанди миннат кардан ва озор додан баъд аз садақа.**

Онро дур кунад: Ин ӯро зарар намекунад, зеро ӯ кушиш кард ва ибодаташ саҳеҳ аст.

Бо риё идома диҳад: Дар ин тафсил аст:

Ҳаргоҳ аввали ибодат бо охираш пайваста бошад, монанди намоз, пас ҳамаи ибодат ботил аст.

Ҳаргоҳ аввали ибодат аз охираш ҷудо бошад, монанди закот: Пас ҷузъе ки дар он риё воқеъ шуд, ботил асту бас.

❁**(Нид):** Монанд, мисл ва назир аст.

❁ **(Дохили Дӯзах шавад):** Ин уқубати ба Аллоҳ таъоло назиру мисл гирифтан аст.

❁ **(Шайъан):** Ҳамаи ширкро фаро мегирад, ҳатто агар бошарафтарини халқро бо Аллоҳ шарик гардонад, дохили Дӯзах мешавад.

❁ (Ва касе Ӯро мулоқот кунад, дар ҳоле ки бо Ӯ чизеро шарик овардааст дохили Дӯзах мешавад): Агар ширки асғар бошад, пас аз ин ҳамеша дар Дӯзах мондан лозим намеояд ва агар ширки акбар бошад, пас аз он ҳамеша дар Дӯзах мондан лозим меояд.

❁ Амри ширк хело сахт аст, осон нест ва локин Аллоҳ ихлосро бар бандааш осон месозад ва ин ба қарор додани Аллоҳ дар пеши чашмонаш мебошад, пас ба амалаш ризои Аллоҳро қасд намояд, на таърифи мардумро ё мазаммати онҳоро ё сано гуфтани онҳо бар ӯро, пас мардум ҳаргиз ӯро фоида намерасонанд.

❁ Ва низ муҳим аст, ки инсон шод нашавад, ки мардум сухани ӯро қабул кардан ба хотире ки сухани ӯст, локин ӯро шод кунад, ки мардум суханашро қабул кардан, ҳаргоҳ суханашро ҳақ бинад, на ин ки сухани ӯст. Ва аксаш инчунин аст, пас ихлос хело сахт аст, магар ҳар вақт ки инсон ба сӯи Аллоҳ аз рӯи сидқ рӯ оварда бошад, бар роҳи рост солим бошад, пас Аллоҳ ӯро ёрӣ мерасонад ва барои вай осон мекунад.

## Дуо ду қисм мешавад:

**Дуои масъалат:**
Ба ду қисм тақсим мешавад:

**Дуои ибодат:** **Монанди касе ки намоз гузорад ва ҳаҷ кунад ва рӯза дорад барои ғайри Аллоҳ, пас ӯ кофири куфри акбар аст.**

**Бар он танҳо Аллоҳ қудрат дорад:**
Сарфи ин барои ғайри Аллоҳ таъоло ширки акбар аст, мисли касе ки фарзанд ё боронро аз ғайри Аллоҳ таъоло талаб менамояд.

**Бар он махлуқ қудрат дорад:**
Ин навъи дуо ба чор шарт саҳеҳ мебошад: Дуошуда зинда, ҳозир, тавоно ва сабаб бошад.

## Фарқ дар байни ширки акбар ва асғар:

**Ширки акбар:**

❋Аз дин хориҷ мекунад.

❋Ҳамаи амалҳоро ботил мекунад.

❋ Соҳибаш ҳамеша дар оташ аст.

❋ Аз тарафи султон хуну молаш ҳалол аст.

❋ Бар акбар будани он далел ояд.

❋ Барои ғайри Аллоҳ эътиқод намояд, ки дар олам тасарруфи пӯшида дорад ва ин ки ҷалби манфиатҳо ва дур кардани зарарҳо дар дасти ӯст.

**Ширки асғар:**

❋ Аз дин хориҷ намекунад.

❋ Амали хосро ботил мекунад.

❋ Дар оташ ҳамеша намебошад.

❋ Хуну молаш ҳалол нест.

❋ Бар асғар будани он далел ояд.

❋ Он чизеро, ки Аллоҳ сабаб қарор надодааст, сабаб эътиқод кунад.

❋ Ҳар чизе ки васила ба ширки акбар бошад, пас он ширки асғар аст.

❋ Бар ҳар чизе ки шаръ ширк ё куфр гуфтааст ва ба (алифлом) муайян нашудааст, пас асл ин аст, ки он асғар мебошад.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Аз ширк тарсидан.

**Дуюм:** Риё (худнамоӣ) аз ҷумлаи ширк аст.

**Сеюм:** Албатта риё (андаки риё) аз ҷумлаи ширки асғар аст.

**Чорум:** Риё сахттарин чизест, ки бар накӯкорон тарсида мешавад (зеро дар қалби инсон барои пӯшида буданаш беэҳсос кардан ва иттилоъи нафс ба он дохил мешавад, пас бисёри нафсҳо дӯст медоранд, ки ба ибодат кардан таъриф карда шаванд).

**Панҷум:** Қариб будани Ҷаннату Дӯзах.

**Шашум:** Ҷамъ байни қариб будани ин ду дар як ҳадис.

**Ҳафтум:** Албатта касе бо Ӯ мулоқот кунад, дар ҳоле ки чизеро ба Ӯ шарик наовардааст дохили Ҷаннат мешавад ва касе бо Ӯ мулоқот кунад, дар ҳоле ки чизеро бо Ӯ ширк овардааст дохили Дӯзах мешавад, агарчи аз обидтарини мардум бошад (агар ширки акбар бошад, дохили Ҷаннат намешавад ва агар ширки асғар бошад, ба қадри гуноҳаш азоб дода мешавад, сипас дохили Ҷаннат мешавад).

**Ҳаштум:** Масъалаи бузург, дуои Иброҳими Халил барои худ ва фарзандонаш, ки аз парастиши бутон нигоҳ дошта шавад.

**Нуҳум:** Эътибори Ӯ ба ҳоли зиёдтари мардум, аз рӯи фармудаи Аллоҳ: Парвардигоро, ин бутон бисёри аз мардумро гумроҳ карданд.

**Даҳум:** Дар он тафсири ло илоҳа иллаллоҳ аст, ҳамонгуна ки Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ зикр кардааст.

**Ёздаҳум:** Фазилати касе, ки аз ширк саломат мемонад (дохили Ҷаннат шавад).

## (5) Боб андар даъват ба сӯи шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳ"

**Барои чӣ муаллиф ин бобро зикр кард?**

1). Барои чӣ тавҳиди худи инсонро зикр кард, даъвати ғайрашро ба сӯи ин зикр кард, чаро ки имон комил намешавад, магар вақте ки ба сӯи тавҳид даъват кунад, пас ҳамроҳи тавҳид даъват кардан ба сӯи он ҳатмӣ аст вагарна ноқис мебошад.

2). Рад бар касе ки мегӯяд: Нахустин чизе ки ба он ибтидо карда мешавад, ҳамон намоз аст, на тавҳид.

**Далели аввал:**

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Бигӯ, тариқи Ман ва пайравонам ҳамин аст, ки халқро ба сӯи Аллоҳ бо биноӣ ва басират даъват кунем"** то охири оят.

(Тариқи ман): Роҳи ман аст ва он чизеро, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз шариат овардааст, аз рӯи ибодат ва ба сӯи он даъват карданро шомил мешавад.

(Ба сӯи Аллоҳ): Доиёни ба сӯи Аллоҳ тақсим мешаванд ба: 1) Доъӣ ба сӯи Аллоҳ, 2) доъӣ ба сӯи ғайри Аллоҳ.

(Бар басират): Шомил мешавад: 1) Илми шаръӣ. 2) Ҳоли даъватшударо донистан. 3) Ҳикмат.

**Шартҳои даъватӣ ба сӯи Аллоҳ:**

1) Ихлос. 2) Илми шаръӣ. 3) Ҳикмат.

4) Донистани ҳоли даъватшуда. 5) сабр.

**Далели дуюм:**

Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, вай мегӯяд, ки Расулуллоҳ ﷺ Муозро ба Яман фиристод ва ба ӯ гуфт: "Ту ба назди қавме аз аҳли китоб (яҳуд ва насоро) меравӣ. Пас аввалин чизе ки онҳоро ба он даъват мекунӣ, гувоҳӣ додан ба ин ки ҷуз Аллоҳ маъбуди барҳаққе нест, мебошад". Ва дар ривояти дигаре омадааст: "То ин ки Аллоҳро ягона бипарастанд. Пас агар онҳо инро қабул карданд, пас онҳоро бидонон, ки Аллоҳ бар онон панҷ вақт намоз дар рӯзу шаб фарз гардонида аст. Пас агар онҳо инро қабул карданд, онҳоро бидонон, ки Аллоҳ бар онҳо садақа (закот)-ро фарз гардонидааст, ки аз давлатмандони онҳо гирифта мешавад ва ба фақирон ва нодорони онҳо баргардонда ва тақсим мешавад, пас агар онҳо инро қабул карданд, пас аз гирифтани беҳтарин молҳои онҳо дар закот худдорӣ кун ва аз дуои мазлум ва ситамдида битарс ва худро нигаҳ дор, зеро ки миёни дуои мазлум ва миёни Аллоҳ ҳеҷ пардае вуҷуд надорад". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

**Дар ҳадис омадааст:**

1). Раво будани фиристодани доъиёни ба сӯи Аллоҳ таъоло ва таълими онон.

2). Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам як мардро фиристод ва дар ин қабули хабари як кас аст ва агарчи дар ақида бошад.

3). Рӯзҳои ба шумор дар даъват шарт нест, пас дар назди онҳо ба мувофиқи эҳтиёҷашон меистад.

4). Тарзи даъвати мухолифон ва осонтарини тариқат, ҳамон даъват кардани онон ба сӯи тавҳид аст, на мунозара кардан.

5). Танҳо даъват кардан ба сӯи Ислом кофӣ нест, балки онҳоро хабар медиҳад, ки бар онҳо чӣ воҷиб мешавад, то қаноат кунанд ва ба он пойбанд шаванд, локин бар тартибе, ки дар ҳадиси фиристодани Муоз разияллоҳу анҳу аст.

**Далели сеюм:**

Ва Бухорӣ ва Муслим аз Саҳл ибни Саъд разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд, ки вай мегӯяд: Расулуллоҳ ﷺ дар рӯзи Хайбар фармуд: "Ҳароина ин байрақро фардо ба марде медиҳам, ки Аллоҳ ва расулашро дӯст медорад ва Аллоҳ ва расулаш низ ӯро дӯст медоранд, Аллоҳ қалъаи Хайбарро ба дастони ӯ фатҳ мекунад. Мардум шабро ба гуфтугӯи ин мавзӯъ сипари карданд, ки ба кадомашон парчам дода мешавад, чун субҳ шуд, саҳобаҳо ба назди Расулуллоҳ ﷺ омаданд, ҳар якеи онон умед медоштанд, ки парчам ба вай дода мешавад. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Алӣ ибни Абӯтолиб дар куҷост? Саҳоба гуфтанд: Эй Расулуллоҳ ﷺ чашмҳои ӯ дард мекунад. Пас ﷺ фармуд: Касеро ба сӯи вай бифиристед, (то ӯро биёрад). Алӣ разияллоҳу анҳу оварда шуд ва Расулуллоҳ ﷺ дар чашмонаш туф кард ва барояш дуо кард, пас сиҳат шуд, гӯё ки ҳаргиз дард накарда буд. Пас Расулуллоҳ ﷺ парчамро ба вай дода фармуд: Оҳиставу нарм бирав, то ки дар сарзамини онҳо фуруд ойӣ, сипас ононро ба Ислом даъват кун ва ононро хабар деҳ аз он чи бар онон аз ҳаққи Аллоҳ воҷиб аст. Сипас савганд ба Аллоҳ, агар Аллоҳ ба воситаи ту мардеро ҳидоят кунад, барои ту аз шутурони сурх беҳтар аст".

**❀Исботи сифати муҳаббат барои Аллоҳ ва ин ки Аллоҳ дӯст медорад ва дӯст дошта мешавад, локин муҳаббати Аллоҳ монанди муҳаббати махлуқ нест.**

**❀Аз фазилати хос собит шудани фазли ом лозим намеояд, монанди фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар шахни Абӯубайда разияллоҳу анҳу, ки ӯ "Амини ин уммат аст", ин маънои онро надорад, ки ӯ беҳтарини саҳобагон аст ва инчунин Муоз разияллоҳу анҳу.**

**❀ (Ҳумриннаъам): Шутури сурх ва инро зикр кард, зеро ки он дар назди араб дилкаш буд.**

**Хорикулода чор чиз аст: Ва он чизест, ки бар хилофи одати мардум меояд, монанди ин ки дар ҳаво мепарад ё бар болои об роҳ меравад**

**1). Оят** барои анбиё мебошад ва мӯъҷиза гуфта намешавад, чаро ки дар Қуръон ин омадааст ва аз мӯъҷиза гоҳо баъзе мардум оҷиз меоянд ва барои ғайри анбиё мешавад ва ягон кас иддиои оят баъди мавти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам карда наметавонад.

**2). Каромат** барои авлиёи Раҳмон мебошад ва онон касоне ҳастанд, ки байни имон ва тақво ҷамъ овардаанд ва мисоли каромат он чизе ки бо ёрони каҳф рӯх дод, мебошад.

3). Мӯъҷиза ё фитна барои авлиёи шайтон мебошад, ба донистани ҳоли шахс онро медонем, на имон дорад ва на тақво ва мисоли мӯъҷиза он чизе ки аз Даҷҷол воқеъ мешавад.

**4). Фазиҳат (расвой):** Ҳар касе ки бар Аллоҳ дурӯғ бандад, Аллоҳ ӯро дар дунё пеш аз охират расво мекунад ва мисоли фазиҳат он чизе ки аз Мусайламаи каззоб ҳосил шуд, дар чашми беморе нафас кард, пас вай кур шуд.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Даъват ба сӯи Аллоҳ роҳи пайравони Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст (роҳи расулон ва пайравонашон аст).

**Дуюм:** Огоҳонидан бар ихлос, зеро бисёри мардум агарчи ба сӯи ҳақ ҳам даъват кунад, пас ӯ ба сӯи худаш даъват мекунад.

**Сеюм:** Басират аз ҷумлаи фароиз аст. (Даъват фарз аст, пас илм доштан оиди даъват фарз аст).

**Чорум:** Аз далелҳои ҳусни тавҳид, пок шуморидани Аллоҳ таъоло аз монанд будани ба махлуқот аст.

**Панҷум:** Албатта аз зиштии ширк монанд кардани Аллоҳ ба халқ аст. (Ва яктопараст Аллоҳро аз нуқсонҳо пок мешуморад)

**Шашум:** Ва он аз муҳимтарини масъалаҳост, дурии мусалмон аз мушрикон, то аз ҷумлаи онҳо нагардад ва агарчи ширк ҳам наорад. (Чаро ки агар дар байни онон бошад ва агарчи мушрик набошад, пас ӯ дар зоҳираш аз ҷумлаи онҳост).

**Ҳафтум:** Тавҳид аввалин воҷиб аст.

**Ҳаштум:** Ин ки пеш аз ҳама чиз ба тавҳид ибтидо карда мешавад, ҳатто пеш аз намоз ҳам.

**Нуҳум:** Маънои "Ӯро ягона бипарастанд" маънои гувоҳии "ло илоҳа иллаллоҳ" аст.

**Даҳум:** Гоҳо инсон аз аҳли китоб аст ва онро намедонад, ё онро медонад ва ба он амал намекунад.
**Ёздаҳум:** Танбеҳ кардан бар ин ки ба тадриҷ таълим додан.
**Дувоздаҳум:** Ба чизи муҳимтар, пас муҳимтар ибтидо кардан (аввал тавҳид, сипас намоз, сипас закот).
**Сездаҳум:** Мустаҳиққҳои закот (ҳашт гурӯҳанд).
**Чордаҳум:** Кашфи олим шубҳаро аз таълимгиранда (бо таълим додан ва ҷаҳлро аз ӯ дур кардан).
**Понздаҳум:** Аз гирифтани беҳтарини молҳо манъ кардан.
**Шонздаҳум:** Аз дуои мазлум худро нигаҳ доштан.
**Ҳабдаҳум:** Хабар додан ба ин ки дуои мазлум рад намешавад (пас байни тарғиб ва бим додан ҷамъ овард).
**Ҳаждаҳум:** Аз далелҳои тавҳид он чизе аст, ки бар беҳтарини расулон ва беҳтарини авлиё рӯх дод, яъне машаққат, гуруснагӣ ва вабо мебошад (аз қиссаи Хайбар бардошт карда мешавад).
**Нуздаҳум:** Қавли Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Ҳароина парчамро медиҳам" то охир, нишонае аз нишонаҳои паёмбарӣ аст.
**Бистум:** Туф кардан дар чашмонаш, низ аз нишонаҳои паёмбарӣ аст.
**Бистуякум:** Фазилати Алӣ разияллоҳу анҳу (ин аз фазилатҳои Амири мӯъминон разияллоҳу анҳу аст).
**Бистудуввум:** Фазли саҳоба дар ошуфта шуданашон дар ин шаб ва машғул шуданашон аз башорати фатҳи Хайбар.
**Бистусеюм:** Имон ба тақдир, барои ба даст овардани он барои шахсе ки ба он саъй накард ва манъи он аз касоне, ки саъй карданд.
**Бистучорум:** Адаб дар гуфтораш "ба нармӣ" (ва ӯро дастур дод, ки шитоб накунад).
**Биступанҷум:** Пеш аз куштор ба сӯи Ислом даъват кардан.
**Бистушашум:** Ҷангидан ҷоиз аст бо касоне ки пеш аз ин даъват шуданд ва ҷангиданд.
**Бистуҳафтум:** Ба ҳикмат даъват кардан, аз рӯи гуфтааш: "Хабар деҳ ононро ба он чизе ки воҷиб аст" (чаро ки ӯ гоҳо ба Ислом амал мекунад ва гоҳо намекунад, пас бо ӯ аҳд бастан зарур аст, то ба сӯи куфр нагардад).
**Бистуҳаштум:** Донистани ҳаққи Аллоҳ дар Ислом.
**Бистунуҳум:** Савоби касе ки ба дастонаш як мард ҳидоят ёбад (ин ки он барои ту аз ҳамаи чизҳое ки дар дунё нек шуморида мешавад, беҳтар аст).
**Сиюм:** Бар фатво савганд хӯрдан (савганд хӯрдан бар фатво лоиқ намебошад, магар барои маслиҳат ва фоида).

# Имтиҳони қисми аввал (5 боб)

**Суоли якум:** Панҷ боби аввали китоби тавҳид ва муносибати ҳар бобро барои китоб зикр кун:

| М | Унвони боб | Муаллиф бобро ба кадом сабаб овардааст |
|---|---|---|
| 1 | | |
| 2 | | |
| 3 | | |
| 4 | | |
| 5 | | |

Суоли дуюм: Ҷумларо ба чизи муносиби он пур кун:
1-Китоби тавҳидро барои сабабҳои зерин меомӯзем: 1)....................................
2).................. 3).......................4)............................5)..................  ....................
2-Муаллиф барои китоб пешгуфтор зикр накард, чаро ки: 1).............................
2)...........................................3)..........................................  ......................
3-Мумкин аст, ки китоби тавҳидро тақсим кунем ба: 1)....................................

2).............................................3)..........................4)..................................

5).............................................6).............................7)...........  ......................

8).............................................9).............................10)................................

4-Бар касе ки мегӯяд дар китоби тавҳид, танҳо тавҳиди улуҳият аст, рад мекунем: ба

боби.........................................................................................

ва боби..................................................ва боб...............................................

5-Бандагӣ тақсим мешавад ба: 1). Бандагӣ...........................ва он ба маъноӣ...
............................ва далели он..........................................................  ...................
2). Бандагӣ...................ва он ба маъноӣ.................ва далел............................

3). Бандагӣ...................ва он ба маъноӣ.................ва далел............................

6-Нафсе ки Аллоҳ куштани онро ҳаром гардондааст, чорто аст ва онҳо:...........

.....,.......................,........................................,........................  ..........................

7-Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу оятро васияти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам номид, зеро ки он:........................................................................

8-Уммат дар Қуръон яъне:.........ё............ё....................ё...................................
9-Таҳқиқи тавҳид яъне:........................аз.................ва................ва....................
10-Ин уммат бисёртарини умматҳо дар.......................ва..................................
11-Аз собит шудани фазли хос лозим намеояд, ки фазли..................................
12-"Руқия нест, магар аз чашм" яъне:...............................................................
13-Манъ аз талаби руқия ва доғ мондан берафтан ба назди табиб омадааст, маслан, зеро ки.......................................................................  ..............................

14-(Намебахшад, ки ба Ӯ ширк оварда шавад) яъне:..........................................
(Ва ғайри онро мебахшад) яъне:..........................................................................
15-(Ва рӯҳест аз ҷониби Ӯ) яъне:........................(ва калимаи Ӯст) яъне:..............
16-Он чиро ки Аллоҳ ба худаш изофа кардааст, тақсим мешавад ба: 1) Изофа.................ва ин аз боби изофаи................................2) Изофаи.............
Ва ин аз боби изофаи.........................................................................................
17-"Туро Укоша пеш кард" ҳатто.......................ё...............................................
18-(Ва омехта накарданд) яъне................................(ба зулм) яъне...................
19-Аз ширк метарсем, ба: 1)................................2)..........................................
3).......................................................4)..........................................................
20-"Ба ин ризои Аллоҳро қасд дорад" яъне......................................................
Ва дар исботи сифати..........................................................................................
21-Шартҳои даъват: 1).......................................2)...............................................
3.................................4................................5...............................................
22-Хорикулодат: 1)..................ва мебошад барои.............................................
2)........................ва мебошад барои.................................................................
3)........................ва мебошад барои.............4)...........ва мебошад барои...........
23-Муаллиф гуфт: (Тарки руқия ва доғ аз таҳқиқи тавҳид аст) ва татайюрро зикр накард, зеро ки татайюр....................................................................................

**Суоли сеюм: Дар ҷадвали ақсоми тавҳид ҷойҳои холии зеринро пур кун**

**Дар асли ибодат:**
Яъне:..................
......................

**Ногаҳонӣ:**
Яъне............
................

**Баъд аз тамом кардани ибодат**
Ва ин:..........................
.................................

.........................................:
Ин зарараш надорад ва ибодаташ саҳеҳ аст.

.........................................:
Дар ин баёни муфассал аст:

..................................................:
Ҳукми он:.....................................

..................................................:
Ҳукми он:.....................................

**Суоли чорум:** Аломати (☒) дар хонаи муносиб ё ҷумларо комил кун:

1-Муаллифи китоби тавҳид: ☐ Ибни Усаймин ☐ Муҳаммад ибни Абдулваҳ-ҳоби Тамимӣ.

2-Насиҳати олимон: ☐ Ҳифзи китоб пеш аз омӯхтан ☐ Аз ҳифз фоидае нест, муҳим фаҳмидан аст.

3-(Касоне ки китоб ба онҳо додем, онро чунон ки шоистаи он аст мехонанд) аз ин истифода мешавад, ки толиб илмеро тарк намекунад, то онро устувор кунад: ☐ дуруст ☐ хато.

4-Олимон китоби тавҳидро таҳқиқ кардан, пас дар он ҳадисҳои мункар наёфтанд: ☐ дуруст ☐ хато.

5-Олимон агарчи маърифаташон васеъ шавад, пас ин барои онҳо исматро собит намекунад: ☐ дуруст ☐ хато.

6-Аз навиштаҳои шайх Муҳаммад ибни Абдулваххоб: ☐ Кашфи шубаҳот ☐ Масоил-ул-ҷоҳилия ☐ Мухтасар-ус-сира ☐ Усул-ул-имон ☐ ҳамаи зикршуда.

7-Бобҳои китоби тавҳид: ☐ 67 боб ☐ 76 боб ☐ 10 боб.

8-Ҳаргоҳ китоберо ба даст овардӣ, пас онро дар китобхонаат магузор, магар баъде ки онро мутолиа кунӣ ё муқаддима ва феҳраст ва баъзе мавзеъҳои онро бихонӣ: ☐ дуруст ☐ хато.

9-Мумкин аст, ки китоби тавҳидро тақсим кардан ба: ☐ 11 қисм ☐ 9 қисм ☐ 10 қисм.

10-Нафъовартарини китобҳо, китобҳоест бар тариқи далеловарӣ ва фаҳми-дани иллатҳои аҳком ва дар асрори масъалаҳо фурӯ рафтааст, мебошад, монанди китоби тавҳид: ☐ дуруст ☐ хато.

11-Илм ҷамъ ва тафриқ ва баррасӣ ва тақсим аст: ☐ дуруст ☐ хато.

12-Ҳифзи таърифҳои олимон ва тақсимҳои онҳо ва фарқиятҳо зарур аст: ☐ дуруст ☐ хато.

13-Қисми аввал дар китоби тавҳид: ☐ Пешгуфтор ☐ тафсири тавҳид ☐ вуҷубияти тавҳид.

14-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ ба Бухорӣ дар муқаддима ва хотима иқтидо кардааст: ☐ дуруст ☐ хато.

15-Муаллиф барои боби аввал номгузорӣ накардааст ва метавонем онро боби муқаддима номем: ☐ дуруст ☐ хато.

16-Қисми аввали китоб шомили: ☐ 5 боб ☐ 6 боб ☐ 7 боб аст.

17-Тавҳид тақсим мешавад ба:☐ Рубубият, улуҳият ва номҳо ва сифатҳо ☐ маъри-фат ва исбот ва ирода ва қасд ☐ ҳамаи зикршуда, пас фарқе надорад.

18-Касе ба як навъе аз анвоъи тавҳид имон орад ба ҷуз боқии он, яктопараст намебошад: ☐ дуруст ☐ хато.

19-Тақсими тавҳид ба қисмҳо бидъат аст, барои набудани далел: ☐ дуруст ☐ хато.

20-Алоқаи тавҳид ба имон ин аст, ки имон ом аст ва тавҳид ҷузъе аз он аст: ☐ дуруст ☐ хато.

21-Шаҳодати ло илоҳа иллаллоҳ дорои: ☐ ду рукн ☐ ҳашт рукн ☐ ҳафт рукн аст.

22-Ягона донистани Аллоҳ ба идора кардани олам ва нозил кардани борон ҳамон тавҳиди: ☐ улуҳият ☐ рубубият ☐ номҳо ва сифатҳост.

23-Чизе ки асли тавҳидро нафй мекунад: ☐ Ширки акбар ☐ ширки асғар ☐ бидъат аст.
24-Воҷибтарини воҷибҳо ҳамон некӯи падару модар аст: ☐ дуруст ☐ хато.
25-Бузургтарини ҳаромҳо зино ва куштани нафсест, ки Аллоҳ ҳаром гардондааст: ☐ дуруст ☐ хато.
26-Ибодат гуфта мешавад бар: ☐ ду чиз ☐ як чизу бас.
27- Ибодат ҳамон (исми ҷомеъ аст барои...), ин сухани: ☐ Ибни Қайим ☐ Ибни Таймия аст.
28-Дуруст: (бе....): ☐ чигунагӣ ва бемонандкунӣ ☐ чигунагӣ ва беташбеҳ ☐ фарқ надорад.
29-Ҳар ояте ки дар Қуръон аст шомили тавҳид аст: ☐ дуруст ☐ хато.
30-Мақсад аз офариниши ҷинну инсон монанди мақсади офаридани ҳайвонҳост: ☐ дуруст ☐ хато.
31-(Ва ҷинну инсро наофаридам) ишкол дар ин ғолибан дар: ☐ фаҳм ☐ амал мебошад.
32-Ҷинҳо таклифшудаанд: ☐ Ба имон ☐ ба имон ва шариатҳо.
33-Уммат гуфта мешавад бар: ☐Имом ☐миллат ☐замон ☐тоифа ☐ҳамаи зикршудаҳо.
34-(Дар ҳар тоифае расуле фиристодем) аз замони (☐ Одам ☐ Нуҳ) то замони (☐Исо ☐ Муҳаммад) алайҳимус салом ва ҳикмат аз фиристодани онҳо: ☐ Барпо кардани ҳуҷҷат ☐ раҳмат ☐ баёни роҳи ба сӯи Аллоҳ расонанда ☐ ҳамааш.
35-Асном аз тоғутҳоест, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад: ☐ дуруст ☐ хато.
36-Пайравӣ дар тоғут, монанди амирҳое, ки аз тоати Аллоҳ хориҷшавандаанд: ☐ дуруст ☐ хато.
37-Касе ки ҷуз Аллоҳ парастида шавад ва ӯ розӣ набошад: ☐ Тоғут аст ☐ тоғут нест.
38-Ояти дуюм дар китоби тавҳид бар иҷмоъи расулон бар даъват кардани ба сӯи тавҳид далолат мекунад: ☐ дуруст ☐ хато.
39-Гуфтаи муаллиф: (Оят ё оятҳо) яъне (оятро ё оятҳоро комил кун): ☐ дуруст ☐хато.
40-Қазо, ҳукм ва ирода ба шаръӣ ва кавнӣ тақсим мешавад: ☐ дуруст ☐хато.
41-Аз қазои (☐кавнӣ ☐шаръӣ) аз як ҷиҳат дар назди Аллоҳ маҳбуб аст ва аз ҷиҳати дигар макрӯҳ аст.
42-(Ва Мо ба бани Исроил дар китоб ҳукм кардем, ки ду бор дар замин фасод хоҳед кард) қазои: ☐ шаръӣ ☐ кавнӣ аст.
43-Ҳамаи ҳайвонҳо ба ҷуз келаск Аллоҳро тасбеҳ мегӯяд: ☐ дуруст ☐ хато.
44-Бандагӣ тақсим мешавад ба: ☐ 2 ☐ 3 қисм. Ва тасбеҳи парандагон бандагии ☐ қаҳр ☐ тоат аст.
45- Мушрикон чизе аз ибодат барои Аллоҳ доранд: ☐ дуруст ☐ хато.
46-Ибодат танҳо ба забон ва аъзои бадан аст: ☐ дуруст ☐ хато.
47-(Ба Аллоҳ чизеро шарик нагардонед) ҳамаи чизро фаро мегирад: На паёмбар, на малоика ва на валиро, балки на ягон амре аз умури дунёро: ☐ Дуруст ☐ хато.
48-Башорат ҳамон хабар додан ба чизест, ки шод мекунад ва хабар додан ба чизи зарарсонро шомил намешавад: ☐ дуруст ☐ хато.
49-Нафсе ки Аллоҳ ҳаром гардондааст ҳамон нафси бегуноҳ аст ва он: ☐ нафси мусалмон ☐ зиммӣ ☐ ҳамаҳд ☐ талаби амнкун ☐ ҳамааш.

50-Оё Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам васият кардааст: ☐ Оре ☐ не.
51-Гуфтаи Ибни Масъуд: (Васияти Ӯ), чаро ки он: ☐ Шомили ҳамаи дин аст ☐ васияти Аллоҳ аст ☐ ҳамааш.
52-Ҳаққи бандагон бар Аллоҳ номида мешавад: ☐ Ҳаққи воҷиб ☐ ҳаққи тафаззул.
53-(Аллоҳ ва расулаш донотар аст) гуфта мешавад: ☐ Дар ҳаёти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ☐ дар ҳама вақт.
54-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам Муозро аз башорат додан манъ кард, то: ☐ рақобат накунанд ☐ такя накунанд ☐ ҳамагӣ. Ва Муоз разияллоҳу анҳу ин наҳйро хилоф кард? ☐ Оре ☐ не, чаро ки китмони илм ба ҳар ҳол ҳаром мебошад: ☐ дуруст ☐ хато.
55-Оё ин ҳукм хос ба Муоз разияллоҳу анҳу аст? ☐ Оре ☐ не.
56-Аз собит шудани фазл барои чизе воҷиб набудан лозим меояд: ☐ Дуруст ☐ хато.
57-(Ва ҳангоме ки Аллоҳ ба танҳоӣ ёд шавад дилҳои касоне ки ба охират имон надоранд мутанафир мешавад ва ҳангоме ки касоне ғайр аз Ӯ ёд шаванд, онгоҳаст, ки онҳо шод мешаванд) комилан ба боб: ☐ 2 ☐ 5 ☐ 4 мувофиқ меояд.
58-Он чиро ки Аллоҳ ба сӯи худаш изофа карда аст, тақсим мешавад ба: ☐ ду қисм ☐ се қисм.
59-Бузургтарини зулм зулми инсон ғайрашро дар нафс ё мол ё обурӯяш аст: ☐ дуруст ☐ хато.
60-Масири касе ки бо Аллоҳ вохӯрад ва ӯ бар гуноҳ ҷуз ширк исрор дорад: ☐ Азоб ☐ дар зери хостаи Аллоҳ аст.
61-(Ло илоҳа иллаллоҳ) зикр аст на дуо: ☐ Дуруст ☐ хато.
62-Касест, ки ло илоҳа иллаллоҳ мегӯяд, локин он дар назди Аллоҳ ягон вазне надорад: ☐ дуруст ☐ хато.
63-Шаҳодати Муҳаммад банда ва расули Ӯстро нафӣ мекунад: ☐ анҷоми маъсиятҳо ☐ бидъат овардан ☐ ҳамагӣ.
64- Гуфтани (Исо бандаи Аллоҳ) рад бар яҳуд (ва расули Ӯст) рад бар насоро аст: ☐ дуруст ☐ хато.
65- (Ва рӯҳе аз Ӯст) ин изофаи: ☐ айнҳо ☐ сифатҳост.
66-Аллоҳ ӯро дохили Ҷаннат мекунад: ☐Даровардани комил ☐ даровардани ноқис ☐ ҳамагӣ.
67-Таҳқиқи тавҳид холис сохтани он аз: ☐ширк ☐ бидъатҳо ☐ маъсиятҳо ☐ ҳамагӣ.
68-(Ҳамоно Иброҳим уммат буд): ☐пешво ☐ имом ☐ муаллими хайр ☐ ҳамагӣ.
69-Руқия аз бемориҳои ҳиссӣ ва маънавӣ нест, магар аз чашм ва таб аст: ☐ дуруст ☐ хато.
70-Ҳадиси (талаби руқия намекунанд) Муслим афзуд: (ва руқия намехонанд) ин зиёдатӣ: ☐ саҳеҳ аст ☐ заиф аст.
71-Ширки акбар хуну молро ҳалол мегардонад, модоме ки зиммӣ ё ҳамаҳд набошад: ☐ дуруст ☐ хато.
72-Фарқ байни руқияхон ва талаби руқиякун, ин аст ки талаби руқиякун пурсанда талаби атокун ба ғайри Аллоҳ ба қалбаш илтифоткунанда аст, аммо руқияхон накӯкор аст: ☐ дуруст ☐ хато.
73-Баробар сохтани ғайри Аллоҳ ба Аллоҳ дар чизе ки аз хусусиятҳои Аллоҳ аст, ширки: ☐ акбар ☐ асғар аст.

74-Чизе ки бар шакли сурат тарошида шуда бошад, номида мешавад: ☐ санам ☐ васан ☐ ҳамагӣ.
75-Молҳои беҳтарин, он: ☐ қиматтарини он ☐ миёнаи он ☐ камтарини он.
76-Банда ба илму амал худашро комил мекунад ва ба даъвату сабр ғайрашро комил мекунад: ☐ дуруст ☐ хато.
77-Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар умматаш аз Даҷҷол тарсид, бисёртар аз тарсиданаш бар онҳо аз риё, зеро ки риё аз ҷумлаи ширки асғар аст: ☐ дуруст ☐ хато.
78-Банда ҳаргоҳ дар эътиқодаш содиқ бошад, пас зарур аст, ки ба сӯи он даъват кунад: ☐ дуруст ☐ хато.
79-Басират: ☐ Илми шаръӣ ☐ҳикмат ☐ маърифати ҳоли даъватшуда ☐ ҳамагӣ.
80-Адади шартҳои даъват: ☐ панҷто ☐ чорто ☐ сето.
81-Фарқ байни ширки акбар ва ширки асғар:

.......................................................................... ..............................................................
.......................................................................... ..............................................................
.......................................................................... ..............................................................
.......................................................................... ..............................................................
.................................................................... ..........................................................

**Суоли панҷум:** Аз қоимаи (а) он чизе ки аз қоимаи (б) муносиб аст, гузор:

| | а | б |
|---|---|---|
| 1 | Ҳумма | Барои Аллоҳ ба баҷо овардани амрҳо ва боздоштаҳояш аз рӯи муҳаббат ва таъзим фурӯтанӣ кардан аст. |
| 2 | Улуҳият | Он шутури сурх аст ва инро зикр кард, зеро ки дар назди араб марғуб буд. |
| 3 | Ибодат | Фоли бад задан ба дидашуда ё шунидашуда ё чизи маълум аз рӯи макон ва замон. |
| 4 | Тоғут | Шабеҳ, мисл ва назир. |
| 5 | Риё | Он чизе ки бар сурати инсон ё ғайраш парастида шуд. |
| 6 | Татайюр | Он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ бар кадом ваҷҳе ки парастида шавад. |
| 7 | Нид | Банда аз ҳаддаш гузарад, яъне аз пайравшуда ё маъбуд ё итоатшуда. |
| 8 | Санам | Аллоҳро мепарастад, то ӯро мардум бубинад ё шунавад, пас ӯро таъриф кунанд. |
| 9 | Тавҳид | Ягона донистани Аллоҳ таъоло дар офариниш ва мулк ва идора кардан. |
| 10 | Ибодат | Аллоҳ таъолоро дар ибодат ё дар афъоли бандагон ягона донистан |
| 11 | Хаворич | Исми ҷомеъ барои ҳар гуфтору кирдорест, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ мешавад. |
| 12 | Васан | Касоне ки мегӯянд: Соҳиби гунохи кабира кофир асту дар оташ ҳамеша мемонад. |
| 13 | Рубубият | Аллоҳро ба он чизе ки махсуси Ӯст аз рӯи рубубият ва улуҳият ва номҳо ва сифатҳо ягона донистан. |
| 14 | Шутури сурх | Ба Аллоҳ рӯоранда ва аз ширк пуштгардонанда, аз ҳар он чизе ки онро мухолифат мекунад, дурӣ ҷустан. |
| 15 | Ҳаниф | Неш задани ҳар соҳиби заҳр. |

## Дуюм: Тафсири тавҳид (9 боб аст)

### (6) Боб андар тафсири тавҳид ва шаҳодати ин ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест

Вақте сухан оиди тавҳид гузашт, гӯё ки нафс ба сӯи баёни чист ин тавҳиде ки барои он ин бобҳо (вуҷубияти он ва фазилати он ва таҳқиқи он ва аз зидди он тарсидан ва ба сӯи он даъват кардан) бобгузорӣ шудааст, сар баланд кард, пас ба ин боб ҷавоб гуфта мешавад ва он тафсири тавҳид то охири китоб аст.

**Далели аввал:**

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Онҳое, ки (кофирон ба худой) мехонанд, онон худ ба даргоҳи Аллоҳ васила наздикӣ меҷӯянд, ки кадом аз эшон наздиктар бошад" то охири оят**.

(**Ба дуо мехонанд**): Онҳое ки ба дуо мехонанд, худи онҳо ба сӯи Парвардигорашон васила меҷӯянд, ки кадомашон қарибтар аст, пас чигуна онҳоро ба дуо мехонед ва онҳо худ муҳтоҷу фақиранд (ин ширки дар дуо аст).

**Далели дуюм:**

Ва фармудаи Ӯ: **"Ва ёд кун, чун вақте Иброҳим ба падар ва қавми худ гуфт: Ҳароина ман безорам аз он чи шумо парастиш мекунед, ҷуз он касе ки маро биофарид"** то охири оят.

❁ (**Ҷуз он касе ки маро биофарид**): Байни нафй ва исбот ҷамъ овард ва (ба ҷуз Аллоҳ) ба хотири ду фоида нагуфт:

1). Барои баёни сабаби ягона будани Аллоҳ азза ва ҷалла дар парастидан, чаро ҳамонгуна ки Аллоҳ дар офаридан ягона аст, пас воҷиб аст, ки танҳо парастида шавад.

2). Барои баёни ботил будани ибодати бутҳо, зеро ки онҳо шуморо наофаридаанд, то онҳоро бипарастед.

❁Тавҳид ба парастидани Аллоҳи азза ва ҷалла бо ҳамроҳи ғайраш ҳосил намешавад, балки зарур аст, ки онро холис барои Аллоҳ гардонд ва дар бахзе шаҳрҳои исломӣ касест, ки намоз мехонад ва закот медиҳад ва рӯза мегирад ва ҳаҷ мекунад ва бо вуҷуди ин барои қабрҳо саҷда мекунанд.

**Далели сеюм ва чорум:**

3). Ва фармудаи Ӯ: **("Онҳо" донишмандон ва зоҳидони худро ба ҷуз Аллоҳ парвардигорон гирифтанд) то охири оят.**

4). Ва фармудаи Ӯ: **(Ва аз мардум касоне ҳастанд ғайр аз Аллоҳ ҳамтоёнеро интихоб мекунанд ва онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд)** то охири оят.

❁(Аҳбораҳум): Донишмандонашон ва барои бисёрии илмаш баҳр гуфта мешавад ва (руҳбонаҳум) обидонашон.

❁ (Арбоб): Олимонро дар маъсияти Аллоҳ итоат карданд ва обидонро парастиданд (ин ширки тоат аст).

❁ (**Онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд**): Яъне ҳамтоёнро баробари дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд.

## Ақсоми муҳаббат

**Бо Аллоҳ дӯст доштан:** **(Ширки акбар аст) муҳаббати Аллоҳро нафй мекунад, мисли дӯст доштани ғайри Аллоҳ баробар ё бештар дӯст доштан**

**Муҳаббат барои Аллоҳ ё дар роҳи Аллоҳ:** (Воҷиб аст), "Қулаи баландтарини имон дар роҳи Аллоҳ дӯст доштан аст...".

**Муҳаббати табиъӣ:** (Ҷоиз аст) ба шарте ки бар дӯст доштани Аллоҳ тақдимаш накунад, монанди дӯст доштани фарзанд ва ҳамсар.

Ва муҳаббати дар роҳи Аллоҳ инчунин ба муҳаббати амал, омил, замонҳо ва маконҳо тақсим мешавад.

**Далели панҷум:**

Ва дар Саҳеҳ аз Паёмбар ﷺ омада аст, ки Ӯ фармуд: "Касе ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд ва ба ҳар чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, кофир шавад, молу хунаш ҳаром мегардад ва ҳисоби ӯ бар Аллоҳ аза ва ҷалла аст".

Шарҳи ин боб: Бобҳои ояндааст.

(Ва ба ҳар чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, кофир шавад): Зарур аст, ки ба ибодати касе ки ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, кофир шавӣ, балки боз ба ҳамаи куфр кофир шавӣ, касе ки шаҳодатро мегӯяд ва бо ҳамроҳи он чунин назар дорад, ки насоро ва яҳуд имрӯз бар дини дуруст ҳастанд, пас вай мусалмон нест ва инчунин касе ки динҳоро афкор мепиндорад, аз онҳо онеро хоҳад, ихтиёр мекунад, пас мусалмон нест.

## Масъалаҳо:

Дар ин боб бузургтарин ва муҳиматарин масъалаҳост. Ва он тафсири тавҳид, шаҳодат ва баён кардани он ба амрҳои возеҳ. (Нафю исбот ҳатмӣ аст)

Аз ҷумлаи масъалаҳо: Ояти сураи Исро аст. Дар он рад бар мушриконе, ки солеҳонро ба дуо мурочиат мекунанд, баён шуда аст, пас дар он низ баён шудааст, ки ин ширки акбар аст. (Ширки дар дуо аст)

Ва аз ҷумлаи масъалаҳо: Ояти сураи Бароат (тавба) аст. Дар он баён намудааст, ки аҳли китоб донишмандон ва зоҳидони худро ба ҷуз Аллоҳ парвардигор гирифтанд. Ва баён намудааст, ин ки онҳо амр нашудаанд, магар ки илоҳи ягонаро бипарастанд, бо вуҷуде ки дар тафсири он мушкилие нест: Тоати олимон ва обидон дар маъсият буд, на ба дуо мурочиат кардани онон. (Ширки тоат аст)

Ва аз ҷумлаи масъалаҳо: Қавли Иброҳими Халил алайҳис салом ба кофирон: "Албатта ман аз он чизе ки шумо мепарастед безорам ба ҷуз Зоте ки маро офарида аст".

Пас аз маъбудон Парвардигорашро ҷудо намуд. Ва Аллоҳ субҳонаҳу зикр кардааст, ки ин безорӣ ва дӯстӣ, ҳамон тафсири шаҳодати ло илоҳа иллаллоҳ аст, пас фармуд: "Ва Аллоҳ ин худопарастиро дар ҳамаи фарзандони Ӯ калимаи боқӣ гардонид, бошад, ки бозгарданд".

Ва аз ҷумлаи масъалаҳо: Ояти сураи Бақара дар мавриди кофироне, ки Аллоҳ дар ҳаққашон фармуд: "Ва онон аз оташи Ҷаҳаннам хориҷ намешаванд". Зикр намуда аст, ки онон ҳамтоёни худро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд, пас далолат мекунад бар ин ки онҳо Аллоҳро сахт дӯст медоранд ва онҳоро ин муҳаббаташон дар Ислом дохил накард, пас чӣ гуна аст ҳоли касе ки шарикро аз Аллоҳ дида бештар дӯст дорад? Пас чӣ гуна аст ҳоли касе ки танҳо ҳамторо дӯст дорад ва Аллоҳро дӯст надорад?

(Ширки муҳаббат аст, пас чор қисм аст:
1-Аллоҳро аз дигарон сахттар дӯст дорад ва ин тавҳид аст.
2-Ғайри Аллоҳро монанди Аллоҳ дӯст дорад, ин ширк аст.
3-Ғайри Аллоҳро аз Аллоҳ сахттар дӯст дорад, ин аз пешинааш бузургтар аст.
4-Ғайри Аллоҳро дӯст дорад ва дар қалбаш муҳаббати Аллоҳ набошад ва ин бузургтар аст).

Ва аз ҷумлаи масъалаҳо: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: Касе ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд ва ба ҳар чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад кофир гардад, молу хунаш ҳаром мегардад ва ҳисоби ӯ бар Аллоҳ аст.

Ин бузургтарин баёни маънои ло илоҳа иллаллоҳ аст. Албатта Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам талаффуз кардан ба онро нигаҳдорандаи хуну мол қарор надодааст, балки на донистани маънои он бо талаффузашро ва на ба он иқрор карданро ва на напарастиданаш ба ҷуз Аллоҳи ягонаро, ки Ӯро шарике нест ва молу хунаш ҳаром намегардад, то изофа кунад ба ин ки кофир шуданро ба ҳар он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад. Пас агар шак кунад ё худдорӣ кунад молу хунаш ҳаром намегардад, пас чӣ хуб масъала аст, чӣ возеҳаш гардондааст ва чӣ хуш ҳуҷҷат аст, чӣ бар мунозиъ қатъитараш гардонидааст?!

## (7) Боб: Пӯшидани ҳалқа ва ресмон ва монанди ин ду барои рафъи бало ё дафъи он ширк аст

❁ (Аз ҷумлаи ширк аст) яъне: Баъзеи ширк ва баъзеи он ширки акбар ва баъзеаш ширки асғар аст ва барои ҳамин мутлақ овардааст.
❁(Барои рафъи бало) баъди расидани он (ё дафъи он) пеш аз расидани он.

**Оё пӯшидани ҳалқа ва ресмон ва монанди ин ду ширки асғар аст ё акбар?**

**Ширки акбар:** Ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки худи он таъсирбахш аст ва дар дасти он ҷалби фоида ва дур кардани зарар аст.

**Ширки асғар:** Ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки он сабаб аст бо вуҷуде ки Аллоҳ онро сабаб қарор надодааст, на аз рӯи ҳис ва на аз рӯи шаръ

**Мардум дар эътиқоди дар асбоб се қисманд:**

**Дуруст:** Сабаб эътиқод кунад ва он чиро ки Аллоҳ сабаб қарор додааст, сабаб қарор диҳад ва асбоб ё ҳиссӣ аст (монанди даво) ё шаръӣ аст (монанди руқия).

**Ширки асғар аст: Сабаб эътиқод кунад ва он чиро ки Аллоҳ сабаб қарор надодааст, сабаб қарор диҳад, монанди овезон кардани сари барзагов барои дур кардани чашм ва ҳоло он ки он сабаб нест.**

**Ширки акбар аст:** Эътиқод кунад, ки худи он таъсирбахш аст ва дар дасти он ҷалби фоида ва дур кардани зарар аст.

**Мардум дар гирифтани асбоб ба ду тараф ва миёна тақсим шудаанд:**

**Асбоброинкор мекунад:** Ҳикмати Аллоҳро нафй мекунад, мисли ҷабрия ва ашоъира.

Дар гирифтани асбоб ғулув мекунад: Пас он чиро ки сабаб нест, сабаб исбот мекунад, мисли суфиҳо.

Дар гирифтани асбоб миёнаравӣ мекунад: Сабаби ҳиссӣ ва шаръиро ҷуз ғайраш исбот мекунад.

**Ҳукми касе ки ресмон ё монанди онро овезон мекунад, чанд ҳолат дорад:**

- Ҳукми онро намедонад. → Инро таълим дода мешавад
- Эътиқод кунад, ки он сабаб аст ва Аллоҳ таъоло онро сабаб нагардондааст. → Ин ширки асғар аст
- Эътиқод кунад, ки худи он таъсиррасон аст ва ҷалби фоида ва дур кардани зарар дар дасти он аст. → Ин ширки акбар аст
- Ягон эътиқод надорад ва локин онро барои зиннат мепӯшад, мисли ҳоли баъзе ҷавонон, Аллоҳ мо ва онҳоро ҳидоят кунад, пас ҳар касе ки ин овезон-кунироро бубинад, гумон мекунад, ки он ҷоиз аст ва ба ин дари шарро барои мардум кушода аст ва дар он шабоҳат ба занон ва мушрикон аст. → Ин аз гуноҳони кабира аст

**Далели аввал:**

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ба онҳо бигӯ: Чӣ тасаввур мекунед, оё ҳамаи бутҳое, ки ҷуз Аллоҳ мехонед, агар Аллоҳ бихоҳад маро ранҷе расад, он бутон метавонанд онро рафъ кунанд?"**, то охири оят.

❁Ин бутҳо соҳибонашонро фоида намедиҳанд, на ба ҷалби фоида ва на ба дур кардани зарар, пас асбоб барои ин нестанд. Ва ҳар чизе ки сабаби шаръӣ ё қадарӣ нест бар ин қиёс карда мешавад, пас сабаб гирифтани он ширк овардани ба Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло эътибор карда мешавад.
❁(**Бигӯ: Аллоҳ маро басанда аст**): Дар ин супоридани басандагӣ ба Аллоҳ аст, на ба сабабҳои ваҳмӣ.

**Далели дуюм:**

Аз Имрон ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ мар-деро дид, ки дар дасташ ҳалқаи миси зард аст, пас фармуд: "Ин чист? Гуфт: Аз дарди бозӯ. Пас фармуд: Онро каш, албатта он ба ту танҳо дардро зиёд мекунад, пас агар ту бимирӣ, дар ҳоле ки он дар дасти туст, ҳаргиз наҷот намеёбӣ". (Ривояти Аҳмад ба санаде ки боке надорад).

**(Ҳалқае аз суфр)**: Дастмонае аз мис ва монанди он ва агарчи оҳан ё ресмон бошад.
**(Ин чист?)**: Барои баррасӣ пеш аз инкор кардан, чаро ки гоҳо чизеро мункар гумон мекунад, ки он мункар нест.
**(Воҳина)**: Дардест, ки дар устухон мерасад, мисли румантизм, ба ин қасд кардааст, ки ин маразро аз вай дур мекунад ва ӯро аз он ҳимоя мекунад.
**(Он ба ту танҳо дардро зиёд мекунад)**: Яъне дар ҷисм ва эътиқод заъфро зиёд мекунад ва ҷазо аз ҷинси амал аст.

**Далели сеюм:**

Ва имом Аҳмад аз Уқба ибни Омир ба таври марфӯъ ривоят кардааст: "**Ва касе тумор овезон кунад, пас Аллоҳ корӣ ӯро ба итмом нарасонад ва касе садаф овезон кунад, пас Аллоҳ ӯро дар оромӣ раҳояш накунад**".Ва дар ривояте аз имом Аҳмад омада аст: **"Касе тумор овезон кунад, пас ба таҳқиқ ширк оварда аст"**.

❁(**Касе тумор овезон кунад**): Онро овезад ва қалбаш ба он дилбохта шавад. Ва барои ин (таъаллақа) гуфт ва (аллақа) нагуфт.
❁ (**Пас Аллоҳ кори ӯро ба итмом нарасонад**): Ё ин дуо бар алайҳи ӯст ё хабари маҳз аст.
❁ (**Ва касе вадаъа овезад**): Вадаъа ашёе аст, ки аз баҳр гирифта мешавад, мисли садаф.
❁ (**Пас Аллоҳ ӯро дар оромӣ раҳояш накунад**): Пас бар зидди қасдаш амал карда шуд.
❁ (**Пас ба таҳқиқ ширк овардааст**): Ширки акбар аст, агар эътиқод кунад, ки он ба ҷуз амри Аллоҳ худаш таъсир дорад вагарна он ширки асғар аст.

**Далели чорум:** Ва Ибни Абӯҳотим аз Ҳузайфа разияллоҳу анҳу ривоят карда аст, ки ӯ дар дасти марде ресмонеро дид, ки аз ҷиҳати рафъи таб баста буд, пас Ҳузайфа разияллоҳу анҳу онро канду фармудаи Аллоҳро тиловат намуд: "Ва бештари онон ба Аллоҳ имон намеоранд, магар онҳо мушрик шаванд".

❁ (**Аз таб**): Яъне ба сабаби таб, то бар вай сард шавад, ё аз он шифо дода шавад.
❁ (**Пас онро қатъ кард**): Аз рӯи тағйир додани мункар ба даст ва дар ин қуввати салаф дар тағйири мункар аст.
❁Ҳукми овехтан: Ҳамаи овехтан ҳаром аст: Овехтани дастмона, ресмон, садаф, тумор, чашмони гургҳо, нохун, наъли қадима, муҳраи кабуд, каф, чашм, сари барзагов, ҳайкали шер, ё баъзе дарахтҳо ва латапорча ва ғайри инҳо ҳаром аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Сахтгирӣ кардан дар пӯшидани ҳалқа, ресмон ва монанди инҳо барои ин мақсад.

**Дуюм:** Албатта саҳоба агар бимирад, дар ҳоле ки он дар баданаш аст, наҷот намеёбад. Дар ин ҳадис шоҳид аст барои сухани саҳоба, ки ширки асғар (хурд) аз бузургтарин гуноҳони кабира аст (зеро ширк бахшида намешавад ва агарчи асғар бошад, ба хилофи гуноҳони кабира).

**Сеюм:** Албатта ӯ ба ҷаҳл маъзур нест. (Маъзур нест баъде ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои ӯ баён кард ва ҷаҳл ду навъ аст:

1-Ҷаҳле, ки дар он маъзур дониста намешавад ва он ҷаҳлест, ки аз кутоҳӣ ва беэътиноӣ кардан сар задааст, бо қоим будани тақозокунандаи омӯхтан, пас ӯ дар ин ҳол маъзур намебошад, хоҳ дар куфр бошад, ё дар маъсиятҳо.

2-Ҷаҳле, ки дар он маъзур дониста мешавад ва он ҷаҳлест, ки аз хилоф сар задааст, яъне ӯ беэътиноӣ ва кутоҳӣ накардааст ва тақозокунандаи омӯхтан қоим нашудааст, ба ин ки дар зеҳнаш нагузаштааст, ки ин ҳаром аст, пас маъзур мебошад, агарчи мансуб ба Ислом бошад, ӯро зарар намекунад ва агар ба куфр нисбатшуда бошад, пас ӯ дар дунё кофир аст ва дар охират амри ӯ ба сӯи Аллоҳ аст).

**Чорум:** Албатта он дар дунё суд намедиҳад, балки зарар медиҳад, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Танҳо дардро бар ту меафзояд".

**Панҷум:** Сахт инкор кардан бар касе ки чунин амал мекунад.

**Шашум:** Ошкор кардан ба ин ки касе чизеро овезон кунад, ба он супорида мешавад.

**Ҳафтум:** Ошкор кардан бар ин ки касе мӯҳраи чашмӣ овезон кунад, ба таҳқиқ ширк овардааст.

**Ҳаштум:** Албатта ресмон бастан ба хотири рафъи таб аз ширк аст.

**Нуҳум:** Тиловати Ҳузайфа разияллоҳу анҳу оятро далел бар ин аст, ки ба оятҳое, ки дар мавриди ширки акбар омадааст бар ширки асғар далел меоранд, ҳамонгуна ки Ибни Аббос дар ояти сураи Бақара (дар муҳаббат) зикр кардааст .

**Даҳум:** Овехтани садаф аз рӯи чашм аз ҷумлаи ин (аз туморҳои ширкӣ) аст.

**Ёздаҳум:** Дуо кардан бар зарари касе, ки мӯҳраи чашмӣ овезон мекунад, ин ки Аллоҳ корашро ба сомон нарасонад ва касе ки садаф овезон мекунад, пас Аллоҳ ба ӯ оромӣ набахшад, яъне Аллоҳ ӯро тарк кунад. (Инро ошкоро хитоб намекунем ва барои шахсе ки бар вай туморро дидем, намегуем: Аллоҳ коратро ба сомон нарасонад, чаро ки феилро мо ошкоро ва ба таъйин хитоб кунем, гоҳо сабаби нафрати вай мешавад ва локин мегуем: Туморҳо ва садафро тарк кун ва бар ӯ ҳадисро мехонем).

## (8) Боб андар руқияҳо ва туморҳо

Барои чӣ гуфт: (Боб он чи омадааст) ва нагуфт: (аз ҷумлаи ширк руқияҳост) ҳамчуноне ки дар боби пешин гуфт?
1-Чаро ки руқия ба шаръӣ ва ғайри шаръӣ тақсим мешавад.
2-Ва ҳамаи туморҳо ширк аст, магар ҳарвақто ки аз Қуръон бошад, пас дар ин ҳолат ҳаром аст.

**Далели аввал:** Дар Саҳеҳ аз Абӯбашири Ансорӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки дар баъзе аз сафарҳояш бо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд, Ӯ мардеро фиристод, то бар аҳли сафар нидо кунад, ки дар гардани ягон шутур гарданбандеро, ки аз зеҳи камон аст, ё гарданбандеро боқӣ нагузоранд, магар ки бурида шавад.

❁(Пас фиристод) барои донистани аҳволи онон ба он чизе ки шариат тақозо мекунад.
❁ (Гарданбанд): Эътиқод мекунанд, ки ин аз шутур чашмро дур мекунад, ин эътиқоди фосид аст.

**Далели дуюм ва сеюм:**

2). Ва аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки вай гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунидам, ки мефармуд: **"Ба таҳқиқ руқияҳо, туморҳо ва тивала ширк аст"**. (Ривояти Аҳмад ва Абӯдовуд)
3). Ва аз Абдуллоҳ ибни Укайм разияллоҳу анҳу марфӯъан ривоят аст, ки: **"Касе ки чизеро овехт (ба чизе чанг зад ва эътиқоди шифо аз вай кард) ба ҳамон чиз супорида мешавад"**. (Ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ)

❁ (**Руқияҳо**): Яъне руқияе, ки дар наздашон маъруф буд ва он руқияи ширкӣ буд, шариат онро наовардааст.
❁ (Касе чизе овезон кунад, ба он супорида мешавад): Ва нагуфт: (ман аллақа) чаро ки ӯ онро овехта ва қалбаш ба он мутааллиқ гаштааст, пас касе мутааллиқ ба Аллоҳ таъоло шавад, пас ӯро басанда аст ва касе мутааллиқ ба ғайри Аллоҳ таъоло шавад, хор шавад.
❁ Барои инсон шоиста нест, ки нафсашро ба сабаб мутааллиқ созад, балки мутааллиқ ба Аллоҳ гардонад. Пас коргаре, ки қалбашро комилан ба моҳонааш бастааст ва аз сабабгор, ки Аллоҳ аст, ғофил шудааст, пас дар навъи ширк воқеъ шудааст. Аммо ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки моҳона сабаб аст ва сабабгор ҳамон Аллоҳ аст, пас таваккулро нафй намекунад.

**Шартҳои руқияи шаръӣ**

| Аз Қуръон ё суннат бошад ё ба номҳои Аллоҳ ва сифатҳояш дуо кунад. | Сухани фаҳмо, шунидашуда ва дар забони арабӣ маълум бошад. | Эътиқод кунад, ки он сабаби шаръӣ аст, фоида намедиҳад магар ба амри Аллоҳ. |
|---|---|---|

Ҳаргоҳ яке аз ин шартҳо халалдор бошад, руқия ғайри шаръӣ мегардад. Ва руқия ба ғайри забони арабӣ нест, магар ҳар вақто ки аз боби дуо бошад. Пас дуруст аст, ки ба ғайри забони арабӣ дуо кунад, ба шарте киномҳои накӯро тағйир надиҳад, зеро номҳо тавқифӣ аст (ва номҳо ҳамчуноне ки ҳаст гуфта мешавад, ҳамонгуна ки дар ҳамаи луғатҳо аст).

**Туморҳо** он чизест, ки бар гардани кӯдакон меовезанд, аз расидани чашм ба он паноҳ мебаранд, вале ҳаргоҳ овехташуда аз Қуръон бошад, баъзе салаф иҷозат додаанд ва баъзеашон иҷозат надодаанд ва онро аз ҷумлаи манҳиёт қарор додаанд, аз ҷумлаи онон Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу аст.

**Руқияҳо** он чизест, ки азоим номида мешавад ва руқияҳое, ки аз ширк тоза бошанд, ҷоиз аст. Пас албатта Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам руқияро дар осеби чашм ва таб иҷозат дод.

**Ва тивала** он чизест, ки ба эътиқоди ин ки занро бо шавҳараш ва мардро бо занаш дӯст месозад, анҷом медиҳанд.

**Ангуштарини никоҳ аз тивала аст**

| **Ширки акбар аст**, ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки худи он таъсирбахш аст ва ҷалби фоидаҳо ва дур кардани зарар дар дасти он аст. | **Ширки асғар аст,** ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки он дар боқӣ мондани алоқаи заношуӣ сабаб аст. | Ҳаром аст, ин камтарин аҳволи он аст, зеро он аз одати насоро аст, зеро онҳо ба гузоштани он ақидаи сегонаро эътиқод мекунанд ва дар он ҳазаршуда аст, агар ангуштарин аз тило бошад. |
|---|---|---|

**Далели чорум:**

Ва имом Аҳмад аз Рувайфиъ разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки вай гуфт: Ба ман Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Эй Рувайфиъ шояд баъд аз Ман умри дароз дошта бошӣ, пас мардумро хабар деҳ, ки касе ки риши худро гиреҳ кунад ё ба гардани худ банди зеҳро биовезад ё ба нацосати чаҳорпоён ё устухон истинҷо кунад, Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ӯ безор аст"**.

(Касе ки риши худро гиреҳ кунад): Ё аз боби такаббурӣ ё аз боби сабаб гардондани он барои дур кардани чашм.
(Ба гардани худ банди зеҳро биовезад): Ватар риштае аз раг, ки аз гусфанд гирифта мешавад, барои дур кардани чашм истифода бурда мешуд.
(Ё ба саргини чорпо истинҷо кунад): Асари он чизеро, ки аз ду роҳ хориҷ мешавад, ба саргини чаҳорпо дур кардан.
(Ё ба устухон): Он хӯроки ҷин аст ва саргин алафи чаҳорпоҳои ҷин аст.

**Далели панҷум ва шашум:**

5) Аз Саъид ибни Ҷубайр ривоят аст, ки ӯ гуфт: Касе тамимаеро аз инсоне бибурад, монанди аҷри озод кардани ғулом аст. (Ривояти Вакеъ)
6) Ва Вакеъ аз Иброҳим ривоят кард, ки вай гуфт: Ёрони Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ҳамаи тамоим (туморҳо)-ро чӣ аз Қуръон бошад ва чӣ аз ғайри Қуръон макрӯҳ медонистанд.

(Монанди аҷри озод кардани ғулом аст): Зеро ӯро аз бандагии шайтон озод кардааст, ки дар он ширк аст ва ин аз озод кардани аз бандагии инсон болотар аст, локин онро ба тариқаи накӯтар қатъ мекунад.

**Барои чӣ туморҳои қуръонӣ ҳаром аст?**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Баъзе салаф онро макрӯҳ гуфтанд ва мақсад ба кароҳат дар назди салаф ҳаром аст. | Он дар зимни фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дохил аст: "Руқияҳо, туморҳо ва тивала ширк аст". | Гоҳо дари шарро мекушоем, зеро баъзеҳо гумон мекунад, ки ҳамаи туморҳо ҷоиз аст, ҳатто аз ғайри Қуръон ҳам бошад. | Дар он паст задани Қуръон аст, гоҳо ба он ҳоҷатхона медароянд ё ба он нацосат мерасад. |

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири руқияҳо ва туморҳо.

**Дуюм:** Тафсири тивала (гармӣ кардан).

**Сеюм:** Беистисно ҳамаи ин чизҳои сегона ширк аст.

**Чорум:** Руқия бо каломи ҳақ аз осеби чашм ва таб аз ҷумлаи ширк нест (ва инчунин ғайри осеби чашм ва табро шомил мешавад, мисли ҷоду).

**Панҷум:** Тумор ҳаргоҳ аз Қуръон бошад, ба таҳқиқ олимон ихтилоф кардаанд, оё аз ҷумлаи ширкиёт аст ё не? (Ва бо эҳтиёттар мазҳаби Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу аст, чаро ки дар асл раво нест).

**Шашум:** Овехтани зеҳҳои камон бар чаҳорпоён аз рӯи чашм аз ҷумлаи ширк аст.

**Ҳафтум:** Ваъдаи азоби сахт бар касе ки зеҳ овезад.

**Ҳаштум:** Фазли савоби шахсе ки тумореро аз инсоне бибурад.

**Нуҳум:** Сухани Иброҳим ихтилофи собиқро мухолифат надорад, зеро мақсадаш ёрони Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу мебошад (ва умуман мақсадаш саҳобагон разияллоҳу анҳум нест ва на тобеъинҳо).

## (9) Боб андар шахсе ки ба дарахт, ё санг ва монанди инҳо табаррук меҷӯяд

**Табаррук: Он талаби баракат аст ва аз ҷумлаи он:**

**Табарруки шаръӣ:**

Ба амри шаръӣ табаррук ҷӯяд: Монанди дар масҷиди Ҳаром намоз хондан ва қироати Қуръон.

**Ба амри ҳиссӣ** табаррук ҷӯяд: Мисли табаррук ҷустан ба хондани китобҳои аҳли суннат, мисли китобҳои Шайхи Ислом.

Табарруки мамнӯъ: Қоидаи он ин аст, ки дар ҳар чизе ки амри шаръӣ ё ҳиссӣ собит нашавад, монанди масҳ кашидани ҳуҷраи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

**Далели аввал ва дуюм:**

**1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё Лот ва Узоро дидед ва Манот (бути) сеюмӣ беарзишро дидаед?".**

**2). Аз Абӯвоқиди Лайсӣ разияллоҳу анҳу ривоят шуда, ки ӯ гуфт: Мо ҳамроҳи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи Ҳунайн баромадем ва мо нав аз куфр баромада будем. Барои мушрикон сидрае (дарахте) буд, ки назди он менишастанд ва аслиҳаю борҳояшонро бар он меовехтанд, онро зотуланвот меномиданд. Пас мо ба назди сидрае гузаштему гуфтем: Эй Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои мо зотуланвот бигардон, чуноне ки барои онон зотуланвот аст! Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Аллоҳ бузург аст, ин ҳамчунон аст, ки бани Исроил Мусо алайҳис саломро гуфтанд: Барои мо худо бигардон, ҳамчуноне ки барои онҳо худоён аст. Мусо гуфт: "Ба дурусти ки шумо қавме ҳастен, ки намедонед". Ҳароина шумо суннатҳои касоне, ки пеш аз шумо буданд, пайравӣ мекунед. (Ривояти Тирмизӣ ва гуфт: Ҳадиси саҳеҳ аст).**

❁ (**Оё Лот ва Узоро дидед**): Маро хабар диҳед, шаъни ин бутҳое, ки таъзим мекунед ва ҳоли онҳо ба нисбати ин оятҳои бузург монанди меъроҷ чист, онҳо эътиқод доранд, ки ин бутҳо фоида ва зарар медиҳанд ва барои ин пеши онҳо меоянд, онҳоро дуо мекунанд ва барои онҳо забҳ мекунанд ва ба сӯи онҳо наздикӣ меҷӯянд.

❁(Лот): 1)-Ба ташдиди то хонда мешавад: Марди солеҳе буд, ки барои ҳоҷиён талқон омода мекард. 2)-Ва бе ташдиди то хонда мешавад: Аз номҳои Аллоҳ исме барои ин бут, гирифтанд ва онро Лот номиданд.

❀ (Ва Уззо): Аз исми Аллоҳ ал-Азиз гирифта шудааст.
❀ (Ва Манот): Гирифта шудааст (1) аз исми Аллоҳ ал-Маннон, (2) ё он аз мино гирифта шудааст, аз барои дар наздаш хуни бисёр резондан ва аз ҳамин боб Мино мино номида шуд.
❀ (Ҳудасо): Нав аз куфр баромада будем ва инро ба хотири узрхоҳӣ барои талаб ва суолашон зикр кард.
❀ (Овезон мекарданд): Дар он силоҳҳояшонро аз рӯи табаррук ҷустан меовехтанд.
❀ (Зоту анвот): Зеро бар он силоҳҳоро аз рӯи умеди баракати он овезон мекарданд.
❀ (**Барои мо зотуланвот бигардон, чуноне ки барои онон зотуланвот аст!**): Донистанд, ки ибодат тавқифӣ аст ва барои он иҷозат ҳатмӣ аст, барои ин аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам иҷозат пурсиданд, пас амрро барои онон сахт гирифт ва онҳо дар ин ширк воқеъ нашуданд.
❀ (**Ҳароина мекунед**): Ҳароина мисли феъли онон мекунед ва мисли гуфтаи онон мегуед, пас дар ин хабар додан ва ҳазаркунондан аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Наҷм "Оё Лот ва Узоро дидед ва Манот (бути) сеюмӣ беарзишро дидаед?".
**Дуюм:** Донистани сурати амре, ки талабиданд (аз рӯи паст задани кофирон, на ин ки онҳоро бипарастанд).
**Сеюм:** Онон ин корро накарданд.
**Чорум:** Онон наздикии ба Аллоҳро ба ин тавр қасд доштанд, ба гумонашон ин ки Аллоҳ онро дӯст медорад.
**Панҷум:** Ҳаргоҳ онон ин масъаларо надонистанд, пас ғайрашон авло ба ҷаҳл аст. (Пас ба амали мардум фирефта нашавем).
**Шашум:** Барои онҳо ҳасанот ва ваъдаи мағфират аст, ки барои ғайрашон нест. (Пас ононро ба некӣ ёд кун, зеро дар онон таъна задан, таъна дар аллоҳ ва дар дини Ӯ ва дар расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва дар онон аст).
**Ҳафтум:** Паёмбар салллаллоҳу алайҳи ва саллам онҳоро маъзур нашуморид, балки бар онон рад кард ба гуфтааш: Аллоҳ бузург аст, албатта ин равиш аст, ҳароина шумо равишҳои касонеро ки пеш аз шумо буданд, пайравӣ мекунед. Пас корро ба ин се чиз сахт гирифт.
**Ҳаштум:** Амри бузург, ки он мақсуд аст, ки хабар дод, ки талаби онон монанди талаби бани Исроил буд, вақте ки ба Мусо алайҳис салом гуфтанд: (Барои мо худо қарор деҳ!). (Дар ин наҳй аз ҳамонанди ба мушрикон дар лафзҳо аст).
**Нуҳум:** Албатта нафй ин дархост аз ҷумлаи маънои ло илоҳа иллаллоҳ аст, бо дақиқу пӯшида будани он бар онҳо. (Пас шаҳодат ҳар илоҳеро ҷуз Аллоҳ нафй мекунад, пас баракат инчунин аз ғайри Аллоҳ намебошад).
**Даҳум:** Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар фатво савганд хурд ва Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам танҳо барои маслиҳате (ё бартараф кардани фасоде) савганд мехурад.

Ёздаҳум: Ширк акбар ва асғар мебошад, зеро онон ба ин дархосташон муртад нашуданд.

**Дувоздаҳум:** Гуфтааш: "Мо нав аз куфр баромада будем" ин далел аст, ки ғайрашон медонистанд. (Пас онон барои ҷаҳлашон маъзур буданд, барое ки нав аз куфр баромада буданд).

**Сездаҳум:** Дар тааҷҷуб Аллоҳу акбар гуфтан бар хилофи касе ки онро написандад.

**Чордаҳум:** Бастани василаҳо. (Ва он роҳҳои расонанда ба сӯи чизе аст ва василаҳо ду навъанд: 1-Роҳҳои расонанда ба сӯи амрҳои талабшуда, пас ин роҳҳо баста намешавад, балки кушода ва талаб карда мешавад. 2-Ва роҳҳои расонанда ба сӯи амрҳои мазамматшуда, пас ин роҳҳо баста мешавад ва он муроди муаллиф раҳимаҳуллоҳ аст).

**Понздаҳум:** Аз монанд шудани ба аҳли ҷоҳилият манъ кард. (Махсус ба пеш аз биъсати Паёмбар нест, балки ҳар касе ки ҳақро надонад ва амали ҷоҳилонро кунад, пас он аз аҳли ҷоҳилият аст).

**Шонздаҳум:** Ғазаб кардан дар вақти таълим додан.

**Ҳабдаҳум:** Қоидаи куллӣ, аз рӯи гуфтааш: Албатта он равишҳост. (Ин барои ҳазаркунондан аст).

**Ҳаждаҳум:** Ин нишонае аз нишонаҳои паёмбарист, барои он ки ҳамонгуна ки хабар дода буд, воқеъ шуд.

**Нуздаҳум:** Аллоҳ ба ҳар чизе ки яҳуду насороро дар Қуръон мазаммат карда буд, албатта онро барои мо гуфтааст.

**Бистум:** Дар назди онон муқаррар аст, ки асоси ибодатҳо бар амр аст. Дар он танбеҳ аст бар суолҳои қабр. Ва аммо Парвардигорат кист, пас возеҳ аст. Ва аммо: Паёмбарат кист? Пас аз хабар додани Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз хабарҳои ғайбӣ мебошад. Ва аммо динат чист? Пас аз гуфтаи онон: "Барои мо илоҳе қарор деҳ" то охир бардошт карда мешавад.

**Бистуякум:** Албатта равиши аҳли китоб (яҳуду насоро) монанди равиши мушрикон мазамматшуда аст.

**Бистудуюм:** Шахсе аз ботиле, ки қалбаш одат кардааст, мегузарад, саломат намемонад, ки дар қалбаш боқимондаҳои он одат бошад, аз рӯи гуфтаашон: "Мо нав аз куфр баромада будем". (Барои ин ҳикмат дар ғариб сохтани зинокор баъди ҷалд заданаш аз ҷои ҷарима ин буд, ки ба сӯи он гуноҳ боз нагардад, па сбарои инсон шоиста аст, ки аз ҷои куфр, ширк ва фисқ дур шавад. Ва тариқаи аҳли суннат илмро аз олимони раббонӣ гирифтан аст ва ин ки касе ба сӯи суннат гашта бошад ва собиқ дар гумроҳӣ буд, аз вай илм гирифта намешавад, то олимон ба сафои он чи эътиқод мекунад ва ба дур шудани гумроҳие, ки бар он буд, шаҳодат диҳанд).

## (10) Боб андар он чи дар забҳи барои ғайри Аллоҳ омадааст

Барои чӣ гуфт: (Боб андар он чи омадааст) ва нагуфт: (аз ҷумлаи ширки акбар забҳ барои ғайри Аллоҳ аст)?
1-Хостааст, ки толибилмро бар гирифтани ҳукм аз далел машқ диҳад ва ин аз тарбияи илмӣ аст.
2-Ё ки забҳи барои ғайри Аллоҳ ба ду қисм тақсим мешавад, ҷоиз ва ширки акбар.

**Далели аввал ва дуюм:**

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Бигӯ, ҳароина намози ман ва ҳаҷ ва қурбонии ман ва зиндагонии ман ва мавти ман ҳама барои Аллоҳ аст, Парвардигори оламиён, Ӯро шарике нест" то охири оят.
2). Ва фармудаи Ӯ: "Пас намоз гузор барои Парвардигори худ ва (шутурро) наҳр кун!".

(Бигӯ): Барои ин мушрикон қоим шуданатро ба тавҳид ва холис сохтан эълонкунанда бигӯ.
(Намози ман): Амалҳои бадании ман ва беҳтарини он намоз аст, хоҳ фариза бошад ё нафл.
(Ва қурбонии ман): Моли кушташудаи ман, амалҳои молии ман ва беҳтарини он барои Аллоҳ таъоло мол куштан аст.
(Ва ҳаёту марги ман): Яъне дар ман тасарруф кардан ва идора кардани амри ман дар ҳоли ҳаёт ва марг аз они Аллоҳ таъолост.
(Аввали мусалмонон): 1-Аввалини изофӣ аст, яъне ман аввали мусалмонони ин уммат ҳастам. 2- Аввалии мутлақ аст ва мурод бузургтарини мардум аз рӯи ислом ва итоаткунандатарини онҳо дар умматҳо ҳастам.
(Ва қурбонӣ кун): Қурбониятро барои Аллоҳ кун, ҳамонгуна ки намозат барои Ӯст ва қурбонӣ аз ҷумлаи ибодатҳост.

**Ақсоми қурбонӣ**

| Забҳ барои Аллоҳ таъоло: Монанди ҳадя ва қурбонӣ ва ақиқа, сарфи он барои ғайри Аллоҳ ширки акбар аст. | **Забҳи раво:** Монанди ба хотири гушт ва эҳтироми меҳмон ва тиҷорат забҳ кардан. | **Забҳ барои ғайри Аллоҳ аз рӯи муҳаббат ва таъзим:** (Ширки акбар аст) монанди забҳ кардан барои соҳибони қабрҳо ва ҷин. |
|---|---|---|

**Далели сеюм:**

Аз Алӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам маро ба чор калима сухан кард: "Аллоҳ лаънат кард касеро, ки барои ғайри Аллоҳ мол мекушад, Аллоҳ лаънат кард касеро, ки падару модарашро лаънат мекунад, Аллоҳ лаънат кард касеро ки бидъаткореро ҷой медиҳад, Аллоҳ лаънат кард касеро ки аломатҳои заминро тағйир медиҳад". (Ривояти Муслим)

(Лаъана): Лаънат аз ҷониби Аллоҳ ҳамон рондан ва дур сохтан аз раҳмати Аллоҳ аст. Эҳтимол дорад, ки Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар медиҳад, ки Аллоҳ лаънат кард касеро, ки барои ғайри Аллоҳ забҳ кард, ё Ӯ дуо мекунад: Эй Аллоҳ лаънат кун касеро ки барои ғайри Аллоҳ забҳ кунад.

Далели чорум:

Аз Ториқ ибни Шиҳоб разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Марде ба хотири пашшае дохили Ҷаннат гардид ва марди дигаре ба хотири пашшае дохили Дӯзах гардид. Саҳобагон гуфтанд: Эй Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин чигуна аст? Фармуд: "Ду мард ба назди қавме гузаштанд, ки онон буте доштанд. Касе аз назди он қавм намегузашт, то барои он бут чизе қурбонӣ кунад. Пас ба якеашон гуфтанд: Қурбонӣ кун! Гуфт: Ман чизе надорам, ки қурбонӣ кунам. Барояш гуфтанд: Агарчи пашшае ҳам бошад, қурбонӣ кун! Пас пашшае қурбонӣ кард, пас ӯро раҳо карданд, пас дохили оташи Дӯзах шуд. Ва барои дигарияш гуфтанд: Қурбонӣ кун! Гуфт: Ман барои ягон чиз ба ҷуз Аллоҳ қурбонӣ накардаам, пас гарданашро заданд, пас дохили Ҷаннат шуд". (Ривояти Аҳмад)

(Дар пашшае): "Дар" инҷо ба маънои сабаб аст, яъне ба сабаби пашшае.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти: "Бигӯ албатта намоз ва ҳаҷҷи ман".

**Дуюм:** Тафсири ояти: "Пас барои Парвардигори худ...".

**Сеюм:** Ба лаънати шахсе, ки барои ғайри Аллоҳ мол мекушад, шурӯъ кардан (зеро ки он аз ҷумлаи ширк аст ва ҳаққи Аллоҳ бузургтарини ҳуқуқ аст).

**Чорум:** Лаънат кардани шахсе, ки падару модарашро лаънат мекунад, яъне падару модари мардеро лаънат мегӯӣ, пас ӯ падару модари туро лаънат мекунад (зеро сабаб ба манзалаи мубошир аст, ё мубошаратан волидайнашро лаънат мекунад).

**Панҷум:** Лаънат кардани шахсе ки бидъаткореро ҷой диҳад. Ва он мардест, ки бидъатеро пайдо мекунад, дар вай ҳаққи Аллоҳ воҷиб мешавад, пас ба касе паноҳ мебарад, ки ӯро аз ин паноҳ диҳад.

(Ва касе онҳоро нусрат диҳад, аз касе ки онҳоро ҳимоя мекунад, ҷазояш сахттар ва бузургтар аст. Ва пайдо кардан мебошад, ба: 1-Дар дин пайдо кардан, монанди бидъатҳое, ки ҷаҳмия ва мӯътазила ва рофизиён ва ғайрашон пайдо карданд. 2-Дар корҳои уммат, монанди ҷаримаҳо ва шабеҳи он, пас дуздон ва роҳзанонро ҷойю паноҳ медиҳад).

**Шашум:** Лаънат кардани шахсе, ки нишонаҳои заминро тағйир медиҳад. Ва он нишонаҳое, ки байни ҳаққи ту ва ҳмсояат фарқ мекунад. Пас онро ба пешу пас кардан тағйир диҳӣ.

**Ҳафтум:** Байни лаънати шахси муайян ва лаънати гунаҳкорон ба таври умум фарқ дорад. (Аввал мамнӯъ аст ва дуюм ҷоиз аст, пас шахси муайянро ҳаққи лаънат кардан надорӣ ва асл мутлақо лаънат кардан ҷоиз намебошад).

**Ҳаштум:** Ин қисса бузург аст ва он қиссаи пашша аст. (Бар қавли дуруст будани он).

**Нуҳум:** Он мард ба сабаби ин пашшае, ки қурбонӣ кард дохили Дӯзах шуд, ки қасди ширкро надошт, балки ба хотири халос шудан аз бадии онон анҷом дода буд. (Зеро маҷбурӣ дар умматҳои собиқ узрӣ мақбул набуд).

**Даҳум:** Донистани андозаи ширк дар долҳои мӯъминон, чӣ гуна ин шахс бар куштан сабр кард ва дархостиононро мувофиқат накард, бо вуҷуди ин ки онҳо танҳо амали зоҳириро талаб карданд?!. (Ҳаргоҳ дар мувофиқатӣ ва сабр накарданаш бар Ислом зарар бошад, пас ӯ сабр мекунад ва гоҳо сабр воҷиб мебошад).

**Ёздаҳум:** Шахсе, ки дохили Дӯзах шуд, мусалмон буд, зеро агар кофир мебуд, намегуфт: Ба хотири пашша дохили Дӯзах шуд. (Пас қурбониаш ҳамон сабаби дохили оташ шуданаш шуд).

**Дувоздаҳум:** Ин ҳадис шоҳиди ҳадиси саҳеҳ аст. Ҷаннат ба яке аз шумо аз банди наълаш қарибтар аст ва Дӯзах мисли ин аст. (Ва мақсад аз ин тарғиб ва тарс додан аст).

**Сездаҳум:** Маърифати амали қалб ҳамон мақсади бузург аст, ҳатто дар назди бутпарастон. (Ва давои қалб Қуръон ва суннат аст, пас қалбатро ба дунё машғул насоз).

Ҳаргоҳ инсон бар куфр маҷбур карда шавад, оё беҳтар барояш ин аст, ки сабр кунад ва агарчи кушта шавад, ё зоҳиран мувофиқат мекунад ва таъвил мекунад?

1-Дар зоҳиру ботин мувофиқат кунад ва ин ҷоиз намебошад, зеро ин муртад шудан аст.

2-Дар зоҳир мувофиқат кунад, на дар ботин ва локин қасди халос шудан аз маҷбуриро дорад, пас ин ҷоиз аст.

3-На дар зоҳир мувофиқат кунад ва на дар ботин ва кушта шавад, ин ҷоиз аст ва ин аз ҷумлаи сабр аст. Ин дар ҳолест, ки мувофиқат кардан дар маҷбурӣ, натиҷааш зарар дар дин барои омма аст вагарна дар зоҳир мувофиқат кунад на дар ботин.

## (11) Боб андар ин ки барои Аллоҳ қурбонӣ карда намешавад дар ҷое ки барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ карда мешуд

Ин гузаштан аз тарафи муаллиф раҳимаҳуллоҳ беҳтар мебошад, пас баъде ки забҳи барои ғайри Аллоҳро зикр кард, ба ҷоиз набудани забҳ барои Аллоҳ дар ҷое, ки барои ғайри Аллоҳ забҳ карда мешуд, гузашт. Мисли касе ки мехоҳад барои Аллоҳ дар ҷое қурбонӣ кунад, ки дар онҷо барои бутҳо забҳ карда мешуд. Ва ҳикмат аз ин умури зерин аст:

1-Ба мушобаҳатии кофирон мерасонад.

2-Ба мағрур шудани ба ин феъл мерасонадва гумон карда мешавад, ки феъли мушрикон ҷоиз аст.

3-Мушрикон бар феълашон қувват мегиранд ва ин ҳаром аст ва ба хашм овардани онон матлуб аст.

**Далели аввал:**

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **(Ҳаргиз дар масҷиди онҳо намоз нахон)**.

**Муаллиф раҳимаҳуллоҳ ин оятро ба кадом сабаб овард:**

Вақте масҷиди Зирор барои маъсиятҳо аз рӯи зарар ва куфр ва камингоҳ ва пароканда кардани мӯъминон сохта шуда буд, Аллоҳ расулашро аз намоз хондани дар онро манъ кард, бо вуҷуде ки намозаш дар онҷо барои Аллоҳ буд, пас бар ин далолат кард, ки ҳар макone ки дар онҷо Аллоҳ бефармонӣ мешавад, дар онҷо намоз хонда намешавад ва агарчи баъди заволаш бошад, пас намоз ибодат аст ва забҳ низ ибодат аст.

Ва наздик ба ин, наҳй аз намоз дар вақти баромадан ва нишастани офтоб аст, зеро дар ин ду вақт кофирон барои офтоб саҷда мекунанд, пас ин ба эътибори замон ва вақт аст ва ҳадис ба эътибори макон аст.

**Далели дуюм:**

Аз Собит Ибни Заҳҳок разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ӯ гуфт: Марде назр кард, ки шутуреро дар Бавона қурбонӣ кунад, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро пурсид, пас фармуд: Оё дар онҷо буте аз бутҳои ҷоҳилият парастида мешуд? Гуфтанд: Не. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Оё дар онҷо иде аз идҳояшонро ҷашн мегирифтанд? Гуфтанд: Не. Пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ба назрат вафо кун, албатта барои назре, ки дар маъсияти Аллоҳ бошад, вафо нест ва на дар чизе ки фарзанди Одам молики он нест. (Ривояти Абӯдовуд ва иснодаш ба шарти Бухорӣ ва Муслим аст).

**Назр дар луғат: Аҳд ва лозимгардондан аст ва дар шариат: Мукаллаф чизеро, ки воҷиб нест бар худаш лозим гардонад**

**Назр аз барои Аллоҳ:**

**Назр аз барои ғайри Аллоҳ (ширки акбар аст):** Монанди ба ҷуз Аллоҳ танҳо дар лафз қасам хӯрдан, баста намешавад (яъне дар он вафо ва кафорат нест ва дар он ба сӯи Аллоҳ тавба кардан аст).

**Назри хос:** Чизи муайянеро назр кунад.

**Назри ом:** **Дар зимни ин ҳамаи мусалмон дохил мешавад (ба назр вафо мекунанд), зеро ки мусалмон ба ҷо овардани амрҳо ва тарки наҳйшудаҳоро назр кардааст.**

**Баъди гуфтани он:** Дар он вафо ё кафорати қасам аст.

**Пеш аз гуфтани он: Ҳукми он: Ҳаром аст, аз рӯи наҳйи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он ва агар хайр мебуд, ҳароина Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам назр мекард.**

- **Тоат:** Ба он вафо кардан воҷиб мебошад ва агар ҳонис шавад, пас бар вай кафорат аст (мисоли ин: Назри намози нафл).
- **Маъсият:** Ба ин вафо кардан ҳаром мебошад ва ҳонис шудан ва кафорат воҷиб мешавад (мисолаш: Феъли ҳаромеро назр кунад, монанди ғайбат кардан).
- **Мубоҳ:** Ихтиёр дода мешавад, байни кардани он (беҳтар аст), ё ҳонис шудан ҳамроҳ бо кафорат, (мисолаш: Пӯшидани ин либосро назр кунад)
- **Пофишорӣ ва ғазаб:** Монанди ҳукми мубоҳ аст ва ба он маънои қасам-ро қасд карда мешавад (монанди назри тарк кардани шаҳр).
- **Макрӯҳ:** Ба он вафо кардан макрӯҳ аст ва ҳонис шудан мустаҳаб аст ва кафо-рат медиҳад, (монанди дар намоз илтифот кардан).
- **Мутлақ (беқайд):** Соҳибашро чизеро ном намебарад, дар ин кафорат аст, (монанди гуфтааш: Барои Аллоҳ бар ман назр ва сукут мекунад).

❁Ҳаргоҳ назр барои Аллоҳ таъоло бошад, пас он мунъақид (баста) мешавад, пас ё вафо мекунад ё ҳонис мешавад, пас бар вай кафорат воҷиб мешавад.

❁Ҳаргоҳ барои ғайри Аллоҳ таъоло бошад, мунъақид намешавад, пас вафо ва кафорат намебошад ва дар он тавба аст (ширки акбар аст).

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири фармудаи Ӯ: **(Ҳаргиз дар масҷиди онҳо намоз нахон)**.

**Дуюм:** Гуноҳ дар замин таъсир мекунад ва инчунин тоат (вақте ин замин макони ширк буд, ҳаром аст, ки инсон дар онҷо амали ширкро кунад барои мушобиҳатии мушрикон).

**Сеюм:** Масъалаи мушкилро ба масъалаи возеҳ гардонидан, то мушкили дур шавад.

**Чорум:** Муфтӣ талаби тафсилу баён кунад, вақте ки ба он эҳтиёҷ бошад (ё дар ҷавоб тафсил намояд).

**Панҷум:** Маконеро барои назр кардан хос кардан боке надорад, ҳаргоҳ мониъае набошад (локин агар тарсида шавад, ки авом эътиқод кунанд, ки ин макон бартарӣ дорад, ҳароина мамнӯъ мебошад).

**Шашум:** Аз он манъ намудан, ҳаргоҳ дар онҷо буте аз бутҳои ҷоҳилият бошад, агарчи аз байн рафта ҳам бошад.

**Ҳафтум:** Аз он манъ намуд, ҳаргоҳ дар онҷо иде аз идҳояшон ҷашн гирифта мешуд, агарчи баъди заволаш ҳам бошад.

**Ҳаштум:** Назре ки дар он ҷойҳо карда шуда бошад, вафояш ҷоиз нест, зеро он назри маъсият аст.

**Нуҳум:** Аз мушобиҳатии мушрикон дар идҳояшон ҳазар кардан ва агарчи қасд надошта бошад (Шайхи Ислом гуфт, ки дар ҳосил шудани шабоҳат қасд шарт нест, локин бо қасд гуноҳ сахттар аст).

**Даҳум:** Назре, ки дар маъсияти Аллоҳ бошад, ботил аст. (Маънояш ин аст, ки назр мешавад ва локин вафо карда намешавад).

**Ёздаҳум:** Барои фарзанди одам дар он чизе ки молики он нест, назр нест. (Яъне вафо нест. Ва он чиро ки молик нест, ду қисм мебошад: 1-Шаръан: Агар гӯяд, ки бар ман барои Аллоҳ назр, ки ғуломи фалониро озод мекунам, пас саҳеҳ намешавад, зеро молики он нест. 2-Аз рӯи қадар, агар гӯяд, ки бар ман назр ки ба дастонам парвоз мекунам, пас саҳеҳ намешавад, зеро онро молик нест).

**Кафорати назри барои Аллоҳ монанди кафорати савганд аст:**

❁ Байни озод кардани бардаи мусалмон, ё даҳ мискинро таом додан, ё либос пӯшондани онон ихтиёр дода мешавад.

❁ Агар инро наёбад, се рӯз пай дар пай рӯза медорад.

## (12) Боб назр барои ғайри Аллоҳ ширк аст

**Далели аввал ва дуюм:**

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ба назр вафо мекунанд"**.

2). Ва фармудаи Ӯ: **"Ва ҳар чи инфоқ кунед, ё назр кунед, пас албатта Аллоҳ медонад"**.

Муносибати ин ду оят барои боб, ин аст ки назр аз асбобест, ки ба сабаби он накӯкорон дохили Ҷаннат мешаванд ва назр ибодат аст. Пас тақозо мекунад, ки сарфи он барои ғайри Аллоҳ ширк аст ва инчунин таълиқи чиз ба илми Аллоҳ ва бар он ҷазо додан аст.

**Далели сеюм:**

Ва дар Саҳеҳ аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Касе назр кунад, ки Аллоҳро итоат мекунад, пас итоат кунад ва касе назр кунад, ки Аллоҳро бефармонӣ мекунад, пас Ӯро бефармонӣ накунад".

**Фарқ байни назри тоат ва маъсият ва барои ғайри Аллоҳ**

| Назри тоат барои Аллоҳ | Назри маъсият барои Аллоҳ | Назр барои ғайри Аллоҳ |
|---|---|---|
| **Назри тоат барои Аллоҳ:** Монанди ба Аллоҳ қасам хӯрдан, қасам мешавад (дар он вафо ё кафорат аст) ва ба он вафо воҷиб мешавад. | **Назри маъсият барои Аллоҳ:** Монанди ба Аллоҳ қасам хӯрдан, қасам мешавад (дар он вафо ё кафорат аст) ва ба он вафо кардан ҳаром аст. | **Назр барои ғайри Аллоҳ:** Монанди ба ғайри Аллоҳ қасам хӯрдан, қасам намешавад ва дар тон тавба аст ва он ширки акбар аст. |

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Ба назр вафо кардан воҷиб аст. (Танҳо назри тоат, ҳаргоҳ барои Аллоҳ бошад).

**Дуюм:** Ҳаргоҳ собит шавад, ки барои Аллоҳ ибодат аст, пас анҷом доданаш барои ғайри Аллоҳ ширк аст.

**Сеюм:** Назри маъсиятро вафо карданаш ҷоиз намебошад (ва бар он кафорати қасам аст).

**Мулоҳаза:**

Ҳукмҳои назр ва қасам бо ҳам наздиканд ва барои ин фақеҳон дар байни ин ду дар боби савгандҳо ва назрҳо ҷамъ овардаанд.

## (13) Боб ба ғайри Аллоҳ паноҳ бурдан (дар чизе ки танҳо Аллоҳ қудрат дорад) ширк аст

**Далели аввал:**
Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва ин ки мардоне аз инс ба мардоне аз ҷин паноҳ мебурданд, пас бар саркашии онон (ҷиниён) афзуданд".

❁(Паноҳ мебаранд): Илтиҷо мекарданд, пас маънои "иёз" паноҳ бурдан аз он чизест, ки тарсида мешавад ва "лиёз" дар он чизест, ки умед карда мешавад.
❁ (Пас бар саркашии онон (ҷиниён) афзуданд): Зуър (тарс) ва хавф дар дилҳо аст ва раҳақ (бим, тарс) дар баданҳо аст ва ба ғайри Аллоҳ паноҳ бурдан, паноҳбарандаро фоида намедиҳад, балки тарсашро зиёд мекунад ва он ширки акбар аст, пас ба зидди қасдаш иқоб карда шуд.

**Далели дуюм:**
Аз Хавла бинти Ҳаким разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алйҳи ва салламро шунидам ки мефармуд: "Касе дар маконе фуруд омада гӯяд: Ба калимаҳои пурраи Аллоҳ аз бадии он чизе ки офарида аст, паноҳ мебарам, ӯро ҳеҷ чиз зарар намерасонад, то аз онҷо риҳлат намояд". (Ривояти Муслим)

❁ (Маконе): Шомили маконе мешавад, ки бар тариқи доими зиндагӣ кардан фуруд омадааст, ё ногаҳонӣ фуруд омадааст, монанди киштӣ масалан.
❁ (Паноҳ мебарам): Илтиҷо ва паноҳ мебарам. (Ба калимаҳои Аллоҳ): калимаҳои кавнӣ ва шаръӣ.
❁ (Томмот-пурра): 1-Дар ахбор содиқ аст. 2-Дар аҳком адл аст.
❁ (Аз бадии он чизе ки офаридааст): Шарр ба сӯи Аллоҳ нисбат дода намешавад, зеро Ӯ шарро барои ҳикмате офаридааст. Ақсоми махлуқот: 1-Хайри маҳз аст, мисли Ҷаннат ва расулон ва малоикаҳо. 2-Шарри маҳз аст, мисли оташ ва Иблис ба эътибори зоташон, аммо ба эътибори ҳикмати офаринишашон, пас хайр аст. 3-Дар он хайр ва шарр аст, мисли инсон ва ҷин ва ҳайвон.
❁ (Ӯро ҳеҷ чиз зарар намерасонад): Хабар аст, ки имкон надорад, ки хабардодашудааш нашавад, зеро он сухани Паёмбари содиқу тасдиқшуда аст, локин агар нашавад, пас он ба хотири монеъае аст, на барои кутоҳии сабаб ё нашудани хабар, монанди қироати сураи Фотиҳа бар бемор шифо аст ва баъзе мардум мехонад ва бемор шифо намеёбад.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Ҷин. "Ва ин ки мардоне аз инс ба мардоне аз ҷин паноҳ мебурданд, пас бар саркашии онон (ҷиниён) афзуданд".

**Дуюм:** Ба ғайри Аллоҳ паноҳ бурдан ширк аст.(Ширки акбар аст, яъне паноҳ бурдан ба ғайри Аллоҳ дар коре ки ҷуз Аллоҳ касе қудрат надорад).

**Сеюм:** Далел овардан бар ин масъала ба ин ҳадис, зеро олимон ба ин ҳадис далел меоранд барин ки калимаҳои Аллоҳ махлуқ нест. Гуфтанд: Зеро паноҳ бурдан ба махлуқ (дар коре ки қудрат надорад) ширк аст. (Дар монанди ин амр ширки акбар аст ва агар махлуқ мебуд, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба паноҳ бурдан ба онро роҳнамоӣ намекард).

**Чорум:** Фазилати ин дуо бо вуҷуди кутоҳ буданаш. (Чизе ба ту зарар намерасонад, модоме ки дар ин манзил ҳастӣ).

**Панҷум:** Аз чизе ки фоидаи дунявӣ ба даст меояд, яъне бадиеро боз медорад, ё фоидаро ҷалб мекунад, бар ин далолат намекунад, ки ширк намебошад. (Пас аз ҳосил шудани фоида, нафй шудани ширк лозим намеояд).

**Фоидаҳои дигар:**

Дар ҳадис омадааст, ки шариат амре аз амрҳои ҷоҳилиятро бекор намекунад, магар зикр мекунад, он чизеро ки аз он беҳтар аст. Аз ҷумлаи ин онҳо дар ҷоҳилият ба ҷин паноҳ мебурданд, пас шаръ онро ба ин калимаҳо табдил дод.

Ва ин тариқи солим аст, ки шоистааст, ки доъӣ бар он амал намояд, ки ҳаргоҳ боби шарро бар мардум баст, бар вай воҷиб аст, ки барои онон дари хайрро кушояд ва барои ин дар Қукръону суннат мисолҳои бисёр аст.

## (14) Боб фарёдрасӣ кардан ба ҷуз Аллоҳ ё дуо кардани ғайри Аллоҳ ширк аст

### Далели аввал то панҷум:

1-Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: (Ва ба ҷои Аллоҳ чизеро ки на суде ба ту мерасонад ва на зиёне ба ту мерасонад, дуо макун, пас агар чунин кунӣ, бегумон аз золимон хоҳӣ буд. Ва агар Аллоҳ зиёне ба ту бирасонад, пас ҷуз Ӯ ҳеҷ кас натавонад онро бартараф кунад" то охири оят.

2-Ва фармудаи Ӯ: "Пас рӯзиро танҳо "аз" назди Аллоҳ талаб кунед ва Ӯро бипарастед" то охири оят.

3-Ва фармудаи Ӯ: "Ва чи касе гумроҳтар аст аз он ки "маъбуде" ғайр аз Аллоҳро мехонад, ки то рӯзи қиёмат "ҳам дуои" ӯро иҷобат накунад " то охири ду оят.

4-Ва фармудаи Ӯ: "(Оё ин бутҳо беҳтаранд) ё касе ки (дуои) дармондаро иҷобат мекунад, чун Ӯро дуо кунад ва гирифториро бартараф месозад " то охири оят.

5- Табаронӣ ба иснnode худ ривоят кард, ки дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мунофиқе буд, ки мӯъминонро озор медод, пас баъзеашон гуфтанд: Биёед ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ин муно-фиқ паноҳ бибарем, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ба Ман паноҳ ҷуста намешавад ва албатта ба Аллоҳ паноҳ бурда мешавад.

❀(Ва дуо макун): Дуои ибодат ва масъалат дар он чизе ки ҷуз Аллоҳ касе қудрат надорад.

❀ (Дар назди Аллоҳ): Тақдими он чизе ки ҳаққи он таъхир аст, барои ҳаср мебошад, яъне ризқ дар назди Аллоҳ аст, пас аз назди Ӯ талаб кунед, на аз назди дигаре. Пас онон ин бутҳоро мепарастанд ва бутон барои онҳо ҳаргиз молики ризқ нестанд.

❀ (Ва Ӯро бипарастед): Ишора ба сӯи ин аст, ки таҳқиқи ибодат аз ҷумлаи талаби ризқ ва асбоби он аст.

❀ (Ва барои Ӯ сипосгузор бошед): Зеро неъмат ибтило аст ва ба қалбу забон ва аъзои бадан эҳтиёҷ ба шукр дорад.

❀ (Иҷобат мекунад): Аз ягон кас дур кардани зарурат ва бадиро талаб карда намешавад, дар ҳоле ки наметавонад.

### Ақсоми ризқ

**Умумӣ:** Барои ҳамаи махлуқ аст ва он ё ҳалол аст ё ҳаром.

**Хос ба мӯъминон аст:** Ва он имон, тақво ва амали солиҳ аст.

## Масъалаҳо:

**Якум:** Атфи дуо бар фарёдрасӣ аз ҷумлаи атфи ом бар хос аст.

**Дуюм:** Тафсири фармудаи Ӯ: (Ва ба ҷои Аллоҳ чизеро ки на суде ба ту мерасонад ва на зиёне ба ту мерасонад, дуо макун).

**Сеюм:** Албатта ин амал ширки акбар аст.

**Чорум:** Ҳамоно некутарини мардум агар ин корро барои розӣ кунонидани ғайри Аллоҳ анҷом диҳад, аз ҷумлаи золимон гардад. (Наҳй ба сӯи касе аст, ки аз ӯ ба эътибори ҳолаш содир намешавад, пас ба сӯи касе ки аз ӯ имкон дорад, аз боби авлост).

**Панҷум:** Тафсири ояте, ки баъди он аст. (Ва агар Аллоҳ зиёне ба ту бирасонад, пас ҷуз Ӯ ҳеҷ кас натавонад онро баратараф кунад), пас ҳаргоҳ зарарро ҷуз Аллоҳ касе бартараф накунад, воҷиб аст, ки ибодат ва фарёдрасӣ барои Ӯ бошад.

**Шашум:** Ин амал дар дунё суд намедиҳад, бо вуҷуди ин ки куфр аст. (Пас дунё ва охиратро аз даст додааст).

**Ҳафтум:** Тафсири ояти сеюм. (Пас рӯзиро танҳо "аз" назди Аллоҳ талаб кунед ва Ӯро бипарастед).

**Ҳаштум:** Ризқро танҳо аз Аллоҳ талаб кардан, ҳамонгуна ки Ҷаннатро талаб карда намешавад, магар аз Аллоҳ.

**Нуҳум:** Тафсири ояти чорум. (Ва чи касе гумроҳтар аст аз он ки "маъбуде" ғайр аз Аллоҳро мехонад).

**Даҳум:** Кист гумроҳтар аз касе ки ғайри Аллоҳро мепарастад? (Зеро суол дар инҷо ба маънои нафй аст).

**Ёздаҳум:** Он касонеро ки ба ҷуз Аллоҳ дуо мекунанд аз дуои онҳо ғофиланду намедонанд.

**Дувоздаҳум:** Он дуо сабаби бад дидани дуошуда ба дуокунанда ва душманияш бо ӯ мебошад.

**Сездаҳум:** Он дуоро барои хондашуда ибодат номид.

**Чордаҳум:** Кофир шудани хондашуда ба он ибодат. (Рад ва инкори ӯст).

**Понздаҳум:** Он дуо сабаб шуд, ки гумроҳтарини мардум гашт, 1-Зеро ӯ ба ҷуз Аллоҳ касеро дуо мекунад, ки ӯро иҷобат намекунад. 2-Хондашудаҳо аз дуои онон ғофил ҳастанд. 3-Ӯ ба ибодати онон кофир аст.

**Шонздаҳум:** Тафсири ояти панҷум. "(Оё ин бутҳо беҳтаранд) ё касе ки (дуои) дармондаро иҷобат мекунад, чун Ӯро дуо кунад".

**Ҳабдаҳум:** Амри аҷиб ва он иқрори бутпарастон бар ин ки дармондаро ба ҷуз Аллоҳ касе иҷобат намекунад ва барои ин дар ҳолатҳои сахтӣ холисона Ӯро дуо мекард.

**Ҳаждаҳум:** Ҳимоя кардани Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷониби тавҳидро ва адаби Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо Аллоҳ. (Пас Ӯ умматро таълим медиҳад, ки дар сахтиҳо ба Аллоҳи ягона паноҳ барад ва танҳо ба Ӯ фарёдрасӣ намояд).

## Имтиҳони қисми дуюм (9 боб)

**Суоли аввал:** Фарқ дар байни анвоъи назри зеринро зикр кун:

| Назри тоат | Назри маъсият | Назр барои ғайри Аллоҳ |
|---|---|---|
| .............................. | .............................. | .............................. |
| .............................. | .............................. | .............................. |
| .............................. | .............................. | .............................. |

**Суоли дуюм:** Аҳкоми амалҳои зеринро ба ихтиёри рақами муносиб барои ҳар амал баён кун: Ҷоиз (1), макрӯҳ (2), сағира (3), кабира (4), ширки асғар (5), ширки акбар (6), дар он тафсил аст (7), воҷиб (8), мустаҳаб (9).

| | | | |
|---|---|---|---|
| Муҳаббати ҳамсар | ........ | Муҳаббати Паёмбар ﷺ | ......... |
| Муҳаббат бо Аллоҳ | ......... | Дар куфри аҳли китоб шак кардан | ......... |
| Мусҳаф барои дур кардани чашм | ......... | Дуо бар касе ки зеҳ овехтааст | ......... |
| Лаънати муайян | ......... | Ангуштарини никоҳ | ......... |
| Овехтани туморҳо | ......... | Масҳ кашидани ҳуҷраи набавӣ | ......... |
| Ба саргин ё устухон истинҷо кардан | ......... | Хос кардани макone барои назр | ......... |
| Ба тиловати Қуръон табаррук ҷустан | ......... | Дар идҳои кофирон иштирок кардан | ......... |
| Ба махлуқ фарёдрасӣ кардан | ......... | Аз ҷин тарсидан | ......... |
| Назр барои ғайри Аллоҳ | ......... | Овехтани оятҳое аз Қуръон | ......... |
| Назри маъсият | ......... | Тумор аз Қуръон | ......... |
| Овехтани латапорча ё наъл | ......... | Руқияи ба ғайри забони арабӣ | ......... |
| Овехтани ресмони зиннат | ......... | Зикри номҳои Аллоҳ ба ғайри забони арабӣ | ......... |
| Ҳаҷаруласвадро масҳ кашидан | ......... | Нӯшидани оби замзам барои шифо | ......... |
| Барои маслиҳат талаф додани мол | ......... | Донистани ҷои масҷиди Зирор | ......... |
| Гуфтани: "Ба Расулуллоҳ ﷺ фарёдрасӣ мекунем" | ......... | | |

**Суоли сеюм:** Аломати ☒ дар макони муносиб гузор, ё ҷумларо пурра кун:

1-Тафсири тавҳид ҳамон: ☐ Қисми дуюм ☐ боби шашум ☐ ҳамагӣ.
2-Ва шарҳи ин боб ва бобҳои баъди он то: ☐ Охири китоб ☐ охири қисм.
3-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ тавҳидро тафсир кард: ☐ Ба зиддаш ☐ ба умури возеҳ ☐ ҳамагӣ.
4- Қисми дуюми китоб шомили: ☐ 5 ☐ 9 ☐ 7 боб мешавад.
5-(Ононро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд) яъне..........................
6-Ақсоми муҳаббат: 1-................................ва ҳукми он.................................... 2-............................ва ҳукми он.................3-................ва ҳукми он.....................
7-Дар роҳи Аллоҳ дӯст доштан барои........ва ...........ва..........ва..........мебошад.
8-Асбоби ҳаром будани туморҳо аз Қуръон: 1-..................2-.............................. 3-.........................................................4-.........................................................
9-Шартҳои ҷоиз будани руқия: 1-.................................................................
2-..........................................3-.................................................................
10-Сабаби овардани ояти (Дар он ҳаргиз намоз нахон) дар боби (Боб андар ин ки барои Аллоҳ қурбонӣ карда намешавад дар ҷое ки барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ карда мешуд) ҳамон...........................................................................
11-Сабаби овардани (Ба назр вафо мекунанд) дар боби (Назр барои ғайри Аллоҳ ширк аст)...................................................................................................
12-Назр аз рӯи шариат:........................................................................................
13-Маънои воқеъ шудани назр:..................................................................
14-(Дар он чизе ки фарзанди Одам молик нест) яъне:........................................
15-(Бувона) яъне:...........................(ӯро ҷоиз намебошад) яъне:..........................
16-Масҷиди Зирор бино шудааст, барои куфр ва...........ва............ва.................
17-Барои барои Аллоҳ қурбонӣ карда намешавад, дар ҷое ки барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ карда мешуд? 1-.................................................................
2-...................................................3-........................................................
18-Барои чӣ гуфт: (Ба ман фарёдрасӣ карда намешавад)?................................
19-(Паноҳ диҳад) яъне:......................(бидъаткореро) яъне: Дар.........ё..............
20-(Падару модарашро лаънат кунад) яъне:.........................ё...........................
21-(Ва ман аввалин мусалмонам) яъне:..............................ё..............................
22-(Хабар диҳед) яъне:...............................(Лот) яъне:.......................................
23-(Ва Уззо) яъне:..................................(Ва Манот) яъне:...........ё аз.................
24-(Аъузу) яъне:...........................(ба калимаҳои Аллоҳ) яъне:...........................
25-Табаррук тақсим мешавад ба: 1-..............................2-..................................
Дар байнашон фарқ мегузорем ба ин ки:..........................................................
26- Ақсоми мардум дар узри ба ҷаҳл: 1-.............................................................
2-........................................................................................................
27-Шахсе ёфт мешавад, ки намоз мехонад ва закот медиҳад ва рӯза медорад ва ба сӯи қабрҳо меравад ва барои онон саҷда мекунад, пас ин: ☐ Куфри акбар ☐ куфри асғар ☐ гуноҳи кабира ☐ мунофиқ аст.
28-Ширки акбар тақсим мешавад ба: ☐ 3 қисм ☐ 4 қисм ☐ ду қисм.
29-Забҳ тақсим мешавад ба: ☐ 3 қисм ☐ 4 қисм.

30-(Ман безорам аз он чизе ки шумо мепарастед, ба ҷуз Зоте ки маро офаридааст) дар ин: ☐ Маънои ло илоҳа иллаллоҳ ☐ Офаридгор ҳамон шо-истаи ибодат аст ☐ оҷизии бутон ☐ ҳамагӣ.
31-(Аҳборашон): ☐ Олимонашон ☐ зоҳидонашон.
32-(Ва руҳбонашон): ☐ Зоҳидонашон ☐ олимонашон.
33-(Арбоб) ширк дар: ☐ Муҳаббат ☐ тоат аст.
34-Ақсоми мардум дар чанг задани ба асбоб: ☐ Ду тараф ва миёна саҳеҳ ☐ ва ширки акбар ☐ ва ширки асғар.
35- Қурбонӣ аз бузургтарини ибодатҳои баданӣ аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
36-Лаънат кардани гунаҳгорон ҷоиз намебошад, магар бар ваҷҳи умум: ☐ Дуруст ☐ хато.
37-Бояд мусалмон забонашро аз лаънат ва аз якдигарро лаънат кардан ҳифз кунад, пас лаънат накунад, магар касеро ки ба ҳуҷҷат мустаҳиққи лаънат бошад: ☐ Умумӣ мисли кофирон ☐ хос мисли рибохӯр ☐ ҳамагӣ.
38-Намоз хондан дар ҷойҳое ки барои душмании Аллоҳ ва расулаш омода шудааст, ҷоиз намебошад ба ҷуз масҷидҳо: ☐ Дуруст ☐ хато.
39-Ва ҳаргоҳ имкон дошта бошад, ки он ҷойҳоро ба макони тоат табдил додан, табдил дода мешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
40-Бори сафар бастан ба сӯи масҷиди Қубо барои намоз хондан саҳеҳ мебошад: ☐ Дуруст ☐ хато.
41-Рафтан ба ҷойҳои ширк, ки аз байн рафтаанд, ба хотири панд гирифтан саҳеҳ мебошад: ☐ Дуруст ☐ хато.
42-Рафтан ба сӯи ғори Ҳиро барои маърифате ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чигуна ибодат мекард, саҳеҳ мебошад: ☐ Дуруст ☐ хато.
43-Меъроҷ ҳамон рафтани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз Макка ба сӯи Байтулмақдис аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
44-Касе аломатҳои роҳро, ки барои роҳнамоӣ аст, тағйир диҳад: ☐ Лаънат-шуда ☐ гунаҳгор аст.
45-Солиҳонро паст мезананд ва фазли ононро инкор мекунанд: Ғулот ҷуфот миёнарав.

**Суоли чорум:** Ҳукми назрро бо тафсил зикр кун:

**Назр барои Аллоҳ** ................

Назр барои ғайри Аллоҳ (ширки акбар аст) ..........................................................................................

..............................

..................................................

Баъди гуфтан: ............................

Пеш аз гуфтан: ...............................................

**Тоат:**.................................................................................

**Маъсият:**......................................................................................

**Мубоҳ:**..........................................................................................

**Пофишорӣ ва ғазаб:**....................................................................

**Макрӯҳ:**.......................................................................................

**Мутлақ:**..........................................................................................

**Суоли панҷум:** Аз қоимаи (а) он чизе ки аз қоимаи (б) муносиб аст, гузор:

| М | а | Б |
|---|---|---|
| 1 | Назр | Азоим номида мешавад ва далел аз он, он чиро ки холи аз ширк аст, хос кардааст. |
| 2 | Мунофиқ | Чизе мекунанд, ки гумон мекунанд, ки он занро ба шавҳараш ва шавҳарро ба занаш маҳбуб мегардонад |
| 3 | Руқияҳо | Чизест, ки бар гардани кӯдакон аз барои нарасидани чашм овезон карда мешавад |
| 4 | Тивала | Аз ҷониби Аллоҳ рондан ва дур кардан аз раҳмати Аллоҳ аст |
| 5 | Туморҳо | Мукаллаф чизеро, ки бар худаш воҷиб нест, лозим мегардонад. |
| 6 | Лаънат | Ӯ касест, ки Исломро ошкор ва куфрро пинҳон мекунад ва аз одаташ озор додан аст. |

## Сеюм: Ботил будани ибодати ғайри Аллоҳ (4 боб)

Баъди тафсири тавҳид, далелҳо бар ботил будани ибодати ғайри Аллоҳро дар чор боб зикр кард:
❁Ботил будани ибодати бутҳо ва ғайри Аллоҳ таъоло ва ибодати Паёмбар ﷺ. ❁ Ботил будани ибодати малоикаҳо ва онон қарибтар ба сӯи Аллоҳ ҳастанд, ба ҷуз хоссаҳои фарзанди Одам. ❁ Ботил будани шафоати манфӣ барои ғайри Аллоҳ ва ин ки шафоат ҳаққи Аллоҳ таъолост. ❁ Ботил будани ҳидояти тавфиқ барои ғайри Аллоҳ ва ягон кас ҷуз Аллоҳ онро молик намешавад.

### (15) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё ин мушрикон шарик муқаррар мекунанд (ба Аллоҳ) чизеро ки ҳеҷ (қудрате надорад, ки чизеро) биёфаринад. Ва худи ин шарикон (яъне бутон) махлуқанд ва обидони худро ёрӣ дода наметавонанд" то охири оят.

Аллоҳ таъоло оҷизии ин бутҳоро баён кард ва онҳо аз чор ваҷҳ салоҳияти маъбуд буданро надоранд: **1-**Онон халқ намекунанд ва касе ки халқ намекунад, мустаҳиққи парастидан намебошад. **2-**Онон аз нестӣ офарида шудаанд, пас онон ба ғайрашон аз рӯи ибтидо ва боқӣ мондан эҳтиёҷ доранд. **3-**Онон обидонашонро ёрӣ дода наметавонанд. **4-**Онҳо худашонро ёрӣ дода наметавонанд.

Далели дуюм:
Ва фармудаи Ӯ: "Онҳое ки ғайри Аллоҳро "яъне бутҳову чизи дигареро" парастиш мекунанд, он маъбудони ботил чизеро ба андозаи пусти хастаи хурмо ҳам молик нестанд" то охири оят.

(**Қитмир**): Он пусти тунуке, ки бар донаи хурмо аст.
Аллоҳ ибодати ғайрашро ба чанд амр ботил гардонд:
1-Онҳо молик нестанд.
2-Онҳо намешунаванд.
3-Мо агар фарз кунем, ки онҳо мешунаванд, иҷобат намекунанд, зеро онҳо қудрати иҷобатро надоранд.
4-Дар рӯзи қиёмат Аллоҳ он чиро ки ҷуз Ӯ парастида мешуд, меорад, пас ба ширки касе ки ба он ширк меоварад, кофир мешавад.

Далели сеюм то шашум:

3). Ва фармудаи Ӯ: "Онҳое ки ғайри Аллоҳро "яъне бутҳову чизи дигареро" парастиш мекунанд, он маъбудони ботил чизеро ба андозаи пусти хастаи хурмо ҳам молик нестанд" то охири оят.

4). Ва дар Саҳеҳ (-и Бухорӣ) раҳимаҳуллоҳ аз Анас ривоят аст, ки гуфт: Дар ғазваи Уҳуд сари Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам кафонда шуд ва дандонашон шикаста шуд, пас фармуд: "Чигуна қавме наҷот меёбад, ки сари паёмбарашонро кафонданд?" Пас ин оят нозил шуд: ("Эй Паёмбар!" ба дасти ту коре нест).

5). Ва дар Саҳеҳ (и-Бухорӣ) аз Ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят шуда, ки ӯ Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунида, ки ҳаргоҳ аз рукӯъ дар ракаати охири фаҷр (бомдод) сарашро мебардошт, мефармуд: Эй Аллоҳ фалонӣ ва фалониро лаънат кун! Баъде ки самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ, раббано валакал ҳамд мегуфт. Пас Аллоҳ ин оятро нозил кард: "(Эй Паёмбар!) ба дасти ту коре нест". Ва дар ривояте: Бар Сафвон Ибни Умайя, Суҳайл Ибни Амр ва Ҳорис ибни Ҳишом дуо мекард, пас ин оят нозил шуд: "(Эй Паёмбар!)Ба дасти Ту коре нест".

6). Ва дар Бухорӣ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Вақте бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ояти: "Ва хешовандони наз-дикатро бим деҳ" нозил шуд, қоим шуда фармуд: "Эй гурӯҳи Қурайш, ё сухане ҳамонанди он, худатонро наҷот диҳед, Ман аз шумо чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дӯр карда наметавонам! Эй Аббос Ибни Абдулмутталиб аз ту чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дӯр карда наметавонам! Эй Сафия аммаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ту чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дӯр карда наметавонам ва эй Фотима бинти Муҳаммад он чи аз моли Ман мехоҳӣ бипурс, Ман аз ту чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дӯр карда наметавонам".

❁(Шуҷҷа): Шаҷҷа: Ҷароҳате, ки хос дар сар ва рӯ аст.

❁(Рубоъиятуҳу): Дандонҳои миёна, саноё номида мешавад ва дандонҳои наздики онро рубоъӣ номида мешавад.

❁Дар ин, ин аст, ки Паёмбар ﷺ башар аст, ба ӯ мерасад он чизе ки ба башар мерасад ва ботил будани ибодати Ӯ ﷺ.

❁Дар ин ибрат барои ибратгиранда аст, ба ин ки раҳмати Аллоҳро аз кадом бандае, ки гунаҳгор бошад, дур нашуморем.

❁(Сафвон ибни Умайя ва Суҳайл ибни Амр ва Ҳорис ибни Ҳишом), ин се нафар ислом оварданд ва исломашонро нек карданд, пас ҳоло нек андеша кун, ки душманӣ ба дӯстӣ табдил меёбад.

❁ Лаънати наҳйшуда, ҳамон:

1). Лаънати кофирон бар ваҷҳи муайян аст, аммо лаънати онон ба таври умум боке надорад. Ва дуо кардан бар алайҳи кофирон ба гуфтаамон: Эй Аллоҳ мусалмононро аз он роҳат бахш, боке надорад.

2). Дуо ба ҳалоки умуми кофирон, пас Паёмбар ﷺ бар алайҳи онон дуо накард ва Аллоҳ боқӣ мондани ононро тақдир кардааст.

## Масъалаҳо:

**Якум:** Тафсири ду оят. (Ва дар он ду ботил будани ибодати бутон ва ғайри Аллоҳ аст).

**Дуюм:** Қиссаи Уҳуд. (Дар ин ботил будани ибодати Ӯ ﷺ аст, пас ибодати ғайри Ӯ аз боби авло ботил аст)

**Сеюм:** Дуои сайиди расулон ва аз паси вай саллаллоҳу алайҳи ва саллам беҳтарини авлиё (яъне саҳобагон) дар намоз омин мегуфтанд. (Ягон кас аз ин уммат аз Ӯ ﷺ ва ёронаш дида ба Аллоҳ наздиктар нест ва бо вуҷуди ин ба Аллоҳ рӯ меоранд, пас ғайрашон аз боби авло рӯ биёранд).

**Чорум:** Бар зарари онҳое, ки дуо мекард, кофир буданд. (Ва Паёмбар ﷺ аз амри онҳо чизеро молик нест).

**Панҷум:** Онҳо корҳое карданд, ки ғолиби кофирон накарда буданд, яъне кафондани сари паёмбарашон ва ҳарис буданашон бар қатли Вай ва гушу бини кушташудагонро буридан, бо вуҷуди ин ки аммакзодаҳояшон буданд.

**Шашум:** Дар қазия Аллоҳ бар Ӯ ин оятро нозил кард: ("Эй Паёмбар" бар дасти ту коре нест). (Пас амр аз они Аллоҳ аст).

**Ҳафтум:** Фармудаи Ӯ таъоло: "Ё тавбаи онҳоро мепазирад, ё онокро азоб медиҳад", пас онҳо тавба кардану имон оварданд.

**Ҳаштум:** Дуо кардан дар вақти нозил шудани мусибат. (Раво нест, магар дар умуре ки аз тарафи Аллоҳ нозил мешавад, мисли заминҷунбӣ).

**Нуҳум:** Бар касе, ки дар намоз дуоои бад мекунӣ номи онҳо ва номи падаронашонро гирифтан. (Ҷоиз аст).

**Даҳум:** Лаънат кардани шахси муайян дар дуо. (Воқеъ шуд, сипас аз он манъ карда шуд).

**Ёздаҳум:** Қиссаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки бар вай ояти "Ва хешовандони наздикатро бим бидеҳ" нозил шуд. (Амри Аллоҳро итоат кард).

**Дувоздаҳум:** Кӯшишу талоши Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ин амр, ба ҳайсияте ки анҷом дод он чизеро, ки ба сабаби он девонааш гуфтанд ва инчунин ҳозир агар мусалмоне он корро анҷом диҳад девонааш мегӯянд. (Пас сарф кардани кушишу иҷтиҳод дар даъват ба ҳикмат воҷиб аст).

**Сездаҳум:** Гуфтаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои хеши дуру наздикаш "Ман аз ту чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дур карда наметавонам" то ки гуфт: "Эй Фотима бинти Муҳаммад, ман аз ту чизеро бар хилофи иродаи Аллоҳ дур карда наметавонам". Ҳаргоҳ сайиди расулон саллаллоҳу алайҳи ва саллам ошкор гӯяд, ки аз сайиди занони оламиён чизеро дур карда наметавонад ва инсон имон дорад, ки Ӯ ба ҷуз ҳақ чизе намегӯяд, сипас имруз назар кунад он чизе ки дар дили мардуми хос воқеъ шудааст, барояш тарки тавҳид ва ғарибии дин маълум мешавад. (Чизе ки нисбат ба Ӯ ﷺ фоида медиҳад, ҳамон имон овардан ба Ӯ ва пайравӣ Ӯ будан аст, сипас муҳаббату майли мӯъмин ба Расулуллоҳ ﷺ амрест, ки инкор карда намешавад, локин барои инсон лоиқ нест, ки муҳаббатро ҳоким қарор диҳад, балки бар инсон воҷиб аст, ки бар он чизе ки Қуръон ва суннат далолат мекунад ва онро ақли сареҳи солим аз шубҳаҳоҳо ва шаҳватҳо таъйид мекунад, пайравӣ намояд).

## Боб (16) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "То чун тарсу ҳарос аз дилҳояшон бартараф шуд, мегӯянд: Парвардигоратон чӣ фармуд? Мегӯянд: Ҳақ ва Ӯст баландмартабаи бузург".

❀Ин аз ҳуҷҷатҳои далолаткунанда бар ин аст, ки ягон кас мустаҳиққи шарик будан бо Аллоҳро надорад, зеро малоикаҳо қарибтарини халқ ба Аллоҳ ҳастанд, ҷуз хоссаҳои фарзанди одам, ва бо вуҷуди ин онон дар вақти шунидани каломи Аллоҳ таъоло метарсанд.

### Имони ба малоика чиро дар бар мегирад?

❀Имони ба онон шомили ин аст ки онҳо олами ғайбӣ ҳастанд, Аллоҳ таъоло онҳоро аз нур офаридааст, Аллоҳро итоат мекунанд ва Ӯро бефармонӣ намекунанд, онҳо дорои арвоҳ, ақлҳо, ҷасадҳо ва қалбҳо ҳастанд. Ба онҳо ва ба он чизе ки Аллоҳ аз амалҳои онон ва сифатҳои онон ва номҳои онон хабар додааст ва хабарҳое ки аз онон омадааст, имон меорем.

❀(Фуззиъа): Тарси ногаҳонӣ аз дилҳояшон бартараф шуд, (Ва ҳувал-ъалийю): Аҳли суннат барои Аллоҳ:

1). Улуви зот.

2). Улуви сифатҳо.

3). Улуви қаҳру ғалаба бар ҳамаи махлуқотро исбот мекунанд.

### Фоидаҳои оят:

❀Малоикаҳо аз Аллоҳ метарсанд, Аллоҳ таъоло фармуд: (Парвардигорашонро аз болояшон метарсанд).

❀ Исботи қалб барои малоикаҳо, Аллоҳ таъоло фармуд: (То тарс аз дилҳояшон бартараф шавад).

❀ Исботи ин ки онҳо ҷисманд ва арвоҳи холи аз ҷисм нестанд, Аллоҳ таъоло мефармояд: ("Касе" ки фариштагонро расулоне қарор дод, дорои болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона).

❀ Дорои ақланд, зеро қалбҳо ҷои бардошти ақлҳост.

❀ Исботи қавл барои Аллоҳ таъоло ва ин ки он ба машийят вобаста аст.

❀ Исботи ин ки қавли Аллоҳ ҳақ аст ва ҳақ дар каломи Аллоҳ, ҳамон: 1). Хабарҳои рост, 2) ва адл дар аҳком, Аллоҳ таъоло мефармояд: (Ва каломи Парвардигори ту бо сидқ ва адл ба анҷом расид).

Далели улуви зот ба таври иҷмол панҷтост:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Қуръон | Суннат | Иҷмоъ | Ақл | Фитрат |

**Далели дуюм:**

**Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ҳаргоҳ Аллоҳ ба амре дар осмон фармон диҳад, фариштагон аз рӯи фурӯтанӣ дар баробари сухани Ӯ, болҳои худро ба ҳам мезананд, гӯё ин (бонги) занҷире аст бар рӯи санги соф (ҳамвор), ки ин ҳолат ҳамаро аз аввал ва охирашон дар бар мегирад "Ва чун изтироб аз дилҳояшон бартараф мешавад, аз якдигар мепурсанд: Парвардигори шумо чӣ фармуд? Дигарон мегӯянд: Ӯ ҳақ ва рост фармуд ва Ӯст баландмартабаи бузург". Пас ин дастурро мустариқуссамъ (ҷинҳое, ки пинҳонӣ гуш мекунанд) мешунавад ва онҳо дар болои якдигаранд. Суфён раҳимаҳуллоҳ ҳолати онҳоро ба кафи дасташ васф намуд, пас кафи дасташро каҷ намуду байни ангуштонаш фосила гузошт, пас (ҷин) суханеро, ки мешунавад ба ҷинни поёни худ хабар медиҳад, сипас он ба ҷинни поёни худ хабар медиҳад то ба ҷодугар ё фолбин хабар медиҳад, пас шояд, ки шиҳоб ӯро пеш аз хабар доданаш дарк кунад ва шояд, ки пеш аз расидани шиҳоб хабар диҳад, пас ҳамроҳи он сухан сад дурӯғи дигар изофа мекунад. Пас гуфта мешавад: Оё барои мо рӯзе инчунин ва инчунин, инчунин ва инчунин нагуфта буд, пас ба хотири он сухане, ки аз осмон шунида буд, тасдиқ карда мешавад.**

(Сафвон): Санги ҳамвори сахт аст ва занҷир бар болои он овози бузурге дорад ва мақсад ташбеҳ кардани он тарсест, ки дар вақти шунидани сухани Аллоҳ ҳосил мешавад.

(Янфузуҳум золик): Ин овоз ҳамаро аз аввал то охир фаро мегирад.

**Фоидаҳои ҳадис:**

❁Исботи қавл барои Аллоҳ таъоло ва исботи бузургии Аллоҳ ва аз Аллоҳ таъоло содир намешавад магар ҳақ.

❁Исботи болҳо ва сухан ва ақл барои малоикаҳо ва ин ки онҳо метарсанд ва барои Аллоҳ фурӯтанӣ мекунанд.

❁Аллоҳ ба ҷинҳо қуввати расидан ба осмонро медиҳад аз рӯи фитнаи мардум.

❁ Бисёрии ҷин ва ҷисмҳояшон сабук аст, мепаранд.

❁ Коҳинон аз дурӯғгӯтарини мардуманд ва барои ин ба он чизе ки шуниданд, дурӯғҳои бисёре изофа мекунанд.

❁ Ҷодугар барои ҷодушуда ғайри воқеъро нишон медиҳад, пас аз он ҳазар кардан воҷиб аст.

❁ Марҳалаҳои дуздидани ҷинҳо ваҳйро:

1-Пеш аз фиристодани Паёмбар ﷺ дуздӣ бисёр буд.

2-Вақте Паёмбар ﷺ фиристода шуд, аз дуздидани ваҳй манъ карда шуданд.

3-Баъди вафоти Ӯ ﷺ гашта дуздӣ мекарданд, локин кам медузданд.

**Далели сеюм:**

Аз Наввос ибни Самъон разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ҳаргоҳ Аллоҳ таъоло хоҳад, ки ба амре ваҳй намояд, ба ваҳй сухан мекунад, ки аҳли осмонҳо ба ларза меоянд, ё аз тарси Аллоҳ азза ва ҷалла ларзаи сахте онҳоро фаро мегирад. Ҳаргоҳ инро аҳли осмонҳо шунаванд. Беҳуш шаванд ва барои Аллоҳ ба саҷда раванд. Пас аввалин касе ки сарашро аз саҷда баланд мекунад Ҷибраил алайҳис салом аст. Пас Аллоҳ аз ваҳяш он чи хоста буд бо вай сухан мегӯяд, сипас Ҷибраил ба назди малоикаҳо мегузарад. Ҳаргоҳ аз осмоне гузарад, малоикаҳои он ӯро мепурсанд: Эй Ҷибраил, Парвардигорамон чӣ гуфт?! Пас Ҷибраил мегӯяд: Ҳақ гуфт ва Ӯ олимартабаи бузург аст. Пас ҳамаашон монанди гуфтаи Ҷибраил алайҳис салом мегӯянд, баъд аз он Ҷибраил ин ваҳйиро ба ҷое, ки Аллоҳ азза ва ҷалла ӯро дастур додааст, мерасонад".

**Фоидаҳои ҳадис**

❁Исботи ирода барои Аллоҳ ва он ду қисм аст:
1-Иродаи шаръӣ
2-Иродаи кавнӣ.
❁Махлуқот агарчи ҷамодот бошанд, азамати Аллоҳро ҳис мекунанд.
❁Исботи чандто будани осмонҳо ва ин ки барои ҳар осмон малоикаҳои хос ҳастанд.
❁Фазилати Ҷибраил ба ҳайсияте ки ӯ ба амонати ваҳй машҳуру маъруф аст ва ин ки ӯ амин аст.
❁Исботи иззат ва ҷалол барои Аллоҳ.

Ба ҷое, ки Аллоҳ азза ва ҷалла ӯро амр кардааст:

(Азза): Иззат ба маънои ғалаба ва қувват аст ва азиз се маъно дорад:

- Азиз аст, ки ба Ӯ ягон кас бадӣ расонда наметавонад.
- Азизу соҳиби қудрате аст, ки ягон кас бо Ӯ дар он шарик нест.
- Азизу ғолибу қоҳир аст.

(Ҷалла): Ҷалол ба маънои азамат аст, ки фавқи он азамате нест.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири оят.

**Дуюм:** Дар ин оят ҳуҷҷат аст бар ботил кардани ширк, хоссатан он чи ки бар солеҳон тааллуқ дорад. Ин оятест, ки дар шаъни он гуфта шудааст: Албатта ин оят решаҳои дарахти ширкро аз дил меканад.

**Сеюм:** Тафсири фармудаи Аллоҳ таъоло: Гуфтанд: Ҳақро фармуд ва Ӯ олимартабаи бузург аст.

**Чорум:** Сабаби саволи онҳо аз ин амр. (Сахт тарсиданашон буд).

**Панҷум:** Ҷибраил алайҳис салом баъди ин ононро посух дод: (Инчунин ва инчунин фармуд).

**Шашум:** Зикри аввалин касе, ки сарашро аз саҷда мебардорад Ҷибраил аст. (Дар ин фазилати ӯст).

**Ҳафтум:** Ӯ барои ҳамаи аҳли осмонҳо мегӯяд, зеро онҳо аз Ӯ мепурсанд. (Далел бар бузург будани ӯ дар байни онҳост).

**Ҳаштум:** Ҳамоно беҳушӣ ҳамаи аҳли осмонҳоро фаро мегирад.

**Нуҳум:** Ба ларза омадани аҳли осмонҳо аз каломи Аллоҳ. (Аз рӯи таъзими Аллоҳ).

**Даҳум:** Ин ки Ҷибраил ваҳйро ба ҷое ки Аллоҳ ӯро дастур додааст, мерасонад, (зеро ӯ амин аст).

**Ёздаҳум:** Зикри пинҳонӣ гуш кардани шайтонҳо.

**Дувоздаҳум:** Сифати савор шудани онҳо бар болои якдигарашон.

**Сездаҳум:** Фиристодани шиҳобҳо (сангпораҳо), (ки сухандуздонро месӯзонад).

**Чордаҳум:** Албатта ӯро шиҳоб мерасад, пеш аз хабар доданаш ва гоҳо дар гуши дӯсти инсияш мерасонад, пеш аз ин ки шиҳоб ба ӯ бирасад.

**Понздаҳум:** Фолбин гоҳо рост мегӯяд.

**Шонздаҳум:** Бо сухане, ки аз осмон шунида аст, сад дурӯғи дигар изофа мекунад, (бар сабили муболаға на таҳдид).

**Ҳабдаҳум:** Дурӯғи ӯ тасдиқ карда намешавад, магар ба хотирри он калимае, ки аз осмон шунидааст.

**Ҳаждаҳум:** Нафсҳо ботилро қабул мекунанд, чӣ гуна дилбохтаи як сухани ҳақ мешаванд ва сад дурӯғро ба эътибор намегиранд?

**Нуздаҳум:** Он калимаро аз якдигар меомӯзанду ҳифз мекунанд ва ба он далел меоранд, (зеро он калима матоъашонро ривоҷ медиҳад ва агар ҳамаи матоъашон дурӯғ мебуд, ривоҷ намеёфт).

**Бистум:** Исбот кардани сифатҳо бар хилофи ашъариҳои муаттила.

**Бистуякум:** Ошкор намудани ин ки он ларзаву беҳушӣ аз тарси Аллоҳ азза ва ҷалла мебошад.

**Бистудуюм:** Албатта онҳо барои Аллоҳ ба саҷда меравванд. (Аз рӯи таъзими Аллоҳ ва тақво кардан аз чизе ки метарсанд).

## (17) Боб андар шафоат

**Барои чӣ муаллиф раҳимаҳуллоҳ ин бобро овард?**

❁ Барои ботил будани шафоати бутҳо, чаро ки кофирон эътиқод доштанд, ки онҳо дар назди Аллоҳ шафоат мекунанд.

❁ Аллоҳ илм, қудрат ва султони комил дорад, монанди подшоҳони дунё нест, подшоҳони дунё ба шафоатгарон эҳтиёҷ доранд, барои камии илмашон ва султонашон ва қудраташон мебошад, пас шафоатгарон онро дар ин ёрӣ медиҳанд, пас шафоатгарон бар онон ҷуръат мекунанд, пас беиҷозат шафоат мекунанд.

**Далели аввал то панҷум:**

1-Ва фармудаи Аллоҳ азза ва ҷалла: "Ва ононро, ки аз ҳозир шудан дар пешгоҳи Парвардигорашон тарсонанд ба Қуръон бим бидеҳ, ки ҷуз Аллоҳ онҳоро ёру шафоатгаре нест, шояд онҳо тақво пеша кунанд".

2-Ва фармудаи Аллоҳ: "Бигӯ ҳамаи шафоат барои Аллоҳ аст".

3-Ва фармудаи Аллоҳ: "Кӣ дар пешгоҳи Ӯ шафоат мекунад, магар ба фармони Ӯ".

4-Ва фармудаи Аллоҳ: "Ва бисёр малак дар осмонҳо ҳаст, ки шафоаташон судманд нест, ҷуз ба амри Аллоҳ ва бар он кас ки Аллоҳ бихоҳад ва аз ӯ хушнуд бошад".

5-Ва фармудаи Аллоҳ: "(Эй расули Мо мушриконро) бигӯ: Онҳоеро, ки ба ҷуз Аллоҳ шумо муассир пиндоштед, бихонед (дуо кунед) ба андозаи заррае дар осмонҳо ва замин молик нестанд. Ва бо Аллоҳ ширкате дар офариниши осмон ва замин надошта ва ба Ӯ дар офариниш ёрӣ ва кумаке накардаанд. Ва шафоати касе назди Аллоҳ ҳам ҷуз он ки Аллоҳ ба ӯ иҷозати шафоат дода судманд нест".

❁(Ва ба он бим бидеҳ): Инзор ҳамон эълонест, ки шомили тарсонанда аст ва маънояш: Ба Қуръон бим медиҳад

❁(Ва чӣ қадар малоика аст): Яъне малоикаҳо дар осмон дар бисёр аст ва бо вуҷуди ин шафоати онон фоидае намедиҳад, магар баъди иҷозати Аллоҳ ва ризои Ӯ аз шафоатгар ва шафоатшуда мебошад.

❁(Дуо кунед): Барои мубориза ва оҷизгардондан аст, ба маънои ин ки ононро ҳозир кунед ё онҳоро дуои масъалат намоед.

❁(Аз шарик): Яъне онон ба танҳои молик намебошанд ва на ба шарикӣ.

❁(Ёридиҳандае): Аз бутон ёридиҳанда буданашонро нафй кард ва заҳир ҳамон ёридиҳанда аст.

❁Аз ин бутҳо ҳамаи он чизе ки обидонашон ба он мутааллиқ мешуданд, нафй шуд. Пас онҳо чизеро ба танҳои молик нестанд ва на ба шарикӣ ва на ба ёридиҳӣ, чаро касе туро ёрӣ диҳад ва агарчи бо ту шарик набошад, барои ӯ бар болои ту миннат мешавад, пас шояд ки дар атои ӯ он чиро мехоҳад, бо ӯ дустӣ мекунӣ. Ҳаргоҳ ин се амр нафй шуд, танҳо шафоат боқӣ монд ва ба ростӣ онро Аллоҳ ботил гардонд, пас шафоати онҳо фоида намедиҳад.
❁Аз ин оят ва ояти зерин Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳу таъоло мегӯяд: (Ин оятест, ки решаҳои дарахти ширкро аз дил меканад).

**Ақсоми шафоат (он миёнаравӣ барои дигаре дар ҷалби манфиат ё дур кардани зарар аст)**

Мусбат: Аллоҳ таъоло онро барои нафсаш исбот кардааст ва аз Ӯ ба чанд шарт талаб карда мешавад: ❁ Ба шафоат дастур додан. ❁ Аз шафоатгар розӣ будан. ❁ Аз шафоатшаванда розӣ будан.

Манфӣ: Ин ҳамон шафоатест, ки Қуръон нафй кардааст ва аз ғайри Аллоҳ таъоло дар он чизе ки қудрат бар он надорад, магар Аллоҳ талаб карда мешавад ва дар он ширки акбар аст.

Дар он чизе ки банда қудрат дорад ва ин дуруст аст, ба шарте ки шафоатгар:
❁Зинда.
❁ Тавоно.
❁ Ҳозир.
❁ Сабаб бошад.

Ва чӣ бисёр фариштагоне дар осмонҳо ҳастанд, ки шафоати онҳо ҳеҷ фоида намебахшад, магар пас аз он ки Аллоҳ барои ҳар кас ки бихоҳад иҷоза диҳад ва розӣ шавад.

**Хос ба Паёмбар ﷺ аст, дар он ӯро касе шарикӣ намекунад:**
❁ Шафоати бузург ва он мақоми маҳмуд аст, ки Аллоҳ ӯро ваъда додааст.
❁Шафоати Ӯ ﷺ дар аммакаш Абӯтолиб, ки аз ӯ азоб сабук карда шавад.
❁ Шафоати Ӯ ﷺ дар кушодани дарҳои Ҷаннат барои ҷанатиён.

**Омм аст барои Паёмбар ﷺ ва ҳамаи анбиё ва малоикаҳо ва яктопарастон ва кӯдакони хӯрдсол:**
❁ Шафоат дар бардоштани дараҷаҳои мӯъминон.
❁ Шафоат дар ҳаққи касе аз яктопарастон, ки мустаҳиққи оташ, дар оташ дохил нашавад.
❁ Шафоат дар ҳаққи касе аз яктопарастон, ки дохили оташ шудааст, ки аз он хориҷ шавад.

Абӯлаббос гуфт: Аллоҳ нафй намуд ҳар он чизеро, ки мушрикон ба он дилбохта мешаванд. Пас нафй намуд, ки барои ғайри Ӯ мулк бошад ё насибе аз он ё ёвари Аллоҳ бошад ва чизе ҷуз шафоат боқӣ намонд, пас баён намуд, ки он шафоат суде надорад, магар барои касе ки Парвардигор барояш иҷозат дода бошад, ҳамчунone ки фармуд: "Ва шафоат намекунанд, магар барои касе ки Аллоҳ аз вай хушнуд шудааст". Ин шафоатеро, ки мушрикон мепиндоранд, дар рӯзи қиёмат нафй шудааст, ҳамчунone ки Қуръон онро нафй намудааст. Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар доданд, ки Ӯ дар рӯзи қиёмат меояду барои Парвардигораш саҷда мекунад ва Ӯро ситоиш мекунад, нахустин ба шафоат шурӯъ намекунад, сипас барояш гуфта мешавад: Саратро бардор, бигӯ шунида мешавӣ, бипурс дода мешавӣ ва шафоат кун, шафоати Ту қабул карда мешавад.
Ва Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт: Кадом мардум ба шафоати Ту бисёртар сазовор мегарданд? Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Касе ки ло илоҳа иллаллоҳро аз самими қалбаш гӯяд". Пас он шафоат барои аҳли ихлос ба иҷозати Аллоҳ аст ва барои касоне ки ба Аллоҳ ширк меоранд, нест. Ва ҳақиқати шафоат ин аст, ки Аллоҳ субҳонаҳу ба фазлаш аҳли ихлосро мағфират менамояд ба воситаи дуои шахсе ки Аллоҳ барояш иҷозати шафоат дода аст, то шафоатгарро икром намояд ва мақоми маҳмудро ноил шавад. Пас шафоатеро, ки Қуръон нафй кардааст, шафоатест, ки дар он ширк вуҷуд дорад. Барои ин шафоати ба иҷозати Аллоҳро дар чанд мавзеъ исбот кардааст. Дар ҳақиқат Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам баён намуд, ки шафоат танҳо барои аҳли тавҳид (яктопарастон) ва аҳли ихлос мебошад. Суханаш ба охир расид.

## Масъалаҳо:

**Якум:** Тафсири оятҳо. (Ва он панҷ оят аст).
**Дуюм:** Сифати шафоати манфӣ. (Шафоате ки дар он ширк бошад).
**Сеюм:** Сифати шафоати мусбат. (Ва он шафоати аҳли тавҳид баъди иҷозат додани Аллоҳ ҷалла ва ало ва ризои Ӯ аз шафоатгар ва шафоатшаванда аст).
**Чорум:** Зикри шафоати кубро (бузург) ва он мақоми маҳмуд аст.
**Панҷум:** Сифати феъли Паёмбар ﷺ ва ин ки Ӯ аввалан шафоат намекунад, балки саҷда мекунад, пас ҳаргоҳ барояш иҷозат дода шуд, шафоат мекунад. (Ва ин бар азамати Парвардигори таъоло ва адаби комили Паёмбар ﷺ далолат мекунад).
**Шашум:** Сазовортарини мардум ба шафоат кист? (Аҳли тавҳид ва ихлос)
**Ҳафтум:** Шафоат барои касе, ки ба Аллоҳ шарик меорад, намебошад.
**Ҳаштум:** Баёни ҳақиқати шафоат. (Аллоҳ субҳонаҳу ҳамон зотест, ки бар аҳли ихлос фазл мекунад, пас ононро ба воситаи дуои касе ки барояш иҷозати шафоат додааст, мағфират мекунад, то шафоатгарро икром кунад ва мақоми маҳмудро ноил шавад).

## (18) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Албатта ту ҳидоят намекунӣ касеро, ки дӯст медорӣ" то охири оят

**Далели дуюм:**

Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Ибни Мусайяб аз падараш ривоят аст, ки ӯ гуфт: Вақте марги Абӯтолиб наздик шуд, Расулуллоҳ ﷺ ба наздаш омад ва дар назди ӯ Абдуллоҳ ибни Абӯумайя ва Абӯҷаҳл буданд. Пас Паёмбар ﷺ барои ӯ гуфт: Эй амак! Ло илоҳа иллаллоҳ бигӯ, калимае ки ман барои наҷоти ту дар назди Аллоҳ ҳуҷҷат биёрам. Онҳо барояш гуфтанд: Аз дини Абдулмутталиб рӯ мегардонӣ? Пас Паёмбар ﷺ суханашро такрор кард, онҳо низ такрор карданд. Охири суханаш ин буд, ки гуфт: Бар дини Абдулмутталиб аст ва аз ло илоҳа иллаллоҳ гуфтан саркашӣ кард. Пас Паёмбар ﷺ фармуд: Бароят талаби мағфират мекунам, модоме ки аз он манъ карда нашавам. Пас Аллоҳ azза ва ҷалла ин оятро нозил намуд: "Бар Паёмбар ва мӯъминон раво нест, ки барои мушрикон талаби омурзиш кунанд, ҳарчанд хешовандонашон бошанд". Ва Аллоҳ дар бораи Абӯтолиб ин оятро нозил намуд: "Албатта Ту ҳидоят наметавонӣ кард касеро, ки дӯст медорӣ, вале Аллоҳ ҳар киро хоҳад ҳидоят мекунад ва Ӯ ба ҳидоятёфтагон донотар аст".

**Қисмҳои ҳидоят:**

| Ҳидояти тавфиқ: Танҳо молики он Аллоҳ аст (Ту ҳидоят намекунӣ, касеро ки дӯст медорӣ) | Ҳидояти далолат ва роҳнамоӣ: Инро Паёмбар молик мешавад (Ва ту ҳароина ба роҳи рост ҳидоят мекунӣ) |
|---|---|

❁Инро зикр кард, то баён намояд, ки ягон кас ҳидояти тавфиқ дода наметавонад, пас ба он чи Аллоҳ амр кардааст, қоим шавад.

❁Ишкол: Чигуна Паёмбар ﷺ Абӯтолибро дӯст медошт, дар ҳоле ки ӯ кофир буд? Ҷавоб: Ё тақдири ҷумла мебошад: 1) Касеро ки ҳидояташро дӯст медорӣ, на худи ӯро (ва ин қавитарини суханҳост), 2) ё касеро ки табиатан дӯст медорӣ ва ин ҷоиз аст, 3) ё касеро ки пеш аз наҳйи аз муҳаббати кофирон дӯст медорӣ.

❁ (Расулуллоҳ ﷺ пеши ӯ омад) дар ин мустаҳаб будани зиёрати кофир аст, ҳарогоҳ ислом овардани ӯро умед карда шавад.

❁ (Эй амак): Ба ин куня, ки далолат бар шафқат дорад, гуфт ва ин аз ҳикмати дар даъват аст.

❁ Чигуна ҷамъ меорем байни ин ҳадис ва қавли олимон талқини касе ки ӯро вафот ҳозир шудааст, суннат мебошад, локин беқавл? Ҷавоб ин ки абӯтолиб кофир буд, пас ҳаргоҳ барояш гуфта шавад: Бигӯ ва рад кунад, пас ӯ бар куфраш боқӣ аст, ӯро ба ин талқин кардан зарар надорад, ба хилофи мусалмон, ки дар хатар аст, зеро шояд ӯро талқин зарараш мекунад.

**❁ (Марг ҳозир шуд) яъне (1) бар вай аломатҳои марг намоён шуд ва намурд ва бинобар ин оё тавбааш қабул мешавад ва қавли дуюм ин аст, ки тавбааш қабул намешавад, зеро ки оят: (Ва барои касоне ки корҳои бад муртакиб мешаванд, то вақте ки марги яке аз онон фаро расад ,мегӯяд: Акнун тавба кардам, тавба нест) комилан бо ҳадис мувофиқ аст. (2) Зеро Ӯ гуфт: (Барои ту ҳуҷҷат биёрам) ва ба фоида расондани он бар вай қатъӣ нагуфт. (3) Ин амр хос ба Паёмбар ﷺ барои амакаш бо вуҷуди кофир буданаш шафоат мекунад.**

**❁ Мусайяб ва Абдуллоҳ ибни Абӯумайя разияллоҳу анҳумо ислом овар-данд ба хилофи Абӯтолиб ва Абӯҷаҳл.**

**❁ (Ӯ бар миллат): Дар ҷои (ман) замири (ҳува-ӯ) гузошт, пас дар ин таҳқиқи ровиён барои тавҳид аст.**

## Масъалаҳо:

**Якум:** Тафсири ояти: (Албатта Ту ҳидоят наметавонӣ кард касеро, ки дӯст медорӣ, вале Аллоҳ ҳар киро хоҳад ҳидоят мекунад).

**Дуюм:** Тафсири ояти: (Бар Паёмбар ва мӯъминон раво нест...). (Ошкор кардани ғам барои мавти онон ва таъзияи онон ҳаром аст)

**Сеюм:** Ва он масъалаи бузург аст, тафсири қавли Ӯ ﷺ: "Ло илоҳа иллал-лоҳ, бигӯ" бар хилофи касоне, ки даъвои илм доранд. (Ва барои ин аз гуфтани он худдорӣ кард).

**Чорум:** Абӯҷаҳл ва ҳамроҳонаш мақсади Паёмбар ﷺ-ро медонистанд, ки ҳаргоҳ барои марде гӯяд: Ло илоҳа иллаллоҳ, бигӯ. Пас Аллоҳ аз хайру баракат маҳрум созад касеро, ки Абӯҷаҳл аз ӯ дида асли исломро хубтар бидонад.

**Панҷум:** Кушишу талоши Паёмбар ﷺ дар ислом овардани амакаш (1) барои хешу тоборияш, (2) барои некие, ки барои Расулуллоҳ ва Ислом карда буд, пас вай барои ин сипосгуфташуда аст ва агарчи бар куфраш гунаҳгор аст).

**Шашум:** Рад бар касоне ки мепиндоранд, ки Абдулмутталиб ва аҷдодаш мусалмон буданд. (Миллати онон куфр буд).

**Ҳафтум:** Паёмбар ﷺ барои вай талаби омурзиш намуд, пас омурзида нашуд, балки Паёмбар ﷺ аз он манъ карда шуд. (Амр дар дасти Аллоҳ аст).

**Ҳаштум:** Зарари рафиқон бад дар инсон.

**Нуҳум:** Зарари таъзими гузаштагон (ҳаргоҳ ки дар ботил бошанд).

Даҳум: Шубҳаи ботилкорон дар ин, барои далел овардани Абӯҷаҳл ба таъзими гузаштагон.

Ёздаҳум: Далел бар ин ки охири амалҳо эътибор дорад, зеро ӯ агар мегуфт, ҳароина фоидааш медод.

Дувоздаҳум: Дар бузург будани ин шубҳа дар дилҳои гумроҳон андеша карда шавад, зеро дар ин қисса онҳо муноқаша накарданд, магар ба он (яъне таъзими гузаштагон) бо вуҷуди кушишу такрори Паёмбар ﷺ. Ба хотири бузургӣ ва равшании он дар наздашон ба он қаноат карданд (яъне ба гуфтаашон: Оё аз дини Абдулмутталиб рӯ мегардонӣ). (Ва ин шубҳаи таъзими гузаштагон ва бузургон аст)

## Имтиҳони қисми сеюм (4 боб аст)

**Суоли якум:** Бобҳои ин қисм ва сабаби овардани муаллиф барои ҳар бобро зикр кун:

| М | Унвони он | Сабаби овардани муаллиф раҳимаҳуллоҳ бобро |
|---|---|---|
| 1 | ......................... | ........................................... |
| 2 | ......................... | ........................................... |
| 3 | ......................... | ........................................... |
| 4 | ......................... | ........................................... |

**Суоли дуюм:** Аҳкоми амалҳои зеринро баён кун:

Ҷоиз (1), ғайри ҷоиз (2), ширки акбар (3) мустаҳаб\суннат (4)

| | | | |
|---|---|---|---|
| Талаби шафоат аз мурдагон | ..... | Тавассул ба ҷоҳи Паёмбар ﷺ | ..... |
| Аёдати бемори мушрик | ..... | Талқини касе ки ӯро марг фаро расидааст | ..... |
| Лаънати муайян | ..... | Лаънати умуми кофирон | ..... |

**Суоли сеюм:** Аломати ☒ дар макони муносиб гузор ё ҷои холиро пур кун:

1-Қисми сеюм дар китоби тавҳид ҳамон: ☐ Тафсири тавҳид ☐ ботил будани ибодати ғайри Аллоҳ аст.

2-Қисми сеюм шомили: ☐ 5 боб ☐ 4 боб ☐ 6 боб аст.

3-Суол дар (Оё ширк меоранд) барои инкор ва сарзаниш аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

4-Аллоҳ аҷз ва ботил будани ибодати бутҳоро дар (Оё ширк меоранд) аз ☐ 4 ваҷҳ ☐ 3 ваҷҳ баён кард.

5-(Ва касонеро ки ҷуз Аллоҳ дуо мекунед) дуои: ☐ ибодат ☐ масъалат ҳамаро шомил мешавад.

6-Раҳмати Аллоҳро аз инсони осӣ дур намешуморем, ба ҷуз имомҳои куфр: ☐ Дуруст ☐ хато.

7-Гуфтаи муаллиф ин ки бар онон дуошуда кофиронанд, мақсадаш донон-дани куфри онон аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

8-Гуфтаи муаллиф: (Қунуту сайиди расулон) мақсадаш: ☐ Ҷоиз будани қунут аст ☐ ягон кас аз ин уммат ба Аллоҳ аз Расулуллоҳ ﷺ ва саҳобагон наздиктар нест ва бо вуҷуди ин ба Аллоҳ паноҳ мебаранд.

9-Чигуна бар кофирон дуо мекунем?..................................................................

10-(Фуззиъа): Тарси ☐ ногаҳонӣ ☐ бардавом аз дилҳояшон дур шавад.

11-(Бо он калима сад дурӯғ мегӯяд) бар сабили ☐ муболаға ☐ таҳдид.

12-(Ва чи бисёр малоикаҳо дар осмонҳо) се шарти шафоатро ҷамъ овардааст: ☐ Дуруст ☐ хато.

13-Ҳар шафоате, ки дар он ширк аст, пас он шафоати: ☐ манфӣ ☐ ширкӣ ☐ ҳамагӣ.

14-Мурод ба шафоат ёрӣ додани Аллоҳ дар чизе ки шафоат шудааст, пас мумтаниъ аст (☐ дуруст ☐ хато) ва албатта ба шафоат қасд мешавад (☐ икроми шафоатгар ☐ фоидаи шафоатшуда ☐ ҳамагӣ аст).

15-Ояте ки дар шаънаш гуфта шудааст: Решаҳои дарахти ширкро аз қалб меканад:...............................................................................................................................
16-Ҳидояти мусбат ҳамон:................ва манфӣ ҳамон:...................................................
17-Маънои ояти (Ту касеро дӯст медорӣ ҳидоят намекунӣ) яъне касеро ки ☐ ҳидояташро дӯст медорӣ ☐ муҳаббати табиъӣ ☐ пеш аз наҳй аз муҳаббати кофирон ☐ ҳамагӣ.
18- (Абӯтолибро вафот ҳозир шуд) яъне:...........................ё...........................................
19-Миллати Абдулмутталиб: ☐ Ширк ва ибодати бутҳо ☐ насронӣ ☐ маҷусӣ.
20-(Ҳуҷҷат биёрам) яъне: ☐ Онро дар пеши Аллоҳ барои ту ҳуҷҷат биёрам ☐ барои ту дар пеши Аллоҳ муҷодала кунам.
21- Талқини муҳтазирро (ло илоҳа иллаллоҳ) ба гуфтаамон барояш (бигӯ) суннат аст ва далел феъли Паёмбар ﷺ бо аммакаш: Дуруст хато ва чигуна байни он ва байни гуфтаи олимон: "Талқини муҳтазир (ло илоҳа иллаллоҳ)-ро бегуфтани (бигӯ) суннат мебошад" ҷамъ мекунӣ.........................................................................................................
22-Барои чӣ ровӣ гуфт: "Ӯ бар миллати..." ва "ман" нагуфт?..........................................
23-Сабаби ҳирси Паёмбар бар ислом овардани аммакаш Абӯтолиб: ☐ Хешу таборияш ☐ барои ӯ ва ислом некӣ карда буд ☐ ҳамааш.
24-Таъзими гузаштагон ва бузургон мазамматшудааст: ☐ мутлақо ☐ ҳаргоҳ бар ботил бошад.

## Суоли чорум: Ақсоми шафоатро комил кун:

................:Аллоҳ онро барои нафсаш исбот кардааст ва аз Ӯ ба чанд шарт талаб карда мешавад:
1-.................................
2-.................................
3-.................................

...........................: Оне ки Қуръон онро нафй кардааст ва онест, ки.......................................................
ва ҳукми он ин аст, ки .......................................

..........................: Ба шарт дуруст мешавад:
1-.....................................
2-.....................................
3-.....................................
4-.....................................

Хос ба Паёмбар ﷺ, ва аз ҷумла:
1-..................................................
2-.................................................
3-..................................................

Омм аст, шомил мешавад.............
ва аз ҷумла:
1-.................................................
2-.................................................
3-..................................................

## Чорум: Сабаби куфри фарзанди Одам
## (4 боб аст)

❀Инро овард, то асбоби куфрро баён кунад, то ки аз он дур шавем ва аз рӯи ҷавоб аз суоле, ки барои чӣ дар баъзе уммат куфр воқеъ мешавад? Ба се боб ҷавоб дод ва дар боби чорум омадааст, ки Паёмбар ҳар роҳеро, ки ба сӯи ширк мерасонад, махкам кард.

## (19) Боби андар ин ки сабаби кофир шудани фарзанди Одам ва тарки дин карданашон ҳамон зиёдаравӣ дар ҳаққи солиҳон (бузургон) буд

Ин аз бузургтарин ва хатартарини асбоб аст ва сабаби аввалин ширке ки пайдо шуд, шубҳаи ғулув дар солиҳон буд.

### Далели аввал ва дуюм:

1). Ва фармудаи Аллоҳ азза ва ҷалла: "Эй аҳли китоб! Дар дини худ ғулув накунед".

2). Ва дар Саҳеҳ аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо дар мавриди фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва гуфтанд: Ҳаргиз худоёни худро тарк накунед ва ҳаргиз парастидани Вад, Сувоъ, Яғус, Яъуқ ва Насрро тарк накунед" ривоят аст, ки ӯ гуфт: Ин номҳои мардони накӯкори қавми Нуҳ буданд, вақте фавтиданд, шайтон қавмашонро васваса намуд, ки дар ҷойҳое ки менишастанд, ҳайкалҳо гузоред ва ононро ба номҳои эшон номгузорӣ кунед, Пас чунин карданд ва парастида нашуд, то ки ин қавм фавтиданд ва илм аз байн рафт, пас наслҳои оянда онҳоро парастиданд.

❀(Эй аҳли китоб): Онон яҳуданд ва дорои Таврот ҳастанд ва насороянд ва дорои Инҷил ҳастанд.

❀(Дар дини худ ғулув накунед): Яъне дар таъриф ва танқид аз ҳад нагузаред, пас насоро дар таърифи Исо алайҳис салом зиёдаравӣ карданд, пас гуфтанд: Писари Аллоҳ ва сеи сегона ва яҳуд дар танқиди ӯ зиёдаравӣ карданд.

❀(Ҳалок шуданд): Яъне мурданд.

❀(Шайтон ваҳй кард): Шайтон онҳоро васваса кард.

❁( Насб кунед): Ҳар чизе ки аз асо ё санг рост карда мешавад ва ин ба хотири он буд, ки барои онон гуфт: Ҳаргоҳ ин суратҳоро бубинед, дар ибодататон фаъол мешавед, локин тариқаи шаръро хилоф карданд, пас танҳо еият кофӣ намебошад ва локин барои он амали мувофиқи шариат ҳатмӣ аст, пас қасд саҳеҳ ва амал ботил аст.

❁(Ҳатто ҳаргоҳ инҳо фавтиданд): Касоне ки бутҳоро насб карданд ва ҳайкалҳоро кашиданд.

❁Қавме ки пеш аз Нуҳ алайҳис салом буд, се чиз карданд:

۞(Сурат кашиданд): Ҳайкалҳои ононро ва дар ин хатари суратҳо ва ҳайкалҳост.

۞(Нишастанд): Бар болои қабрҳояшон.

۞(Бо гузашти замон): Ва дур шудани замони нубувват, пас илм аз миён рафт, сипас ширки акбар воқеъ шуд, пас ба ҷуз Аллоҳ ононро парасти-данд. Ва асл бо илму амал таоҳуд кардан аст, то монанди ин рӯҳ надиҳад.

**Мафсадаҳои зиёдаравӣ:**

❁ Дар ҳаққи касе ки зиёдаравӣ шудааст, агар таъриф бошад, ӯро болои манзилаташ гузоштан аст ва агар танқид бошад, ӯро аз манзилаташ поён гузоштан аст.

❁ Ба ибодати касе ки дар ҳаққаш зиёдаравӣ шудааст, мерасонад.

❁ Аз таъзими Аллоҳ таъоло манъ мекунад, чаро ки нафс ё ба ботил машғул мешавад, ё ба ҳақ.

❁ Дар ҳаққи касе ки зиёдаравӣ шуд, агар вуҷуд дошта бошад, пас ӯ ба нафсаш кибр мекунад ва ин мафсада аст, агар таъриф бошад, ӯро фосид мекунад ва агар танқид бошад, муҷиби душманӣ ва бало мешавад.

**Ақсоми мардум дар шаъни солиҳон**

| Қисме ки дар таъриф ғулув мекунад: Мисли насоро бо Исо алайҳис салом. | Қисме ки дар таъна задан ғулув мекунад: Мисли яҳуд бо Исо алайҳис салом. | Қисме ки миёнарав ҳастанд: На зиёдаравӣ ва на кутоҳӣ мекунанд ва онон аҳли суннатанд. |
|---|---|---|

**Далели сеюм то панҷум:**

3). Аз Умар разияллоҳу анҳумо ривоят аст, Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Дар ҳаққи Ман зиёдаравӣ накунед, ҳамонгуна ки насрониҳо дар ҳаққи писари Марям зиёдаравӣ карданд. Албатта Ман бандаам, пас бигӯед бандаи Аллоҳ ва расули Ӯст". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

4). Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Аз зиёдаравӣ парҳез намоед, пас албатта касоне ки пеш аз шумо буданд, зиёдаравӣ онҳоро ҳалок сохт".
5). Дар Саҳеҳи Муслим аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Аз ҳад гузарандагон ҳалок шуданд", ин ҷумларо се бор такрор намуд.

(Ло тутрунӣ): Итро дар мадҳу таъриф муболаға кардан аст, ба чизе ки ғулуви насоро ва ғайри онро шабоҳат дорад.
(Бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ): Ин ду сифат росттарин ва бошарафтарини сифат барои Ӯ ﷺ аст.
(Ғулув): Дар таърифу мадҳ ва бандагӣ ва амал аз ҳад гузаштан аст.
Онҳоро ғулув дар чӣ чиз ҳалок кард? Онҳоро (1) дар дин (2) ва дар ҷисмҳо ҳалок кард.
Ақсоми ғулув бисёр аст: Ғулув дар ақида ва ибодат ва муомала ва одатҳо аст ва дини Аллоҳ дар байни ғулувкун ва ҷафокор аст.
(Мутанаттиъ) касе аст, ки дар сухан ва афъол тундравӣ ва ифрот мекунад, дар он худбин мебошад ва танаттуъ дар дин шабоҳати ғулувро дорад ва сабабе аз асбоби ҳалок мебошад.

## Масъалаҳо:

**Якум:** Касе ин боб ва ду боби баъди онро бифаҳмад, барои ӯ ғарибии Ислом маълум мешавад ва қудрати Аллоҳ ва дигаргун кардани Ӯ дилҳоро мебинад.
**Дуюм:** Шинохтани нахустин пайдоиши ширк дар рӯи замин, ки ба сабаби шубҳаи солеҳон (бузургон) буд.
**Сеюм:** Донистани нахустин чизе ки ба сабаби он дини паёмбарон тағйир дода шуд (ва он ширк аст) ва сабаби он чист? (зиёдаравӣ дар ҳаққи солиҳон аст), бо донистани ин ки ононро Аллоҳ фиристодааст.
**Чорум:** Қабули бидъатҳо бо вуҷуди ин ки шариатҳо ва фитрат онро рад мекунад.
**Панҷум:** Сабаби ҳамаи ин омехта шудани ҳақ ба ботил аст, пас аввалан дӯст доштани солеҳон, сониян кардани баъзе аз аҳли илму дин чизеро, ки ба он хайрро хостаанд, пас наслҳои баъди онҳо гумон бурдаанд, ки онҳо чизи дигарро қасд доштанд.(Касе тақвияти динашро ба бидъат бихоҳад, пас зарари он бештар аз фоидааш аст).
**Шашум:** Тафсири ояте ки дар сураи Нуҳ аст (ва дар он омадааст, ки онҳо якдигарро ба ботил даъват мекарданд)..

**Ҳафтум:** Табиати одамӣ аст, ки дар қалбаш ҳақ кам мешавад ва ботил зиёд мешавад, (ҷуз касе ки Аллоҳ бар ӯ миннат ниҳодааст).

**Ҳаштум:** Дар он шоҳид аст барои он чизе ки аз салаф нақл шудааст, ки бидъатҳо сабаби воқеъ шудани дар куфр аст (ва аз чанд сабаб доштан монеъе нест).

**Нуҳум:** Шайтон медонад, ки бозгашти бидъат ба сӯи чист ва агарчи қасди кунанда нек бошад.

**Даҳум:** Донистаи қоидаи куллӣ ва он аз зиёдаравӣ наҳй кардан аст ва донистани ин ки бозгашти зиёдаравӣ ба сӯи чист.

**Ёздаҳум:** Зарари истодан дар атрофи қабрҳо ба хотири амали нек (ба ибодати онон мерасонад).

**Дувоздаҳум:** Донистани наҳйи аз сохтани ҳайкалҳо ва ҳикмати дур кардани онҳо. (Барои бастани василаҳои он).

**Сездаҳум:** Донистани бузургии ин қисса ва сахт ба он эҳтиёҷ доштан бо вуҷуди ғофили аз он.

**Чордаҳум:** Он аҷибтарини аҷиб аст, ки он қиссаро дар китобҳои тафсир ва ҳадис мехонанд ва маънои каломро медонанд. Аллоҳ дар дилҳояшон муҳр задааст, ҳатто эътиқод карданд, ки амали қавми Нуҳ алайҳис салом беҳтарини ибодатҳост. Пас эътиқод карданд, ки он чизеро ки Аллоҳ ва расулаш наҳй кардаанд, пас он куфрест, ки хуну молро мубоҳ мегардонад.

**Понздаҳум:** Ошкор намудани ин ки қавми Нуҳ алайҳис салом танҳо аз онон шафоатро мехостанд. (Ва бо вуҷуди ин дар ширк воқеъ шуданд).

**Шонздаҳум:** Гумони онҳо ин ки олимоне ки суратҳоро кашиданд, ибодати онҳоро мехостанд (барои онҳо шафоат кунанд ва ин гумони фосид аст).

**Ҳабдаҳум:** Баёни бузург дар фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: Дар ҳаққи ман зиёдаравӣ накунед, ҳамчуноне ки насрониҳо дар ҳаққи писари Марям карданд. Пас салавоту саломи Аллоҳ бар Расулуллоҳ бод, ки ҳамаи чизро ошкоро баён кард. (Пас аз зиёдаравӣ дар таъриф ва дар он он муболиға кардан, манъ кард вааростӣ баъзеи ин уммат дар он воқеъ шуданд, балки сахттар воқеъ шуданд).

**Ҳаждаҳум:** Насиҳати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам моро ба хабар доданаш ба ҳалоки зиёдаравандагон. (Барои аз он ҳазар кунондан).

**Нуздаҳум:** Ошкор намудан бар ин ки бутҳо парастида нашуданд, то ки илм аз байн рафт. Пас дар баёни қадри илм ва зарари аз байн рафтани он аст.

**Бистум:** Сабаби аз байн рафтани илм марги олимон аст. (Пас ин аз бузургтарини асбоб аст ва инчунин ғафлат ва аз он рӯ гардондан аст ва ба умури дунё машғул шудан ва ба он аҳамият надодан аст).

## (20) Боб андар сарзаниши сахт дар ҳаққи касе ки Аллоҳро дар назди қабри марди солиҳ парастад, пас чӣ гуна аст ҳаргоҳ ӯро бипарастад?

Муаллиф ин боброқайд кард, то барои ту ғарибии дин ва тарк кардани мардум тавҳидро баён намояд ва наҳйе, ки аз ибодати Аллоҳ таъоло дар назди қабри солеҳон омадааст, то васила ба сӯи ширки ба Аллоҳ нашавад.

**Далели аввал:**

Дар Саҳеҳ аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Умми Салама разияллоҳу анҳо барои Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам калисоеро, ки дар сарзамини Ҳабаша дида буд ва дар он суратҳое ки кашида шуда буд, зикр кард. Пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Онҳо қавмеанд, ки ҳаргоҳ аз миёнашон марди солиҳ ё бандаи солиҳ бимирад, бар болои қабраш масҷид бино карда дар он он суратҳоро мекашиданд, онҳо бадтарини халқ дар назди Аллоҳ ҳастанд"***. Инҳо байни ду фитна ҷамъ карданд: Фитнаи қабрҳо ва фитнаи ҳайкалҳо.

❀(Пас онон байни ду фитна ҷамъ оварданд): Ин сухани Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ аст ва инро фитна номид, зеро он сабаби манъ кардани мардум аз динашон аст.
❀Асл дар қабрҳо ин аст, ки аз хонаҳо берун бошад, то васила ба сӯи ширк нагардад.
❀Фитнаи қабрҳо сахттар аз пайкараҳост, ва ин ба чанд амр аст:
۞Қабрҳо дар ҳамаи ҷойҳо вуҷуд дорад.
۞Дар назди қабр чизҳое рӯй медиҳад, ки дар ҷои дигар рӯй намедиҳад, мисли тарс.

**Далели дуюм:**

Ва Бухорию Муслим аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят карданд, ки ӯ гуфт: Ҳангоме ки марги Расулуллоҳ ﷺ фаро расид, оғоз кард ба гузоштани порчае бар рӯяш, пас ҳаргоҳ ба сабаби он андӯҳгин мешуд, рӯяшро мекушод. Паёмбар ﷺ дар ҳамин ҳол фармуд: ***"Лаънати Аллоҳ бар яҳуду насоро бод, қабрҳои паёмбаронашонро масҷидҳо мегирифтанд"***. Аз кардаи онҳо пешаки огоҳӣ медод. Агар ин огоҳӣ додан намебуд, ҳароина қабраш ошкор карда мешуд, ғайри ин ки Паёмбар ﷺ тарсид, ки масҷид қарор дода мешавад. Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

**Далели сеюм:**

Ва Муслим аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки ӯ гуфт: Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро панҷ рӯз пеш аз вафоташ шунидам, ки мефармуд: ***"Ман ба Аллоҳ паноҳ мебарам аз ин ки яке аз шуморо халили худ бигирам, зеро ки Аллоҳ маро халили худ гирифт, ҳамонтавр ки Иброҳимро халили худ гирифта буд. Ва агар ман аз умматам касеро халил мегирифтам, ҳароина Абӯбакрро халил мегирифтам. Огоҳ бошед! Умматҳои пеш аз шумо қабрҳои паёмбарони худро масҷид мегирифтанд. Огоҳ бошед! Қабрҳоро масҷид нагиред, ман шуморо аз ин кор манъ мекунам"***.

Ба таҳқиқ аз ин кор дар охири ҳаёташ манъ кард ва касонеро, ки чунин карданд лаънат намуд. Ва дар назди қабр намоз хондан ва агарчанде масҷид бино карда нашавад, аз ҷумлаи ин ҳукм аст. Ва ин маънои сухани ровӣ "тарсида шуд, ки масҷид гирифта мешавад" мебошад.

Албатта саҳобагон дар атрофи қабри Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам масҷид бино намекарданд.

Ва ҳар ҷое, ки дар он қасди намоз карда шавад, пас он ҷойро масҷид қарор дода шудааст, балки ҳарҷое, ки дар он намоз хонда мешавад, масҷид номида мешавад, чуноне ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Замин барои Ман масҷид ва василаи покизагӣ гардонда шуд"***.

❀(Вақте ба Расулуллоҳ ﷺ нозил шуд): Фариштаи марг то рӯҳи Ӯ ﷺ-ро қабз кунад.

❀(Хамиса): Ҷома ё либоси аломатдор.

❀(Лаънатуллоҳ): Яъне рондан ва дӯр кардани Ӯ, пас ин хабар аз ҷониби Аллоҳ аст ва эҳтимол дорад, ки Ӯ ﷺ бар онон дуо карда аст.

❀(Қабрҳои паёмбаронашонро масҷид гирифтанд): Ё ба саҷда кардани бар болои онҳо ё ба масҷидҳо сохтани бар болои онҳо.

❀(Ҳароина қабри Ӯ ﷺ зоҳир карда мешуд): Яъне ошкор карда мешуд ва аз хонааш баровварда мешуд, масалан дар Бақеъ дафн карда мешуд.

**Барои чӣ Паёмбар ﷺ дар ҳуҷра дафн карда шуд ва ягон кас ҳуҷраро намебинад, аз хоки қабр чӣ гӯӣ?**

❀Аз рӯи фармудаи Ӯ ﷺ паёмбаре рӯҳаш гирифта намешавад, магар ки дафн карда мешавад дар ҷое ки рӯҳаш қабз шудааст.

❀(Хашия): Паёмбар ﷺ тарсид, ки қабраш васан (бут) қарор дода мешавад.

❀(Хушия): Саҳобагон тарсиданд, ки қабр васан қарор дода мешавад, аз рӯи ҳарис будан бар таҳқиқи тавҳид.

**Чигуна рад мекунем бар касе ки иддио мекунад, ки қабри Паёмбар ﷺ дар дохили масҷид аст?**

А- Радди мухтасар: Ин аз ҷумлаи муташобеҳ аст ва воҷиб чанг задан ба муҳками Қуръон ва Суннат аст ва ту аз касоне ҳастӣ, ки пайравии муташобеҳро мекунанд ва далелҳо муҳкамро тарк мекунанд, пас ҳаргиз туро гуш намекунем.

Б-Бо баёни муфассал рад кардан:

1-Масҷид бар болои қабр бино нашудааст, балки масҷид дар ҳоли ҳаёти Ӯ ﷺ бино шуда буд.

2-Паёмбар ﷺ дар масҷид дафн нашудааст, балки дар хонааш дафн шуда буд ва аз масҷид берун буд.

3-Даровардани ҳуҷраҳо дар масҷид ба иттифоқи саҳобагон разияллоҳу анҳум нашуда аст, балки баъди гузаштани бисёртари онҳо шудааст ва баъзеаш, ки дар қайди ҳаёт буд, хилоф кард, ҳамонгуна ки Саъид ибни Мусайяб хилоф баромад.

4-Қабр дар масҷид нест, балки дар ҳуҷраи алоҳида аст ва масҷид бар болои он бино нашудааст, балки қабр ба се девор ҳифз карда шудааст ва девор дар гушаи каҷшудаи аз қабр қарор дода шуда, то намозгузор рӯ ба он наорад.

5-Масҷиди набавӣ дорои бартарӣ дар намоз ва бастани бори сафар ба сӯи он ва ғайра аст.

Танбеҳ: Хулла бузургтарин анвоъи муҳаббат ва олитарини он аст ва то ҷое медонем Аллоҳ азза ва ҷалла онро танҳо барои ду нафари аз халқаш исбот кардааст ва онон Иброҳим ﷺ ва Муҳаммад ﷺ ҳастанд. Ба ин ҷаҳли бузургро дар қавли омма медонӣ, ки мегӯянд: Иброҳими Халилуллоҳ ва Муҳаммад Ҳабибуллоҳ аст ва ин костани ҳаққи Ӯ ﷺ аст, зеро мартабаи Ӯ ﷺ-ро аз мартабаи Иброҳим паст қарор доданд ва байни Ӯ ва дигар мардум фарқе нагузоштанд, пас Аллоҳ некӯкоронро дӯст медорад, масалан, пас касе Ӯ ﷺ-ро ба Ҳабибуллоҳ васф мекунад, хато кардааст.

**Далели чорум:**

Имом Аҳмад ба санади нек ба таври марфӯъ аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Албатта бадтарини мардум касоне ҳастанд, ки дар ҳоли ҳаёти онҳо қиёмат барпо шавад ва касоне ки қабрҳоро масҷид мегиранд"***. (Абӯҳотим дар Саҳеҳаш ривоят кардааст)

❁ (Бадтарини мардум): Ин далел аст, ки мардум дар бадӣ тафовут (фарқ) доранд ва баъзеашон дар бадӣ аз дигареаш сахттар аст.

## Хулосаи боб:

Дӯрӣ аз ширк ва василаҳои он воҷиб мебошад ва касе ки Аллоҳро дар назди қабри марди солеҳ мепарастад, сахтгирӣ карда мешавад ва намоз ва ғайри онро дар бар мегирад. Пас касе эътиқод кунад, ки садақа додан дар назди ин қабр аз дигараш беҳтар аст, пас ин монанди масҷид гирифтани он мебошад.

**Масъалаҳо:**

Якум: Зикри Расул ﷺ дар мавриди касе ки дар назди қабри марди солеҳе масҷид месозад, ки дар он Аллоҳ парастида мешавад ва агарчи ба нияти хубе сохта бошад.

Дуюм: Аз ҳайкалсозӣ манъ кардан ва сарзаниши сахт аз ин кор.

Сеюм: Ибрат гирифтан аз муболағаи Паёмбар ﷺ аз ин кор, чигуна инро аввал барояшон баён намуд, чипач панҷ рӯз пеш аз вафоташ фармуд он чизеро ки фармуд, сипас дар ҳоли охири ҳаёташ тавсия намуд ва ба баёнҳои пешинааш иктифо накард.

Чорум: Пеш аз вуҷуди қабраш аз кардани ин кор дар назди қабраш манъ кард.

Пнаҷум: Ин амал аз амалҳои яҳуду насоро дар мавриди қабрҳои паёмбаронашон буд.

Шашум: Лаънат кардани онҳо ба хотири ин кор.

Ҳафтум: Мақсади Паёмбар ﷺ огоҳӣ доданаш моро аз масҷид қарор додани қабраш буд.

Ҳаштум: Иллате ки Паёмбар ﷺ дар қабристони омма дафн нагардид.

Нуҳум: Маънои масҷид қарор додани қабр.

Даҳум: Як қарор додани касоне ки қабрҳоро масҷид мегиранд бо касоне ки бар онҳо қиёмат барпо мешавад. Василаҳои воқеъ шудани ширк ва оқибатҳои онро пеш аз воқеъ шудани ширк баён намуд.

Ёздаҳум: Паёмбар ﷺ дар хутбааш панҷ рӯз пеш аз вафоташ бар ду тоифае ки онҳо бадтарини аҳли бидъатанд рад кард, балки баъзе олимон онҳоро аз ҳафтоду ду фирқа хориҷ намудаанд ва онон рофизиҳо ва ҷаҳмияҳо ҳастанд ба сабабирофизаҳо ширку парастиши қабрҳо пайдо шуд ва онҳо аввалинкасоне ҳастанд, ки бар болои қабрҳо масҷид бино карданд.

Дувоздаҳум: Бао н чизе ки Паёмбар ﷺ дар вақти ҷон додан сахт мубтало шуд.

Сездаҳум: Паёмбар ﷺ ба халилӣ икром шуд.

Чордаҳум: Ошкор кардан бар ин ки мақоми халилӣ аз мақоми муҳаббат болотар аст.

Понздаҳум: Ошкор намудан ба ин ки Абӯбакри Сиддиқ разияллоҳу анҳу аз дигар саҳобагон афзал мебошад.

Шонздаҳум: Дар ин сухан ишора ба хилофати эшон низ ҳаст.

## (21) Боб андар ин ки зиёдаравӣ дар қабрҳои бузургон, ононро бутҳое мегардонад, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад

❁Ин сабаби сеюми пайдоиши ширк аст, пас бозгашти зиёдаравон ба сӯи парастидани ин қабрҳо ё соҳибони он мегардад. Ва ғулув дар таъриф ё танқид аз ҳад гузаштан аст.

❁Ақсоми мардум нисбати қабрҳо ду тараф ва миёна аст: Қисме ки дар қабрҳо ба парастидан ва сохтани қуббаҳо ғулув кардан ва қисме дар эҳтироми қабрҳо ба нишастани бар онон ва кофтани онон кутоҳӣ кард. Ва ҳақ дар байни ин ду аст, ки ҳурмати қабрро ҳифз карда шавад ва дар ҳаққи онҳо зиёдаравӣ карда нашавад, то ҷуз Аллоҳ парастида шавад.

**Далели аввал то чорум:**

1).Имом Молик дар Муватта ривоят кард, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Эй Аллоҳ қабри Маро буте нагардон, ки парастида шавад, ғазаби Аллоҳ сахт шуд бар қавме, ки қабрҳои паёмбаронашонро масҷид қарор доданд".

2). Ибни Ҷарир ба санади худ аз Суфён аз Мансур аз Муҷоҳид ривоят намуд: "Оё Лот ва Уззоро дидед". гуфт: Барояшон талқон омода мекард, пас фавтид, пас бар болои қабраш истоданд.

3). Ва инчунин Абӯҷавзо аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят карда гуфт: Барои ҳоҷиён талқон омода мекард.

4). Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам занонеро, ки қабрҳоро зиёрат мекунанд ва касоне ки бар болои қабрҳо масҷид бино мекунанд ва чароғҳо меафрӯзанд, лаънат кард. (Ривояти муаллифони Сунанҳо)

❁(Ғазаби Аллоҳ сахт шуд): Сифати ҳақиқии Аллоҳ аст, монанди ғазаби махлуқот нест.

❁(Қабрҳои паёмбаронашонро масҷидҳо гирифтанд): Ё ба саҷда кардани бар болои онҳо ё ба масҷид сохтани бар болои онҳо.

**Оё дуои Паёмбар ﷺ мустаҷоб шуд, ки қабраш буте қарор дода нашавад, ки парастида шавад, ё ҳикмати Аллоҳ ҷуз инро тақозо кард?** Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ гуфт: Аллоҳ дуои Ӯро иҷобат кард, пас зикр карда нашуд, ки қабри Ӯ ﷺ васан гирифта шуд, балки он ба се девор ҳимоя шуд:

فأجاب رب العالمين دعاءه    فأحاطه بثلاثة الجدران

Пас Парвардигори оламиён дуои Ӯро иҷобат кард ва Ӯро ба се девор иҳота кард. Дуруст аст, ки мардуме ёфта мешавад, ки дар ҳаққи Ӯ ﷺ ғулув мекунанд ва локин ба ҳадди васан гирифтани қабраш нарасидаанд.

❀(Оё дидед): Нисбати ин бутҳо ба оятҳои бузурге, ки Ӯ ﷺ дар шаби Меъроҷ дид, чист.
❀(Савиқ): Ҷаве ки таф дода мешавад, сипас орд карда мешавад, сипас бо хурмо омехта карда мешавад ва онро барои ҳоҷиён пешкаш мекунанд.
❀(Суруҷ): Ҷамъи сироҷ (шамъ) аст, бар болои қабрҳо аз рӯи таъзим ва ғулув шабу рӯз шамъҳо афрӯхта мешавад.
❀Зиёрати занон барои қабрҳо гуноҳе аз гуноҳони бузург аст ва инчунин масҷид гирифтан ва бар онҳо чароғҳо афрӯхтан, бароe ки фоили он лаънат шудааст.
❀ **Ақсоми зиёрати қабрҳо:**
1) Шаръӣ: Барои қабрҳо бори сафар баста намешавад ва ба зиёрат ёдоварии охират ва барои ӯ ва мурдагон дуо карданро қасд намояд.
2) Агар мурдагонро ба дуо мурочиат карданро қасд кунад, пас ин зиёрати ширкӣ аст.
3) Агар Аллоҳ ба дуо муроҷиат карданро дар назди мурдагон қасд кунад, пас зиёрати бидъатӣ аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири бутҳо (он чизе ки ба ҷуз Пллоҳ парастида мешавад, хоҳ бут бошад ё қабр ё ғайри ин).

**Дуюм:** Тафсири ибодат (шикастанафсӣ ва фурӯтанӣ барои маъбуд аз рӯи тарсу умед ва муҳаббату таъзим).

**Сеюм:** Паёмбар ﷺ паноҳ набурд, магар аз чизе ки воқеъ шудани он тарсида мешуд.

**Чорум:** Бо ин масҷид қарор додани қабрҳои паёмбаронро якҷо баён намуд.

**Панҷум:** Баёни шиддати ғазаби Аллоҳ.

**Шашум:** Ин аз муҳимтарини масъалаҳост. Донистани сифати парастидани Лот, ки он аз бузургтарини бутҳост.

**Ҳафтум:** Донистани ин ки он қабри марди солеҳ аст.

**Ҳаштум:** Ин ки Лот номи соҳиби қабр аст ва баёни маънои номидашуда.

**Нуҳум:** Лаънат кардани Паёмбар ﷺ занонеро, ки бисёр ба зиёрати қабрҳо меравaнд.

**Даҳум:** Лаънат кардани Паёмбар ﷺ касеро, ки бар қабрҳо чароғ меафрӯзад.

**Масъалаи муҳим:** Дар қабрҳои солеҳон ғулув кардан, онoнро бутҳо мегардонад, ҳамонгуна ки дар қабри Лот шуд.
**Масъала:** Ҳаргоҳ зан барои Равза дар масҷиди набавӣ равад, то дар онҷо намоз гузорад, пас қабр ба вай уриб аст, пас истода салом медиҳад, дар ин монеъе нест ва беҳтар ин аст, ки аз анбӯҳ ва омехтани бо мардон дӯр бошад ва то ин ки касе ки онро мушоҳида мекунад, гумон накунад, ки барои зан зиёрати қабр ҷоиз аст.

## (22) Боб андар ҳимояи Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷониби тавҳидро ва бастани Ӯ ҳамаи роҳҳоеро, ки ба сӯи ширк мерасонад

Муаллиф ин бобро овард, то баён кунад, ки Ӯ ﷺ монеъае гардонд, ки аз наздик шудани шахс дар гирди тавҳидро манъ мекунад, онро сахт ҳимоя мекунад ва дарҳоро кушода намонд, ки ҳар кас хоҳад дар он дарояд ва локин Ӯ ﷺ ҳамаи роҳҳои ба ширк расонандаро баст.

**Далели аввал ва дуюм:**

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Яқинан паёмбаре аз (миёни) худатон ба сӯятон омад, ки ранҷҳои шумо бар ӯ душвор (ва гарон) аст".

2). Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Хонаҳоятонро ба қабристон табдил надиҳед ва қабри Маро ид (идгоҳ) нагиред ва бар Ман салавот фиристед, зеро салавоти шумо ба Ман мерасад дар куҷое, ки бошед". (Абӯдовуд ба исноди нек ривоят кардааст ва ровиёнаш боэътимод ҳастанд).

❀(Яқинан паёмбаре ба сӯятон омад): Ба се таъкидкунанда таъкид карда шуд: Қасами тақдиршуда ва ҳарфи "лом" ва "қад".

❀ (Аз худатон): 1) Башаре аз ҷинси худатон ва локин бар шумо ба ваҳй бартарӣ дорад. 2) Ва дар қироате (مِن أنفَسِكم) ба фатҳаи ҳарфи "фо" яъне аз бошарафтарини шумо ва ботақвотарини шумо.

❀ (Бар Ӯ душвор аст): Бар Ӯ душвор меояд, он чизе ки бар шумо душвор меояд. Ва барои ин ба дини бахшанда ростин фиристода шуд.

❀ (Бар шумо ҳарис аст): Тамоми кушишашро дар мслиҳати шумо сарфкунан-да аст.

❀ (Нисбати мӯъминон рауфу меҳрубон аст): Пеш овардани чизе ки ҳаққи он баъд овардан аст, ифодаи ҳаср мекунад, яъне дар ғайри мӯъминон сахтгир аст, (Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва касоне ки бо Ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгир ва дар миёни худ меҳрубонанд).

❀ (Пас рӯ гардонанд): Эъроз кунанд, ва нагуфт: (Пас агар рӯй гардонед), 1)зеро рӯй гардондан бо ин баён макрӯҳ аст, 2) барои огоҳ кардани хонан-да, пас замирро тағйир дод, то огоҳ шавад.

❀ (Пас бигӯ: Аллоҳ барои мо кофӣ аст): Яъне рӯ гардондани онон туро ғамгин накунад ва базабону қалбат бигӯ: Аллоҳ маро басанда аст.

❀ (Хонаҳоятонро қабристон нагиред): Яъне 1) дар хонаҳо намоз хонед, 2) дар он мурдаҳоятонро дафн накунед.

❀ (Ид): Яъне бар қабри ман рафту омад накунед ва бар ин одат накунед, хоҳ онро дар сол ё моҳ ё ҳафта қайд кунед. Ва албатта ба хотири сабабе зиёрат карда мешавад, ҳамчуноне ки аз сафар баргардад ё барои ёдоварии охират.

❀(Ва бар ман салот фиристед): Маънои салот аз ҷониби Аллоҳ таъоло, бар Паёмбар дар олами боло сано гуфтан аст.
❀ (Ба ман мерасад): Зеро Ӯ ﷺ гуфт: "**Аллоҳ малоикаҳое дорад, ки дар замин сайругашт мекунанд, саломи уммати маро ба ман мерасонанд**", пас барои ҷамъ омадан дар назди қабри Ӯ ﷺ ҳоҷате нест.

**Далели сеюм:**

Аз Алӣ ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ӯ мардеро дид, ки ба назди сурохе, ки дар назди қабри Паёмбар ﷺ буд, меомаду дар он дохил шуда дуо мекард. Пас ӯро аз ин кор манъ карда гуфт: Оё шуморо ҳадисеро нагӯям, ки аз падарам аз бобоям аз Расулуллоҳ ﷺ шунидаам, ки гуфт: ***"Қабри маро ид нагиред ва на хонаҳоятонро қабристон ва бар Ман дуруд фиристед, пас албатта саломи шумо ба Ман мерасад, дар куҷое, ки бошед"***. (Инро дар ал-Мухтора ривоят кардааст).

❀(Пас дуо мекард): Гумон мекард, ки барои дуо дар назди қабр бартарӣ аст, кушодани дар ва васила ба сӯи ширк аст.
❀(Дар куҷое бошед): Мақсад дар куҷое бошед бар ман салот фиристед ва ҳоҷат ба омадани назди қабр нест, ки назди қабр биёеду бар ман салоту салом гуед.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти Бароат (Тавба). "Яқинан паёмбаре аз (миёни) худатон ба сӯятон омад".
**Дуюм:** Паёмбар ﷺ умматашро аз ширк дур намуданд. (Хонаҳоятонро қабристон магардонед...)
**Сеюм:** Баёни ҳарис будани Паёмбар ﷺ ва меҳрубонию раҳматаш бар мо. (Ояти сураи Бароат)
**Чорум:** Манъ намуданаш аз зиёрати қабраш ба тариқаи махсус, бо вуҷуде ки зиёраташ аз беҳтарин амалҳост. (Пас дар зиёрати Ӯ, бар Ӯ салом додан аст ва ҳаққи Паёмбар ﷺ аз ғайраш бузургтар аст).
**Панҷум:** Аз бисёр зиёрат манъ карданаш.
**Шашум:** Ташвиқ намуданаш бар хондани намозҳои нафл дар хона.
**Ҳафтум:** Саҳобагон бар ин ақида буданд, ки дар қабристон намоз хондан ҷоиз нест.
**Ҳаштум:** Дуруду саломи мард бар Паёмбар ﷺ агарчи дур бошад, ба Ӯ мерасад. Пас ҳоҷат нест ба он чизе ки гумон мекунад шахсе ки наздикии қабрро мехоҳад. (Алӣ ибни Ҳусайн гуфт: Ту ва касе ки дар Андалус аст, баробар ҳастед)
**Нуҳум:** Дар Барзах ба Паёмбар ﷺ салоту саломи умматаш бар вай арз карда мешавад.

## Панҷум: Ботил кардани далели касе ки мегӯяд: Ширк дар ин уммат ё дар ҷазира воқеъ намешавад (як боб аст)

## (23) Боб андар ин ки баъзеи ин уммат бутҳоро мепарастад

Муаллиф ин бобро барои ботил кардани ҳуҷҷати касе, ки мегӯяд: Ширк дар ин уммат воқеъ намешавад, зеро уммат аз он нигаҳдошта шудааст, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: "Шайтон ноумед шуд, ки ӯро намозгузорон дар ҷазираи Араб бипарастанд" зикр кард.

Ҷавоб барои шубҳаи онон мухтасаран: Ин аз пайравии муташобеҳ аст ва тарк кардани ҳуҷҷати муҳкам. Ва ҷавоби муфассал:

1-Хабар додан ба ноумед шудани шайтон, бар воқеъ нашудани он далолат намекунад.

2-Аз намозгузорон ноумед шуд ва аз ғайри намозгузорон ноумед нашуд ва намозгузор яктопараст аст.

3-Ин фаҳм бисёр ҳуҷҷатҳои Қуръон ва суннатро мухолифат мекунад.

4-Саҳобагон разияллоҳу анҳум бо муртадҳо дар ҷазира, ба хотири ширкашон ҷангиданд.

5-Воқеъ бар хилофи ин шаҳодат медиҳад, пас маслан забҳи барои ғайри Аллоҳро дар ҷазира мебинӣ.

6-Ин дар қалби шайтон воқеъ шуд ва ӯ гумроҳ кардани фарзанди Одамро тарк накард.

7-Ин вақте воқеъ шуд, ки фатҳо бисёр шуд ва мардум дар дини Аллоҳ гурӯҳ-гурӯҳ даромаданд.

8-Олимон ашёеро зикр карданд, ки мард ба сабаби он муртад мешавад ва агарчи дар ҷазира бошад.

Касе иддио кунад, ки Мусайлама паёмбар аст, пас кофир мешавад ва шаҳодат ӯро фоида намедиҳад, пас чигуна асткасе ки Тиҷонӣ ва ғайрашро ба мартабаи Ҷаббори осмонҳо мебардорад, оё ба сабаби ин кофир намешавад?! Ин аз аҷибтарини аҷабҳост!!

**Ваҷҳи овардани муаллиф оятҳоро барои ин боб чист, пас дар он далел бар он чи хостааст нест?** Мақсад баён намешавад, магар ба ҳадиси Абӯсаъид, пас оятҳо пурра мувофиқи боб мебошад.

**Далели аввал ва дуюм:**

**"Оё надидӣ касонеро ки баҳрае аз китоб (-и осмонӣ) ба онон дода шуданд ба ҷибт (бут ва сеҳр) ва тоғут (худоёни дурӯғин) имон меоранд".**

2). Ва фармудаи Ӯ: "Бигӯ (эй Паёмбар) оё шуморо хабар диҳам, ки кадом қавмро назди Аллоҳ бадтарин подош аст? Касоне ки Аллоҳ бар онҳо лаънат ва ғазаб карда ва баъзе аз ононро маймун ва хук гардонид ва касе ки маъбуди ботилро парастид".

❁(Оё надидӣ): Суол барои баён ва тааҷҷуб аст, ба ҳар касе ки хитоб ба вай дуруст мебошад.

❁(Дода шуданд): Ва ҳамаи китоб ба онон дода нашуд, зеро онон ба сабаби маъсияташон маҳрум гаштанд.

❁ (Ба ҷибт ва тоғут имон меоранд): Яъне ин дуро тасдиқ ва эътироф мекунанд, он дуро инкор намекунанд.

**Аз фоидаҳои ояти якум:**

1-Аҷиб аст, ки инсон насибе аз китоб дода шавад, сипас ба ҷибт ва тоғут имон биёрад.

2-Олим аз маъсият маъсум (пок) нест.

3-Инкори ҷибту тоғут воҷиб мебошад, пас эътироф кардан ба ҷибту тоғут ҷоиз намебошад.

4-Баъзеи ин уммат ба ҷибту тоғут имон меорад, ҳамонгуна ки дар бани Исроил вуҷуд дошт.

❁ (Бигӯ: Оё шуморо хабар диҳам): Хитоб барои Паёмбар ﷺ аз рӯи рад кардан бар яҳуд, ки дини Исломро ба масхараву бозӣ гирифтанд ва суол барои баён ва ташвиқ аст.

**Аз фоидаҳои ояти дуюм:**

1-Водор ба эътироф кардани хасм ва бар ӯ ҳуҷҷат овардан ба чизе ки онро инкор карда наметавонад, пас яҳуд медонанд, ки дар онҳо қавме буд, ки Аллоҳ бар онон ғазаб кард ва ононро лаънат кард ва баъзеи ононро маймун ва хук гардонид. Ҳаргоҳ ба ин эътироф кунанд, дар ҳоле ки онон мусалмононро масхара мекунанд, пас барояшон мегуем: Ба касоне ки уқубат нозил шуд, шоистатар ба масхара кардан ҳастанд.

2-Ихтилофи манзилатҳои мардум дар пеши Аллоҳ ба зиёдии имон ва нақси он ва он чизе, ки бар он тартиб меёбад.

3-Ҳоли бади яҳуд, аз ҷиҳате ки ба онон уқубати лаънат ва масх ва тоғутпарастӣ нозил шуд.

4-Исботи феълҳои ихтиёрии Аллоҳ, аз ҷумла лаънат, ғазаб ва қудрат ва ин ки Аллоҳ он чиро хоҳад, мекунад.

5-Паёмбар ﷺ фармуд: "**Ҳар уммате ки ба сурати ҳайвон даровarда шуд, барои онон насле боқӣ намемонад**", пас маймун пеш аз ин вуҷуд дошт.

6-Уқубатҳо аз ҷинси амал аст, пас яҳуд коре карданд, ки зоҳири он мубоҳ аст ва ҳоло ки он ҳаром аст.

7-Яҳуд тоғутпараст гаштанд ва шакке нест, ки то ҳол тоғутро мепарастанд.

**Далели сеюм:**

Ва фармудаи Ӯ: **"Ва гуфтанд онон, ки бар воқеъи аҳволи онҳо иттилоъ ёфтанд, бар (ғори) эшон масҷиде бино кунем"**.

(Касоне ки қудрат ба даст доштанд, гуфтанд): Инро ҳокимон қасамхӯранда ва таъкидкунанда гуфтанд. 1-Дар қиссаи ёрони Каҳф оятҳоест, ки бар камоли қудрати Аллоҳ далолат мекунад.
2-Аз асбоби масҷид сохтани бар болои қабрҳо, дар соҳибони қабрҳо ғулув кардан аст.
3-Дар қабрҳо ғулув кардан ва агарчи андак бошад, гоҳо ба сӯи бузургтар аз он мерасонад.

**Далели чорум:**

Аз Абӯсаъид разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Ҳароина шумо мӯ ба мӯ аз суннатҳои умматҳои пешин пайравӣ хоҳед кард, ҳатто агар онон дохили сурохи сусмор шуданд, шумо низ дохили он мешавад. Саҳобагон гуфтанд: Мақсади шумо яҳуду насоро аст? Фармуд: Пас мақсадам кист?".

Далели панҷум:

Ва Муслим аз саҳобагон разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Албатта Аллоҳ заминро дар пеши чашмонам ҳамвор сохт ва ман шарқ ва ғарби онро дидам ва то ҷое, ки ман дидам умматам ҳукумат хоҳад кард. Ва ба Ман ду хазинаи сурх ва сафед дода шуд. Ва аз Парвардигорам хостам, ки умматамро ба васила хушксолии фарогир нобуд накунад. Ва душмани бегонае, ки наслашонро барчинад бар онҳо мусаллат нагардонад. Парвардигорам ба ман гуфт: Эй Муҳаммад ман вақте чизеро ҳукм кардам, баргашт надорад. Дар мавриди умматат ваъда намудам, ки онҳоро ба василаи хушксолии фарогир, ҳалок накунам. Ҳамчунин бар онҳо душмани бегона ба гунае мусаллат накунам, ки решаи онҳоро барканда ва агарчанде неруҳои куфр ҳама бо ҳам аз ҳар сӯ бар онҳо ҳамла кунанд, магар ин ки дар ҷангҳои дохилӣ ҳамдигарро ба қатл бирасонанд ва асир бигиранд".

Ва дар ривояти Бурқонӣ зиёда бар он чунин омадааст, "Ман бар умматам аз раҳбарони гумроҳкунанда метарсам. Ва баъд аз ин ки шамшер дар миёни онон ба кор рафт, дигар то қиёмат бардошта нахоҳад шуд. Ва қиёмат барпо намешавад, то он ки гурӯҳе аз умматам мушрик нагарданд ва то он ки гурӯҳи зиёде аз умматам бутҳоро напарастанд. Ва дар миёни умматам си нафар дурӯғгӯ пайдо хоҳад шуд, ҳар кадоми онҳо даъвои паёмбарӣ мекунанд, дар ҳоле ки ман хатмкунандаи паёмбаронам ва пас аз ман паёмбаре нахоҳад омад. Ва гурӯҳе аз умматам ҳамеша барҳақ хоҳанд монд ва аз ҷониби Аллоҳ ёрӣ дода мешаванд, ки хор кардани баъзе ва мухолифати баъзе ба онон осебе намерасонад то ин ки амри Аллоҳ таборак ва таъоло биёяд".

❀(Санан): ба фатҳаи ҳарфи "син" ба маънои роҳ аст ва ба заммаи ҳарфи "син" ба маънои тариқат аст.
❀ (Ҳазвал қуззати билқузза-мӯ ба мӯ): Қузза ҳамон парест, ки дар тир мегузоранд ва дар ин киноя аз сахт монанд шудан аст.
1-Баъзеи ин уммат бутҳоро мепарастад, зеро он аз равишҳои пеш аз мо будагиҳост ва мо онҳоро ба зудӣ пайравӣ мекунем.
2-Донистани он чи ки пеш аз мо будагиҳо бар он амал буданд, ки аз он ҳазар кардан воҷиб аст, шоиста мебошад, то аз он ҳазар кунем ва бештари ин дар Қуръону Суннат вуҷуд дорад, пас ононро дар маъсияти Аллоҳ пайравӣ намекунем.
3-Бузург шуморидани саҳобагон амри пайравии роҳу равиши пешиниёнро баъде ки барои мо ҳидоят омад.
4- Ҳар қадар ки замон дар байни инсон ва рисолат тулонӣ гардад, пас аз ҳақ дуртар мешавад.
❀ (Заво): ҷамъ ва зам кард, (ал-аҳмара вал абяза): Тилло ва нуқраро, канзҳои Кисро ва Қайсарро.
❀(Ва Ман Парвардигорамро барои умматам пурсидам): Паёмбар ﷺ се амр-ро пурсид, ду чиз дода шуд ва аз савумин манъ карда шуд:
1-Умматро ба хушксолии фарогир ҳалок накунад: Пас бар ҳамаи уммат қаҳтӣ ва хушксолиро мусаллат нагардонад.
2-Кофирон бар ҳамаи уммати исломӣ ғалаба накунанд.
3-Уммат дар байнашон ҷанг накунанд ва аз ин охир Паёмбар ﷺ манъ карда шуд.
❀ (Пешвоёни гумроҳкунанда): Тарсашро дар пешвоёни гумроҳкунанда ҳаср кард ва пешво дар:
1-Хайр мебошад: (**Ва аз онон пешвоёне қарор додем, ки ба фармони мо "мардумро" ҳидоят мекарданд, чун сабр карданд ва ба оятҳои Мо яқин доштанд**). 2-Ва пешво дар шарр мебошад: (**Ва онҳоро пешвоёне қарор додем, ки ба сӯи оташ даъват мекарданд ва рӯзи қиёмат ёрӣ нахоҳанд шуд**).
❀ (Дар миёни онон шамшер ба кор рафт, бардошта намешавад): Ва ин аз куштани Усмон разияллоҳу анҳу то ба имрӯз рӯх додааст.
❀ (Ва ҳатто гурӯҳе аз уммати ман бутҳоро мепарастад): То ҷамоатҳое аз уммати Ман бутҳоро мепарастад.
❀ (Си дурӯғгӯ): Ин адад аз боби бисёрӣ ё аз боби ҳаср аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири сураи Нисо.
**Дуюм:** Тафсири сураи Моида.
**Сеюм:** Тафсири сураи Каҳф, (Ҳароина бар болои қабри онон масҷид бино мекунем), вақте умматҳои собиқ асном ва авсон (бутҳо)-ро парастиданд, па сдар ин уммат касе аст, ки асном ва авсонро мепарастад.

**Чорум:** Маънои имон ба ҷибту тоғут дар инҷо чист? Оё аз самими қалб онҳо чунин эътиқод доштанд, ё барои мувофиқатии мушрикон чунин мекарданд, дар ҳоле ки онро бад медиданд ва ба ботил будани он имон доштанд.

**Панҷум:** Бо вуҷуди куфри кофиронро медонистанд, мегуфтанд: Онҳо аз мӯъминон роҳёфтатаранд.

**Шашум:** Он чи муҳим аст ин ки дар ин уммат низ чунин унвонҳое ба пайравӣ аз яҳуд ва насоро пайдо мешаванд, чунон ки дар ҳадиси Абӯсаъид ин матлаб баён шудааст.

**Ҳафтум:** Ошкор сохтани Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар ин ки дар ин уммат низ бутпарастӣ воқеъ мешавад.

**Ҳаштум:** Дар воқеъ тааҷҷубовар аст, ки касоне аз ин уммат бо вуҷуди иқрор ба шаҳодатайн ва эътироф ба ҳақ будани Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва Қуръон даъвои паёмбарӣ мекунанд, монанди Мухтор, ки дар охирҳои замони саҳоба чунин даъво кард ва гурӯҳи зиёде аз ӯ пайравӣ карданд.

**Нуҳум:** Мужда ба ин ки ҳақ пурра нобуд нахоҳад шуд, онгуна ки қаблан нобуд мешуд, балки ҳамеша гурӯҳе бар он хоҳанд монд.

**Даҳум:** Нишонаи ҳақ будани онҳо ин аст, ки бо вуҷуди камияашон зарар намедиҳад онҳоро касе ки онҳоро мухолифат менамояд.

**Ёздаҳум:** Ин шарт то қиёмат мемонад.

**Дувоздаҳум:** Мӯъҷизаҳое, ки дар ҳадиси Савбон баён шуд, аз ҷумла: Дидани машриқ ва мағриб ва ин ки умматаш бар онҳо ҳукумат мекунад, чунон ки ин воқеъ шуд ва машриқу мағриб ба ҷуз шимолу ҷануб ба дасти уммати Ислом афтод. Ва хабари дастёбӣ ба ду хазина ва ҳамчунин қабул шудани ду дуо ва қабул нашудани дуои сеюм ва хабар додан аз ба коргирии шамшер дар миёни мусалмонон ва куштан ва асир кардани ҳамдигар ва тамом нашудани ингуна ҷангҳои дохилӣ, то қиёмат. Ва эҳсоси хатар аз пешвоёни гумроҳкун ва хабар додан аз паёмбарони дурӯғин ва боқӣ мондани гурӯҳи ёрӣ дода шуда, ки ҳамаи инҳо ҳамонтавр ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар дода буд, воқеъ шуд.

**Сездаҳум:** Зикри тарси Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар уммат аз раҳбарони гумроҳкунанда.

**Чордаҳум:** Огоҳӣ додан бар маънои бутпарастӣ.

## Имтиҳони қисми чорум ва панҷум (5 боб аст)

Суоли якум: Бобҳои ин ду қисмро ва муносибати ҳар бобро барои китоб зикр кун:

| м | Унвони боб | Сабаби овардани муаллиф бобро |
|---|---|---|
| 1 | ............................ | .................................................... |
| 2 | ............................ | .................................................... |
| 3 | ............................ | .................................................... |
| 4 | ............................ | .................................................... |
| 5 | ............................ | .................................................... |

**Суоли дуюм:** Аломати ☒ дар макони муносиб гузор ё ҷои холиро пур кун:

1-Дар ҳаққи солеҳон ғулув кардан, ҳамон асли ширк дар қадим ва ҳозир аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

2-Ғулув он:...................................................ва аз фасодҳои он.............................

3-Фитнаи қабрҳо монанди фитнаи бутҳост, балки он сахттар аст: ☐Дуруст ☐ хато.

4-Зиннат додани қабрҳо ва бар онҳо чароғҳо афрӯхтан ва гачкории онҳо ва бар онҳо навистан ва бар онҳо қуббаҳо сохтан ва бар онҳо пардаҳо гузоштан ва зиёраткунандаҳои онҳоро хидмат кардан ва хидматгорҳои онҳоро мол додан: ☐ Воҷиб аст ☐ ҳаром аст.

5-Муаллиф раҳимаҳуллоҳ гуфт: Зиёрати қабри Паёмбар ﷺ аз беҳтарини амал-ҳост: ☐ Дуруст ☐ хато.

6-Пайгирӣ кардани осори Ӯ ﷺ: ☐ Мустаҳаб ☐ дар ин баёни муфассал аст ☐ ҳаром аст.

7-Паёмбар ﷺ тарсро бар умматаш ҳаср кард дар:........................................................

8-Муносибати овардани муаллиф раҳимаҳуллоҳ се оятро дар зимни бобе: Баъзеи ин уммат бутҳоро мепарастад? ☐ Муносибате надорад ☐ возеҳ намешавад магар ба ҳадис ☐ хато аз тарафи баъзе нусханависон аст.

9-Мардум дар шаъни солеҳон тақсим шуданд ба: ☐ ду тараф ва миёна ☐ ғулув ва ҷафо.

10-Муҳаббати солеҳон ба барои онон дуо кардан ва аз онон дифоъ кардан ва аз онон илм гирифтан аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

11-Дар шаъни солеҳон ғулув кардан, сабаби ягона дар куфр нест, локин он аз хатарноктарини он аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

12-Оё ғулув дар ибодатҳо дохил мешавад? ☐ Оре ☐ не.

13-Ҳаргоҳ банда ибодати Аллоҳ ёд наорад магар ба дидани солеҳон, пас ин ибодати кутоҳ ё ибодат нест: ☐ Дуруст ☐ хато.

14-(Бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ) содиқтарин ва бошарафтарини васф барои Ӯ ﷺ аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

15-Итро ҳамон:..................................ва аз мисолҳои он...................................................

16-(Маро зиёд ситоиш накунед): Он чиро ки монандии ғулуви насоро ва ғайри он аст, шомил мешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
17-Ғулув дар: ☐ Сано ☐ ибодат ☐ амал ☐ ҳамаи зикршудаҳо мебошад.
18-(Муболағакунандагон) кист?...........................................................................................
19-(Ҳалок шуд) мурод ба ҳалок: ☐ Дин ☐ ҷисмҳо ☐ ҳамаи зикршудаҳост.
20-Дини Аллоҳ дар байни зиёдарав ва ҷафокор аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
21-Танаттуъ мебошад, дар: ☐ калом ☐ қавлҳо ☐ ҳамаи зикршуда.
22- Уммат иҷмоъ дорад, ки Ҳусайн як сар дорад ва локин дар воқеъ барои ӯ бештар аз панҷ сар аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
23-Аввалин ширке, ки дар фарзанди Одам воқеъ шуд, дар қавми: ☐ Одам ☐ Нуҳ ☐ Иброҳим буд.
24-Аввалин чизе ки ба сабаби он дини анбиё тағйир дода шуд ҳамон ширк аст ва сабабаш ғулув дар ҳаққи солеҳон буд: ☐ Дуруст ☐ хато.
25-Касе қувват додани диншро ба бидъат бихоҳад, пас зарараш аз фоидааш бештар аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
26-Ҳар чизе ки ид гирифта мешавад, ҳар ҳафта ё ҳар сол такрор мешавад ва шаръӣ нест, пас он: ☐ бидъат ☐ ҷоиз ☐ суннат аст.
27-Бидъат сабаби куфр аст: ☐Дуруст ☐ хато, зеро куфри ба Аллоҳ чандин асбоб дорад.
28-Сабаби аз байн рафтани илм: ☐Мавти олимон ☐ғафлат ☐ аз он рӯ гардондан аст.
29-Зиёрати қабрҳо: ☐ Шаръӣ ☐ бидъатӣ ☐ ширкӣ ☐ ҳамагӣ.
30-Зиёрате ки ба он нафъи мурдагон ва эътибор қасд мешавад, бидъатӣ аст (☐дуруст ☐хато) ва зиёрате ки аз он аз мурдагон нафъ бурдан аст, шаръӣ аст (☐ дуруст ☐ хато).
31-Ҳар чизе ки сабаби манъ кардани мардум аз диншон бошад, номида мешавад: ☐ Фитна ☐ бидъат ☐ хурофот.
32-(Лаънати Аллоҳ бар яҳуд): ☐ Бар алайҳи онон дуо кардан ☐хабар додан ба ин ки Аллоҳ онҳоро лаънат кард ☐ҳамагӣ.
33-Маънои қабрҳоро масҷидҳо гирифтан: ☐ Бар онҳо саҷда кардан ☐ бар онҳо масҷид сохтан ☐ҳамагӣ.
34-Ривояти "хушия" тарс аз вай воқеъ шуд: ☐ Паёмбар ﷺ, ☐саҳобагон.
35-Қабраш ошкор карда нашуд, барои: ☐ Тарсида шуд ☐тарсид ☐ҳар паёмбар дар ҷое ки рӯҳаш қабз шуд дафн карда мешавад ☐ҳамагӣ.
36-Маънои қабраш ошкор карда мешуд:...................................................................
37-Ҳукми қавли ин ки Ӯ ﷺ Ҳабибуллоҳ аст: ☐Ҷоиз ☐паст задани ҳаққи Ӯ ﷺ ☐ мустаҳаб.
38-Қавли Иброҳим Халилуллоҳ ва Муҳаммад ﷺ Ҳабибуллоҳ: ☐Ҷоиз ☐мустаҳаб ☐ҷоиз намебошад.
39-Хулла собит нашуд, магар барои: ☐Иброҳим ☐Иброҳим ва Муҳаммад ☐барои ҳарду ва барои дигарон.
40-Касе бар болои қабр масҷид бино кунад: ☐Қабр канда мешавад ☐масҷид вайрон карда мешавад ва қабр боқӣ мемонад.
41-Намоз ☐ба сӯи қабрҳо ☐бар болои қабрҳо ☐дар қабрҳо ☐ҳамагӣ ҷоиз намебошад.

42-Мардум гуногун мебошанд дар: ☐хайр ☐шарр ☐ ҳамагӣ.
43-Бадтарини халқ ҳамон касонест, ки: ☐ Қиёмат барпо мешавад, дар ҳоле ки онҳо зиндаанд ☐ қабрҳоро масҷид мегиранд ☐ҳамагӣ.
44-Дӯр шудан аз: ☐ширк ☐василаҳои он ☐ аз ҳамааш воҷиб мебошад.
45-Дар назди қабр садақа додан боке надорад, зеро наҳй аз намоз хондан асту бас: ☐ Дуруст ☐ хато.
46-Ба мушрикон ташбеҳ кардан гуноҳи кабира аст: ☐ Ҳаргоҳ қасди шабоҳатро дошта бошад ☐ хоҳ онро қасд дошта бошад ё надошта бошад.
47-Паёмбар аз масҷид гирифтани қабрҳо ҳазар кунонд: ☐ Дар ҳаёташ ☐ панҷ рӯз пеш аз вафоташ ☐ дар равиш ☐ҳамагӣ.
48-Афзал будани имон ва амали солеҳ болои афзалияти насаб аст: ☐Дуруст ☐хато.
49-(Қабри маро васан магардон): ☐ Дуои Ӯ ﷺ мустаҷоб шуд ☐ ҳикмати Аллоҳ ғайри инро тақозо кард.
50-Зиёрати занон қабрҳоро аз гуноҳони кабира аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
51-Паёмбар ﷺ: ☐ Ҷониби тавҳидро ҳимоя кард ☐ ҳар чизе ки ба сӯи ширк мерасонад, баст ☐ ҳамагӣ.
52-(Хонаҳоятонро қабристон магардонед) яъне ☐ дар он дафн накунед ☐ намоз хонданро дар он тарк накунед ☐ ҳамагӣ.
53-Зиёрати қабри Паёмбар ﷺ ба сӯи он бори сафар баста намешавад ва бар қабр рафту омад карда намешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
54-Салоту салом бар Паёмбар ﷺ мебошад: ☐ дар назди қабраш, пас касе ки ба сӯи Мадина сафар мекунад, васият карда мешавад, ки бар Ӯ салом расонад ☐ аз ҳар ҷо (ту ва касе ки дар Андалус аст, баробар ҳастед).
55-(Қабри маро ид магиред) яъне:...........................................................................
56-Ширк дар ин уммат воқеъ намешавад, пас уммат аз он пок аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
57-(Насибе аз китоб ба онҳо дода шуд) ва ҳамаи китоб дода нашуд, балки ба сабаби маъсияташон маҳрум шуданд: ☐ Дуруст ☐ хато.
58-Илм соҳибашро аз маъсият маъсум намегардонад: ☐ Дуруст ☐ хато.
59-Оё маймунҳо ва хукҳо насли он масхшудагон аст? ☐ Оре ☐ не.
60-Дар қабрҳо ғулув кардан ва агарчи андак бошад, гоҳо ба сӯи аз он бузургтар мерасонад: ☐ Дуруст ☐ хато.
61-Қариб ки маъсияте дар ин уммат ёфта намешавад, магар ки барои он дар умматҳои пешин асле аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
62-Уммат вақте пароканда шуд ва якдигарро ҳалок карданд, Аллоҳ бар онҳо душманеро аз ғайрашон бар онҳо мусаллат кард: ☐ Дуруст ☐ хато.
63-Имом мебошад дар: ☐ Хайр фақат ☐ дар хайр ва шарр якҷо.
64-Бузургтарин чизе ки бар уммат тарсида мешавад: ☐ Пешвоёни бад ☐ пайравии равиши яҳуд ва насоро.
65-Барои Паёмбар ду дуояш мустаҷоб шуд, он ду:
1).....................................2).......................................ва дуои сеюм мустаҷоб нашуд ва он.......................................................................................................................

## Шашум: Амалҳои шайтонӣ (7 боб)

### (24) Боб андар он чӣ дар мавзӯи сеҳр омадааст

❁ Сеҳр намешавад, магар аз тариқи ширк, пас шайтонҳо инсонро хидмат намекунад, магар ба хотири маслиҳат ва он гумроҳ кардани фарзанди Одам ва онҳоро дар ширк ва маъсиятҳо дохил кардан.

**Далели аввал ва дуюм:**

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ба таҳқиқ медонистанд ҳар касе харидорӣ ингуна матоъ бошад, дар охират баҳрае нахоҳад дошт".**

2). Ва фармудаи Ӯ: "Ба ҷибт ва тоғут имон меоранд", Умар разияллоҳу анҳу ҷибтро сеҳр ва тоғутро шайтон маънидод кардааст.

Ва Ҷобир разияллоҳу анҳу мегӯяд: Тавоғит ба ғайбгӯёне гуфта мешавад, ки шайтон назди онон мерафт ва дар ҳар минтақа якта вуҷуд дорад.

❁ (Харидори он бошад): Яъне онро омӯзад.
❁ (Тоғут шайтон аст): Аз ҷумлаи ба мисол тафсир кардан аст, зеро тоғут аз шайтон омтар аст.

**Оё насиб ба куллӣ нафй мешавад, ё баъзеаш?**

**Қавли якум:** Оятҳои ваъдаи азоб ҳамонгуна ки омадааст, гузаронда мешавад ва бар ҷамъ овардани он бо оятҳои ваъдаи мағфират кушиш карда намешавад, то шаънаш кам нашавад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ: "Ва мо оятҳоро ҷуз тарсонидан намефиристем", чаро ки Аллоҳ онро дар равиши тарсондан ва тарҳиб аз ин феъл овардааст.

**Қавли дуюм:** Далелҳои ваъдаи азоб ба далелҳои ваъда зам карда мешавад ва насиб бар тафсил нафй мешавад:

- Ҳамааш нафй мешавад: Ҳаргоҳ сеҳр ба истифодаи шайтонҳо бошад.
- Баъзеаш нафй мешавад: Ҳаргоҳ ба истеъмоли доруҳо ва гиёҳҳо бошад.

**Далели сеюм:**

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Аз ҳафт чизи ҳалоккунанда парҳез кунед! Саҳобагон пурсиданд: Онҳо чӣ ҳастанд? Фармуд: Ширк овардан ба Аллоҳ, ҷодугарӣ, куштани ноҳақ, хӯрдани моли рибо, хӯрдани моли ятим, гурехтан аз ҷангу ҷиҳод ва тӯҳмат кардани занони покдоман ва бехабари мӯъмин".

(Иҷтиноб кунед): Бо аз он дур шудан, онро тарк кунед, ба ин ки шумо дар як тараф ва он дар тарафи дигар бошад.
(Ҳафт): Ин тақозои ҳаср намекунад, пас онҷо дигар ҳалоккунандаҳо аст.
(Ва рибо хӯрдан): Маънояш рибо гирифтан аст, хоҳ онро дар хӯрдан ё қолин ё ғайри ин истифода барад ва рибо ҳамон зиёдатӣ дар ақди байни ашёест, ки дар он баробарӣ воҷиб мебошад ва насия дар ақди байни ашёе, ки дар гирифтани дар маҷлис воҷиб мебошад. Ва ба ду қисм тақсим мешавад: 1) рибои фазл (зиёдатӣ), 2) Рибои насия (дер кардан).
(Ва хӯрдани моли ятим): Ятим касест, ки падараш пеш аз ба балоғат расиданаш фавтидааст, хоҳ писар бошад ё духтар.
(Ва дар рӯзи тангӣ гурехтан): Дар рӯзи бо кофирон ҷангиданд, гурехтан.
(Ва туҳмат кардани занони покдомани ғофили мӯъмина): Зани мӯъмини озодро ба зино туҳмат кардан.

**(Куштани нафсе ки Аллоҳ ҳаром гардондааст) чорто аст:**

- **Мӯъмин:** Ба хотири имонаш.
- **Зиммӣ:** Касе ки дар байни мо ва вай замонат аст бо додани ҷузя.
- **Муъоҳид:** Дар байни мо ва вай аҳд аст, ки бо мо ҷанг намекунад ва бо ӯ ҷанг намекунем.
- **Мустаъмин:** Дар байни мо ва ӯ амон аст ба хотири тиҷорат ё фаҳмидани Ислом.

**"Магар ба ҳақ" ва он сето аст:**

- Нафс ба нафс
- Беваи зинокор
- **Тарккунандаи динаш, аз ҷамоат ҷудошаванда.**

**Ва пушт гардондан дар се мавзеъ ҷоиз мебошад:**

(Барои ҳамлаи дубора): Мисли касе ки мегардад, то шаъ-нашро ба салоҳ орад ва силоҳҳоро омода созад, ё мегардад то аз дигар ҷиҳат ояд.

(Ба гурӯҳи дигар пайвастан): Бо гурӯҳи дигар аз боби зарурат мепай-вандад, ба шарте ки бар лашкар зарар набошад.

Ҳаргоҳ кофирон аз мусалмонон ду баробар бисёр бошанд: Пас инҳангом гурехтан ҷоиз мебошад.

**Далели чорум то ҳафтум:**

4).Ҷундуб разияллоҳу анҳу аз Паёмбар ﷺ ривоят мекунад: ***"Ҳадди ҷодугар ин аст, ки гарданаш ба шамшер зада шавад"***. (Инро Тирмизӣ ривоят карда ва гуфтааст: Ин бо санади саҳеҳ бар Ҷундуб мавқуф аст).

5).Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Баҷола ибни Абада ривоят аст, ки Умар разияллоҳу анҳу номае навишт ва дар он дастур дод, ки ҳамаи мардон ва занони ҷодугарро бикушед. Баҷола мегӯяд: Мо баъд аз ин дастурашон се ҷодугарро куштем.

6).Ва аз Ҳафса разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки дастур ба куштани канизе дод, ки ӯро ҷоду карда буд, пас кушта шуд.

7). Ва инчунин аз Ҷундуб ривояти саҳеҳ омадааст. Имом Аҳмад, гуфт: Аз се саҳобаи Паёмбар ﷺ ривоят аст, ки чунин фатво ддодаанд.

**Ҳукми соҳир чист?**

Қавли аввал (Муҳаммад ибни Абдул-ваҳҳоб раҳима-ҳуллоҳ): Ҳамаи сеҳр куфр ва соҳир мутлақо кушта мешавад ва тавбааш дар назди Аллоҳ таъолост.

Қавли дуввум (Шофеъӣ раҳимаҳуллоҳу таъолост) ва инро шайх Ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ тарҷеҳ дода аст:

**Сеҳри шайтонҳо:** Фоили ин муртад аст, тавба дода мешавад, агар тавба кард, ӯро аз рӯи ҳад мекушем, чаро ки ӯ мусалмон аст ва агар тавба накард, ӯро бинобар кофиру муртад буданаш мекушем.

**Сеҳр ба доруҳо ва гиёҳҳо:** Ҳукми фоили ин ҳукми ҳуҷумкунандаи аз ҳад гузаранда аст ва аз рӯи ҳад кушта мешавад, зеро ӯ мусалмон аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Бақара.(Қатъан медонистанд, ки ҳар кас харидори он бошад).

**Дуюм:** Тафсири ояти сураи Нисо. (Ба ҷибт ва тоғут имон меоранд)

**Сеюм:** Тафсири ҷибт ва тоғут ва баёни фарқи онҳо. (Ҷибт ҳар чизест, ки дар он хайр нест, аз ҷумла ҷоду ва ғайри он ва тоғут ҳар чизест, ки банда аз ҳадаш мегузарад, аз маъбуд ё пайравшуда ё итоатшуда).

**Чорум:** Тоғут гоҳо аз ҷинҳо ва гоҳо аз нсонҳо мебошанд. (Тоғут ҳаргоҳ мутлақ зикр шавад, пас мурод ба он шайтони ҷин аст ва коҳин шайтони инс аст).

**Панҷум:** Шинохтани ҳафт чизи ҳалоккунанда, ки Расулуллоҳ ﷺ аз онҳо ҳазар кунондааст.

**Шашум:** Касе ки ҷодугарӣ мекунад, кофир мешавад.

**Ҳафтум:** Ба ҷодугар бе ин ки фурсати тавба дода шавад, бояд кушта шавад. (Ҳад ҳаргоҳ ба имом бирасад, соҳибаш тавба дода намешавад, балки ба ҳар ҳол кушта мешавад, аммо соҳиби куфр тавба дода мешавад).

**Ҳаштум:** Дар замони Умар разияллоҳу анҳу ҷодугарон вуҷуд доштанд, пас чӣ расад ба замонҳои баъд аз ӯ?! Қавл ба куштани ҷодугар аз тарафи султон, мувофиқи қоидаҳои шаръӣ аст, зеро онҳо дар замин фасод меоранд ва фасоди оеҳо аз бузургтарини фасод аст, пас куштани онҳо бар имом воҷиб аст. Ва барои имом ҷоиз намебошад, ки аз қатли онҳо даст кашад, зеро мисли инҳоҳаргоҳ ба ҳоли худашон гузошта шаванд, фасодашон дар заминашон ва дар замини дигарон паҳн мешавад ва ҳаргоҳ кушта шаванд, мардум аз шарри онҳо саломат мемонанд ва мардум аз сеҳр кардан худдорӣ мекунанд.

## (25) Боб андар баёни баъзе анвоъи ҷоду

Баъде ки сеҳрро зикр кард, барои ту чизе аз анвоъи онро баён кард, то бидонӣ ки он чанд навъ аст ва аз он иҷтиноб кунӣ.

**Далели аввал то панҷум:**

1). Имом Аҳмад гуфт: Ба мо Муҳаммад ибни Ҷаъфар ҳадис гуфт, ба мо Авф аз Ҳайён ибни Ало ҳадис гуфт, ба мо Қатан ибни Қабиса аз падараш ривоят намуд, ки ӯ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунавид, ки фармуд: ***"Ба таҳқиқ иёфа, тарқ ва тияра аз ҷумлаи ҷибт (ҷоду) аст"***.

Авф мегӯяд: Иёфа парандаеро ба парвоз даровардан ва тарқ ба рӯи замин хатҳо кашидан ва дар бораи ҷибт Ҳасан мегӯяд: Садои шайтон аст. Иснодӣ ин ривоят ҷайид (нек) аст. Ва дар Сунани Абӯдовуд, Насоӣ ва Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳи муснадаш низ омадааст.

2). Аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***Ҳар касе бахше аз илми нуҷумро аз худ намояд, дар воқеъ бахше аз сеҳру ҷодуро аз худ намудааст. Ва ҳар чанд зиёд аз худ намояд, ҳамон миқдор ҷодуро аз худ карда аст***. (Ривояти Абӯдовуд ва санадаш саҳеҳ аст).

3). Ва Насоӣ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки ҳар кас дар гиреҳе бидамад сеҳр кардааст ва касе ки сеҳр бикунад, ширк овардааст ва ҳар кас чизе (дар гардан) биовезад ба ҳамон чиз супурда мешавад. (Ривояти Насоӣ).

4). Аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Оё ба шумо бигӯям, ки азза чист? Азза иборат аст аз суханчинӣ ва гуфторе ки даҳан ба даҳан бигардад"***. (Ривояти Муслим)

5). Ва Бухорӣ ва Муслим аз Ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят карданд, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Албатта баъзе баёнҳо сеҳр аст"***. (Муттафақун алайҳ).

(**Иёфа**): Парандаеро барои фоли бад ё фолли нек ба парвоз даровардан, аз ҷумлаи фоли бад задани ба феъл аст.

(**Ва тарқ**): Бар рӯи рег хатоҳо кашидан, бар сабили ҷоду ва фол задан.

(**Тияра**): Фоли бад задан ба чизи маълуми дидашуда ё шунидашуда, замон бошад ё макон.

(**Садои шайтон**): Яъне ваҳйи шайтон, ин аз ваҳйи ва имлои шайтон аст.

(**Азҳ**): ба маънои қатъ ва ҷудо кардан аст ва ваҷҳи овардани он дар боби сеҳр чист? То баён кунад, ки ҷудоӣ андохтан ҳамон ҳадафи ҳар суханчин ва ҷодугар аст ва суханчин бисёртар аз ҷодугар фосид мекунад.

**Илми ситорашиносӣ ду қисм аст:**

| **Илми таъсир:** Ба аҳволи фалакӣ бар рӯйдодҳои заминӣ истидлол намудан. | | **Илми тасйир:** Ба он бар ҷиҳатҳо ва вақтҳо ва ҷиҳати қибла далел овардан. | |
|---|---|---|---|
| Ширки асғар аст: Ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки ситораҳо сабаб ҳастанд ва Аллоҳ таъоло онро сабаб дар иттилоъ ёфтан бар илми ғайб сабаб нагардондааст. | **Ширки акбар аст:** Ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки ситораҳо ба зоташон таъсир мерасонанд ва дар дасташон ҷалби фоидаҳо ва дур кардани зарарҳост. | Ҷоиз аст: Ба он бар замонҳо ва маконҳо истидлол карда мешавад, (Ва нишонаҳо ва ба василаи ситорагон роҳ меёбанд). | Воҷиб аст: ЧИзе ки воҷиб тамом намешавад, магар ба он, пас он чиз воҷиб аст, мисли шахсе ки дар саҳро ё дар биёбони бузурге аст ва қибларо донистан меҳоҳад. |

(**Баён**): Фасоҳати пурра аст, ки ақлҳоро асир мегирад ва фикрҳоро тағйир медиҳад ва тақсим мешавад, ба: 1-Мадҳшуда: Мақсад аз он исботи ҳақ ва ботил сохтани ноҳақ аст. 2-Мазамматшуда: Мақсад аз он радди ҳақ ва исботи ботил аст.

Алоқаи баён ба сеҳр чист?: Зеро баёни ботил ва сеҳр дар тағйир додани ҳақиқатҳо шарик ҳастанд.

## Масъалаҳо:

**Якум:** Иёфа, тарқ ва тияра аз ҷумлаи сеҳр аст.

**Дуюм:** Баёни маънои иёфа, тарқ ва тияра.

**Сеюм:** Илми нуҷум низ навъе аз ҷоду аст. (Илми таъсир).

**Чорум:** Дар гиреҳ дамидан низ аз анвоъи сеҳр аст.

**Панҷум:** Суханчинӣ ва бадгӯӣ низ асари ҷодуӣ дорад. (Зеро он ҷудоӣ меандозад, монанди ҷодугар).

**Шашум:** Фасоҳат ва ширинзабонӣ низ гоҳе асари ҷодуӣ дорад. (Зеро шахси бофасоҳат гоҳо сарф мекунад ё ҳимматҳоро бармеангезад).

## (26) Боб он чи дар мавзӯи коҳинӣ ва монанди он омадааст

Ин беҳтарин тартиб аст, баъде ки барои ту сеҳр ва чизе аз анвоъи онро баён кард, ана барои ту кӣ будани коҳин ва раммол ва мунаҷҷимро баён мекунад ва ҳукми пеши он рафтан ва чигуна рафтанро баён мекунад.

**Далели аввал то чорум:**

1). Имом Муслим дар Саҳеҳи худ аз баъзе занони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят намудааст, ки Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Касе ба назди фолбин ояду аз вай чизеро бипурсад, сипас вайро тасдиқ намояд, чиҳил рӯз намозаш қабул намешавад"***.

2). Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Касе назди коҳине равад, пас гуфтаи ӯро тасдиқ намояд, ба он чизе ки ба Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст кофир шудааст"***. (Ривояти Абӯдовуд)

3). Абӯдовуд, Насоӣ, Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Ҳоким аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят карданд ва Ҳоким фармуд, ин ҳадис бар шарти Бухорию Муслим саҳеҳ аст: ***"Касе назди фолбин, ё коҳине равад, сипас гуфтаи ӯро тасдиқ намояд, ба он чизе ки бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст кофир шуда аст"***.

4). Ва Абӯяъло ба санади ҷайид (хуб) аз Ибни Масъуд ра-зияллоҳу анҳу мисли онро ба таври мавқуф ривоят карда аст.

(Касе ояд): Омадан ба ҳамнишинии ӯ, ё ба ӯ тамос гирифтан, ё шахсеро ба пеши вай фиристодан, ё нома фиристодан, ё каналҳои онҳоро тамошо кардан, ё бар мавқеъҳои онон дохил шудан, ё газетаҳои онҳоро харидан ва хосстан газетаҳову журнаҳое, ки дар он бурҷҳост, ё ба он чизе ки мегӯянд, гуш кардан мебошад. Ва дар ин фасоди бузург аст.

(Намози вай қабул намешавад): Савобе ки аз он намоз ҳосил шуд, ба бадӣ рӯ ба рӯ шуд, пас онро соқит кард (ҳукми омадани бебовар кардан).

(Пас бар он чизе ки бар Муҳаммад ﷺ нозил шуд, кофир шудааст): Яъне ба Қуръон кофир шудааст ва дар Қуръон омадааст: (Бигӯ: Касоне ки дар осмонҳо ва заминанд ғайбро намедонанд, ба ҷуз Аллоҳ). Пас касе ки фолбинро дар илми ғайб тасдиқ мекунад ва ӯ медонад, ки илми ғайбро ҷуз Аллоҳ касе намедонад, пас ӯ кофири куфри акбар аст ва агар ҷоҳил бошад ва эътиқод намекунад, ки дар Қуръон дурӯғ аст, пас куфраш куфри асғар аст ва гоҳо дар ҳол тасдиқ намекунад, балки тасдиқ вақте мешавад, ки барояш чизе ҳосил шавад.

(**Арроф**): Исми ом аст, барои коҳин ва мунаҷҷим ва раммол ва монанди инҳо аз касоне ки бар донистани ғайб муқаддимаҳоеро истифода мебарад, пас ҳар касе ки ин умурро анҷом медиҳад ё иддио мекунад, ӯро шомил мешавад

## Далели панҷум:

Аз Имрон ибни Ҳусайн ба таври марфӯъ ривоят аст, ки **"Аз мо нест касе ки фол бигирад ё барои ӯ фол гирифта шавад ё коҳинӣ бикунад ё барои ӯ коҳинӣ карда шавад ё ҷоду бикунад ва ё ба хотири ӯ ҷоду карда бишавад. Ва ҳар кас назди коҳине биравад ва гуфтаҳои ӯро тасдиқ бикунад, бо ин кор ба он чи бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шуда аст кофир шудааст"**. (Баззор бо исноди ҷайид ривоят кардааст).

## Далели шашум:

Албатта ин ривоятро Табаронӣ ба исноди ҳасан аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу бегуфтаи "ҳар кас равад" то охираш ривоят кардааст.

Бағавӣ мегӯяд: Арроф касе аст, ки даъво мекунад, ки ба баъзе муқаддимаҳо ҳуҷҷатоварӣ карда моли дуздишуда ва ҷои моли гумшуда ва монанди онро медонад.

Гуфта шудааст, ки арроф ҳамон коҳин аст ва коҳин касе аст, ки аз корҳои оянда хабар медиҳад.

Ва гуфта шудааст, ки касест, ки ба гумони худ аз асрори қалб хабар медиҳад.

Абӯлаббос ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Арроф, коҳин, мунаҷҷим, раммол (касе, ки дар рӯи рег хат мекашад) ва монанди онҳо касоне ки аз корҳои ғайб ва пӯшида сухан мегӯянд, гуфта мешавад.

(Касе фоли бад занад): Шомили касе мешавад, ки барои худаш ё барои ғайраш фоли бад занад.
(Ё барои ӯ фол зада шавад): Яъне касеро амр кунад, ки барои вай фол занад, ё розӣ шавад, ки барои вай фол зада шавад.
(Барои ӯ ҷоду карда шавад): Зеро баъзеҳо барои касе ки аз ҳамсараш шикоят мекунад, мегӯяд: Ман барои ту ҷоду мекунам ва ту чизе намекунӣ, пас гумон мекунад, ки бар зарари вай чизе нест.

## Далели ҳафтум:

Ибни Аббос разияллоҳу анҳу дар мавриди касоне ки аз рӯи ҳарфҳои абҷад ва нигоҳ ба ситорагон суханоне мегӯянд, гуфтааст: Инҳо дар назди Аллоҳ ҳеҷ насибе надоранд.

**Омӯхтани абҷад ду қисм мешавад:**

1-**Мубоҳ:** Онро барои ҳисоби ҷумал ва монанди ин таълим гирем ва ҳамеша олимон ба ин таърих мегузоранд.

2-**Ҳаром аст:** Онро вобаста ба сайри ситорагон ва ҳаракати онҳо ва баромадан ва нишастани онҳо қарор диҳад.

**Ҳукми суоли арроф ва монанди он**

**Суоли холӣ:** Гуноҳи кабира аст, аз рӯи гуфтаи Паёмбар ﷺ: (Чил рӯз намозаш қабул намешавад).

Суол ва тасдиқ кардан: Куфри акбар аст, зеро ин дурӯғ шумоsuch ридани Қуръон аст.

Барои имтиҳони ӯ суол кардан: Ҷоиз аст, то сидқаш аз дурӯғаш маълум шавад, на ба хотири қавлашро гирифтан. Ва аҳли ин бошад.

Барои ошкор кардани оҷизи ва дурӯғаш суол кардан: Ин матлуб ё воҷиб аст ба шарте ки аҳли ин бошад.

**Аз аломатҳои ҷодугар:**

1-Мухолифатии шартҳои ҷоизии руқияи шаръӣ.
2- Бо нафас гиреҳ задан.
3-Навистани ҳарфҳои қатъшуда ва сухани нофаҳмо.
4-Гармию хунукӣ.
5-Дар ситорагон назар кардан (илми таъсир). 6-Қироати каф ва пиёла.
7-Аз номи модар пурсад, маслан.
8-Иддиои илми ғайб кардан.
9- Беморро ба мухолифатии шаръ амр кунад, монанди тарки намоз ё дар вақти мол кушатан, бисмиллоҳ нагуфтан.
10- Ӯ беморро вобаста ба худаш мекунад, на ба Аллоҳ.
11- Ӯ аз авлиёи шайтон аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тасдиқи коҳин ва имони ба Қуръон дар як дил ҷамъ намешаванд. (Ва ин аз бузургтарини куфр аст).
**Дуюм:** Ошкор кардан бар ин ки ин амал куфр аст.
**Сеюм:** Ҳукми шахсе ки барояш коҳинӣ карда шуд. (Дар безории Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ӯ, вай монанди коҳин аст).
**Чорум:** Ҳукми шахсе ки барояш ба парвози паранда фол гирифта шавад.
**Панҷум:** Ҳукми касе ки барои ӯ ҷоду бикунанд (касе талаб кунад, ки барояш ҷоду карда шавад, пас ӯ дар уқубат монанди онҳост).
**Шашум:** Ҳукми касе ки абҷадро таълим бигирад (Дар ин ҳукм тафсил аст).
**Ҳафтум:** Фарқ байни коҳин ва арроф.

## (27) Боб андар мавриди ботил кардни ҷоду

Ин аз тартиби нек аст, баъде ки сеҳрро зикр кард, хост, ки барои ту чигунагии илоҷи онро зикр кунад ва шакке нест, ки кушодани ҷоду аз сеҳршуда ба илоҷи шаръӣ, дар он фазли бузург аст, барои касе ки ризои Аллоҳро хоҳад.

**Далели аввал:**

Аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро аз нушра пурсида шуд, Пас фармуд: Он аз амали шайтон аст. (Имом Аҳмад ба санади ҷайид ва Абӯдовуд ривоят кардаанд).

**Далели дуюм:**

Ва гуфт: Имом Аҳмадро аз ин масъала пурсида шуд, пас гуфт: Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ингуна корҳоро макрӯҳ медонист.

❁(Кушодани сеҳр): Яъне кушодане ки дар ҷоҳилият маъруф буд,  ки дар замони ҷоҳилият онро истифода мебурданд.

❁ (Аз амали шайтон аст): Нисбат додани он ба шайтон дар зиштии он расотар ва аз он нафрат овардан аст.

❁ (Инро макрӯҳ медонад): Кароҳият дар назди пешиниён, ба он қасди ҳаромро доштанд.

❁ (Ҳамаи инро макрӯҳ медонад): Мақсад ба он кушоданест, ки аз амали шайтон аст ва он ба ҷоду кушодан аст.

**Далели сеюм:**

Ва дар Бухорӣ аз Қатода ривоят аст, ки аз Ибни Муса-йиб пурсид: Марде ҷодушуда ва аз ҳамбистарӣ бо ҳамсараш боздошта шудааст, оё ҷоиз аст, ки сеҳраш кушода карда шавад, гуфт: Ишколе надорад, зеро мақсад аз манъ кардан ин аст, ки ҷомеа ислоҳ бишавад ва чизе ки барои фоида расонидан бошад манъшуда нест. Тамом шуд.

❁(**Тибб**): Яъне сеҳр ва маълум аст, ки тиб ҳамон илоҷи бемор аст, локин сеҳр тиб номида шуд аз боби фоли нек задан, ҳамчуноне ки нешзадаро салим ва шикастаро ҷабир номида шуд.

❁(Аз ҳамсараш гирифта мешавад): Яъне баста мешавад, пас бо ӯ ҳамхобагӣ карда наметавонад ва ӯ дарде надорад ва ин навъи сеҳр аст.

**Далели чорум:**

Ва аз Ҳасани Басрӣ ривоят аст, ки гуфт: Кушодани ҷоду ба василаи ҷоду кори ҷодугарон аст.

Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Нушра яъне кушодани ҷоду аз ҷодушуда ду навъ аст.

**1-**Кушодани ҷоду ба василаи ҷоду, ин навъ аз амали шайтон аст ва сухани Ҳасани Басрӣ ба ҳамин навъ ҳамл мешавад, зеро дар ин сурат ботилкунанда ва бемор ба ҷинҳо ва шайтонҳо рӯ меоранд ва онҳоро хушнуд мекунанд, то ҷодуро ботил созанд.

**2-**Аммо кушодани ҷоду ба василаи руқия хондан ва дам кардан ва истифода аз доруҳо ва дуоҳои мубоҳ ҷоиз аст.

**Чигуна рад мекунем бар касе ки мегӯяд,**
**сеҳрро ба сеҳр кушода мешавад?**

1-Ин мухолифи Қуръон, Суннат, амали саҳоба ва салафи уммат разияллоҳу анҳум аст.

2-Дар ин заиф донистани давогӣ ба Қуръон ва дуоҳое, ки дар суннати набавӣ омадааст, мебошад.

3-Дар ин қувват додани сеҳр ва соҳирон ва барои онон дар назди оммаи мардум имкон додан аст.

4-Дар ин гаштан аз яқине ки он давогӣ ба Қуръон ва дуоҳои дар асар омада ба с ӯи гумон ва он ба сеҳр муолиҷа кардан аст.

5-Дар кушодани сеҳр аз сеҳршуда зарур аст, ки кушоянда ва барояш кушодашуда ба шайтон ба чизе ки дӯст медорад наздик шаванд, то ҷодуро бекор кунад.

6-Сеҳршуда сабр кунад, барояш Ҷаннат аст, ҳамчуноне ки аз Паёмбар ﷺ омадааст.

7-Сеҳрро ба сеҳр кушодан, сеҳршударо сеҳр бар болои сеҳраш зиёд мешавад.

8-Паёмбар ﷺ сеҳр карда шуд ва ба сеҳр муолиҷа накард, балки ба руқияи шаръӣ муолиҷа кард.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Наҳй аз кушодани ҷоду ба василаи ҷоду.

**Дуюм:** Фарқ миёни кушодани ҷоду ба тариқаи нодуруст ва кушодани ҷоду ба тариқаи дуруст, аз ҷумлаи чизе ки ишколро аз байн мебарад. (Сухани ҳар касе, ки ба ҷоиз будани кушодани сеҳр гуфт, бар руқия, паноҳ бурдан, давоҳо ва дуоҳо бардошт мешавад ва қавли ҳар касе ки аз кушодани сеҳр манъ кард, бар кушодани сеҳр ба сеҳр бардошт мешавад, ва Аллоҳ донотар аст).

## (28) Боб андар фол задан ба парвози паранда

Фол задан ба парвози паранда тавҳидро нафй мекунад: 1) Зеро фол зананда таваккулашро аз Аллоҳ қатъ карда ва бар ғайри Аллоҳ эътимод кардааст. 2) Зеро ӯ ба амре мутааллиқ шудааст, ки ҳақиқат надорад, балки он ваҳу хаёл аст ва тавҳид ибодат ва ёрӣ талабидан аст.

(Фол задан ба парвози паранда): Аз рӯи шаръ: Фоли бад задан ба чизи дидашуда ё шунидашуда ё замон ё макони маълум мебошад:

1-Ба дидашуда мисле ки парандаеро бинад, пас ба он фоли бад занад, барои он ки вахшатовар ё сиёҳ аст.

2-Шунидашуда мисли касе ки қасди коре кард, пас якеро шунид, ки барои дигаре мегӯяд: Эй зиёндида, пас фоли бад мезанад.

3-Маълум: Монанди фоли бад задан ба баъзе рӯзҳо ё моҳҳо ё солҳо ё баъзе ҷойҳо.

**Далели аввал ва дуюм:**

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Огоҳ бошанд, ки фоли бади онҳо назди Аллоҳ аст ва локин бисёри онҳо намедонанд".

2).Ва фармудаи Аллоҳ: "Гуфтанд: Он фоли бад бо худи шумост".

❀(Фоли бадашон дар назди Аллоҳ аст): Яъне он чи ба онҳо мерасад аз хушксолӣ ва қаҳтӣ аз ҷониби Аллоҳ аст, пас Ӯст, ки онро тақдир кардааст ва Мусо алайҳис салом ва қавмаш ба он алоқае надоранд, балки амр тақозо мекунад, ки онҳо сабаби баракат ва хайр ҳастанд.

❀(Фоли бадатон бо худи шумост): Яъне ҳамроҳи шумост, пас он ба шумо мерасад, пас аз ҷониби шумо ва амалҳои шумост, худи шумо сабаби он ҳастед.

❀**Дар байни ду оят мунофоте нест**: Ояти якум далолат бар ин мекунад, ки тақдиркунандаи ин чизҳо ҳамон Аллоҳ аст ва ояти дуюм сабаби онро баён мекунад ва он аз ҷониби онҳост, пас дар ҳақиқат фоли бади онҳо бо онҳост, яъне лозимгирандаи онҳост.

**Далели сеюм ва чорум:**

3). Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"На сироят (ба зоти худ) таъсире дорад ва на фоли бад гирифтан, на Бум таъсире дорад ва на моҳи сафар"***. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Муслим афзудааст: ***"Манозили ситораҳо ва ғул таъсире надорад"***.

4). Дар Бухорӣ ва Муслим аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"Сироят ва фоли бад задан ба парвози паранда таъсире надорад ва маро фаъл хушам меояд. Гуфтанд: Фаъл чист? Фармуд: Сухани нек"***.

❀(Сироят нест): Хост, ки эътиқоди ҷоҳилиятро, ки мараз ба зоташ таъсирбахш аст, ботил намояд, ё маънояш: Сироят ба зоташ таъсирбахш нест, балки он сабабе аст барои гузаштани мараз ба амри Аллоҳ.
❀ (Ва ҳома нест): Парандаест, ки монанди Бум аст ё худи Бум аст, ба он фоли бад мезананд.
❀(Ва на сафар): Мақсад ё: 1-Моҳи сафар аст, араб ба он фоли бад мезананд, хоссатан дар никоҳ кардан. 2-Ё дардест, ки дар шикам, ки шутурро мерасад ва аз шутур ба шутури дигар мегузарад. 3-Ё ба қафо андохтан, пас ҳурматро ба моҳи Сафар ба қафо меандохтанд, то дар моҳи муҳаррам ҷанг кунанд. ❀(Ва на манозили қамар): Манзилҳои қамар, барои ҳар манзил ситорае аст ва араб ба он фоли бад мезаданд, мегуфтанд: ИН ситоари наҳс аст, дар он хайр нест ва баъзеашон баракс мегуфтанд: ИН ситораи саодат ва хайр аст. ❀ (Ва на ғул): Араб ҳар вақт сафар мебаромаданд, шайтонҳо барои онон худашонро ба ҳар шакл мекарданд, пас дар дилҳояшон тарс медаромад, пас андӯҳгин мешуданд ва аз рафтан ба сӯи ҷиҳате, ки мехостанд, пушаймонӣ мекарданд.
❀ Чизеро, ки Паёмбар ﷺ нафй кард, ҳамон таъсири он буд ва мақсад ба нафй нафйи вуҷуд набуд, пас банда ба куҷое рафтан мехоҳад ба дили кушод ва осонӣ ва бар Аллоҳ эътимод кунаду биравад ва ба Аллоҳ гумони бад накунад.
❀ Байни ин ҳуҷҷатҳо ва байни фармудаи Паёмбар ﷺ "агар шумӣ дар чизе бошад..." зиддият нест, зеро: 1-Ин ҳадис аз муташобеҳ аст ва далелҳо дар мазаммати фоли бад задан ба паранда ва ин ки он ширк аст, аз далелҳои муҳкам аст. 2-Ҳамаи фоли бад задан мазамматшудааст ва касе ки ҷалби фоидаҳо ва дур кардани зарар дар дасташ аст, ҳамон Аллоҳ аст. 3-Барои банда аз тақдири Аллоҳ ба сӯи тақдири Аллоҳ гурехтан аз рӯи чанг задан ба асбоб раво аст ва фоли бад намезанад. 4-Шӯъм дар ҳадис ба касе мепайвандад, ки ба он фоли бад мезанад, на ба касе ки бар Аллоҳ таваккул мекунад ва фоли бад намезанад. 5-Ҳар касе аз чизе ба ҷуз Аллоҳ тарсад, бар вай мусаллат гардонда мешавад, ҳамчунон касе ки бо Аллоҳ ғайрашро дӯст дорад, ба он азоб дода мешавад ва касе бо Аллоҳ ғайрашро умед кунад, аз ҷиҳати он хор карда мешавад. (Инро Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ зикр кардааст)

**Далели панҷум:**

**Ва Абӯдовуд ба санади саҳеҳ аз Уқба ибни Омир ривоят карда аст, ки аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар мавриди фол пурсиданд, фармуд: Беҳтарини навъи он фоли нек аст. Ва афзуд, ки фол набояд мусалмонро аз коре ки ирода карда боз бидорад. Агар шумо бо чизе мувоҷиҳ шудед, ки бароятон нописанд буд, ин дуоро бихонед: Бор илоҳо! Ҳасанотро фақат Ту меорӣ ва аз бадиҳо фақат Ту наҷот медиҳӣ ва ҳеҷ қуввати бозгаштан аз гуноҳ ва қуввати ибодат карданро надорем, магар ба ёрии Ту.**

| Фарқ байни фоли нек | ва фоли бад |
|---|---|
| Ҳар чизи шунидашуда ё дидашуда, ки ин-сонро бар сухан ё феъли ситоишшуда чақ-қону чолок месозад. | Фоли бад ба чизи дидашуда ё шунида-шуда ё ба замон  ё макони маълум аст. |
| Таваккулро зиёд мекунад. | Таваккулро заиф мекунад. |
| Ҳукми он мустаҳаб аст. | 1-Ширки асғар аст, ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки он сабаб аст. 2-Ширки акбар аст, агар эътиқод кунад, ки худи он таъсир дорад. |
| Дар он гумони нек ба Аллоҳ таъолост. | Дар он гумони бад ба Аллоҳ таъолост. |
| Ин ҳоли яктопарасти  муҳаққиқи тавҳид аст. | Ин ҳоли мунофиқ ва кофир аст. |
| Беқасду ва бетакаллуф меояд. | Ба қасд меояд, мисли иёфа |
| Туро на рафтан мемонад ва на бозгаштан ва бар он чи шунид ё дид эътимод намекунад локин шод ва чолок мешавад. | Туро рафтан мемонад ё мегардонад, ба ин ки бар он чизе ки дид ё шунид эътимод мекунад ва сабаби пеш рафтанаш буд. |
| Муҷиби вобастагӣ ба Аллоҳ мешавад. | Муҷиби вобастагӣ ба фоли бад задашуда мешавад. |

Мисол 1: Шахсе хост издивоҷ кунад, пас вақте аз номи духтар пурсид, гуфта шуд: Ҳано, пас издивоҷ кард ва дигаре аз номи духтар пурсид, пас гуфта шуд: Сахра, пас издивоҷ накард, пас ҳардуяш аз боби фоли бад задан аст, зеро фоли бад задан чизест, ки туро пеш мебарад ё боз медорад.
Мисоли 2:Шахсе аз номи духтар пурсид баъди завоҷ (туй), пас номашро Саода ёфт, ба ин шод шуд, ин аз боби фоли нек аст, зеро сабаби издивоҷ кардан ё монеъи он нашуд ва албатта шод шуд баъде ки издивоҷ карда буд.
Баъзе мардум Қуръонро барои фол задан мекушоянд, пас ҳаргоҳ ба зикри Дӯзах назар кард, фоли бад мезанад ва ҳаргоҳ ба Ҷаннат назараш афтод, мегуяд: Ин фоли нек аст. Ин монанди амали ҷоҳилият аст, ки ба чубҳо фол мезаданд.
(Уқба ибни Омир): Дурусташ Урва ибни Омир аст.
(Ва муслимеро намегардонад): Аз ин фаҳмида мешавад, ки касеро фоли бад аз ҳоҷаташ гардонад, пас муслим нест.
(Ва қувват нест магар ба Ту): Ҳарфи "бо" инҷо ё: (1) Бамаъноли "фи-дар", (2) ё барои ёрӣ ҷустан, (3) ё барои сабаб аст.

**Ақсоми мардум бо фоли бад задан**

| | | |
|---|---|---|
| Ӯро аз ҳоҷаташ наме-гардонад ва бар Аллоҳ таваккул карда мера-вад, ин ҳоли яккапа-расти Аллоҳ таъолост ва асл ҳамин аст. | Меистад ва фоли бадро қабул мекунад ва амалро тарк мекунад: Ширки асғар аст ба онро сабаб эътиқод карданаш ва ширки акбар аст, ба онро ба зоташ таъ-сирбахш эътиқод кунад | Ба кораш идома медиҳад, локин бо ноором ӣ ва ғаму андӯҳ, аз таъсири ин фоли бад задашуда метарсад, ин гунаҳгор аст. |

**Далели шашум то ҳаштум:**

6). Ҳамчунин Абӯдовуд ин ҳадиси марфӯъи Ибни Масъуд разияллоҳу анҳуро ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Фоли бад задан ба парвози паранда ширк аст, фоли бад задан ба парвози паранда ширк аст ва ҳеҷ кас аз мо чунин нест, ки гоҳе дар дилаш гумоне нагузарад, вале Аллоҳ интавр чизҳоро ба таваккул бар Ӯ аз байн мебарад"***. (Ривояти Абӯдовуд ва Тирмизӣ. Ва Тирмизӣ онро саҳеҳ гуфта ва охири онро аз сухани Ибни Масъуд қарор додааст).

7). Дар Муснади Аҳмад ин ҳадиси Ибни Амр ривоят шудааст. ***"Ҳар касе ки фоли бад ӯро аз давом додани кораш боз бидорад, ӯ ширк овардааст. Гуфтанд: Каффораи ин гуноҳ чист? Фармуд: Бигӯ: Бор илоҳо! Хайре ба ҷуз хайри Ту ва фоле ба ҷуз фоли Ту ва маъбуди барҳаққе ҷуз Ту вуҷуд надорад"***.

8). Ва Аҳмад аз ҳадиси Фазл ибни Аббос ривоят карда аст: ***Албатта фоли бад задан ба парвози паранда он чи-зест, ки туро ба коре водорад ва ё аз коре боз дорад***.

❀(Нафаре аз мо нест, магар): Яъне нафаре аз мо нест, магар ки фоли бад мезанад ва ин аз тарки он чизест, ки зикри он қабеҳ аст ва аз лафзҳои ширкӣ дур будан ва тавҳидро дар лафзҳо таҳқиқ кардан бо вуҷуде ки ҳикоякунандаи куфр, кофир нест.

❀Таваккул ҳамон эътимоди содиқ бар Аллоҳ дар ҷалби фоидаҳо ва бартараф кардани зарарҳо, бо боварӣ доштан ба Ӯ ва чанг задан ба асбобе, ки Аллоҳ онро асбоб қарор додааст.

Илоҷи фоли бад задан чист?

1-Таҳқиқи тавҳид, зеро фоли бадро Аллоҳ ба таваккул аз байн мебарад ва дилкушод мешавад.

2-Гуфтани дуое, ки аз Паёмбар ﷺ омадааст: "Эй Аллоҳ хайре ҷуз хайри Ту нест...".

3-Ба хайр фоли нек мегирад ва фоли бад намезанад ва фоли бад бар фикраш намеояд.

4-Дар чизе ки маслиҳат аст, аз он дар якум кушиш кардан ақиб манишин, чанд бор кушиш кун, то Аллоҳ барои ту онро кушояд.

| Фарқ байни қуръа | ва ба чубҳо фол задан |
|---|---|
| Ҳукми он ҷоиз аст. | Гуноҳи кабира аст ва он аз қимор аст |
| Ба он мақсади шаръӣ ҳосил мешавад | Ба он мақсади шаръӣ ҳосил намешавад |
| Барои муайян кардани ҳаққи ду низоъкун, ки барои онҳо нафси ҳақ бетаъйин аст, истифода бурда мешавад. | Барои муайян кардани хайр аз шарр истифода бурда мешавад ва ба эътимоди бар насиб шабоҳати иддиои илми ғайбро дорад. |
| Амали яктопарастон аст. | Амали мушрикон аст. |
| Қуръа барои саффи аввал ва азон аст | Бартарӣ ба партофтани тангаҳои маъданӣ ва шумоdoes. |
| Барои соҳиби ҳақ ҷудо мекунад ва тақсим имкон надорад. | Барои касе ки ҳақ надорад, ҷудо мекунад ва тақсим имкон дорад. |

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Танбеҳи ояти "Огоҳ бошанд! Фоли бади онҳо назди Аллоҳ аст" бо ояти "Фоли бади шумо бо шумост". (Дар байнашон таоруз нест).

**Дуюм:** Нафйи таъсири сироят. (Яъне таъсир кардани худи он, на ин ки он сабаби таъсир аст).

**Сеюм:** Нафйи фоли бад. (Нафйи таъсири он аст, на вуҷуди он).

**Чорум:** Нафйи таъсири Бум. (Бум ё парандае, ки шабоҳати онро дорад).

**Панҷум:** Нафйи таъсири моҳи Сафар. (Замонҳо дар таъсир ва тақдири Аллоҳ ҳеҷ дахолат надорад, пас моҳи Сафар монанди дигар замонҳо аст, дар он хайр ва шарр тақдир карда мешавад ва баъзе мардум ҳаргоҳ дар моҳи Сафар чизеро тамом кунад, таърихи рӯзро нависта мегӯяд: Дар моҳи Сафари хайр тамом шуд ва ин аз ислоҳ кардани бидъат ба бидъат ва ҷаҳл ба ҷаҳл аст, пас он на моҳи хайр аст ва на моҳи шарр аст).

**Шашум:** Мустаҳаб будани фоли нек аз сухани нек.

**Ҳафтум:** Тафсири фоли нек. (Ҳар чизе ки инсонро бар чизи хуб фаъол месозад).

**Ҳаштум:** Вуқӯъ ва эҳсоси фоли бад дар дил ишколе надорад ва таваккул бар Аллоҳ онро аз байн хоҳад бурд.

**Нуҳум:** Чи дуое бихонад касе ки аз фоли бад мутаассир шудааст. (Эй Аллоҳ хайре ҷуз хайри Ту нест....).

**Даҳум:** Тасреҳи ин матлаб, ки фоли бад ширк аст. (Ба баёни муфассал: Ҳаргоҳ таъсири онро эътиқод кунад, пас он ширки акбар аст ва ҳаргоҳ онро сабаб эътиқод кунад, пас он ширки асғар аст)

**Ёздаҳум:** Тафсири фоли мазамматшуда. (Чизе ки туро манъ намекунад ё туро манъ мекунад).

## (29) Боб андар мавриди ситорашиносӣ

❁(Аз ҷумлаи ширк) нагуфт, зеро дар он баёни муфассал аст: Илми таъсир ва илми тасйир ва баёни ин гузашт.

**Далели аввал то сеюм:**

1). Бухорӣ дар китоби Саҳеҳи худ аз Қатода ривоят карда мегӯяд: Аллоҳ ситораҳоро барои се чиз офарида аст: Зиннати осмон бошанд, барои санг-сор кардани шайтонҳо ва ҷинҳо ва нишонаҳое бошанд барои роҳнамоии мардум. Ва агар касе бихоҳад аз онҳо истифодаи дигар барад, хато карда ва талошаш беҳуда буд ва ба худ таклифи чизеро медиҳад, ки илми онро надорад.

2). Ва Қатода илми буруҷи моҳро макрӯҳ диниста аст. Ва Ибни Уяйна онро ҷоиз намедонад. Инро Ҳарб аз онҳо ривоят кардааст.

3). Албатта Аҳмад ва Исҳоқ онро ҷоиз донистаает.

❁ Ҳар касе аз салаф, ки илми омӯхтани манзилҳои ситорагонро ҳаром гуфтанд, қавли ӯро бар илми таъсир бардошт карда мешавад.

❁ Ҳар касе аз салаф, ки омӯхтани илми манзилҳои ситорагонро ҷоиз гуфтанд, қавлашро бар илми тасйир бардошт карда мешавад.

**Далели чорум:**

Ва аз Абӯмусо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Се нафар дохили Ҷаннат намешавад: "Касе ки ба нӯшидани шароб одат дошта бошад, касе ки робитаи хешовандиро қатъ намояд, касе ки ҷодугарро тасдиқ намояд". (Ривояти Аҳмад ва Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳи худ).

❁(Ҷаннат намедароянд): Ин аз ҳадисҳои ваъдаи азоб аст, ки ҳамчуноне ки омадааст, гузаронда мешавад ва барои мухолифатии он ба ҳуҷҷатҳои дигар (ваъда) хилоф карда намешавад ва ин дар сарзаниш расотар аст.

❁(Касе ки бардавом шароб менушад): Касе ки бисёр шароб менӯшад ва хамр ҳар чизест, ки ақлро бар ҷиҳати лаззат ва шодмонӣ мепӯшад.

❁(Ва қатъкунандаи раҳм): Раҳм ҳамон хешовандӣ аст ва пайвасти хешовандӣ, ки дар шариат таҳдид нашудааст, масдари он ба сӯи одат аст, модоме ки шариатро хилоф накунад.

❁(Ва тасдиққунандаи сеҳр): Ана ҳамин шоҳид аст ва дар ин далел бар ин аст ки илми ситорашиносӣ навъе аз сеҳр аст.

## Мабҳас дар гуноҳони кабира

**Таърифи кабира:** Шайхи Ислом раҳимаҳуллоҳ онро таъриф кардааст, ба: (Ҳар гуноҳе ки бар он уқубати хос тартиб дода шудааст) монанди лаънат ё ғазаб ё рондан ё аз фоили он безорӣ ҷустан ё ӯ аз кофирон аст ё аз мушрикон аст ё мӯъмин нест ё ба қабеҳтарини ҳайвонҳо ташбеҳ карда шуда аст....

**Ҳукми фоили он:** Ба имонаш мӯъмин, ба гуноҳи кабирааш фосиқ аст, дар зери машияти Аллоҳ аст, агар хоҳад ӯро азоб диҳад ва агар хоҳад ӯро мебахшад.

**Оё гуноҳони кабира башумур аст ё маҳдуд?** Мувофиқи таърифи собиқ маҳдуд аст на башумур.

**Оё гуноҳони кабира бузургтар аст ё ширки асғар?** Маъсиятҳо ба хурдҳо сар мешавад, сипас ба калонҳо сипас хурдтар, сипас калонтар, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (Аллоҳ мағфират намекунад, ки ба Ӯ ширк оварда шавад ва ба ҷуз ширк барои касе бихоҳад мағфират мекунад), ва гуфтаи Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу: (Агар ба Аллоҳ дурӯғ қасам бихӯрам, беҳтар аст аз ин ки ба ғайри Аллоҳ рост қасам бихӯрам). Ва ба Аллоҳ дар ҳоли дурӯғ гуфтан қасам хӯрдан, гуноҳи кабира аст ва ба ғайри Аллоҳ қасам хӯрдан ва агарчи рост гӯяд, ширки асғар аст.

**Оё гуноҳони кабира ба амали солеҳ тоза мешавад, ё барои он тавба кардан зарур аст?** Бояд аз кабира тавба кунад, аз рӯи гуфтаи Паёмбар ﷺ: (**Зани навҳахон агар пеш аз вафоташ тавба накунад...**), ва (**...ҳаргоҳ аз гуноҳони кабира дӯрӣ ҷуяд...**).

**Оё тавба кардан аз баъзе гуноҳони кабира ҷуз баъзеи дигараш саҳеҳ мешавад?** Оре тавба кардан аз баъзе гуноҳони кабира ҷуз дигараш дуруст мешавад, бо зарур аст, ки ҳамаи гуноҳон решакан кунад (яъне аз ҳамааш тавба кунад).

**Оё фоили гуноҳи кабира дӯст дошта мешавад ё бад дида мешавад?** Ба қадри имонаш дӯст дошта мешавад ва ба қадри маъсияташ бад дида мешавад. Ва дар ҳоли даст заданаш ба кабира бо ӯ ҳамнишинӣ карда намешавад.

**Оё гуноҳони кабира гуногун мешавад?** Оре, гуногун мешавад, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ : (**Оё шуморо ба бузургтарини гуноҳони кабира далолат накунам?**).

Муртакиби кабираро чигуна меномем? Ӯ ба имонаш мӯъмин ва ба гуноҳи кабирааш фосиқ аст ва ӯ мӯъмини ноқис имон аст ва монанди мурҷиа намегуем: Мӯъмини комилулимон аст ва на монанди хавориҷ мегуем, ки кофир аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Ҳикмат дар офаридани ситорагон. (Зиннат барои осмон, сангпора барои шайтонҳо, аломатҳо).

**Дуюм:** Сухани касе ки ғайр аз инро бигӯяд, мардуд аст (илми таъсир).

**Сеюм:** Ихтилоф дар ҳукми аз худ кардани илми манозили моҳ.

**Чорум:** Ваъдаи азоб барои касе ки сухани ҷодугарро тасдиқ намояд, гарчи пай бурда бошад, ки ӯ бар ботил аст.

## (30) Боб андар ҳукми талаби борон кардан ба ситорагон

1-Ширки акбар аст, ки манозили ситорагон ба талаби борон дуо кунад, ё эътиқод кунад, ки он амал мекунад ва ҳоҷатҳоро мебарорад.
2-Ширки асғар аст, ки онро сабаб эътиқод кунад ва ин ки Аллоҳ холиқу фоил аст.

**Далели аввал ва дуюм:**
1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **(Ба ҷои шукри неъмати Қуръон, ки ба шумо дода шуда, онро дурӯғ мешуморед).** (Сураи Воқеъа, ояти: 82)
2). Аз Абӯмолики Ашъарӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Дар уммати Ман чор кори ҷоҳилият аст, ки онҳоро тарк нахоҳанд кард: Фахр ба ҳасаб ва насаби худ, таъна задан ба насаби дигарон ва талаби боридани борон ба ситорагон, навҳахонӣ. Ва фармуд: Навҳахон пеш аз вафоташ тавба накунад, рӯзи қиёмат дар ҳоле мехезад, ки бар тани ӯ ҷомае аз қир ва зиреҳи пустин хоҳад буд. (Ривояти Муслим)

❁(**Ва дурӯғ мешуморед**): Дурӯғ мешуморед, ки он аз назди Аллоҳ аст, ҳайсияте ки ҳосил шудани онро ба ғайри Аллоҳ нисбат медиҳед.
❁(**Чорто**): Барои ҳаср нест, зеро дигар чизҳо аст, ки бо он шариканд ва Паёмбар ﷺ инро аз боби ҳасри илмҳо ва ҷамъи он ба тақсиму адад мегӯяд, зеро ин ба фаҳм қариб мебошад ва ҳифзро устувор мекунад.
❁(**Ҷоҳилият**): Пеш аз фиристодани Паёмбар ﷺ ва мақсад қабеҳ гардондан ва аз он гурезондан аст ва ҳамааш ҷаҳл ва зишт аст.
❁(**Онҳоро тарк намекунанд**): Дар ин хабар додан ва ҳазар додан аст ва иқрор кардан нест.
❁(**Ба шарафи падарон фахр кардан**): Ба шарафу мақоми олие ки дорад, бузургӣ ва такаббурӣ мекунад. Ва фахр ба тақвои Аллоҳ мешавад, ки аз бузургӣ ва такаббурӣ боз медорад ва ҳарқадар неъматҳои Аллоҳ бар ӯ зиёд шуд, ҳамонқадар хоксорияш барои ҳақ ва халқ зиёд мешавад.
❁(**Дар насабҳо таъна задан**): Асли инсонро айб мегирад, имсле ки мегӯяд: Ту писари даббоғ ҳастӣ. (Даббоғ он ки пусти ҳайвонотро пок ва дабоғӣ мекунад).
❁(**Ба ситоараҳо талаби борон кардан**): Ин далел аст ва маънояш ин ки боронро ба ситорагон нисбат дода мешавад.
❁(**Ва навҳахонӣ**): Бар майит бо овози баланд қасдан гиря кардан, бар сабили навҳахонӣ.
❁(**Барангехта мешавад**): аз қабраш, (сирбол) изор, (қатирон) қир, ё миси об кардашуда, (ҷараб) бемориест дар пуст, ба ҳар чизе ки дар он мерасад мутаассир мешавад.

ва маънояш ин ки ҳамаи пусташ ҷараб мебошад, ба манзалаи зиреҳпӯш ва ҳаргоҳ миси гудохташуда ва ҷараб ҷамъ оянд, бало зиёд мешавад. Ва ҳикмат ин аст, ки вақте мусибатро басабр напӯшонд, ба ин пӯшонда шуд, пас ҷазо аз ҷинси амал аст.

**Рӯзи қиёмат ба ин ном ниҳода шуд барои қоим шудани:**

| **Мардум:** (Рӯзе ки мардум дар пеши Парвардигори ҷаҳониён меистанд). | **Гувоҳон:** (Ва рӯзе ки гувоҳон бархезанд). | **Мизонҳо:** (Ва Мо дар рӯзи қиёмат тарозуҳои адлро мегузорем). |
|---|---|---|

**Далели сеюм ва чорум:**

3). Бухорию Муслим аз Зайд ибни Холид разияллоҳу анҳу ривоят карданд, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ ﷺ дар Ҳудайбия намози субҳро бо мо хонд, дар ҳоле ки осори борони шаби гузашта вуҷуд дошт. Расулуллоҳ ﷺ баъд аз хондани намоз рӯ ба мардум карда фармуд: Оё медонед Парвардигоратон чӣ гуфт? Саҳобагон гуфтанд: Аллоҳ ва расулаш донотаранд. Фармуд: Бандагонам дар ҳоле субҳ карданд, ки баъзеаш ба Ман мӯъмин ва баъзеаш кофир шуданд. Пас касе ки гуфт: Ба фазлу раҳмати Аллоҳ борон борид, ба Ман мӯъмин гашт ва ба ситорагон кофир. Ва касе ки гуфт: Борон ба хотири фалон ва фалон ситора борид, ба Ман кофир гашт ва ба ситорагон мӯъмин шуд.

4). Ва Бухорию Муслим аз ҳадиси Ибни Аббос разияллоҳу анҳу монанди ин маъноро ривоят карданд ва дар он омадааст: Баъзеи онон гуфтанд: Фалон ва фалон ситора корашро кард. Пас Аллоҳ ин оятҳоро нозил намуд: **"Савганд ба ҷойгоҳи ситорагон"** то гуфтааш **"онро дурӯғ мешуморед"**.

۞(فلا): Ҳарфи "ло" барои танбеҳ аст, ба маънои огоҳ шав, ба мавқеъҳои ситорагон қасам мехӯрам.

۞Фоида аз қасам хӯрдани Ӯ субҳонаҳу бо вуҷуде ки Ӯ содиқ аст, ҳоҷат ба қасам нест:

1-Ин услуби арабӣ аст, барои таъкиди ашё ба қасам.

2-Мӯъминро яқинаш зиёд мешавад ва аз зиёдати таъкидкунандаҳо моне-ъе нест, ки яқини банда зиёд мешавад.

3-Аллоҳ ба умури бузург қасам мехӯрад, ки далолати бар камоли қудрат, азамат ва илми Ӯ мекунад.

4-Ҳоли ба он қасам хӯрда шударо бардоштан, зеро Аллоҳ қасам намехӯ-рад, магар ба чизи бузург.

5-Ба хотири он чизе ки қасам хӯрда шудааст, ба он эҳтимом додан ва ин ки он ба иноят ва исбот шоиста аст.

(Карим): Маънои он: (1) Некӯ зебост, пас аз Қуръон нектар чизе нест, (2) бисёр ато кунанда, аҳалашро аз хайрҳои динӣ ва дунявӣ ва ҷисмӣ ва қалбӣ ато мекунад.

❁(Дар китоби пӯшида): Лавҳи маҳфуз ё саҳифаҳое, ки дар дасти малоикаҳост.
❁(Ҷуз покон дар он даст намезананд): Малоикаҳо ва дар ин ишорат ба ин аст, ки касе қалбашро аз маъсиятҳо пок кунад, Қуръонро беҳтар мефаҳмад.
❁(Нозилшуда): Дар ин: (1) Ин аст, ки Қуръон барои ҳамаи халқ ва умуми будани рисолааш нозил шудааст. (2) Қуръон аз тарафи Парвардигорашон нозил шудааст ва ҳаргоҳ инчунин бошад, пас он ҳукм дар байни онон, ҳоким бар онон аст. (3) Нозид шудани Қуръон аз камоли парвардигории Аллоҳ аст, дониста шуд, ки Қуръон раҳмат барои бандагон аст. (4) Қуръон каломи Аллоҳ аст, нозилшудаву ғайри махлуқ аст.
❁(Дурӯғ меҳисобед): Метарсед, ин барои шумо шоиста намебошад, барои касе ки Қуръон дорад, шоиста аст, ки ба он ошкоро сухан кунад.
❁(Ва рӯзии худро дар дурӯғ ҳисобидани он қарор медиҳед?): Ба ҷои шукри рӯзии худ, онро дурӯғ мешуморед, ин аз беақлист.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Воқеъа. (Ва "ба ҷои шукри" рӯзии худ, "Розиқ"-ро дурӯғгӯ мекунед).
**Дуюм:** Зикри чор кори ҷоҳилият. (Ба шарафи падарон фахр кардан ва дар насабҳо таъна задан ва ба ситорагон талаби борон кардан ва навҳахонӣ).
**Сеюм:** Куфр будани баъзеи ин чор амал (талаби борон кардан ва таъна задан ва навҳахонӣ).
**Чорум:** Баъзе аз навъҳои куфр инсонро аз доираи Ислом хориҷ намекунад. (Ва он талаби борон кардан ба манзилҳои ситорагон баъзеаш куфри аз доираи Ислом хориҷкунанда аст ва баъзеаш куфри асғар аст).
**Панҷум:** Гуфтааш: "Баъзе бандагонам ба Ман мӯъмин ва баъзеашон ко-фир шуданд". Ба сабаби нозил шудани неъмат баъзе мӯъмин ва баъзе ко-фир мешаванд. (Ҳаргоҳ ба инсон неъмате расад, воҷиб аст, ки онро ба сӯи асбобаш ҷуз Аллоҳ изофа накунад).
**Шашум:** Даринҷо ба имон аҳамият додан муҳим аст (онро ба сӯи фазли Аллоҳ ва раҳмати Ӯ нисбат додан).
**Ҳафтум:** Дар инҷо аҳамият додан ба куфр муҳим аст (ба нисбат додани он ба сӯи манозили ситорагон).
**Ҳаштум:** маънои "фалон ва фалон ситора рост гуфтааст" чист? (Яъне дар иҷро ва ваъдаи он).
**Нуҳум:** Устод барои фаҳмонидани шогирд аз равиши савол истифода барад, аз рӯм гуфтаи Расулуллоҳ ﷺ: Оё медонед Парвардигоратон чӣ гуфт? (Ин аз муҷиби ҳозир кардани дилҳои онҳост ва ин аз нек таълим додани Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст).
**Даҳум:** Ваъдаи азоби сахт барои навҳахон (ҷомае аз қир ва зиреҳи пустин хоҳад буд).

## Имтиҳони қисми шашум (7 боб аст)

| | **Суоли якум:** Фарқ баёни умури зерин чист? | |
|---|---|---|
| м | Фоли нек | Фоли бад |
| 1 | ...................................... | ........................................... |
| 2 | ...................................... | ........................................... |
| 3 | ...................................... | ........................................... |
| | Қуръа | Ба чубҳо фол задан |
| 1 | ...................................... | ........................................... |
| 2 | ...................................... | ........................................... |
| 3 | ...................................... | ........................................... |

**Суоли дуюм:** Аломати ☒ дар макони муносиб гузор ё ҷумларо пур кун:

1-Аз аломатҳои ҷодугар: 1......................................2-..........................................
3-.....................................4-...................................5-........................................
2-Тафсири Умар тоғутро ба шайтон, тафсири ба мисол аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
3-(Онро харидорӣ кардан) Яъне:..........................., (баҳрае) яъне:...................
4-(Иҷтиноб кунед) аз "тарк кунед" балеғтар аст, зеро маънои иҷтиноб тарк кардан бо дурӣ аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
5-(Ҳафт ҳалоккунанда) адад дар инҷо (☐тақозо мекунад ☐ тақозо намекунад) ҳасрро.
6-Оё барои адад дар ҳуҷҷатҳо мафҳум аст ё не?.................................................
7-Барои чӣ зикр мешавад ва мафҳум надорад?..................................................
8-Нафсҳое, ки қатлаш ҳаром аст: ☐ 3☐ 4, Ҳаром ☐ хӯрдани рибо ☐ хос ба хӯрдан нест.
9-Ятим касест, ки фавтидааст (☐ падараш ☐ модараш) мард бошад ё зан (☐ пеш ☐ пеш/пас аз) ба балоғат расиданаш.
10-Покдоманҳо: ☐ Занони озоданд ☐ аз зино покplanд.
11-Бар роҳбар куштани ҷодугар воҷиб мебошад: ☐ Бе тавба додан, ☐ баъди тавба додан.
12-Ҷибт: ☐ Сеҳр ☐ ҳар он чизе ки дар он хайр нест аз сеҳр ва ғайри он.
13-Тоғут: ☐ Шайтон ☐ банда аз ҳадаш гузарад, аз маъбуд ё матбӯъ, ё итоатшуда.
14-Иёфа аз анвоъи фоли бад задан аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
15-Касе чизе аз илми ситорашиносӣ омӯзад, пас чизе аз сеҳрро омӯхтааст: ☐ Дуруст ☐ хато.
16-Аҳволи фалакӣ (☐ барои он нест ☐ барои он) алоқа ба ҳодисаҳои заминӣ аст.
17-Ақсоми илми нуҷум: 1-..............................., ва ҳукми он................................ 2-................................................, ва ҳукми он.....................................................
18-Овардани суханчинӣ дар мавзӯи сеҳр: ☐ Хато аз нусхабардорон аст ☐ барои ҳардуяшон дар ҷудоандозӣ якҷо ҳастанд.

19-(Баъзе баён сеҳр аст): ☐ Барои мадҳ ☐ барои мазаммат ☐ барои баёни воқеъ, сипас дар асараш назар карда мешавад.
20-Арроф ҳамон: ☐ Коҳин ☐ исми ом аст.
21-Боби коҳинонро овард, барои баёни: ☐ Онҳо кӣ ҳастанд ☐ чигуна омадан ☐ ҳукми он ☐ ҳамагӣ.
22-Омӯхтани абҷад тақсим мешавад, ба: ☐ Ду қисм ☐ як қисм аз рӯи гуфтаи Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо.
23-Касе коҳинро тасдиқ кунад ва эътироф кунад, ки илми ғайбро ҷуз Аллоҳ касе намедонад, кофири куфри ☐ акбар ☐ асғар аст.
24-Зане барои дигаре гуфт: Шавҳаратро сеҳр мекунам ва бар ту чизе нест: ☐ Он ду дар сеҳр шариканд ☐ бар дуюм ҳеҷ гапе нест.
25- Ба марде тибб аст, яъне: ☐ Сеҳр аз боби фоли нек задан ☐ илоҷи беморӣ.
26-Ҳуҷҷатҳо ва гуфтори салаф далолат мекунанд, ки (☐кушода намешавад ☐ кушода мешавад) сеҳр ба сеҳр.
27-Сеҳр кушода мешавад, ба: ☐ Ҳиҷомат ☐ қироати Оятalкурсӣ, ☐ дуо, монанди гуфтани: "Раббанноc азҳибилбаъс..." ☐ ҳамагӣ.
28-Кушодани сеҳр тақсим мешавад, ба: 1-............................2-...........................
29-Фоли бади оли Фиръавнро ба фармудааш ботил кард: ☐ (Огоҳ бошед, ҳа-моно фоли бади онон дар назди Аллоҳ аст) ☐ (Фоли бади шумо бо шумост).
30-Фоли бад тавҳидро нафй мекунад, зеро фоли бад зананда: ☐ Бар Аллоҳ таваккул намекунад ва бар ғайри Аллоҳ таваккул мекунад ☐ба амре мутаал-лиқ шуд, ки ҳақиқат надорад ☐ ҳамагӣ.
31-(Фоли бади шумо бо шумост) инро гуфт: ☐ Аҳли деҳа ☐ расулон.
32-(Фоли бадашон дар назди Аллоҳ аст), яъне:........................, (Фоли бадатон бо шумост) яъне:..........................................................................................
33-Сирояти беморӣ ба амри Аллоҳ аст, дар: ☐ бемориҳои ҳиссӣ ☐ бемориҳои маънавии ахлоқӣ ☐ ҳамагӣ.
34-(**Сироят, фоли бад, бум ва сафар нест**) дар ин нафй: ☐ Вуҷуд ☐ таъсир аст.
35-(**Сироят нест**) яъне:......................,оё ин бо (Аз касе ки ба бемории ҷузом гирифтор аст, гурез) мухолиф меояд..................................................................
36-Чигуна байни (**фоли бад нест**) ва (**шӯъм нест магар дар се чиз**) ҷамъ мекунем..................................................................................................?
37-(Бум нест) яъне:.............................., (Сафар нест) яъне:................................
38-Маънои (нафаре аз мо нест магар) яъне:.............................., ва дар ин........
39-(Манзили ситора нест) яъне:............................, (ғул нест) яъне:....................
40-Сухани: (Сафари хайр): ☐ ҷоиз ☐ фол задан ☐ аз боби илоҷи бидъат ба бидъат аст.
41-Мақсад ба парондани паранда озори он аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
42-Араб барои худашон илмҳои ваҳмиеро омода карданд, монанди тияра, заҷр, иёфа, руқияҳо ва дурӯғҳоеро, ки дар байни мардум овоза карда буданд, дурӯғ шумориданд, яъне пеш омадани ғул барои онон дар сафарҳояшон ва баромадани паранда аз хуни кушташуда, ҳома номида мешуд ва бо ҷин сухан карданашон ва ғайри ин: ☐ Дуруст ☐ хато.
43-Гуфтани: (Хайр аст, иншоаллоҳ) дар вақти шунидани овози саг ё хар: ☐ Ҷоиз ☐ ҷоиз нест.

44-Гуфтани: (Ин ситораи некбахтӣ аст): ☐ ҷоиз аст ☐ ҷоиз нест.
45-Фоли нек: ☐ Сухани нек фақат барои сухан кардан аст ☐ ҳар чизе ки инсонро бар кори хуб чолок мегардонад, аз гуфтор ё кирдори дидашуда ё шунидашуда.
46-Ҳаргоҳ фоли бад занад ва бо ноором ва ғам корашро идома диҳад, аз таъсири ба он фолзада шуда метарсад (☐ ҷоиз ☐ ширки асғар ☐ гунаҳгор), ва ҳаргоҳ фоли бад занад ва тарки амал кунад (☐ ширки асғар ☐ кабира аст).
47-(Фол задани мазамматшуда) ишора ба сӯи ин аст, ки онҷо фол задани мадҳшудааст: ☐ Дуруст ☐ хато.
48-Бад дидани баъзе рақамҳо ё маконҳо ё рӯҳҳо: ☐мубоҳ ☐ фоли бад задан аст.
49-Иродаи завоҷ кард, пас гулеро гирифт, пас аз он баргеро канд, ки зан мегирам ва баргеро канд, ки зан намегирам ва ба барги охирон амал кард, пас ин аз боби ☐ фоли нек ☐ фоли бад аст.
50-Дар сафар дудила аст, пас Қуръонро кушод ва ояти раҳматро дид, пас сафар кард: ☐ Фоли нек ☐ фоли бад аст.
51-Қасди сафар кард ва дар роҳ чолок шуд вақте шахсеро шунид, ки барои дигаре мегӯяд: Муваффақ, пас ин аз боби ☐ фоли нек ☐ фоли бад аст.
52-Дар қалбаш фоли бад воқеъ шуд ва ӯро аз кораш нагардонд ва ноором накард: ☐ Гунаҳгор аст ☐ бар вай чизе нест.
53-Дар нафсаш чизе аз фоли бад гузашт ва локин корашро идома дод ва ба он илтифот накард: ☐ Ширк овард ☐ ширк наовард.
54-Аллоҳ баъзе бемориҳоро сабаб барои сироят ва гузаштан қарор дод: ☐ Дуруст ☐ хато.
55-Ҳар кас аз ғайри Аллоҳ битарсад, бар ӯ мусаллат гардонда мешавад, ин уқубати фоли бад зананда аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
56-Гуфтани (Аллоҳ моро аз шарри ханда басанда аст) баъди хандидани бисёр: ☐ Ҷоиз ☐ ҷоиз нест.
57-Истихора кард ва хобид, пас дар хоб чизеро дид, ки онро тарсонид, пас он чиро ки барояш истихора карда буд, тарк кард: ☐ Фоли бад ☐ натиҷаи истихора аст.
58-Байни ду амр тараддуд дорад: ☐ Дуо мекунад ☐ машварат мекунад ☐ истихора мехонад ☐ дар байнашон қуръа меандозад ☐аввал ва дуюм, пас ҳаргоҳ ба яке аз ин ду қасд кард, намози истихора мехонад ☐ ҳамагӣ.
59-Истихора кард ва сафар кард, сипас либосаш дар роҳ дарид, пас сафарро тарк кард: ☐ Фоли бад ☐ натиҷаи истихора аст.
60-Истихора баъди қасди як амр мебошад, аз рӯи гуфтаи ӯ (дар ин амр): ☐ Дуруст ☐ хато.
61-Бар анҷоми он чи истихора кардааст, фақат барои сабаби ҳиссӣ ё шаръӣ мегардад: ☐ Дуруст ☐ хато.
62-Эътиқод кард, ки ситора сабаби фаромадани борон аст ва Аллоҳ ҳамон нозилкунандаи борон аст: ☐ Дуруст ☐ ширки асғар аст.
63-Анвои ҷоҳилият рафт ва пастшавии ҳаво омад: ☐ Дуруст ☐ хато.
64-Барои офтоб мегӯяд: (Дандони маро бигир ва ба ман дандони арусро бидеҳ): ☐ Ҷоиз ☐ ширк.
65-Ҷамъ овардан байни ихтилофи олимон дар омӯхтани манзилҳои қамар мумкин аст, ҳамонгуна ки дар боби кушодани сеҳр ҷамъ кардем: ☐ Дуруст ☐ хато.

66-Аломатҳое ки ба он роҳ ёфта мешавад: ☐ Заминӣ ☐ уфуқӣ ☐ ҳамагӣ.
67-Раҳм ҳамон: ☐ Хешовандон ☐ хешовандони зану шавҳар.
68-Сеҳр дар тағйир додани аъён таъсир мекунад, ба ҳайсе ки чубро тилло мегардонад: ☐ Дуруст ☐ хато.
69-Ҳадисҳои ваъдаи азоб гузаронда мешавад, ҳамчуноне ки омадааст ва барои мухолифатии он бо далелҳои дигар (ҳадисҳои ваъда) хилоф карда намешавад ва ин дар сарзаниш расотар аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
70-Гоҳо адад дар далелҳо аз боби ҳасри илмҳо ва ҷамъи он ба тақсим ва адад зикр карда мешавад, зеро он ба фаҳм наздик мебошад ва ҳифзро устувор мекунад: ☐ Дуруст ☐ хато.
71-Мақсад аз нисбат додан ба сӯи ҷоҳилият: ☐ Нафрат овардан ☐ он ҷаҳл ва ҳамоқат аст ☐ ҳамагӣ.
72-Паёмбар ﷺ ба чизҳое хабар медиҳад, ки воқеъ мешавад, мақсадаш он нест, ки ба он амал карда шавад, монанди фармудаи Ӯ ﷺ: (Онҳоро тарк намекунанд...): ☐ Дуруст ☐ хато.
73-Гуноҳони кабира ба амали нек пок намешаванд ва барои он тавба кардан ҳатмӣ аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
74-Қуръон карим аст, ба маънои ин ки: ☐ бисёр атокун аст ☐ зебову ҳасан аст ☐ ҳамагӣ.
75-Маънои покон: ☐ Малоикаҳо ☐ Қуръонро танҳо пок меқапад.

**Суоли сеюм:** Аз қоимаи (а) он чиро ки аз қоимаи (б) муносиб аст, гузор:

| | а | б |
|---|---|---|
| 1 | Муоҳид | Дар байни мо ва ӯ амон барои тиҷорат, ё барои фаҳмидани Ислом аст. |
| 2 | Зиммӣ | Бар рег бар сабили сеҳр ва фолбинӣ менависанд. |
| 3 | Ҷибт | Дар байни мо ва ӯ аҳд аст, ки бо мо ҷанг накунанд ва мо бо ӯ ҷанг накунем. |
| 4 | Мустаъмин | Касе ки дар байни мо ва ӯ замонат аст, бо пардохтани ҷизя. |
| 5 | Тияра | Қатъ ва ҷудо кардан аст. |
| 6 | Азҳ | Фасоҳати комил, ки ақлҳоро мерабояд ва фикрҳоро тағйир медиҳад. |
| 7 | Кабира | Он исми ом барои коҳин, мунаҷҷим, раммол ва монанди онҳост. |
| 8 | Баён | Ҳар чизе ки бар он уқубати хос тартиб дода шудааст. |
| 9 | Тарқ | Парандаро барои фоли бад ё фоли нек ба парвоз водор кардан, аз фол задани ба феъл аст. |
| 10 | Арроф | Фоли бад задан ба чизи маълуми дидашуда бошад ё шунидашуда аз рӯи замон ё макон. |
| 11 | Иёфа | Ҳар он чизе ки дар он хайр нест, яъне ҷоду ва ғайри он. |

## Ҳафтум: Амалҳои қалбҳо (9 боб аст)

**Боб (31) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Баъзе аз мардум ғайри Аллоҳро ҳамонанди Аллоҳ мегиранд ва чунон ки Аллоҳро бояд дӯст дошт, онҳоро дӯст медоранд" то охири оят.**

**Ақсоми муҳаббат**

| **Бо Аллоҳ дӯст доштан:** (Ширки акбар аст) | **Барои Аллоҳ дӯст доштан:** (Воҷиб аст) аз баландтарини қулаи имон аст, барои | **Муҳаббати табиъӣ:** Ҷоиз аст монанди дӯст доштани фарзанд. |
|---|---|---|

| Амале ки Аллоҳ таъоло аз он розӣ аст ва он ҳар чизест, ки шариат ба он омадааст. | Ба он амал амалкунанда, монанди анбиё, расулон, малоика, саҳоба ва ҳамаи яктопарастон. | Замонҳое ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, мисли шаби қадр ва сеяки охири шаб. | Маконҳое ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст медорад, мисли Макка ва Мадинаи мунаввара. |
|---|---|---|---|

**Далели дуввум ва сеюм:**

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"(Эй расули Мо умматро) бигӯ ки агар шумо падарон ва писарон"** то фармудааш **"аз Аллоҳ ва расул бештар дӯст доред..."**.

2). Аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Яке аз шумо мӯъмин намешавад, то он ки Маро аз фарзанд ва падари худ ва тамоми мардум дӯсттар надошта бошад"***. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

❀(Падарони шумо ва писарони шумо...): Муҳаббати инҳо муҳаббати ибодат нест, локин ҳаргоҳ бар муҳаббати Аллоҳ бартарӣ дода шуд, сабаби уқубат мегардад.

❀(Яке аз шумо имон намеорад): Нафйшуда камоли имони воҷиб аст, магар ҳаргоҳ ки аз муҳаббати Ӯ холӣ бошад.

**Ҳолатҳои нафй чиз:**

**Нафй вуҷуд:**
Ин асл аст, мисли: (Бутпараст имон надорад), пас агар бар ин бардошт карда натавонем, бардошт мекунем ба:

**Нафй дурустӣ:**
Мисли: (**Бе таҳорат намоз нест**), пас агар бар ин бардошт карда натавонем, бардошт мекунем ба:

**Нафй камол:**
Монанди: (**Дар вақти ҳузури таом намоз нест**).

Муносибати ҳадис ба боб ошкор аст, зеро муҳаббати Паёмбар ﷺ аз муҳаббати Аллоҳ аст ва муҳаббати Паёмбар ﷺ ба умури зайл мебошад:

1-Зеро Ӯ Расулуллоҳ ﷺ аст ва ҳаргоҳ Аллоҳ дар назди ту аз ҳамаи чиз маҳбубтар бошад, пас расули Ӯ дар назди ту аз ҳамаи махлуқҳо маҳбубтар бошад.

2-Ба ибодати Аллоҳ азза ва ҷалла ва ба расондани рисолаи Ӯ қоим шуд.

3-Ба Ӯ Аллоҳ азза ҷалла ахлоқҳои накӯ ва аъмоли накӯ ато карда буд.

4-Зеро Ӯ ﷺ сабаби ҳидоят, таълим ва тавҷеҳи ту шуд.

5-Дар расонидани рисолат бар озору азият сабр кард.

6-Ба хотири баланд шудани калимаи Аллоҳ ба молу нафсаш кушиш кард.

**Муҳаббати Паёмбар ﷺ баъди вафоташ чигуна мебошад?**

Ба омӯхтани суннат ва ба он амал кардан ва ба сӯи он даъват кардан ва аз он дифоъ кардан ва сухани Ӯро бар сузани ҳамаи мардум пеш донистан ва ба роҳнамоии Ӯ ﷺ чанг задан.

**Мардум дар муҳаббати бо Аллоҳ ба чор қисм тақсим шуданд:**

- Аллоҳро дӯст медорад ва бо Ӯ касеро дӯст намедорад ва ин ихлос аст.
- Ҳамтоёнро баробари Аллоҳ дӯст медорад, ин ширки акбар аст
- Ҳамтоёнро аз Аллоҳ бештар дӯст медорад, ин ширки акбар аст.
- Ҳамтоёнро дӯст медорад ва аслан Аллоҳро дӯст намедорад, ин бузургтарини ширк аст.

**Далели чорум то шашум:**

4). Ва Бухорию Муслим аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Се хислат дар ҳар кас ки бошад, ҳаловати имонро дарк хоҳад кард: Аллоҳ ва расулаш назди вай аз ҳама кас маҳбубтар бошад. Муҳаббати Ӯ ба дигарон фақат ба хотири Аллоҳ бошад. Ва дубора ба куфр гаштанро ҳамчун афтодани дар оташ бад бидонад". Дар ривояте: "Яке аз шумо ҳаловати имонро намеёбад, то ки...", то охираш.

5). Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Ҳар ки дӯстӣ ва бад диданаш ва душманӣ ва сулҳаш ба хотири Аллоҳ бошад, бо ин кор ба мақоми вилояти Аллоҳ даст хоҳад ёфт. Ва инсон ҳар чанд намоз ва рӯза ба ҷо орад, то чунин набошад, таъми имонро нахоҳад чашид, вале имрӯз тамоми бародарихо ва дӯстиҳо бар асоси умури дунё пояреӣ шуда ва натиҷаи хубе аз онҳо намеояд. (Ибни Ҷарир).

6). Ва Ибни Аббос дар тафсири ин сухани Парвардигор: "Ва ба сабаби онҳо асбоб бурида шавад" гуфт: Яъне асбоби дӯстӣ қатъ мешавад.

**Муҳаббат ба эътибори ибодат:**

**Худи он ибодат аст:**
Муҳаббати ибодат намебошад магар барои Аллоҳ азза ва ҷалла ва он муҷиби шикастанафсӣ ва таъзимест, ки тақозои ба ҷо овардани амрҳо ва иҷтиноб аз наҳйшудаҳост.

**Дар зоташ ибодат нест:**
- ❁ Муҳаббат дар роҳи Аллоҳ ва барои Аллоҳ: Мисли муҳаббати расулон ва анбиё алайҳимус салом.
- ❁ Муҳаббати шафқат ва раҳмат: Мисли муҳаббати фарзанд ва хӯрдсол....
- ❁ Муҳаббати бузург доштан ва таъзим: Мисли муҳаббати падпр ва муаллим...
- ❁ Муҳаббати табиъӣ: Мисли муҳаббати таом ва шароб...

❁ Бошарафтарини анвоъ ҳамон аввал аст, аммо боқӣ аз қисми мубоҳ аст, магар ҳаргоҳ бо он чизе якҷо шавад, ки тақозои ибодат мекунад, пас он ибодат мегардад.

❁ (Ҳаловати имон): Он чи дар нафс ва қалбаш аз оромӣ ва роҳат ва кушодиро меёбад.

❁ (Касе дар роҳи Аллоҳ дӯст дорад): Пас бад мебинад, касеро ки Аллоҳ бад мебинад ва дӯст медорад касеро ки Аллоҳ дӯст медорад.

❁ (Ва канда шуд): Ҳар асбобе ки ба он мушрикон мутааллиқ мешуданд ва муҳаббати онон канда шуд.

## Вилоят

**Аз ҷониби Аллоҳ барои банда**

**Омм аст,** вилояти идора кардан ва гардондан ва мӯъмину кофирро шомил мешавад.

**Вилояти хос**, вилояти иноят ва тавфиқ ва ҳидоят ва ин хос ба мӯъминон аст.

**Аз ҷониби банда барои Аллоҳ:** Ин шаръан воҷиб аст, Аллоҳ таъоло фармуд: (Ва ҳар кас Аллоҳ ва рассули Ӯро дӯст бидорад).

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Бақара. (Ва аз мардум касоне ҳаст, ки ҷуз Аллоҳ ҳамтоёнеро интихоб мекунанд).

**Дуюм:** Тафсири ояти сураи Бароат. (Бигӯ агар падаронатон ва писаронатон).

**Сеюм:** Вуҷуби бештар дӯст доштани Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар дӯст доштани худ, зан, фарзанд ва мол.

**Чорум:** Нафй имон, далолат бар хориҷ шудани аз доираи Ислом намекунад (магар ҳаргоҳ дил аз муҳаббати Ӯ ﷺ мутлақо холӣ бошад, пас шакке нест, ки ин нафй асли имон аст).

**Панҷум:** Имон дорои ҳаловат ва ширинӣ аст, ки гоҳо инсон онро дарк мекунад ва гоҳо дарк намекунад.

**Шашум:** Чаҳор аъмоли қалб, ки бе онҳо вилояти Аллоҳ ва таъми имонро касе ҳосил намекунад. (Дар роҳи Аллоҳ дӯст дорад ва дар роҳи Аллоҳ бад бинад ва дар роҳи Аллоҳ дӯстӣ кунад ва дар роҳи Аллоҳ душманӣ кунад).

**Ҳафтум:** Фаҳмидани саҳобӣ воқеъро, бештари дӯстиҳои имрӯза дар асоси корҳои дунявӣ аст. (Ин дар замони Ӯ буд, пас замони мо чигуна аст?).

**Ҳаштум:** Тафсири ояти (Ва ба сабаби онҳо асбоб бурида шавад). (Монанди дустӣ ва дигар асбоб).

**Нуҳум:** Баъзеи мушркон Аллоҳро хело дӯст доштанд. (Ва мӯъминон афзуданд ба Аллоҳро нисбати инҳо ба бутонашон сахттар дӯст доштанд).

**Даҳум:** Ваъдаи азоби сахт барои касе ки ҳашт синфе, ки дар оят зикр шуд, аз дини Аллоҳ барояш маҳбубтар бошад.

**Ёздаҳум:** Касе ки ғайри Аллоҳро баробар бо Аллоҳ дӯст дошта бошад, пас дар ширки акбар воқеъ шудааст.

## Боб (32) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Танҳо ин шайтон аст, ки метарсонад дӯстдорони худро, шумо мусалмонон аз онон натарсед ва аз Ман битарсед, агар аҳли имонед".

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ боб хавфро баъди боби муҳаббат овард, зеро ибодати Аллоҳ азза ва ҷалла бар ду амр устувор мешавад: **Муҳаббат:** Ба он ба ҷо овардани амрҳост, **хавф:** Ба он аз наҳйшудаҳо иҷтиноб кардан аст.

**Ақсоми хавф:**

Хавфи (сир) ибодат ва шикастанафсӣ ва таъзим ва фурутанӣ: Сарфи ин барои ғайри Аллоҳ ширки акбар ва мардум дар ин ду тараф ва миёна аст.

Хавфи табиӣ ва ҷибиллӣ (мубоҳ) аст: (Пас тарсон ва чашм ба роҳи ҳодиса, аз шаҳр берун шуд). Агар бар тарки воҷиб ё феъли ҳаром водор кунад, пас он ҳаром аст.

❁ (Шайтон дӯстонашро метарсонад): Шайтон ҳар касеро, ки мехоҳад воҷиберо адо кунад, метарсонад.
❁ (Пас аз онҳо натарсед): Балки ба он чизе ки шуморо амр кардам ва он чизе ки бар шумо воҷиб гардонидам, аз ҷиҳод идома диҳед ва аз инҳо натарсед ва ҳаргоҳ Аллоҳ бо инсоне бошад, ӯро касе мағлуб намекунад.

**Далели дуюм:**
Ва фармудаи Ӯ: "Танҳо таъмири масҷидҳои Аллоҳ ба дасти касоне аст, ки ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон оварда ва намоз барпо доранд ва закоти моли худ бидиҳанд ва аз ғайри Аллоҳ натарсанд, пас умед аст, ки аз ҳидоятёфтагони роҳи Аллоҳ бошанд".

❁(Касе ба Аллоҳ имон орад): Аллоҳ имони ба Ӯро ба имони ба рӯзи охират бисёр якҷо меорад, зеро имони ба Аллоҳ бар умед водор мекунад ва имони ба рӯзи охират бар тарс водор мекунад.
❁ (Ва намозро барпо дорад): Яъне намозро бар ваҷҳи дуруст, ки дар он нақс нест адо кард ва барпо кардан ду навъ аст:
1-Барпо кардани воҷиб: Дар он бар воҷиб аз шартҳо, рукнҳо ва воҷибҳо иктифо мекунад.
2-Барпо кардани мустаҳаб: Дар он бар воҷиб меафзояд, пас ба воҷиб ва мустаҳаб меояд.
❁ (Ва наметарсад): Хашият хавфест, ки бар илм ба азамати касе, ки аз ӯ

метарсад ва камоли султони ӯро медонад ва фарқ байни хашият ва хавф ин аст: 1-Хашият бо донистани тарсидашуда ва ҳоли ӯ мебошад, байне ки хавф аз ҷоҳил мебошад.
2-Хашият ба сабаби азамати тарсидашуда мебошад, байне ки хавф барои заифии тарснок мебошад.
❁ (Пас шояд): Ибни Аббос гуфт: Шояд аз тарафи Аллоҳ воҷиб аст ва ба равиши умед кардан омад, то инсон мағрур нашавад, ки ӯ ин васфро ҳосил кардааст.

**Ақсоми имораи масҷидҳо ва зидди он вайрон кардани он аст,**
(Ва кист ситамкортар аз он кас ки масҷидҳои Аллоҳро боздошт, ки дар он номи Аллоҳ бурда шавад ва дар вайронии онҳо кушид?!):

**Имораи ҳиссӣ:**
Ба бино ва қолинпӯш кардан ва покӣ ва таъмири он ва зидди он хароби ҳиссӣ аст ба вайрон ва хароб кардани он.

**Имораи маънавӣ:**
Ба намоз хондан ва зикр ва қироат кардан ва зидди он хароби маънавӣ аст, мисли гардондани масҷидҳо ҷойҳои ширк ва бидъатҳо.

**Далели сеюм:**
"Ва баъзе мардум мегӯянд: Мо ба Аллоҳ имон овардем ва чун ранҷ ва озоре дар роҳи Аллоҳ бубинанд, фитна ва азоби халқро бо азоби Аллоҳ баробар шумуранд", то охири оят.

❁ Маълум аст, ки инсон аз азоби Аллоҳ мегурезад, пас амрашро мувофиқат мекунад, пас ин фитнаи мардумро монанди азоби Аллоҳ гардондааст, пас барои аз озори онон гурезад, аз рӯи гардондани ин фитна мисли азоб, хоҳишоти онҳоро мувофиқат мекунад. Пас аз онҳо метарсад, монанди тарсиданаш аз Аллоҳ, зеро ӯ озори онҳоро монанди азоби Аллоҳ гардонд, пас аз он гурехт барои мувофиқат кардани амри онҳо.
❁ Дар оят ҳазар додан аст, ки инсон ба хилофи он чи дар қалбаш аст, бигӯяд.

**Далели чорум:**
Аз Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Албатта аз заъфи яқин аст, ки мардумро ба нохушнудии Аллоҳ, хушнуд созӣ ва дар муқобили рӯзие, ки Аллоҳ ба ту ато намудааст аз мардум шукргузори бикунӣ ва ё дар муқобили он чи ки ба ту надода мардумро мазаммат кунӣ, зеро ризқи Аллоҳ бо ҳирси ҳарис ба даст намеояд ва бо бад дидани мардум бар намегардад"***.

❁ (Мардумро розӣ кунонӣ): ба сабаби тарси аз онон бисёртар аз тарси Аллоҳ azza ва ҷалла ва онҳоро насиҳат накардан.
❁ (Ва мардумро ситоиш кунӣ): Ҳамаи ситоишро барои онҳо қарор диҳӣ ва сабабгор, ки Аллоҳ azza ва ҷалла аст, Ӯро фаромуш кунӣ.
❁ (Ва онҳоро мазаммат кунӣ): Зеро Аллоҳ azza ва ҷалла агар инро тақдир мекард, ҳароина асбоб ёфт мешуд ва воҷиб ризо будан аст.

**Далели панҷум:**

Ва аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Ҳар кас ба хотири хушнудии Аллоҳ мардумро биранҷонад, Аллоҳ аз ӯ розӣ мешавад ва мардумро низ аз ӯ хушнуд месозад. Ва ҳар касе ки дар баробари хушнудии мардум, Аллоҳро биранҷонад, Аллоҳ аз ӯ норозӣ мешавад ва мардумро низ аз ӯ норозӣ мегардонад"***. (Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш ривоят намудааст).

❁ (Касе талаб кунад): аз рӯи тарси онҳо, то аз ӯ розӣ шаванд, пас тарси аз онҳоро бар тарси Аллоҳ azza ва ҷалла тақдим кард.

**Фоидаҳои ҳадис:**

1-Талаби он чизе ки Аллоҳ azza ва ҷалларо розӣ мегардонад воҷиб аст, ва агарчи мардум биранҷад, зеро ҳамон Аллоҳ фоида ва зарар медиҳад.
2-Талаб кардани он чизе ки Аллоҳро ба ғазаб меорад, ба хотири розӣ кунондани мардум касе набошанд, ҷоиз намебошад.
3- Исботи сифати ризо ва ғазаб барои Аллоҳ бар ваҷҳи ҳақиқат, локин бе монандкунӣ ба махлуқҳо.

## Масъалаҳо:

**Якум:** Тафсири ояти сураи Оли Имрон. (Шайтон дӯстонашро метарсонад).
**Дуюм:** Тафсири ояти сураи Бароат. (Танҳо таъмири масҷидҳои Аллоҳ).
**Сеюм:** Тафсири ояти сураи Анкабут. (Ва баъзе мардум мегӯянд: Мо ба Аллоҳ имон овардем).
**Чорум:** Яқин гоҳо заиф ва гоҳо қавӣ мегардад.
**Панҷум:** Се чизи дигар аз омилҳои заъфи имон аст. (Ин ки мардумро ба нохушнудии Аллоҳ, хушнуд созӣ ва дар муқобили рӯзие, ки Аллоҳ ба ту ато намудааст аз мардум шукргузори бикунӣ ва ё дар муқобили он чи ки ба ту надода мардумро мазаммат кунӣ).
**Шашум:** Ихлоси тарс аз Аллоҳ аз ҷумлаи фарзҳост.
**Ҳафтум:** Савоби касе ки фақат аз Аллоҳ битарсад, (Аллоҳ аз ӯ розӣ шавад ва мардумро аз ӯ розӣ созад).
**Ҳаштум:** Ҷазои касе ки аз Аллоҳ натарсад, (Аллоҳ бар ӯ ғазаб кунад ва мардумро алайҳи ӯ бар ғазаб орад).

## (33) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва бар Аллоҳ таваккул кунед, агар имон доред"

❀ Баъди муҳаббат ва хавф, муаллиф раҳимаҳуллоҳ баён кард, ки ба даст овардани матлуб ва дӯр шудани нописанд ҳосил намешавад, магар ба таваккул ва таҳқиқи ибодат имкон надорад магар ба таваккул ва он олитарини мақомҳост ва бар инсон воҷиб аст, ки он дар ҳамаи амрҳояш ҳамроҳи ӯ бошад.
❀ (Ва бар Аллоҳ таваккул кунед): Пеш овардани маъмул ифодаи ҳаср мекунад ва дар ин нафй шудани камоли имон ба нафй шудани таваккул аст, магар ин ки эътимоди куллӣ бар ғайри Аллоҳ ҳосил шавад, пас дар ин сурат ширки акбар мегардад.

**Таваккул:** Аз сидқ бар Аллоҳ эътимод кардан, бо бовари бар Ӯ ва чанг задан ба асбоби шаръӣ, пас аз эътимоди содиқи ҳақиқӣ ва иҷрои асбоби иҷозатдодашуда ҳатмӣ аст ва ақсоми таваккул:

- Ҳамаи умурро ба Аллоҳ супоридан ва эътиқод кардан, ки ҷалби манфиатҳо ва бартараф кардани зарарҳо дар дасти Ӯст, пас сарфи ин эътиқод барои ғайри Аллоҳ ширки акбар аст.
- Бар зинда бо навъи эҳтиёҷ эътимод кардан, пас ин ширки асғар аст, мисли касе ки дар ризқаш бар шахсе бо вуҷуди эҳтиёҷаш ба он эътимод мекунад.
- **Ваколат:** Саҳеҳ нест, ки гуфта шавад: Бар фалонӣ таваккул кардам, ё бар Аллоҳ сипас бар фалонӣ таваккул кардам, балки мегӯяд: Фалониро вакил кардам ё ба ӯ супоридам. Ва Паёмбар ﷺ дар корҳои хос ва омаш вакил кард.

**Далели дуюм ва сеюм:**

2). Ва фармудаи Ӯ таъоло: **"Албатта мӯъминҳо касоне ҳастанд, ки ҳаргоҳ номи Аллоҳ бурда шавад дилҳояшон метарсад".**
3).Ва фармудаи Ӯ: **"Эй Паёмбар Аллоҳ барои ҳимояи ту кофӣ аст".**

❀ Инсон мӯъмин мебошад ва агарчи ба ин сифатҳо васф нашавад, локин бо ӯ мутлақи имон аст.
❀ (Эй Паёмбар! Аллоҳ туро ва касоне аз мӯъминонро ки аз ту пайравӣ кардаанд кифоят мекунад): Туро басанда нест магар Аллоҳ, ва кофӣ барои касоне аз мӯъминон, ки аз ту пайравӣ карданд, Аллоҳ аст. Пас ҳамагӣ бар Ӯ таваккул кунед, ту ва касоне, ки аз ту пайравӣ карданд.

**Аллоҳ дар ин оятҳо ва мобаъдаш панҷ сифат барои имони комил зикр кард:**

| | |
|---|---|
| (Ҳаргоҳ номи Аллоҳ бурда шавад, дилҳояшон тарсон гардад) | Яъне: Аз он чизе ки дар он аст, аз таъзими Аллоҳ битарсад, пас аломати имон ин аст, ки ҳаргоҳ ба Аллоҳ ёдовар карда шавад, тарсад. |
| (Ва чун оёти Мо бар онҳо хонда шавад, имонашон зиёд гардад) | Яъне аз рӯи тасдиқ ва итоат кардан ва дар он ин аст, ки инсон гоҳо ба хондани ғайраш бисёртар аз он чизе ки худаш мехонад, баҳра мебарад. |
| (Ва бар Парварди-горашон таваккул мекунанд) | Яъне: Бар Аллоҳ эътимод мекунанд на бар ғайри Ӯ ва онон бо вуҷуди ин ба асбоб амал мекунанд ва ин ҳамон шоҳид аст. |
| (Касоне ки намозро барпо медоранд) | Яъне: Онро дурусту комил адо мекунанд ва салот исми ҷинс аст, шомили фарзу нафл мешавад. |
| (Ва аз он чи бар онҳо рӯзӣ додаем, инфоқ мекунанд) | **Санои касе ки баъзе молашро садақа кард ва касе ки ҳамаи молашро садақа кард шомил мешавад. Ва касе ки ҳамаи молашро нафақа кард, дар сано дохил мешавад, ҳаргоҳ бар Аллоҳ таваккул кунад.** |

**Далели чорум:**

Ва фармудаи Ӯ: **"Ва ҳар кас бар Аллоҳ таваккул кунад, пас барояш кофӣ аст"**.

❀ Яъне муҳимҳои ӯро кифоягӣ мекунад ва барои ӯ амрашро осон мекунад ва агарчи барои ӯ баъзе азияту озор бирасад, пас Аллоҳ ӯро кифоягӣ мекунад ва Расул ﷺ сайиди таваккулкунандагон аст ва бо вуҷуди ин ба Ӯ азият мерасад ва барои Ӯ зарар ҳосил намешавад.

❀ Ва мафҳуми оят ифода мекунад, ки касе бар ғайри Аллоҳ таваккул кунад, хор карда шавад ва Аллоҳ ӯро ҳифз намекунад.

**Далели панҷум:**

Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки фармуд: Иброҳим алайҳис салом вақте дар оташ андохта шуд, гуфт: "Аллоҳ моро басанда аст ва Ӯ беҳтарин ҳомии мост". Ва ин калимаро Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт, вақте мардум ба Ӯ гуфтанд: "Албатта мардум бар зидди шумо ҷамъ шуданд аз онҳо битарсед, ин сухан имони онҳоро зиёд кард ва инро гуфтанд: Аллоҳ моро басанда аст ва Ӯ беҳтарин ҳомии мост". (Ривояти Бухорӣ)

Ин қисса ба насси Қуръон аст, ҳангоме Абӯсуфён аз Уҳуд гашт, хост, ки ба сӯи Паёмбар ва ёронаш баргардад, то ба гумонаш онҳоро нобуд кунад, пас шутурсаворонро воҳӯрд, пас барои онҳо гуфт: Куҷо меравед? Гуфтанд: Мадина меравем, пас гуфт: Ба Муҳаммад ва ёронаш хабар диҳед, ки мо ба сӯи онҳо мегардем, пас онҳоро ҳалок мекунем. Пас шутурсаворон Мадина омаданд, пас онҳоро хабар доданд, пас Паёмбар ﷺ ва ҳамроҳонаш гуфтанд: (Аллоҳ моро басанда аст ва чӣ хуб вакил аст), тақрибан ҳафтод савора баромаданд, то дар Ҳамроуласад расиданд, сипас Абӯсуфён аз фикраш гашт ва ба сӯи Макка рафт ва ин аз кифоягии Аллоҳ барои Расулаш ﷺ ва барои мӯъминон буд, вақте бар Ӯ таъоло эътимод карданд.

**Танбеҳ:**

Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аз ҷумлаи касонест, ки аз бани Исроил ривоят мекунад, ин қавл дар назди олимони мусталаҳ машҳур аст, локин дар ин назар аст. Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аз касонест, ки аз бани Исроил гирифтанро инкор мекунад.

Ахбори бани Исроилро оё тасдиқ мекунем ё не?

1-Ҳаргоҳ дар шариати мо ояд, ки он рост аст, онро тасдиқ мекунем.

2-Ҳаргоҳ дар шариати мо ояд, ки он дурӯғ аст, онро дурӯғ меҳисобем.

3-Ва ҳаргоҳ дар шариати мо на тасдиқи он ояд ва на дурӯғ ҳисобиданаш, дар он сукут мекунем.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Таваккал бар Аллоҳ аз фароиз аст. (Зеро Аллоҳ имонро ба он вобаста кардааст).

**Дуюм:** Таваккал аз шароити имон аст.

**Сеюм:** Тафсири ояти сураи Анфол. (Албатта мӯъминон касонеанд, ки ҳаргоҳ Аллоҳ ёд карда шавад, дилҳояшон тарсад).

**Чорум:** Тафсири ояти охири сураи Анфол. (Эй Паёмбар туро Аллоҳ басанда аст).

**Панҷум:** Тафсири ояти сураи Талоқ. (Ва касе бар Аллоҳ таваккул мекунад, пас Аллоҳ ӯро басандааст).

**Шашум:** Азамати ин сухани Парвардигор "Аллоҳ моро басанда аст ва Ӯ чи хуб вакил аст", ки инро Иброҳим ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳолати сахтиҳо гуфтанд. (Ва дар боб зиёдатии имон аст ва дар вақти сахтиҳо барои инсон шоиста аст, ки бар Аллоҳ азза ва ҷалла эътимод кунад, бо чанг задан бар асбоб ва ин ки пайравии Паёмбар ﷺ ҳамроҳ бо имон сабаби кифоягии Аллоҳ азза ва ҷалла барои банда мегардад).

## Боб (34) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё онҳо худро аз макри Аллоҳ дар амон медонанд, дар ҳоле ки ҷуз зиёнкорон худро аз макри Аллоҳ эмин намедонанд".

۞Боб дар бар мегирад: Амни аз макри Аллоҳ ва ноумед шудан аз раҳмати Аллоҳро ва ин ду бо ҳам мухолифанд, хостааст, ки роҳравӣ ба сӯи Аллоҳ байни тарсу умед ҷамъ намояд ва аз оят истифода мешавад:
1-Аз неъматҳое, ки Аллоҳ барои банда қарор медиҳад, ҳазар кардан, то истидроҷ набошад.
2-Аз макри Аллоҳ эмин будан ҳаром аст.

**Далели дуюм:**
Ва фармудаи Ӯ: "Ҷуз гумроҳон, кӣ аз раҳмати Парвардигораш ноумед мешавад".

Маънояш ин ки аз раҳмати Аллоҳ ноумед намешавад, магар касе ки ҳидоят наёфта, раҳгумкардае, ки намедонад барои Аллоҳ чӣ воҷиб мебо-шад, бо вуҷуде ки Аллоҳ субҳонаҳу ба зуди ҳолро тағйир медиҳад ва ноумед шудан дуруст нест, зеро ба Аллоҳ гумони бад кардан аст, зеро:
1-Таъна дар қудрати Аллоҳ аст, зеро касе донад, ки Аллоҳ бар ҳамаи чиз қодир аст, чизеро бар Ӯ дур намешуморад.
2-Таъна дар раҳмати Ӯст, зеро касе донад, ки Аллоҳ раҳим аст, раҳмат кардани Аллоҳ ӯро дур намешуморад.

**Далели сеюм ва чорум:**
Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ-ро аз гуноҳони кабира пурсида шуд, пас фармуд: **"Ширк овардан ба Аллоҳ ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед шудан ва аз макри Аллоҳ эмин будан аст"**.
Ва аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки фармуд: Бузургтарини гуноҳони кабира иборатанд аз: Ба Аллоҳ ширк овардан, аз макри Аллоҳ эмин будан ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед шудан аст. (Ривояти Абдурразоқ)

۞(Ширки ба Аллоҳ): Мурод ба он ширки акбар ва асғар аст ва ширки асғар бузургтарини гуноҳҳои кабира аст.
۞ (Ва аз макри Аллоҳ эмин шудан): Ба ин ки Аллоҳ азза ва ҷалларо исён кунад бо боло бурдани вай ба неъматҳо.
۞ (Ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед шудан): Раҳмати Аллоҳ ва ҳосил шудани матлубро дур шуморад.
۞ (Ва аз адолати Аллоҳ ноумед шудан): Рафтани чизи нохушро дур ҳисобад.

**Хулоса:**

Роҳравандаи ба сӯи Аллоҳро ду чиз пеш меояд, ки ӯро аз расидани ба Парвардигораш боз медоранд ва он ду аз макри Аллоҳ эмин шудан ва аз раҳматаш ноумед шудан аст. Ҳаргоҳ бар вай зараре расад, ё чизи маҳбубашро аз даст диҳад, агар Парвардигораш ӯро дарк накунад, ноумеди бар вай ғолиб меояд ва кушоишро дур мешуморад ва барои асбоби кушоиш саъй намекунад. Ва аммо эмин шудан аз макри Аллоҳ, пас инсонро меёбем, ки бо вуҷуди фаровон будани неъматҳо бар маъсиятҳо идома медиҳад ва гумон мекунад, ки ӯ дар ҳақ аст, пас дар ботилаш идома медиҳад, пас шакке нест, ки ин истидроҷ аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Аъроф. "Оё онҳо худро аз макри Аллоҳ дар амон медонанд".

**Дуюм:** Тафсири ояти сураи Ҳиҷр. "Ҷуз гумроҳон кӣ аз раҳмати Парвардигораш ноумед мешавад".

**Сеюм:** Ваъдаи азоби сахт барои касе ки аз макри Аллоҳ эмин бошад (зеро он аз ҷумлаи гуноҳони кабира аст).

**Чорум:** Ваъдаи азоби сахт барои касе ки аз раҳмати Аллоҳ ноумед бошад.

## (35) Боб андар ин ки сабр кардан ба тақдирҳои Аллоҳ аз ҷумлаи имони ба Аллоҳ аст

**Сабр се қисм аст:**

| Бар анҷоми тоати Аллоҳ сабр кардан: Ин аз зимни сабр бар амрҳост, мисли намоз ва рӯза. | Барои аз маъсияти Аллоҳ дӯр шудан, сабр кардан: Мисли аз ширк ва дигар ҳаромҳо иҷтиноб кардан. | Бар тақдирҳои дардноки Аллоҳ сабр кардан: Мисли фавтидани яке аз наздикон. |
|---|---|---|

Сабрро бар тоат тақдим кард, зеро он илзом ва феълро дар бар мегирад, сипас аз маъсият сабр карданро, зеро дар он худдорӣ аст, аммо бар тақдирҳо сабр кардан, пас сабабаш дар ихтиёри банда нест. Аммо ба эътибори ба касе тааллуқ доштанаш, пас гоҳо аз маъсият сабр кардан бар инсон аз сабр кардани бар тоат сахттар аст.

**Мардум дар вақти мусибат чор қисманд:**

| **Ғазабкунанда (гуноҳи кабира аст ва ба куфр мерасонад) ба дил (ғазаб мекунад) ва ба забон (дуо ба войю ва ҳалок мекунад) ва ба аъзои бадан (задан, пора кардан ва кандани мӯ аст).** | Сабркун (ба иҷмоъ воҷиб аст) ба дил, забон ва аъзои бадан, пас мусибат барои ӯ гарон аст ва онро намеписндад, локин бардошт ва сабр мекунад. | Розӣ аст (ин мустаҳаб аст) барои ба Парвардигораш дар вақти неъмат ва зидди он пурра ризо буданаш, ҳар ду ҳолат барои ӯ баробар аст, ба он ба эътибори қазо аз ҷониби Парвардигораш буданро назар мекунад. | Сипосгузор (ин олитарини мартабаҳост) инро кафорати бадиҳо ва зиёд шудани ҳасанот ва имон медонад ва онҷо мусибатҳоест, ки аз ин бузургтар аст. |
|---|---|---|---|

**Далели аввал:**

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ва ҳар кас ба Аллоҳ имон биёрад, Аллоҳ қалбашро ҳидоят мекунад"**.

Алқама гуфт: Он мардест, ки ба ӯ мусибат мерасад, пас ӯ медонад, ки ин аз ҷониби Аллоҳ аст, пас розию таслим мешавад.

(Қалби ӯро ҳидоят мекунад): Ба он оромиш мебахшад, пас ҳаргоҳ қалб ҳидоят ёфт, аъзои бадан ҳам ҳидоят меёбад.

**Далели дуюм:**

Дар Саҳеҳи Муслим аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Ду хислат дар миёни мардум аз хислатҳои куфр боқӣ мондааст: Таъна задан ба насабҳо ва навҳахонӣ бар мурдагон"***.

❁(Дар насаб таъна задан): Яъне дар он айб гирифтан ё онро нафй кардан аст, пас ин аз амалҳои куфр аст.
❁(Ва бар майит нола кардан): Ин ҷои шоҳид аст, пас нола кардан аз ғазаб кардан аст.

**Далели сеюм ва чорум:**

3). Дар Бухорию Муслим аз Ибни Масъуд ба таври марфӯъ ривоят аст, ки гуфт: ***"Касе ки ба сару рӯи худ бизанад ва гиребон пора кунад ва суханони ҷоҳилӣ бар забон орад, аз Мо нест"***.

4). Ва аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Вақте Аллоҳ ба бандае хайр бихоҳад дар дунё ҷазояш медиҳад ва агар ба банда бадӣ бихоҳад, ӯро дар муқобили гуноҳҳояш ҷазо намедиҳад, то дар қиёмат ӯро ҳисоб кунад"***.

❁ (Ба даъвоҳои ҷоҳилӣ): Ҳар даъвате, ки сарчашмаи ҷоҳилият аст ва монанди он вайрон кардани хонаҳо ва шикастани зарфҳо ва вайрон кардани таом ва мисли ин ки баъзе мардум дар вақти мусибат мекунад.
❁ (Ҳаргоҳ Аллоҳ ба бандааш бихоҳад): Мақсади Аллоҳ худи шарр нест, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: "Ва шарр аз ҷониби Ту нест", пас онро барои ҳикмате мехоҳад, инҳангом ба эътибори ҳикматро дар бар гирифтанаш хайр мебошад.
❁ Ва мақсади ҳадис тасаллои мусибатзада аст, то бесабрӣ накунад, гоҳо он хайр мебошад ва азоби дунё аз азоби охират сабуктар аст, пас Аллоҳро ҳамду сипос гӯяд, ки уқубаташро ба охират нагузоштааст.

**Далели панҷум:**

Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "Албатта савоби бузург бо мусибати бузург аст. Ва Аллоҳ қавмеро дӯст дошта бошад, онҳоро ба мусибат мубтало созад, пас касе розӣ шавад, пас Аллоҳ аз ӯ розӣ мешавад ва ҳар кас норозӣ шавад, Аллоҳ низ аз ӯ норозӣ хоҳад шуд". (Инро Тирмизӣ ҳадиси ҳасан гуфт)

۞ Аз ҳадис истифода карда мешавад:
1-Ҳаргоҳ бало сахттар бошад ва инсон сабр кунад, савоб бузургтар мешавад.
2-Аллоҳ ҳаргоҳ қавмеро дӯст дорад, ононро ба он чизе ки бар онҳо аз рӯи кавну шаръ тақдир мекунад, имтиҳон мекунад.
3-Исботи сифати муҳаббат, ғазаб ва ризо барои Аллоҳ ﷻ бо ҳазар кардан аз монандкунӣ ё исботи чигунагии он сифатҳо.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Тағобун. (Ва касе ба Аллоҳ имон биёрад, Аллоҳ қалбашро ҳидоят мекунад).
**Дуюм:** Албатта сабр аз имон аст. (Сабр кардан бар тақдирҳои Аллоҳ).
**Сеюм:** Таъна задан дар насаб. (Ва он айби онро гуфтан ё онро нафй кардан аст ва ин аз ҷумлаи куфри асғар аст).
**Чорум:** Ваъдаи азоби сахт дар бораи касе, ки дар вақти мусибат ба сару рӯяш бизанад ва гиребон пора-пора кунад ва сухани ҷоҳилӣ бигӯяд (зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он безорӣ кард).
**Панҷум:** Аломати ин ки Аллоҳ ба бандааш иродаи хайр дорад (Аллоҳ ӯро дар дунё ҷазо медиҳад).
**Шашум:** Аломати ин ки Аллоҳ ба бандааш иродаи бадӣ дорад (Аллоҳ ӯро дар охират ҷазо медиҳад).
**Ҳафтум:** Аломати муҳаббати Аллоҳ барои банда (ва ин имтиҳон аст).
**Ҳаштум:** Ҳаром будани бесабрӣ, (яъне дар он чизе ки банда гирифтор ва мубтало шудааст).
**Нуҳум:** Савоби ризо ба бало, (ва он розӣ шудани Аллоҳ ﷻ аз банда аст).

## (36) Боб андар мавзӯи риё (худнамоӣ)

**Далели аввал то сеюм:**

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Бигӯ, Ман фақат башаре ҳастам монанди шумо, (фарқияти Ман ин аст), ки ба Ман ваҳй мешавад, ки танҳо маъбудатон маъбуди ягонааст" то охири оят.

2). Ва аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу марфуъан ривоят аст, ки Аллоҳ таъоло фармуд: "Ман ниёзе ба шарик доштан надорам. Ҳар кас ки амале анҷом бидиҳад ва дар он каси дигареро бо Ман шарик созад, Ман ӯро бо ширкаш раҳо мекунам". (Ривояти Муслим)

3). Ва аз Абӯсаъид ба таври марфӯъ ривоят аст: "Оё ба шумо хабар бидиҳам аз чизе ки Ман барои шумо аз он қадре метарсам, ки аз Даҷҷол бароятон он қадар наметарсам? Гуфтанд: Гуфтем, бале. Гуфт: Ва он ширки хафӣ аст. Марде барои намоз меистад, вақте мебинад, ки касе ӯро дида истодааст, намозашро зиннат медиҳад ва беҳтар мегузорад". (Ривояти Аҳмад)

❀(Бигӯ: Албатта ман башар ҳастам): Паёмбар ﷺ амр шуд, ки ба мардум хабар диҳад, ки Ӯ ﷺ башар аст ва ин башариро ба гуфтааш: (Монанди шумо) таъкид кард, магар ки ба сӯи Ӯ ﷺ ваҳй мешавад, пас тоати вай воҷиб аст, локин парастидани Ӯ ﷺ ҳаром аст.

❀(Вохӯрии Парвардигорашро): Вохӯрии ризо ва неъмат хос ба мӯъминон аст ва дидани Ӯро дар охират шомил мешавад.

❀(Амали неке): Холису дуруст (ихлос ва пайравӣ).

❀(Ман бениёзтарам): Дар ин ду маъност:

1-Ботил будани амале, ки дар он риё ҳамроҳ шудаст ва ҳаром будани риё.

2-Баёни бениёзии Аллоҳ ﷻ ва бузург будани ҳаққаш ва ин ки барои ягон кас ҷоиз нест, ки бо Ӯ шарик биёрад.

❀(Масеҳи Даҷҷол): Чашми росташ масҳ кашида шудааст ва ӯ марде аз фарзандони Одам аст, бисёр дурӯғгӯ аст.

**Барои чӣ Паёмбар ﷺ бар умматаш аз риё сахттар аз Масеҳи Даҷҷол тарсид?**

1-Зеро фитнаи Даҷҷол ошкор аст ва фитнаи риё пӯшида аст ва аз риё халос шудан сахт душвор аст.

2-Зеро фитнаи Даҷҷол дар охири замон маҳсур аст, ба акси фитнаи риё, ки дар ҳама вақт ҳаст.

**Ширк ду навъ аст:**

1-**Хафӣ:** Оне ки дар қалб бошад, мисли риё ва ширки сароир номида мешавад.

2-**Ҷалӣ:** Оне ки дар гуфтор бошад, мисли ба ғайри Аллоҳ қасам хӯрдан ё дар феъл бошад, мисли барои ғайри Аллоҳ хам шудан.

**Риё ин аст, ки амал мекунад, то ӯро мардум бубинад ё бишнавад ва риё аз ахлоқи мунофиқон аст:**

**Дар асли ибодат аст:** Ибодатро ботил мекунад.

**Ногаҳонӣ аст:** Дар ин баёни муфассал аст:

**Баъди тамом кардани ибодат:** Дар ибодат ҳеҷ таъсире надорад, магар ҳар вақт дар он душманӣ бошад, мисли миннату озор додан баъд аз садақа.

**Риёро дафъ мекунад:** Воҷибе ки бар ӯст, анҷом додааст ва ибодат саҳеҳ аст.

**Дар риё идома медиҳад:** Дар ин баёни муфассал аст:

**Аввали ибодат ба охираш пайваста аст:** Мисли намоз, пас ҳамаи ибодат ботил аст.

**Аввали ибодат аз охираш ҷудост:** Мисли закот, пас ҷузъе ки дар он риё дохил шуд, ботил аст.

**Илоҷи риё чист?**

1-Таъзими Аллоҳ ба омӯхтани тавҳид ва ба он амал кардан, зеро инсон агар Аллоҳро таъзим кунад, парвои касе намекунад.
2-Амалро аз тарси риё тарк накардан, зеро шайтон ё туро дар риё воқеъ мекунад ё дар тарси аз ғайри Аллоҳ. 3-Дуо кардан. 4-Амалҳоро пинҳон кардан, аз рӯи тарси дар риё воқеъ шудан. 5- Қабрҳоро ба таври шариат зиёрат кардан, албатта зиёрати қабрҳо охиратро ба ёд меорад ва риё инсон ба дунё вобаста месозад.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Каҳф. (Бигӯ: Албатта монанди шумо башарам, ба ман ваҳй мешавад).
**Дуюм:** Қабул набудани амали нек, вақте ки дар он хушнудии ғайри Аллоҳ низ хоста шавад.
**Сеюм:** Зикри сабабе, ки муҷиби ин аст ва он тамоман бениёзии Аллоҳ аз ингуна шарикиҳо.
**Чорум:** Албатта аз зимни асбоб, ин аст, ки Аллоҳ таъоло беҳтарини шарикҳост.
**Панҷум:** Тарсидани Паёмбар ﷺ бар ёронаш аз риё. (Ва бар шахсе ки баъди онон аст, тарсидан авло аст).
**Шашум:** Ӯ ﷺ риё тафсир кард ба ин ки шахсе намозашро ба хотири Аллоҳ мехонад, ва ле намози худро ба хотири касоне ки ӯро мебинанд, зиннат медиҳад. (Ва сохтакорӣ ва зиннат додани сухан инчунин аст)

## (37) Боб андар анҷоми амалҳои ухравӣ барои дастёбӣ ба ҳадафҳои дунявӣ низ навъи ширк аст

❁Ин боб дар ҳаққи касест, ки ба ибодаташ мадҳро намехоҳад ва на риёро, балки Аллоҳро холисона ибодат мекунад ва локин ӯ чизе аз дунёро мехоҳад, монанди мол, мартаба ва саломатии нафсаш ва монанди ин, пас ӯ ба амалаш фоидаи дунёро мехоҳад ва аз савоби охират ғофил аст.
❁ Монеъ нест, ки инсон дар намозаш дуо кунад ва талаб кунад, ки Аллоҳ ба ӯ мол диҳад ва локин барои ин намоз намехонад, пас ин мартабаи паст аст, ки ба амали охират дунёро бихоҳад.
❁ **Танбеҳ:** Баъзе мардум вақте дар фоидаҳои ибодатҳо сухан мекунад, ба фоидаҳои дунявӣ онро мегардонад ва мафруз ин аст, ки фоидаҳои дунявиро асл нагардонем.
❁ Ин боб аз боби риё хатарноктар аст, зеро риё гоҳо дар як намоз масалан ногаҳонӣ мешавад, аммо хатари иродаи дунё ба амали охират ба ҳамаи ибодатҳо паҳн мешавад.

### Мардум ба нисбати ин боб панҷ қисманд:

| | |
|---|---|
| Ба амали дунявӣ дунёро мехоҳад: | Ин ҷоиз аст, мисли касе ки тиҷорат мекунад, то хона бихарад. |
| Ба амали дунявӣ охиратро мехоҳад: | Ин мустаҳаб аст, мисли касе ки зироат мекунад, то садақа кунад. |
| Ба амали ухравӣ охиратро мехоҳад: | Хушо ба ҳолаш, ин олитарини мартабаҳост. |
| Ба амали охират дунё ва охиратро мехоҳад: | Дуруст аст, ба шарте ки охират ғолиб ояд: (Парвардигоро! Ба мо дар дунё некӣ ато кун ва дар охират "низ" некӣ ато кун). |
| Ба амали охират дунёро мехоҳад: | Ширки асғар аст, мисли касе барои мардум ба хотири мол имом мешаваду намоз мехонад. |

❁Чигуна донистa мешавад, ки ӯ дунёро мехоҳад ё охиратро? "**Агар ато карда шавад розӣ гардад ва агар ато карда нашавад, ғазаб кунад**". ❁Танбеҳ: Баъзе мардум дар рӯзҳои имтиҳонҳо бо ихлос ибодат мекунад, пас ҳаргоҳ натиҷаҳои имтиҳон ошкор шуд, ибодатро тарк мекунад.

**Далели аввал:**

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Касоне ки зиндагии дунё ва зиннати онро бихоҳанд, (натиҷаи) амалҳояшонро дар ҳамин дунё ба таври комил ба онҳо медиҳем".

Ин махсус ба ояти Исро аст: (Ҳар кас ки хоҳони ин дунё бошад, ҳар чӣ бихоҳем зудаш арзонӣ дорем, онгоҳ Ҷаҳаннамро ҷойгоҳи ӯ созем то баддидашудаву рондашуда ба он афтад), пас амр ба машияти Аллоҳ ва дар ҳаққи касе хоҳад, супурда мешавад.

**Далели дуюм:**

Ва аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Бандаи тило, нуқра, пул ва бандаи либос ва пушок ҳалок шуд, агар ба вай чизе дода шавад, хурсанд мешавад ва агар дода нашавад ранҷида ва хашмгин мешавад. Сарнагун ва нобуд мегардад ба тавре ки наметавонад хореро ки ба пояш халидааст, берун биёрад ва хушо ба ҳоли бандаи (мӯъмин), ки бо сари жулида ва поҳои ғуборолуд, лиҷоми аспашро гирифта ва дар роҳи Аллоҳ қадам мебардорад. Агар дар посбонӣ бошад, вазифаашро иҷро мекунад ва агар дар пушти ҷабҳа вазифадор бошад, вазифаашро иҷро мекунад (дар назди мардум чунин аст) агар иҷозат бихоҳад ба ӯ иҷозат намедиҳанд ва агар шафоат кунад шафоаташро қабул намекунанд". (Ривояти Бухорӣ)

❁(Ҳалок шуд): Зарару зиён дид, (бандаи динор): Тангаи тилло ва ӯро бандаи динор номид, зеро ӯ ба он вобаста шуд, монанди тааллуқи банда ба Парвардигор, пасбузургтарини қасдаш буд ва онро бар тоати Парвардигораш ﷻ тақдим кард.

❁(Дирҳам): Тангаи нуқра.

❁(Либос), (либоси махмалӣ): Касе ки ба зоҳир ва асосаш аҳамият медиҳад.

❁(Агар ато карда шавад, розӣ шавад): Розӣ намешавад магар ба мол ва ғазаб намекунад магар барои мол ва барои ин ӯро бандаи он номид.

❁(Ва сарнагун шуд): Амрҳо бар вай ба хилофи хостааш тағйир ёфт, ба ҳайсе ки барои вай муяссар нашуд.

❁(Ҳаргоҳ хоре ба ӯ халад, онро берун оварда наметавонад): Ҳаргоҳ ба вай хоре халад, пас онро дӯр карда наметавонад.

۞ Се ҷумла эҳтимол дорад, ки хабар бошад ё аз боби дуо алайҳи ӯ бошад.

❁(**Тубо**): Беҳтарин ҳол барои ин мард бошад ва гуфта шуд: Дарахте дар Ҷаннат аст ва аввал омтар аст.

❁(Дар роҳи Аллоҳ): Қоидаи он ин аст, барои олӣ шудани калимаи Аллоҳ биҷангад, на ба хотири нажодпарастӣ ё ватанпарастӣ.

❁(Сараш жулида аст): Аз ғубори дар роҳи Аллоҳ, пас ӯ ба ҳолу баданаш эҳтимом намедиҳад, модоме ки ин натиҷаи тоати Аллоҳ бошад ва поҳояш аз рафтани дар роҳи Аллоҳ ғуборолуд шудааст ва асаре, ки аз одат сарчашма гирад

ҳаргоҳ дар он такаллуф набошад, бар он аҷр дода мешавад, монанди фармудаи Ӯ ﷺ: "**Ҳароина бӯи даҳони рӯзадор**".

❁ (Пушти лашкар): Дар пушти лашкар мебошад ва ин ду ҷумла ду маъно дорад, ҳадис барои ҳарду салоҳият дорад:

1-Парво надорад, ки дар куҷо гузошта мешавад, пас талаби мартабаи олӣ намекунад, мисли пеши лашкар масалан.

2-Агар дар посбонӣ бошад, ҳаққи онро баҷо меорад ва инчунин дар пушти лашкар.

❁(Агар иҷозат пурсад): Дар назди мардум ҷоҳ, шараф ва мартаба надорад ва дар назди Аллоҳ ﷻ манзалат дорад.

❁ Шоҳид ин ки баъзе мардум дунёро мепарастад, барои он ғазаб мекунад ва ҳадис мардумро тақсим кард ба:

1-Танҳо қасди дунёро дорад, ба ҳосил кардани мол ва зебо кардани ҳол, қалбашро банда сохта, пас онро аз зикр ва ибодати Аллоҳ машғул сохта аст, пас амр бар вай тағйир меёбад ва аз камтарини азият халос намешавад.

2-Бузургтарин қасдаш охират аст, пас вай барои он ба олитарини машаққат саъй мекунад ва он ҷиҳоди дар роҳи Аллоҳ аст ва бо вуҷуди ин он чизе ки бар вай воҷиб аст, аз ҳамаи вуҷуҳ онро адо мекунад ва ӯро хайр дар фикраш давр мезанад пас барои мардум шафоат мекунад.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Иҷрои амали охират ба мақсади расидан ба матоъи дунё.

**Дуюм:** Тафсири ояти сураи Ҳуд. "Касоне ки зиндагии дунё ва зиннати онро бихоҳанд".

**Сеюм:** Номидани чунин инсони мусалмон ба бандаи динор ва дирҳам ва матоъ.

**Чорум:** Маънои ин ҷумлаи ҳадис: Агар ба ӯ чизе дода шавад, розӣ мешавад ва агар дода нашавад ғамгин мешавад.

**Панҷум:** Маънои "таъиса вантакаса". (Эҳтимол дорад, ки хабар ё дуо бошад).

**Шашум:** Маънои "ва изо шика фалантақаша". (Эҳтимол дорад, ки хабар ё дуо бошад).

**Ҳафтум:** Бузург будани муҷоҳиде, ки дорои сифатҳои зикршудаи дар ҳадис бошад. (Ва ӯ шоистаи мадҳу ситоиш аст, на соҳибони дирҳамҳо ва динорҳо ва соҳибони асосҳои густурдаи хона ва мартабаҳо).

## (38) Боб касе олимон ва раҳбаронро дар ҳалол донистани ҳаромҳо ва ҳаром донистани ҳалолҳои Аллоҳ итоат кунад, пас онҳоро арбоб гирифтааст

### Ҳолатҳои итоати олимон ва амирон дар маъсияти Аллоҳ ﷻ:

Куфри акбар онҳоро аз рӯи розӣ шудан ба қав-ли онон пайравӣ кунад, онро тақдим кунад, ба ҳукми Аллоҳ ғазаб ку-над, пас ҳар кӣ нозил кардаи Аллоҳ написан-дад кофир шавад ва ин-чунин агар эътиқод ку-над, ки ҳукми онҳо бо ҳукми Аллоҳ баробар аст ё аз он беҳтар аст, кофир шавад.

Куфри асғар ва хатари бузург аст, наздик аст, ки дар куфри акбар воқеъ шавад, онҳоро пайравӣ кунад, дар ҳоле ки ба ҳукми Аллоҳ розӣ аст ва олим аст, ки он барои бандагон ва шаҳр сало-ҳиятноктар ва беҳтар аст ва локин онро барои хоҳиши нафсаш ихтиёр кардааст, мисли ин ки мансаберо бихоҳад ва ҳаргоҳ ҳаққи мусалмо-неро ба он гирад, золим мебошад.

Дар ин баён аст ба ин ки онҳоро аз рӯи ҷаҳл пайравӣ кунад ва гумон кунад, ки он ҳукми Аллоҳ аст: 1-Донистани ҳақро ба нафсаш қудрат дорад, пас ӯ муқас-сир асту гунаҳгор аст. 2-Олим нест ва им-кони таълим гириф-танро надорад, пас онҳоро тақлид меку-над ва гумон меку-над, ки ин ҳақ аст, пас бар вай чизе нест ва вай узрдор аст.

**Далели аввал ва дуюм:**

1). Ибни Аббос разияллоҳу анҳу гуфт: Метарсам аз осмон бар шумо санг биборад, мегӯям: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чунин гуфтааст, онгоҳ шумо мегуед: Абӯбакр ва Умар разияллоҳу анҳумо чунин гуфтаанд.

2). Ва имом Аҳмад мегӯяд: (Ман аз қавме ки ҳадиси саҳеҳро медонад ва ба сухани Суфён чанг мезананд, тааҷҷуб мекунам, магар нашунидаанд, ки Аллоҳ мефармояд: **"Пас онон ки фармони Ӯро мухолифат мекунанд, бояд битарсанд аз ин ки фитна онҳоро фаро гирад ё азоби дарднок ба онҳо бирасад"**. Оё медонӣ фитна чист? (Мурод аз фитна ширк мебошад, зеро касе ки сухани Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро рад бикунад, мумкин аст дар дилаш инҳироф ба вуҷуд биёяд ва ҳалок бишавад).

❁(Абӯбакр ва Умар гуфт!): Аз Абӯбакр ва Умар дониста нашудааст, ки онҳо далелеро ба раъяшон мухолафат карда бошанд.
❁(Амри Ӯро мухолифат мекунанд): Яъне аз рӯи бениёзӣ ва аҳамият надодан аз амри Ӯ рӯ мегардонанд.

**Дар тақлид бар се қавл ихтилоф карданд:**

| Тақлид воҷиб аст, зеро иҷтиҳод ба мавти чор имом баста шуд. | Мутлақо ҳаром аст, зеро дар қабули қавли касест, ки қавлаш ҳуҷҷат нест. | Дар вақти зарурат ва бар маърифати аҳком қудрат надоштан ҷоиз аст (қавли роҷеҳ), пас ба касе тақлид мекунад, ки ба дин ва илмаш боварӣ дорад ва дар ҳамаи масъалаҳо сухани ӯро мегирад ва дунболӣ рухсатҳо намешавад. |
|---|---|---|

## Далели сеюм:

Аз Адӣ ибни Ҳотим ривоят аст, ки ӯ Расулуллоҳ ﷺ-ро шунид, ки ин оятро: "(Аҳли китоб) донишмандон ва роҳибони худро маъбудҳое дар баробари Аллоҳ қарор доданд ва Масеҳ ибни Марямро" хонд. Адӣ гуфт: Мо онҳоро парастиш намекардем. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Магар онҳо ҳалолҳои Аллоҳро ҳаром ва ҳаромҳои Аллоҳро ҳалол намекарданд ва шумо аз онҳо қабул мекардед? Гуфтам: Бале. Фармуд: Ҳамин аст парастиши онҳо". (Ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ ва Тирмизӣ ҳадисро ҳасан гуфтааст).

❁(Аҳборашон): Олиме, ки илми васеъ дорад, (ва руҳбонашон): Обиду зоҳид.
❁ (Мо онҳоро намепарастидем): Мо барои онҳо саҷда ва рукӯъ намекардем ва мол забҳ намекардем ва барои онҳо назр намекардем, локин Паёмбар ﷺ барои ӯ баён кард, ки маънои ибодат тоат, бандагии қайдшудааст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Нур. "Пас онон ки фармони Ӯро мухолифат мекунанд, бояд битарсанд".
**Дуюм:** Тафсири ояти сураи Бароат. "(Аҳли китоб) донишмандон ва роҳибони худро маъбудҳое дар баробари Аллоҳ қарор доданд".
**Сеюм:** Огоҳ сохтан ба маънои ибодат, чизе, ки Адӣ онро инкор кард. (Парастидани онон ба тоат).
**Чорум:** Ибни Аббос, Абӯбакр ва Умар разияллоҳу анҳум ва Аҳмад Суфёнро ба унвони мисол зикр карданд.
**Панҷум:** Тағйири ҳолатҳо ба қадре дигаргун шуда, ки беҳтарини амал иборат аст аз парастиши пешвоёни динӣ ба номи вилоят ва парастиши олимон ба номи фиқҳ ва дониш, вазъият то ба ҷое расида, ки бисёри аз ҷоҳилон ап инсонҳои ғайри солеҳ парастида шуданд. Ва парастида шуд ба маънои дуюм, яъне тоат ва пайравӣ карда шуд касеро, ки аз ҷоҳилон аст. (Пас бар мо ҳазар кардан лозим аст ва донистани ин ки шариати Аллоҳро ҳимоя кардан воҷиб мебошад ва ҳаргиз ягон кас дар ҳалол гардондани он чизе ки Аллоҳ ҳаром гардондааст ё ҳаром гардондани он чизе ки Аллоҳ ҳалол гардондааст итоат карда намешавад.

**(39) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло:** (Оё касонеро надидӣ, ки гумон мекунанд, ки ба он чи ба сӯи Ту нозил карда шудааст, имон овардаанд, мехоҳанд (корҳои хешро) ба муҳокимаи саркаш баранд? Ва ҳоло он ки ба онҳо фармуда шуд, ки аз вай мункир шаванд. Ва шайтон мехоҳад, ки онҳоро ба гумроҳии дур андозад) то охири оятҳо.

❁Ин боб ба боби пешин робитаи устувор дорад, зеро дар боби пешин ҳукми касест, ки олимон ва амиронро дар ҳалол шуморидани он чи Аллоҳ ҳаром гардондааст ё ҳаром гардондани он чи Аллоҳ ҳалол гардондааст, мебошад. Дар ин боб инкор кардан бар касест, ки мехоҳад ба ғайри Аллоҳ додрасӣ кунад.

❁ (Оё надидӣ): Суолест, ки мурод ба он тақрир ва тааҷҷуб кардан аз ҳоли онон аст ва хитоб ба Паёмбар ﷺ аст.

❁ (Гумон мекунанд): Нагуфт: (Касоне ки имон оварданд), зеро онҳо имон наоварданд, балки гумон мекунанд ва онҳо дурӯғгӯянд.

❁ (Ва шайтон мехоҳад): Ҷинс аст, шайтонҳои инс ва ҷинро дар бар мегирад.

❁ (Ин ки онҳоро ба гумроҳии дур андозад): Оҳиста-оҳиста онҳоро дар гумроҳии дур аз ҳақ андозад.

❁ (Мунофиқонро мебинӣ): Дар ҷои замир овардан, исми ошкор овардан барои се фоида аст:

1-Инҳое ки гумони имондорӣ мекунанд, мунофиқон буданд.

2-Ин аз мунофиқ сар мезанад, зеро мӯъмини ҳақиқӣ, бемонеа ҳатман сар фурӯ меорад.

3-Танбеҳ, зеро сухан бар як равиш бошад, гоҳо ғофил мешавад, пас ҳаргоҳ равиш тағйир ёбад, огоҳ шавад.

❁ Шайхи Ислом раҳимаҳуллоҳ гуфт: Албатта ин оятҳо пурра бар аҳли таҳриф ва таъвил дар сифатҳои Аллоҳ ﷻ мутобиқ меояд, зеро инҳо мегӯянд: Онҳо ба Аллоҳ ва расули Ӯ ﷺ имон доранд, ва ҳаргоҳ барояшон гуфта шавад: Ба сӯи он чи Аллоҳ нозил кардааст ва ба сӯи Расул биёед, рӯ мегардонанд ва боз медоранд ва мегӯянд: Ба сӯи фалон ва фалон меравем ва ҳаргоҳ бар онҳо эътироз шавад, гӯянд: Мо эҳсон ва тавфиқ ва ҷамъ овардании байни далелҳои ақлӣ ва нақлиро мехоҳем.

**Далели дуюм то чорум:**

2). Ва фармудаи Ӯ: **"Ва чун ба онҳо гуфта шавад: Дар замин фасодкорӣ макунед! Гӯянд: Ҷуз ин нест, ки мо худ ислоҳгаронем"**.

3). Ва фармудаи Ӯ: **"Ва дар замин баъди ислоҳи он фасод макунед"**.

4). Ва фармудаи Ӯ: **"Оё ҳукми ҷоҳилиятро мехоҳанд!? Чӣ касе беҳтар аз Аллоҳ барои гурӯҳе ки яқин доранд, ҳукм мекунад?!"**.

❁(Ва ҳаргоҳ ба онҳо гуфта шавад: Дар замин фасод накунед): Дар замин фасод кардан ду навъ аст:
1-Фасоди ҳиссии моддӣ: Ин монанди вайрон кардани хонаҳо ва фасод кардани роҳҳост.
2-Фасоди маънавӣ: Ин ба содир кардани маъсиятҳост, пас ин аз бузургтарини фасод дар рӯи замин аст.
❁(Ҳамоно мо ислоҳкунандагонем): Ин аз ботилтарини даъвоҳост, пас Аллоҳ ҳасри онҳоро ба бузургтар аз он муқобила кард, пас инҳое ки дар замин фасод меоранд ва иддиои ислоҳ мекунанд, онҳо дар ҳақиқат фасодкоронанд, на дигарон.
❁(Баъди ислоҳи он): Аз тарафи ислоҳкорон ва аз ҷумлаи ин дар зидди даъвати аҳли илм ва даъвати салаф ва касе, ки шариатро ҳоким мегирад, истодан аст.
❁(Оё ҳукми ҷоҳилиятро мехоҳанд): Суол барои сарзаниш аст, яъне оё ҷуз ҳукми ҷоҳилиятро намехоҳанд? Ва ҷоҳилият эҳтимоли ду маъноро дорад: Ҷоҳилияте ки пеш аз рисолат буд ва ҷоҳилияте ки бар ҷаҳл бино ёфтааст.
❁(Кӣ аз Аллоҳ беҳтар ҳукм мекунад): Ягон кас беҳтар ҳукм намекунад ва ин маънои ба мубориза даъват карданро дорад.

**Далели панҷум:**

Аз Абдуллоҳ ибни Амр разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Яке аз шумо имон намеорад, то ки хостаҳояш тобеъи шариати Ман бошад". Имом Нававӣ раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Ин ҳадиси саҳеҳ мебошад ва онро дар китоби ал-Ҳуҷҷат бо исноди саҳеҳ ривоят кардаем.

**Далели шашум:**

Ва Шаъбӣ мегӯяд: Дар байни ду нафар, ки яке мунофиқ ва дигари яҳудӣ буд, масъалае рӯх дод. Яҳудӣ гуфт: Назди Муҳаммад биравем, то байни ману ту доварӣ бикунад, чун медонист, ки ришва намегирад. Аммо мунофиқ қабул накард ва чун медонист, ки олимони яҳуд ришва мегиранд, гуфт: Назди яке аз олимони яҳуд биравем ва ҳар ду иттифоқ карданду назди коҳине, ки дар мантиқаи Ҷувайна зиндагӣ мекард, бираванд. Онгоҳ Аллоҳ ояти фавқро нозил намуд: "Оё надидӣ касонеро ки гумон мекунанд, ки ба он чи ба сӯи Ту нозил шуда ва ба он чи пеш аз ту нозил шуда аст, имон овардаанд..." то охири оят.

Ва дар ривояти дигар гуфта шуд: Ин оят дар бораи ду нафаре ки бо ҳамдигар хусумат доштанд, нозил шуд, якеаш гуфт: Назди Расулуллоҳ ﷺ биравем, дигари гуфт: Назди Каъб ибни Ашрафи яҳудӣ биравем. Сипас назди Умар разияллоҳу анҳу рафтанд ва яке аз онон гуфт: Мо чунин кардем, ё қасд доштем, ки чунин бикунем. Умар разияллоҳу анҳу аз касе ки ба ҳукми Расулуллоҳ ﷺ розӣ нашуда буд, пурсид: Рафиқат рост мегӯяд, гуфт: Бале, Умар разияллоҳу анҳу шамшерро бароварду сарашро зада ӯро кушт.

❁(Имон надорад): Яъне имони комил, магар вақте ки тамоман нахоҳад, пас аз ӯ имон нафй мешавад.
❁ Ҷамоате аз олимон ҳадисро заиф гуфтанд ва локин маъноаш дуруст аст.
❁(Аз мунофиқон): Ӯ касест, ки Исломро ошкор ва куфрро пинҳон мекунад.
❁(Яҳуд): Онҳо ба дини Мусо алайҳис салом мансубанд ва яҳуд номида шуданд:
1-Зеро онҳо гуфтанд: (Мо ба сӯи Ту бозгаштем).
2-Ё нисбат ба сӯи падарашон Яҳузо.
❁( Ба сӯи Муҳаммад): ﷺ Ӯро ба сифати рисолат зикр накард, зеро онҳо ба рисолати Ӯ ﷺ имон надоранд.
❁(Ришва): Он молест, ки ба хотири расидан ба чизе пардохт мешавад.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Нисо ва он чизе ки дар он аст бар фаҳмидани калимаи тоғут ёрӣ медиҳад. (Оё надидӣ касонеро ки гумон мекунанд, ки ба он чи ба сӯи Ту нозил шуда ва ба он чи пеш аз ту нозил шуда аст, имон овардаанд**...**).
**Дуюм:** Тафсири ояти сураи Бақара: (Ва ҳаргоҳ барои онон гуфта шавад, дар болои замин фасод накунед). (Пас дар ин далел аст, ки нифоқ фасоди дар замин аст, зеро оят дар равиши мунофиқон аст ва фасод ҳамаи маъсиятҳоро фаро мегирад).
**Сеюм:** Тафсири ояти сураи Аъроф. (Ва дар замин баъди ислоҳи он фасод накунед).
**Чорум:** Тафсири ин фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё ҳукми ҷоҳилиятро мехоҳанд". (Ва ҷоҳилият ҳар чизест, ки мухолифи шариат аст ва ба ҷоҳилият изофа карда шуд, ба хотири аз он нафрат кардан ва баёни зиштии он ва ин ки он бар ҷаҳлу гумроҳӣ бино шудааст).
**Панҷум:** Сухани Шаъбӣ дар бораи сабаби нузули ояти якум.
**Шашум:** Тафсири имони содиқ ва козиб (дурӯғгӯ). (Пас имони содиқ комилан сар фурӯ овардан ва қабул кардан ва барои ҳукми Аллоҳ ва расулаш таслим шуданро лозим мегардонад ва имони дурӯғин ба хилофи ин аст).
**Ҳафтум:** Қиссаи Умар разияллоҳу анҳу бо он мунофиқ.
Ҳаштум: Барои ягон кас имон ба даст намеояд, магар баъд аз ин ки хоҳишоти инсон, пайрави он дастуроте бошад, ки Расулуллоҳ ﷺ овардааст.

## Имтиҳони қисми ҳафтум (9 боб аст)

**Суоли аввал:** Аломат ☒ дар макони муносиб гузор ё ҷои холиро пур кун:

1-Боби аввал дар қисми ҳафтум ҳамон боби муҳаббат аст: □ Дуруст □ хато.

2-Баъзе бандагон баъзе қабрҳо ё авлиёро таъзим мекунанд ва дӯст медоранд, монанди муҳаббати Аллоҳ ё бисёртар: □ Дуруст □ хато.

3-Ҳаргоҳ қалб аз муҳаббати Паёмбар ﷺ мутлақо холӣ бошад, пас ӯ (□ ноқис имон □ нафйи асли имон) аст.

4-Муҳаббати Паёмбар ﷺ аз муҳаббати фарзанд, падар ва ҳамаи мардум сахттар воҷиб мебошад: □ Дуруст □ хато.

5-Аз асбоби вуҷуди ҳаловати имон дӯст доштан: □ Дар роҳи Аллоҳ □ барои наздикон аст.

6- Наҳй бардошт карда мешавад, бар нафй:............................вагарна бар......., вагарна бар..........................................................................................................

7-Сухани аҳли суннат дар далелҳои ваъдаи азоб ин аст.................................... ва оё маънояш ин аст, ки мо маънои онро намефаҳмем: □ Оре □ не.

8-Касе эътиқод кунад, ки яҳуду насоро бар дини розишуда ва мақбул дар назди Аллоҳ баъди фиристодани Паёмбар ﷺ мебошад, пас ӯ аз дини Ислом хориҷ ва дурӯғшумурандаи Қуръон аст: □ Дуруст □ хато.

9-Мусалмон кофирро фиреб намедиҳад ва ӯро насиҳат мекунад ва барои ӯ баён мекунад, ки ӯ бар гумроҳист ва бар хилофи амри Мусо ва Исо аст: □ Дуруст □ хато.

10- Бад дидани душманони Аллоҳ ва душманӣ бо онҳо, ин маъноро надорад, ки ба аҳдҳои онҳо вафо накунем: □ Дуруст □ хато.

11-Гӯяндаи: (Ҳаргоҳ насрониро бинам, чашмонамро мепӯшам аз рӯи кароҳияти ин ки ба чашмонам душмани Аллоҳро бинам): □ Имом Аҳмад □ Шайхи Ислом Ибни Таймия аст.

12-Гӯяндаи (касе мӯъмини парҳезгор бошад, ӯ валии Аллоҳ аст): □ Ибни Таймия □ Ибни Қайим аст.

13-Вилояти умумӣ ки Аллоҳ барои бандагон миннат ниҳодааст, мӯъмину кофир ва ҳамаи халқро фаро мегирад: □ Дуруст □ хато.

14-Агар инсон намоз хонад ва рӯзи дорад ва бо душманони Аллоҳ дӯстӣ кунад, вилояти Аллоҳро ноил намешавад: □ Дуруст □ хато.

15-Муаллиф боби муҳаббатро баъди боби хавф овард, зеро ибодат бар ин ду устувор мешавад: □ Дуруст □ хато.

16- Мардум дар тарсидани аз Аллоҳ ба ду тараф ва миёна тақсим шуданд: □ Дуруст □ хато.

17-Хавфи муътадил ҳамон аст, ки туро аз ҳаромкардаҳои Аллоҳ боз медораду бас, пас агар аз ин зиёд шавад, пас он туро ба навмеди аз раҳмати Аллоҳ мерасонад: □ Дуруст □ хато.

18-Ҳар касе ки фаҳшо ва мункарро нусрат медиҳад, пас ӯ аз авлиёи шайтон аст: □ Дуруст □ хато.
19-Касе аз Аллоҳ битарсад, ҳама чиз аз ӯ метарсад ва касе аз азоби Аллоҳ худро нигаҳ дошт, ҳамаи чиз худро аз вай нигаҳ медорад ва касе аз ғайри Аллоҳ тарсад, аз ҳамаи чиз метарсад: □ Дуруст □ хато.
20-Мурод ба таъмири масҷидҳо таъмири: □ Ҳиссӣ □ маънавӣ □ ҳамагӣ аст.
21-Аллоҳ имони ба худаш ва ба рӯзи охиратро бисёр якҷо зикр мекунад, зеро ба итоат кардан водор мекунад: □ Дуруст □ хато.
22-Барои чӣ Паёмбар ﷺ-ро дӯст медорем? 1-..........................2..........................
3.............................................................4.......................................................
23-Ва муҳаббати Ӯ баъди мавташ мебошад: 1-.......................2-..........................
24-(Намозро барпо доштан) мақсад барпо доштани: □ воҷиб □ мустаҳаб □ ҳамагӣ.
25-Таваккул нисфи дин аст: Дуруст хато, ва саҳеҳ аст, ки бигӯӣ: □ Бар ту таваккул кардам □ туро вакил кардам □ бар Аллоҳ сипас бар ту таваккул кардам □ ҳамааш ҷуз аввал.
26-Таваккул:.......................................ва ба (□ 3 □ 4 □ 5) қисм тақсим мешавад.
27-Бар некӯкорони фавтида ва ғоиб ширки: □ акбар □ асғар аст.
28-Бар шахсе дар ризқу маошаш эътимоди ниёзманд кардан: □ дуруст □ ширки асғар аст.
29-Расул ﷺ сайиди таваккулкунандагон аст ва бо ин (□ ӯро мерасад □ ӯро намерасад) озор ва барои Ӯ зарар (□ ҳосил намешавад □ ҳосил мешавад) зеро Аллоҳ Ӯро кофӣ аст.
30-Дар вақти машаққат чӣ гуфта мешавад?.......................................................
31-Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо аз касонест, ки аз бани Исроил (□ илм мегирад □ гирифтанро инкор мекунад).
32-Аз раҳмати Аллоҳ ноумед мешавад: □ Гумроҳ □ ҳидоят нашуда □ раҳгумкарда, ки намедонад барои Аллоҳ чӣ воҷиб мебошад □ ҳамагӣ.
33-Аз макри Аллоҳ эмин шудан сурохе дар ҷониби (□ хавф □ умед) ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед шудан сурохе дар ҷониби (□ хавф □ умед) аст.
34-Гуноҳони кабира (□ башумур □ маҳдуд) аст, ва он бар як дараҷа аст (□ дуруст □ хато) ва ширки асғар аз он бузургтар аст (□ дуруст □ хато) ва ҳукми соҳиби кабира (□ мӯъмини ноқис имон □ ба имонаш мӯъмин ба гуноҳи кабирааш фосиқ □ мӯъмин □ кофир □ якум ва дуюм) ва соҳиби кабира (□дӯст дошта мешавад □ бад дида мешавад □ ба қадри имонаш дӯст дошта мешавад ва ба қадри фисқаш бад дида мешавад) ва оё гуноҳони кабира ба амали нек тоза мешавад? (□ Оре □ не) ва оё соҳиби кабира дар вақти иртикоби кабира ҳамнишинӣ карда мешавад? (□ Оре □ не) ва аз баъзе гуноҳони кабира тавба кардан саҳеҳ аст (□ оре □ не).

35-Қисмҳои сабр □ 3 □ 4 □ 5, ва аломати дӯст доштани Аллоҳ бандаро ибтило аст: (□ Дуруст □ хато).
36-Олитарини анвоъи сабр, сабр аз маъсияти Аллоҳ аст: □ Дуруст □ хато.
37-Натиҷаи ҳифзи боби сабр қироати он дар назди мусибат ва бар мусибатза-дааст: □ Дуруст □ хато.
38-Аз вуҷуди ду хислате аз хислатҳои куфр дар мӯъмин, лозим меояд, ки ӯ кофир бошад: □ Дуруст □ хато.
39-Вуҷуди ду хислат дар кофир аз хислатҳои имон монанди ҳаё, лозим наме-ояд, ки ӯ мӯъмин бошад: □ Дуруст □ хато.
40-Омадани калимаи (куфр) номуайян (□ далолат мекунад □ далолат наме-кунад) бар хориҷ шудани аз Ислом.
41-Мардум дар вақти мусибат бар: □ 5 □ 4 □ 3 мартаба ҳастанд.
42-Ғазаб кардан ба куфр мерасонад: □ Дуруст □ хато.
43-Ғазаб кардан мебошад, ба: □ қалбу забон ва аъзои бадан □ забон ва аъзои бадан.
44-Фарқ байн сабр ва ризо дар ҳукм ва гаронии мусибат аст: □ Дуруст □ хато.
45-Гоҳо имони шахс ба мусибатҳо зиёд мешавад: □ Дуруст □ хато.
46-Аллоҳ шарро барои ҳикмате мехоҳад ва ба эътибори ҳикматро дар бар гирифтанаш хайр мебошад: □ Дуруст □ хато.
47-Рӯзи қиёмат номида шуд, барои □ қиёми мардум аз қабрҳояшон □ шоҳидон □ адл □ ҳамааш.
48-Дар дунё уқубат додан аз таъхири он барои дар рӯзи охират ҷазо додан беҳтар аст: □ Дуруст □ хато.
49-Ҷазо бар зоре ки мехалад, монанди ҷазои шикастан аст, ҳаргоҳ шикаста шавад: □ Дуруст □ хато.
50-Дар ҳар сифат □ исбот □ аз монанкунӣ ё исботи чигунагӣ ҳазар кардан □ ҳамагӣ воҷиб мебошад.
51-Дар насаб таъна задан: □ айби он □ нафй он □ ҳамагӣ аст.
52-Риё ширки □ асғар □ асғар аст ва гоҳо ба акбар мерасад, ва риё дар ҳаққи касест, ки амалеро мекунад, то мардум ӯро бубинад ва дар риё дохил наме-шавад касе амале кунад, ки то мардум онро бишнавад: □ Дуруст □ хато.
53-Аз роҳҳои илоҷи риё ба ёд овардани марг ва сакароти он аст: □ Дуруст □ хато.
54-Шод шудани инсон ба донистани мардум ибодати ӯро: □ риё аст □ риё нест.
55-Шод шудани инсон ба адои тоат: □ риё аст □ риё нест.
56-Марде барои Аллоҳ садақа дод, сипас Аллоҳ дар дилҳои мӯъминон нсбати ӯ муҳаббат ва саноро андохт: □ риёкор эътибор мешавад □ мухлис эътибор мешавад.
57-Барои дучанд шудани молаш барои Аллоҳ садақа кард, хост □ дунёро ба амали охират □ охиратро ба амали охират.
58-Ҳаргоҳ мусалмон аз воқеъ шудани дар риёро тарсад, пас ибодатро тарк кунад: □ Ҷоиз аст □ ширки асғар аст.
59-Бандаи динор номида шуд: □ барои онро ибодат карданаш □ барои ба хотири он розӣ ва ғазаб карданаш, мисли ибодаткунандаи он аст.
60-(Тубо) яъне: □ Беҳтарин ҳол барои ин мард □ дарахтест дар Ҷаннат.
61- Боб иродаи шахс ба амалаш дунёро аз боби риё хатарноктар аст: □ Дуруст □ хато.

62-Он чизе ки яке аз низоъкун ба қозӣ медиҳад: □ Ҳадяҳои коргарҳо □ ришва □ ҳамааш аст.
63-Байни риё кардан дар (ло илоҳа иллаллоҳ) ва риё кардан дар садақа нест: □ Дуруст □ хато.
64-Дирҳам ҳамон тангаи аз: □ тилло □ нуқра аст.
65-Касе ки шоистаи ситоиш аст бойҳо ва олимартабаҳост: □ Дуруст □ хато.
66- Шахс дониста мешавад, ки дунё мехоҳад, ҳаргоҳ мол ато карда шавад розӣ шавад ва агар ато карда нашавад, ғазаб кунад: □ Дуруст □ хато.
67-Олимон аҳли (□ лозим гардондан ва нуфуз □ иршод ва далолатанд) ва амирон дуюмӣ ҳастанд.
68-Аз Абӯбакр ва Умар донниста нашуда, ки онҳо нассеро ба раъйяшон хилоф карда бошанд: □ Дуруст □ хато.
69-Ақсоми тоати олимон ва амирон дар маъсияти Аллоҳ: 1-.............................. ва ҳукми он........................................2-............................................................. ва ҳукми он...............................3-...........................ва ҳукми он............................
70-Тақлиди куркурона ва таассуби мазҳабӣ: □ мадҳшуда □ мазамматшуда аст.
71-Роҳиб ҳамон (□ олимест, ки илми васеъ дорад □ обиду зоҳид аст) ва ҳабр дуюмӣ аст.
72-Дар ҳадиси Адӣ разияллоҳу анҳу ба ҳаром гуфтани ҳалол шурӯъ кард, зеро он аз ҳалол гуфтани ҳаром бузургтар аст ва ҳарду ҳаром аст: □ Дуруст □ хато, ва пайравии олимон ва амирон дар (□ мухолифат □ мувофиқат □ ҳамагӣ) шариати Аллоҳ аз ҷумлаи онҳоро арбоб гирифтан аст.
73-Ҳар касе ки нозилкардаи Аллоҳро бад бинад, пас он куфри □ акбар □ асғар аст.
74-Эътиқоди ҷоиз будани ҳукм ба ғайри нозилкардаи Аллоҳ куфри □ акбар □ асғар аст.
75-Эътиқод кунад, ки ҳукми ғайри Аллоҳ монанди ҳукми Аллоҳ ё аз он беҳтар аст, куфри □ акбар □ асғар аст.
76-Эътиқод дорад, ки ҳукми Аллоҳ беҳтарини аҳком аст, локин ӯро бар алайҳи ҳукмшуда кина водор кард, то ки ба ғайри нозилкардаи Аллоҳ ҳукм кард, пас вай □ кофир □ золим □ фосиқ аст.
77-(Ва шайтон мехоҳад) ҷинс аст, шайтонҳои □ инсӣ □ ҷин □ ҳамагиро шомил мешавад.
78-Гумон мекунанд: □ Имон доранд ва онҳо дурӯғгӯянд □ амалҳояшон гуфторашонро дурӯғгӯ мекунад □ ҳамагӣ.
79-Мусибат: □ Шаръӣ □ дунявӣ □ ҳамагӣ.
80-Ба амри Аллоҳ ва расулаш ﷺ сар фурӯ намеорад ва аз он боз медорад: □ Дуруст □ хато.
81-Бузургтарин фасод дар замин, фасоди: □ Ҳиссӣ □ маънавӣ аст.
82-Фасод кардан баъди ислоҳ бузургтар ва сахттар аст аз ин ки инсон дар фасодаш пеш аз ислоҳ идома диҳад ва агарчи матлуб ҳамон ислоҳӣ баъди фасод аст: □ Дуруст □ хато.
83-Ҷоҳилият: □ Пеш аз биъсат аст □ аз ҷаҳлест, ки бар илм бино намешавад □ ҳамагӣ.
84-Ришва ҳаром аст ва агарчи ба он ба ҳаққе ки аз они ӯст бирасад, аз он манъ карда мешавад, ё ба сабаби он ботилеро аз худаш дур мекунад: □ Дуруст □ хато.

## Ҳаштум: Тавҳиди номҳо ва сифатҳо (Як боб аст)
## (40) Боб андар инкори чизе аз номҳо ва сифатҳои Аллоҳ

**Ҷуҳуд ҳамон инкор аст ва инкор ду навъ аст:**

Инкори тасдиқ накардан (бешак куфр аст): Пас касе номе ё сифате аз сифатҳои Аллоҳро, ки дар Қуръон ва суннат собит аст, инкор кунад, пас ӯ ба иҷмоъ кофир аст, зеро дурӯғгӯ кардани Аллоҳ ва расулаш ба иҷмоъ куфри аз дин хориҷкунанда аст.

Инкори таъвил: Онро инкор намекунад ва локин онро ба маънои мухолифи он таъвил мекунад:

**Дар луғат раво аст, пас ин кофир намешавад, локин вай дар хатари бузург аст ва бар вай рад мекунем:** Ҳамчуноне ки агар дар қавли Аллоҳ: (Балки ду дасти Ӯ кушода аст) гӯяд: Мақсад ба даст неъмат аст, пас кофир намешавад, зеро даст дар луғат ба маънои неъмат меояд, локин бар вай рад мекунем ба:

1-Ин ки он мухолифи далел ва иҷмоъи салаф аст ва бар он далел нест.
2-Даст ба чанд сифат васф шудааст, имкон надорад, ки ба он неъмат ва қувват васф шавад, монанди сиғаи дунафара ва ҷамъ ва қабз ва кушода ва ин васф барои неъмат намебошад ва на барои қувват.
3-Аллоҳ таъоло бар Одам миннат кард, ки ӯро ба ду дасташ офаридааст ва агар даст ба маънои неъмат ва қувват бошад, барои Одам нисбат бар дигар махлуқҳо ягон бартарӣ ва имтиёзе намебошад.

Дар луғат далели мантиқӣ надорад, пас ин кофир мешавад: Монанде ки бигӯяд: Мақсад ба даст осмонҳост, пас ин кофир мешавад, зеро барояш дар луғат далеле надорад ва на он муқтазои ҳақиқати шаръӣ аст, пас вай инкоркунандаи дуруӯғшуморанда аст.

❁**Тавҳиди номҳо ва сифатҳо:** Он ягона донистани Аллоҳ азза ва ҷалла ба он чизе ки худашро номид ва васф кард дар китобаш ё бар забони Паёмбараш ﷺ, ва ин ба исбот кардани он чизе ки барои худаш исбот кардааст ва нафй кардани он чизе кт аз худаш нафй кардааст, бетаҳриф ва бетаътил ва бе исбот кайфият ва бемонандкунӣ мебошад.

## Барои чӣ гуфт: (Бе таҳриф) ва нагуфт: (Бе таъвил) нагуфт?

1-Зеро ин дар Қуръон омадааст, пас аз он намегузарем.
2-Зеро ба адл қарибтар аст, пас онҳо аҳли таҳрифанд ва аҳли таъвил нестанд.
3-Мардумро аз онҳо гурезондан, зеро аҳли таҳрифро агар ба таъвил васф кунӣ, шод мешаванд.
4-Ҳамаи таъвил мазамматшуда нест, пас бар чизе ки далел далолат кунад, пас ӯ саҳеҳу мақбул аст ва бар чизе ки далел далолат накунад, пас он фосиду радшуда аст, аммо ҳамаи таҳриф мазамматшуда аст.

## Барои чӣ тамсилро нафй кард ва ташбеҳро нафй накард?

1-Зеро тамсил дар Қуръон омадааст ва он мутлақо манфӣ аст, ба хилофи ташбеҳ.
2-Зеро нафй ташбеҳ мутлақо саҳеҳ намебошад, пас ҳамаи мавҷудот ҳатмӣ аст, ки дар байнашон миқдори муштарак бошад, ки дар он шабеҳ ҳастанд ва ҳар кадоми он ба он чизе ки хосси он аст, фарқ мекунад.
3-Мардум дар номидашудаи ташбеҳ ихтилоф карданд, пас баъзеашон исботи сифатҳоро ташбеҳ қарор доданд.

## Исм: муштақ аст, ё аз:

1-Сумув ва маънои он иртифоъ (баландӣ) аст, пас номидашуда ба исмаш баланд, маълум ва ошкор мешавад.
2-Аз симат ва маънои он аломат аст, пас он аломат бар номидашудааш аст.

## Фарқ байни исм ва сифат:

Исм он чизест, ки Аллоҳ ба он номида шудааст ва сифат чизест, ки ба он васф шудааст.

## Барои чӣ тавҳиди номҳо ва сифатҳоро мехонем?

1-То тавҳидро таҳқиқ намоем, балки яктопараст намебошад, то ки Аллоҳро ба ҳар се навъи тавҳид ягона эътиқод кунад.
2-Зеро дар он ҳаёти қалбҳост ва бузургтарин чиз барои ҳаёти он ва бо шарафтарини илмҳо, шиносоӣ ба Аллоҳ аст.
3-Дохили Ҷаннат шудан, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: (**Аллоҳ дорои навад у нуҳ исм аст, касе онҳоро бишуморад дохили Ҷаннат шавад**).
4-Зеро ин аслест, ки бар он салаф буд.
5-То воқеъ нашавем дар чизе ки дар он фирқаҳои гумроҳ аз тамсил (монандкунӣ) ва таътил воқеъ шуданд.
6-Аллоҳро ба он дуо кунем, Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва барои Аллоҳ номҳои накӯ аст, пас Ӯро ба он номҳо дуо кунед**).

**Таҳриф: Тағйири чизе ки исбот кардани он барои Аллоҳ воҷиб мебошад**

**Таҳрифи маънавӣ:** Мисли касе ки мегӯяд: Даст ба маънои неъмат аст

**Таҳрифи лафзӣ:** Монанди таҳрифи лафзи ҷалола (Аллоҳу) ба (Аллоҳа) дар фармудаи Аллоҳ: "Ва калламаллоҳу Мусо таклима", пас сифати каломро аз Аллоҳ инкор карданд ба гумонашон, ки калом аз тарафи Мусо буд. Ва радди онҳо ин аст, ки онҳоро аз фармудаи Ӯ таъоло: "Ва калламаҳу раббуҳ" суол дода мешавад, пас барояшон оиди ин суол ҷавоб нест ва ҳуҷҷаташон тамом мешавад.

**Таътил:** Инкори он номҳо ва сифатҳое, ки барои Аллоҳ воҷиб мебошад:

- Таътили ҷузъӣ, монанди ашоъира, ки баъзе сифатҳоро исбот мекунанд ва баъзеро инкор мекунанд
- Таътили куллӣ, монанди ҷаҳмия, ки ҳамаи сифатҳои Аллоҳ таъолоро инкор карданд.

**Такйиф** ва аз он ба чигуна пурсида шавад ва мебошад:

- Ба забон гуфтан ба ин ки чизеро ба забонаш васф мекунад.
- Ба сари ангуштон аз рӯи таҳрир, ба ин ки чизеро ба сари ангуштонаш расм кашад
- Ба қалб аз рӯи тақдир ба ин ки чизеро дар қалбаш тасвир намояд.

**Далолатҳои исм:**

- Мутобиқат: Далолати он бар ҳамаи маъноҳое, ки онро иҳота мекунад.
- Тазаммун: Бар ҷузъи маънои он далолат дорад.
- Илтизом: Бар амри хориҷи лозим далолат мекунад.

Мисоли ин: **Холиқ** бар зоти ягонаи Аллоҳ ба мутобиқат далолат мекунад ва бар сифати халқ кардан ба далолати тазаммун далолат мекунад ва бар сифати илм ва қудрат ба далолати илтизом далолат мекунад, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло фармуд: (**Аллоҳ "ҳамон" касе аст, ки ҳафт осмонро офарид ва аз замин "низ" ҳамонанди онҳоро "офарид" ва фармон "Аллоҳ" пайваста дар миёни онҳо нозил мешавад то бидонед, ки Аллоҳ бар ҳар чиз тавоност ва он ки илми Аллоҳ бар ҳама чиз иҳота дорад**).

## Чигуна илми номҳо ва сифатҳоро меомӯзем?

1-Илм ибодат аст ва зарур аст, ки бар роҳе сайр кунем, ки бар он Паёмбар ﷺ ва саҳобагон ﷺ сайр кардаанд.

2-Мақсад аз омӯхтан таъзими Аллоҳ бошад ва барои ин имом Молик раҳимаҳуллоҳ аз истиво пурсида шуд, сараш поён кард ва ӯро арақ фаро гирифт (зеро ӯ аз чизи бузург пурсида шуд).

3-Аз чизҳое ки саҳобагон ﷺ напурсиданд, намепурсем.

4-Аввал зикри далел, дуюм эътиқод кардан аст ва мухолифони аҳли суннат ба ашёе эътиқод мекунанд, сипас барои он далелҳо меҷӯянд, пас барои он далел намеёбанд, пас бероҳа мераванд ва дар бидъатҳо воқеъ мешаванд.

5-Тариқаи Шофеъӣ раҳимаҳуллоҳро татбиқ мекунем: (Имон ор, ҳидоят меёбӣ), пас ба Аллоҳ ва он чизе ки аз ҷониби Аллоҳ бар муроди Аллоҳ омада аст, имон меёрӣ ва ба Расулуллоҳ ва он чи аз ҷониби Расулуллоҳ бар муроди Расулуллоҳ ﷺ омадааст, имон меёрӣ.

## Баъзе чизҳое ки ба номҳо ва сифатҳо вобастагӣ дорад:

**1-Номҳои Аллоҳ дар адади муайян маҳсур нест:** Ва далел фармудаи Ӯ ﷺ: "**Ё онро дар илми ғайб дар наздат нигаҳ доштаӣ**", ва аммо фармудаи Ӯ ﷺ: "**Барои Аллоҳ наваду нуҳ исм аст**", пас маъноям ин нест, ки ғайри ин номҳо, номи дигар надорад, балки монанди сухани гӯянда аст, ки: Ман сад асп дорам, онҳоро барои садақа омода кардаам.

**2-Номҳои Аллоҳ аълом ва сифатҳост:** Аъломи маҳз нест, пас он аз ҷиҳати далолаташ бар зоти Аллоҳ аълом аст ва аз ҷиҳати далолати он бар сифате, ки ин исм дар бар мегирад, сифатҳо аст, ба хилофи номҳои мо, гоҳо номи шахсе Алӣ мебошад ва ӯ аз пасттарини мардум аст.

**3-Номҳои Аллоҳ мутародифу фарқкунандаанд:** Ба эътибори далолати он бар зоти Аллоҳ мутародиф аст, зеро номҳо бар як номидашуда далолат мекунад, пас исми Самеъ, Басир ва Ҳаким ҳамаашон бар як номидашуда далолат мекунанд, Ӯ Аллоҳ аст, локин онҳо ба эътибори маъношон фарқ доранд, пас маънои Ҳаким ғайри маънои Самеъ аст.

**4-Исме аз исмҳои Аллоҳ бар зот ва бар маъно далолат мекунад:** Пас бар мо воҷиб аст, ки ба он номе аз номҳо имон биёрем ва ба сифате, ки дар бар мегирад имон биёрем. Ва бар чизе ки ин сифат далолат мекунад аз асар ва ҳукм имон биёрем, агар исми мутааддӣ (гузаранда) бошад, пас масалан: Самеъ, имон меёрем, ки аз номҳои Аллоҳ самеъ аст ва он бар сифати самъ (шунавоӣ) далолат мекунад ва барои ин шунавоӣ ҳукм ва асар аст ва ин ки Ӯ ба он мешунавад. Аммо агар исми мутааддӣ набошад, монанди Азим, Ҳай ва Ҷалил, пас исму сифатро исбот мекунем ва ҳукме нест, ки ба он гузарад.

**5-Сифатҳо аз исмҳо васеътар аст:** Зеро ҳар исм сифатеро дар бар мегирад ва на ҳар сифат исм мебошад, пас Аллоҳ ба сифати калом ва ирода васф мешавад ва мутакаллим ва мурид номида намешавад.
6-Ба ҳар он чизе ки Аллоҳ худашро васф кардааст, пас он бар ҳақиқаташ аст, локин аз тамсил ва такйиф пок ҳисобида мешавад.

**Далели аввал:**

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿وَهُمْ يَكْفُرُونَ بِالرَّحْمَٰنِ﴾ الرعد: ٣٠ **"Ва онҳо ба Раҳмон кофир мешаванд"**, то охири оят .

۞Кофирони қурайш ин исмро инкор мекарданд, на номидашударо, пас онон ба вуҷуди Аллоҳ иқрор доштанд.
۞Ва дар ин далел аст бар ин ки касе исме аз исмҳои Аллоҳ таъолоро инкор кунад, кофир мешавад.

**Далели дуюм:**

Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ ривоят аст, ки Алӣ разияллоҳу анҳу гуфт: (Мардумро ба он чизе медонанд, сухан кунед! Оё мехоҳед Аллоҳ ва расулашро дурӯғгӯ бикунанд?).

Бар доъӣ воҷиб аст, ки дар ақлҳои даъватшудаҳо назар кунад ва ҳар инсонро дар манзалаташ гузорад ва мардумро ба тариқае сухан кунад, ки ақлҳояшон бардошт кунад ва онҳоро андак-андак нақл мекунем, то суханро қабул кунанд ва мутмаин шаванд ва онҳоро даъват накунем ба чизе ки ақлҳояшон бардошт намекунад.

**Далели сеюм:**

Абдурразоқ аз Маъмар ва ӯ аз Ибни Товус ва Ибни Товус аз падараш ва падараш аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят карда, ки Ибни Аббос мардеро дид, ки бо шунидани ҳадиси Расулуллоҳ ﷺ дар бораи сифатҳои Аллоҳ ба гунае, ки онро қабул надошта бошад, ҷисмаш такон хӯрд. Ибни Аббос разияллоҳу анҳу гуфт: Инҳоро чӣ шуда, ки бо шунидани далелҳои муҳкам нармӣ ва қабул дар онҳо ба вуҷуд меояд ва бо шунидани далелҳои муташобиҳ ба ҳалокат меафтанд? Суханаш ба охир расид.

(Мо фарақ): Яъне тарси инҳо аз сифате, ки бар онҳо хонда шуд ва расид, чист? Барои чӣ онро барои Аллоҳ исбот намекунанд, ҳамчуноне ки Аллоҳ онро барои нафсаш исбот кардааст ва барои Ӯ расулаш ﷺ исбот кардааст?

**Қуръон васф мешавад ба:**

- Ҳамааш муҳкам аст: Ба маънои итқон.
- Ҳамааш мутаҳобеҳ аст: Якдигарро шабоҳат дорад ва якдигарро тасдиқ мекунад.
- **Баъзеаш муҳкам ва баъзеаш муташобеҳ аст:**
  - Муҳкам: Маънояш возеҳ аст.
  - Муташобеҳ:
    - **Мутлақ: Бинобар қироати вақф.**
    - Нисбӣ: Қироати пайваста.

1-Бар Қуръон гуфта мешавад, ки ҳамааш муҳкам аст, бе зикри муташобеҳ: Яъне дар он халал нест, дар ахбораш дурӯғ ҷо надорад ва дар аҳкомаш ҷавр нест, Аллоҳ таъоло фармуд: (Ва каломи Парвардигори ту бо сидқ ва адл ба анҷом расид).

2-Бар Қуръон гуфта мешавад, ки ҳамааш муташобеҳ аст, бе зикри муҳкам: Яъне баъзеаш бо баъзеаш дар зебоӣ ва камолаш шабеҳ ҳастанд ва якдигарро тасдиқ мекунад ва мухолиф нестанд, Аллоҳ таъоло фармуд: (Аллоҳ беҳтарин суханро нозил кардаст, китобе ки оятҳояш муташобеҳ "ҳамонанди якдигар" мебошанд).

3-Бар Қуръон гуфта мешавад, ки баъзеи он муҳкам ва баъзеи он муташобеҳ аст, пас муҳкам инҷо он аст, ки маънояш возеҳ ва маълум аст ва муташобеҳ он аст, ки маънояш пӯшида аст ва он ду навъ аст: Мутлақ ва нисбӣ. Ва ин бар қироати вақф ва васл дар фармудаи Ӯ (**ва таъвили онро ҷуз Аллоҳ касе намедонад**) бино мешавад.

۞ Пас мутлақ он аст, ки ҷуз Аллоҳ касе намедонад, мисли чигунагии сифатҳо ва ҳақиқати чизҳое ки дар Ҷаннат аст.

۞ Ва нисбӣ он аст, ки онро олимони устувор медонанд ва дар назди дигарон муташобеҳ аст.

Дар Қуръон чизе нест, ки нисбати ҳамаи мардум аз ҷиҳати маъно муташобеҳ бошад ва локин хато дар фаҳм аст ва барои ин Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо гуфт: (Ман аз донишмандони устувор ҳастам, ки таъвили онро медонанд), инро барои таърифи нафсаш нагуфт ва локин инро гуфт: То мардум бидонанд, ки дар китоби Аллоҳ чизе нест, ки маънояш дониста нашавад, зеро имкон надорад, ки ин уммат аз Расулуллоҳ ﷺ то охираш маънои Қуръонро нафаҳманд ва ин ки онҳо оятҳои сифатҳоро мехонанд ва маънои онро намефаҳманд.

**Далели чорум:**

Ва вақте қурайш Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунавидан, ки Раҳмонро зикр мекунад, онро инкор карданд, пас дар ҳаққи онҳо Аллоҳ ин оятро нозил кард: **"Ва онҳо ба Раҳмон кофир мешаванд"**.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Инкори яке аз номҳо ва сифатҳои Аллоҳ имонро нафй мекунад. (Яъне имон ба ин нафй мешавад).

**Дуюм:** Тафсири ояти сураи Раъд (Ва онҳо ба Раҳмон кофир мешаванд).

**Сеюм:** Дар бораи он чизе ки шунаванда намефаҳмад, набояд сухан кард. (Ва онҳоро ба қадри ақлҳояшон сухан мекунем)

**Чорум:** Баёни иллате, ки ба дурӯғгӯ намудани Аллоҳ ва расулаш мерасонад, гарчи инкоркунанда қасдан инкор накунад.

**Панҷум:** Сухани Ибни Аббос дар бораи касе ки сифате аз сифатҳои Аллоҳро инкор бикунад ва ин ки он шахсро ин инкор ҳалок месозад.

## Имтиҳони қисми ҳаштум (як боб аст)

**Суоли аввал:** Аломати (☒) дар макони муносиб гузор ё ҷои холиро пур кун:
1-Инкори номҳо ва сифатҳо тақисм мешавад, ба: ☐ ду қисм ☐ се қисм, ва фарқ байни исм ва сифат ин аст, ки ба исм Аллоҳ номида мешавад ва ба сифат васф мешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
2-Инкори исм ё сифате ки дар Қуръон ва суннат омадааст, куфри: ☐ акбар ☐ асғар аст.
3-Исм аз: ☐ сумув ва иртифоъ ☐ симат ва аломат ☐ ҳамагӣ гирифта шудааст.
4-Исмҳои Аллоҳ ﷻ: ☐ Аълом ☐ авсоф ☐ аълом ва авсоф аст.
5-Исмҳои бандагон: ☐ Аълом ☐ авсоф ☐ аълом ва авсоф аст.
6-Далолатҳои исм: ☐ Мутобиқат ☐ тазаммун ☐ илтизом ☐ ҳамагӣ аст.
7-Исмҳои Аллоҳ ﷻ: ☐ Мутародиф ☐ фарққунанда ☐ мутародифу фарққунандаанд.
8- Исмҳои Аллоҳ ﷻ: (☐ маҳсур ☐ ғайри маҳсур) дар адади муайян аст.
9-Сифатҳо аз исмҳо бисёртар аст, зеро ҳар исм сифатеро дар бар мегирад: ☐ Дуруст ☐ хато.
10- Сифатҳои бисёре аст, ки бар Аллоҳ равона мешавад ва аз номҳои Ӯ нест: ☐ Дуруст ☐ хато.
11- Нафй тамсил гуфтан беҳтар аст аз нафй ташбеҳ гуфтан: ☐ Дуруст ☐ хато.
12- Асбоби омӯхтани номҳо ва сифатҳо: 1-.........................2-............................ 3-........................................4-.................................5-........................................
13- Тариқаи омӯхтан: 1-...........................................2-....................................... 3-....................................................................4-............................................
14-Сухан кардан ба он чизе ки дар ақлҳои мардум намеғунҷад, тарк мекунем ва агарчи ба он муҳтоҷ бошанд: ☐ Дуруст ☐ хато.
15-(Ва онҳо ба Раҳмон кофир мешаванд) яъне:..................................................
16-Далелҳои сифатҳо аз муҳкамест, ки маънои он аз ҷиҳати маъно возеҳ аст ва аз ҷиҳати чигунагӣ аз муташобеҳи мутлақ аст, ки ҷуз Аллоҳ онро касе намедонад: ☐ Дуруст ☐ хато.
17-Маънои муҳкам, ҳаргоҳ ба танҳоияш зикр шавад: ☐ Он чизест, ки маънояш равшан аст ☐ дар он халал нест.
18-Маънои муташобеҳ ҳаргоҳ танҳо зикр шавад: Он аст, ки дар зебогӣ ва камолаш ба якдигар шабоҳат дорад: ☐ Дуруст ☐ хато.
19-Муташобеҳи нисбӣ бар ҳама пӯшида мемонад ва мутлақ бар баъзе пӯшида мемонад на бар ҳама: ☐ Дуруст ☐ хато.
20-Дар Қуръон чизе вуҷуд надорад, ки ба маънои он имкони расидан набошад: ☐ Дуруст ☐ хато.

21-Бар даъватчӣ лозим аст, ки бар ақлҳои даъватшудагон назар кунад ва онҳоро дар манзилатҳояшон бигузорад: ☐ Дуруст ☐ хато.

22-Дар Қуръон чизе нест, ки аз ҷиҳати маъно бар ҳамаи мардум пӯшида бошад (☐ дуруст ☐ хато) ва аммо ба нисбати ҳақиқатҳо, пас ба он чизе ки Аллоҳ аз амри ғайб хабар додааст бар (☐ баъзеи мардум ☐ ҳамаи) мардум пӯшидааст.

23-Барои чӣ Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо гуфт: (Ман аз донишмандони устуворе ҳастам, ки таъвили онро медонанд)?..................................................

24-Аз шарри гуфтаҳои аҳли бидъат ин аст, ки оятҳои сифатҳоро маъношро фаҳмида намешавад, зеро дар ин ба Паёмбар ва саҳобагон нодониро нисбат додан аст ва дурӯғ ҳисобидани Қуръон аст ва забондарозии фалосифа аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

25- Аз аломатҳои аҳли ботил ин аст, ки онҳо муҳкамро қабул мекунанд ва муташобеҳро инкор мекунанд: ☐ Дуруст ☐ хато.

26-Аз қоидаҳои исмҳо ва сифатҳо: 1-.............................................................
2-.........................................................3-...............................................................

**Суоли дуюм:** Аз қоимаи (а) он чи аз қоимаи (б) муносиб аст, гузор:

| м | а | б |
|---|---|---|
| 1 | Таҳриф | Он инкор аст ва он ду навъ аст: Дурӯғ ҳисобидан ва таъвил. |
| 2 | Таъвил | Ба забон гуфтан ва ба сари ангушт ишора кардан ва ба қалб тақдир кардан аст. |
| 3 | Таътил | Якдигарро дар зебоӣ ва камол шабоҳат доранд ва якдигарро тасдиқ мекунанд. |
| 4 | Муҳкам | Тағйири он чизе ки исботи он барои Аллоҳ воҷиб аст ва он ё лафзӣ ё маънавӣ мебошад. |
| 5 | Муташобеҳ | Инкори номҳо ва сифатҳо (куллӣ ва ҷузъӣ), ки исботи он барои Аллоҳ воҷиб мебошад. |
| 6 | Такйиф | Дар он халал нест, дар ахбораш дурӯғ вуҷуд надорад ва адар аҳкомаш ҷавр вуҷуд надорад. |
| 7 | Ҷуҳуд | Бар чизе ки далел далолат кунад, пас он саҳеҳу мақбул аст вагарна он фосиду радшудааст. |

## Нуҳум: Лафзҳои манҳӣ ва ширкӣ (26 боб аст)

❁Ин дарозтарин қисм дар китоб аст, зеро аз одати муаллиф мухтасар овардан сипас ба тафсил овардан аст.
❁Дар ин қисм лафзҳои манҳӣ ва ширкӣ ва баъзе ширкиётро зикр кард ва бар ширки асғар диққат дод, зеро он пӯшида аст ва инчунин дар куфри неъмат диққат дод, зеро ин бисёр аст.

## (41) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Онҳо неъмати Аллоҳро мешиносанд, сипас онро инкор мекунанд" то охири оят (аз ҷумлаи ширк куфрони неъмат аст)

Муҷоҳид сухане мегӯяд, ки маънояш ин аст: Он гуфтани мард, ин моли ман аст, онро аз падаронам мерос бурдам.
Ва Авн ибни Абдуллоҳ мегӯяд: Агар фалонӣ намебуд, интавр намешуд.
Ва Ибни Қутайба мегӯяд: Ин неъмат ба шафоати маъбудонам ба мо расид.

❁ Неъмат озмоиш аст ва далел (Ва шуморо ба бадӣ ва некӣ озмоиш мекунем).
❁ Изофа кардани неъмати Офаридгор ба сӯи ғайраш, дар тавҳид халал ворид кардан аст: (1) Дар тавҳиди рубубият: Зеро онро ба сӯи сабаб изофа кард, бар ин ки он фоил аст. (2) Ва дар тавҳиди ибодат: Зеро он шукрона накард.
❁ (Мегӯянд: Агар фалонӣ намебуд, инчунин намешуд): Агар ба он қасди хабар дошта бошад ва хабар росту мутобиқи воқеъ бошад, пас боке надорад.

**Неъмат озмоиш аст, пас чигуна аз он саломат мемонем?**

**Пеш аз неъмат:** Бояд аз Аллоҳ талаб карда шавад ва қалб вобаста ба Аллоҳ бошад, пас баъзе мардум фикр мекунад, ки бо вазир ё раис шинос шавад ва бар вай неъмат медиҳад, пас Ҷаннат танҳо аз Аллоҳ талаб карда мешавад ва инчунин ризқ аз Аллоҳ талаб карда мешавад.

**Баъд аз неъмат:** Пас бояд неъматдиҳандаи некӯкорро ба қалб, забон ва аъзои бадан шукрона кард.

**Ақсоми мардум дар изофаи неъмат:**

**Саҳеҳ аст:** Ба ҳайсе ки онро ба сӯи сабаби дурусти собити шаръӣ ё ҳиссӣ изофа мекунад, ин ба ду шарт ҷоиз аст:

**Ширки асғар аст:** Ба сабаби зоҳир онро изофа мекунад, локин сабаб будани он на ба шаръ собит аст на ба ҳис.

**Ширки акбар аст:** Ин ки сабаб пӯшида бошад, мутлақо таъсир надошта бошад.

Эътиқод накунад, ки худи сабаб таъсир мерасонад.

Шукри неъматдиҳандаро фаромуш накунад.

**Далели дуюм:**

Ва Абӯлаббос баъди ҳадиси Зайд ибни Холид, ки дар он омада аст: Албатта Аллоҳ таъоло мегӯяд: Баъзе бандагони Ман ба Ман мӯъмин шуданд...то охири ҳадис, ки қаблан зикр шуд, мегӯяд: Дар Қуръон ва Суннат далелҳои зиёде вуҷуд дорад, ки дар онҳо Аллоҳ касонеро, ки неъматҳояшро ба дигарон нисбат медиҳанд ва ба он ширк меоранд, мазаммат кардааст.

Баъзе аз гузаштагон гуфтанд: Ин монанди гуфтаи онҳост: Боду ҳаво хуб буд ва киштирон маҳорат дошт ва суханоне ҳамонанди ин ки дар забонҳои мардум шоиъ аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири шинохти неъмат ва куфри он. (Яъне ба ҳавосашон дарк мекунанд, ки он аз ҷониби Аллоҳ аст ва онро ба изофа карданашон ба сӯи ғайри Аллоҳ инкор мекунанд).

**Дуюм:** Шинохтани ин ки инкори неъматҳо бар бештари забонҳо ҷорист. (Монанди феълашон дар вақти нишастани ҳавопаймо).

**Сеюм:** Номидани интавр суханҳо ба инкори неъмат. (Аз рӯи инкор кардани фазли Аллоҳ ба он неъмат ва инкор кардани вуҷуди он нест, зеро онҳо онро медонанд ва вуҷуди онро ҳис мекунанд).

**Чорум:** Ҷамъ шудани ду чизи зид дар қалб (яъне маърифат ва инкор).

## (42) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Пас, дидаву дониста барои Аллоҳ ҳамтоёне нагиред". (Маънои нид)

Барои Аллоҳ дар ибодат ҳамтоён нагиред ва шумо медонед, ки барои Ӯ дар рубубият ҳамтоён нест ва дар Қуръон аввалин амр ва нидои ба тавҳид аст ва аввалин наҳй аз ширк аст.

Ибни Аббос разияллоҳу анҳу дар тафсири оят мегӯяд: Андод яъне ширк. Ва ширк овардан аз роҳ рафтани мурча дар торикии шаб ба рӯи санги софу сиёҳ пӯшидатар аст, мисли ин ки бигӯй: Ба Аллоҳ ва ҳаёти ту, ё ба Аллоҳ ва ҳаёти фалонӣ ва ё ҳаёти худам, ё бигӯй: Агар ин саг намебуд, ё ин мурғобӣ дар хона набуд дуздҳо меомаданд. Ва гуфтани мард барои рафиқаш: Ҳарчи Аллоҳ ва ту бихоҳед. Ва гуфтани мард: Агар Аллоҳ ва фалонӣ намебуданд. Дар суханроният "ва фалонӣ" магӯ, инҳо ҳама ширки ба Аллоҳ мебошанд. (Ривояти Ибни Абӯҳотим)

❁(Пӯшидатар аз...): Ва ин расотарин чиз дар пӯшидагӣ мебошад, пас ҳаргоҳ ширк дар дилҳои фарзанди Одам аз ин пӯшидатар бошад, пас аз Аллоҳ талаб мекунем, ки моро дар халос шудани аз он ёрӣ диҳад.

### Далели дуюм:

Ва аз Умар ибни Хатоб разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"Ҳар кас ба ғайри Аллоҳ савганд ёд кунад, куфр ё ширк варзидааст"***. (Ривояти Тирмизӣ ва ҳадисро ҳасан гуфтааст ва ривояти Ҳоким ва ҳадисро саҳеҳ гуфтааст).

### Далели сеюм:

Ва Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу мегӯяд: Ман агар ба номи Аллоҳ савганди дурӯғ ёд кунам, беҳтар аст аз ин ки ба номи ғайри Аллоҳ савганди ростин ёд кунам.

❁(Кофир шавад ё ширк орад): Ширки акбар аст, агар эътиқод кунад, ки ба он савганд ёдшуда ба Аллоҳ дар таъзим ва азамат баробар аст вагарна он ширки асғар аст.

❁ Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ин ва инро дӯст намедорад, локин бадии ширк аз бадии дурӯғ бузургтар аст, зеро ширкро бахшида намешавад.

**Далели чорум:**

Ва аз Ҳузайфа разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Нагуед ҳарчи Аллоҳ ва фалонӣ бихоҳад, балки бигуед: Ҳарчи Аллоҳ бихоҳад, сипас фалонӣ бихоҳад. (Абӯдовуд бо санади саҳеҳ ривоят кардааст).

**Далели панҷум:**

Аз Иброҳими Нахаъӣ нақл аст, ки гуфтани "ба Аллоҳ ва ба ту паноҳ мебарам"-ро макруҳ медонист ва гуфтани "ба Аллоҳ, сипас ба ту паноҳ мебарам"-ро ҷоиз медонист. Ҳамчунин гуфтани "агар Аллоҳ, сипас фалонӣ намебуд"-ро ҷоиз медонист ва нагуед: "Агар Аллоҳ ва фалонӣ намебуд".

(**Ва локин гуед**): Шариат ҳаргоҳ дари ҳаромро бандад, дари ҷоизиро мекушояд, то ки тарки ҳаром осон гардад ва то ки олӣ будани шариатро бидонем.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Бақара дар андод.

**Дуюм:** Асҳоби Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз оятҳое, ки дар бораи ширки акбар омадааст, барои ширки асғар далел меоваранд, (зеро ки нид назирӣ мусовиро бар сабили мутлақ ё дар баъзе умур шомил мешавад).

**Сеюм:** Савганд ёд карданд ба ғайри Аллоҳ ширк аст, (монанди қавли ту савганд ба ҳаётат, ба ҳаётам, ба зиммаат, дар зиммаи ман, ба зиммаи ман, дар гардани ман, ба ришам, ба чеҳраам, ба паёмбар, ба шарафи ман, ба Каъба, ба намози ту, ба рӯзаи ту, ба умри ту, ба ёрӣ, ё дар савгандаш мегӯяд: Агар ин корро кард, вай яҳудӣ ё насронӣ ё кофир аст).

**Чорум:** Агар дар савганди ба ғайри Аллоҳ, рост бигӯяд гуноҳаш аз савганди дурӯғе, ки ба номи Аллоҳ ёд кардааст, бештар аст. (Ва вай ба Аллоҳ савганд хӯрад, дар ҳоле ки дурӯғ мегӯяд, то ба он моли мусалмонро бигирад).

**Панҷум:** Фарқ миёни ҳарфи "вов" ва "сумма" яъне сипас, (зеро ҳарфи вов тақозои баробарӣ мекунад, пас ширк мебошад ва "сумма-сипас" тақозои тартиб ва баъдро мекунад, пас ширк намебошад, монанди қавли онон: Қасам ба Аллоҳ ва ба ту ва ман дар кифоягии Аллоҳ ва туям ва ман ҷуз Аллоҳ ва ту касе надорам, ва ман бар Аллоҳ ва ту таваккул кардам ва ин аз ҷониби Аллоҳ ва ту аст ва Аллоҳ барои ман дар осмон ва ту дар замин ҳастӣ ва ман ба сӯи Аллоҳ ва ту тавба мекунам).

## (43) Боб андар шахсе ки ба савганди ба номи Аллоҳ қаноат намекунад (аз ҷумлаи гуноҳони кабира аст)

Савганд ёд кун бар он чи ки савганд ёд кард, таъзими онро дар савганд таъкид кард ва он таъзими ба он савганд хӯрда шуда аст, пас ба Аллоҳ савганд хӯрдан қаноат накардан, дар он чизе аз нақси таъзими Аллоҳ аст ва ин камоли тавҳидро нафй мекунад.

**Далели аввал:**

Аз Ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Ба падаронатон савганд нахӯред. Ва ҳар ки ба номи Аллоҳ савганд ёд мекунад, бояд рост бигӯяд. Ва барои ҳар ки ба номи Аллоҳ савганд ёд шуд, бояд қабул кунад, вагарна ӯро бо Аллоҳ коре нест"***. (Ибни Моҷа ба иснoди ҳасан ривоят кардааст).

**Ақсоми қаноат кардан ба савганди ба Аллоҳ**

**Аз рӯи шаръ**: Ба савганди ба Аллоҳ дар он чизе ки бар алайҳи иддио шуда мутаваҷҷеҳ шудааст, пас савганд хӯрд, ба муқтазои ҳукми шаръӣ ба он розӣ шудан воҷиб мебошад.

**Аз рӯи ҳис:** Барои он савганд хӯрдашуда аз панҷ ҳолат холӣ намебошад:
1-Дурӯғи ӯро бидонад, пас ӯро тасдиқ кардани он лозим намешавад.
2-Дурӯғи вай роҷеҳ бошад, пас ӯро тасдиқ кардани он лозим намешавад.
3-Ҳар ду амр баробар бошад, пас тасдиқи ин воҷиб мешавад.
4-Ростиаш роҷеҳ бошад, пас воҷиб аст, ки ӯро тасдиқ кунад.
5-Ростии ӯро бидонад, пас воҷиб аст, ки ӯро тасдиқ кунад.

**<u>Масъалаҳо:</u>**

**Якум:** Наҳй аз савганд хӯрдан ба номи падарон. (Ва наҳй барои ҳаром будан аст).

**Дуюм:** Дастур ба касе ки барои ӯ савганд ёд мешавад ба ин ки бипазирад.

**Сеюм:** Ваъдаи азоби сахт барои касе ки савгандро напазирад.

Чорум: Қасамхӯрро амр карда шавад, ки рост гӯяд, зеро сидқ дар ғайри қасам воҷиб аст, пас дар қасам чигуна аст?

# (44) Боб андар гуфтани он чи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ

**Далели аввал:**

Аз Қутайла ривоят аст, ки марди яҳудӣ назди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам омаду гуфт: Шумо (мусалмонон) ширк меоред, чун мегӯяд: "Он чи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ" ва мегӯед: "Савганд ба Каъба". Аз он пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мусалмононро дастур дод, ки агар хостанд, савганд бихӯранд, бигӯянд: Ва Раббилкаъба (яъне савганд ба Парвардигори Каъба) ва бигӯянд: Он чи Аллоҳ, сипас ту бихоҳӣ. (Насоӣ ривоят карда, гуфтааст: Ҳадиси саҳеҳ аст).

**Далели дуюм:**

Боз дар Насоӣ аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят шуд, ки марде ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфт: Он чи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Оё маро бо Аллоҳ шарик сохтӣ, ин тавр бигӯ: Ҳарчи танҳо Аллоҳ бихоҳад.

❁Барои чӣ яҳуд, яҳуд номида шуд?

1)-Зеро онҳо гуфтанд: (Ҳудно илайк) яъне ба сӯи ту гаштем, (2)- зеро номи бобояшон Яҳузо ибни Яъқуб аст.

❁ Аз ҷумлаи фоидаҳои ҳадиси аввал:

1-Паёмбар ﷺ бар яҳудӣ инкор накард, бо вуҷуде ки қасди вай мазаммат буд, зеро он чи гуфт: Ҳақ буд.

2-Ба сӯи ҳақ гаштан равост ва агарчи бар он касе огоҳ кунад, ки аз аҳли ҳақ нест.

3-Дар назди тағйир додани чиз шоиста аст, ки ба чизи қариб аз он тағйир дода шавад.

❁**Чигуна бар ин амал огоҳ накард, магар ин яҳудӣ?** Ҳикмат озмоиш аст, ин яҳудиҳое, ки мусалмононро танқид карданд, бо вуҷуде ки онҳо ширки акбар меоранд ва айби худашонро намебинанд.

❁(Он чиро Аллоҳи ягона бихоҳад): Ба чизе ӯро роҳнамоӣ кард, ки аз ӯ ширкро қатъ мекунад, ӯро ба гуфтани: (Он чи Аллоҳ хоҳад, сипас ту бихоҳӣ) роҳнамоӣ накард, то аз ӯ ҳамаи василаҳои ширкро қатъ кунад ва агарчи дур бошад аз рӯи ҳимояи тавҳид ва адаби бо Аллоҳ.

**Анвоъи он чизе ки одами хоб дар хоб мебинад**

- Хобҳои парешон, ки таъбири саҳеҳ надорад
- Рӯъё: он чи ки дар хоб бинанд.
- Сухани нафс.

**Далели сеюм:**

Ва Ибни Моҷа аз Туфайл, ки бародари модарии Оиша разияллоҳу анҳо мебошад ривоят кард, ки мегӯяд: Дар хоб дидам, ки бар гурӯҳе аз яҳуд гузарам афтод. Гуфтам: Шумо агар намегуфтед: Узайр фарзанди Аллоҳ аст, мардумони хубе будед. Онҳо гуфтанд: Шумо низ агар намегуфтед: Ҳарчи Аллоҳ ва Муҳаммад бихоҳанд, мардумони хубе будед. Сипас аз канори гурӯҳе аз насоро гузаштам ва гуфтам: Шумо агар намегуфтед: Масеҳ писари Аллоҳ аст, одамҳои хубе будед. Онҳо гуфтанд: Шумо низ агар намегуфтед: Он чи Аллоҳ ва Муҳаммад бихоҳанд, мардумони хубе будед. Субҳ, ки аз хоб бедор шудам, хобамро барои мардум таъриф кардам. Сипас назди Расулуллоҳ ﷺ рафтам ва эшонро хабар додам, фармуд: Касеро хабар кардаӣ? Гуфтам: Бале. Онгоҳ Аллоҳро сипос гуфт ва фармуд: Туфайл хобе дида ва барои баъзе аз шумо онро таъриф кардааст, шумо сухане мегуфтед ва маро инчунин ва инчунин манъ мекард, ки шуморо аз он манъ кунам. Аз ин пас магуед, ки "он чи Аллоҳ ва Муҳаммад бихоҳанд", балки бигуед: Ҳарчи фақат Аллоҳ ба ягонагияш бихоҳад".

❁(Инчунин ва инчунин маро манъ мекунад): Паёмбар ﷺ-ро ҳаё манъ мекард ва локин на аз инкори ботил, албатта аз наҳй аз он ӯро манъ мекард, бе ин ки Аллоҳ ӯро ба ин амр карда бошад, монанди шароб, аз он сукут кард, то ки ҳаром гардонда шуд.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Донистани яҳуд ширки асғарро.

**Дуюм:** Фаҳмидани инсон дар ҳоле ки пайравӣ хоҳишоти нафсонӣ бошад.

**Сеюм:** Фармудаи Паёмбар ﷺ: Оё маро бо Аллоҳ шарик сохтӣ? Пас ҳоли касе ки чунин бисарояд, чист? Эй боикромтарини халқ, маро чӣ шуда ки ба ғайри ту паноҳ бибарам. Ва ду байти баъд аз он. (Ва ин ниҳояти куфр ва ғулув аст)

**Чорум:** Албатта ин аз ширки акбар нест, аз рӯи фармудааш: Инчунин ва инчунин маро манъ месозад.

**Панҷум:** Хоби нек аз қисмҳои ваҳй аст.

**Шашум:** Хоби нек, (дар замони нубувват) гоҳо сабаби баъзе аҳкоми шаръӣ мешавад.

## Боби (45) андар шахсе ки замонаро дашном диҳад, пас ба таҳқиқ Аллоҳро озор дода аст (нисбати рӯйдодҳо ба замона)

❁(Пас Аллоҳро озор додааст): Аз азият зарар лозим намеояд, пас инсон ба шунидани чизи қабеҳ озор меёбад ва локин ба он зарар намебинад. Барои ин Аллоҳ дар Қуръон азиятро исбот карда ва аз ин ки чизе Ӯро зарар диҳад, нафй кардааст.

### Ақсоми дашноми даҳр:

| Ширки акбар | Ҳаром аст | Ҷоиз аст |
|---|---|---|
| Ширки акбар: Даҳрро дашном диҳад, бинобар ин ки ӯ фоил аст, мисли ин ки эътиқод кунад, ки даҳр умурро ба хайр ва шарр тағйир медиҳад. | Ҳаром аст: Даҳрро дашном медиҳад, эътиқод надорад, ки он фоил аст, балки эътиқод дорад, ки фоил Аллоҳ аст, локин онро дашном медиҳад, зеро он маҳали ин ҳодисаи макрӯҳ аст. | Ҷоиз аст: Хабари маҳзро қасд кунад бе маломат кардан, мисле ки гӯяд: Аз гармии ин рӯз монда шидем ва аз ҷумлаи он қавли (Ин оӯзи душвор аст). |

**Далели аввал ва дуюм:**

1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва гуфтанд: Ба ҷуз ҳамин зиндагонии ҷаҳонии мо зиндагоние нест, мемирем ва зинда мешавем ва моро ба ҷуз замона (чизе) ҳалок намекунад", то охири оят.

2). Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Аллоҳ таъоло мефармояд: Фарзанди Одам маро озор медиҳад, замонаро дашном медиҳад, дар ҳоле ки Манам замона, чун шабу рӯзро Ман мечархонам". Ва дар ривояте фармуд: "Замонаро дашном надиҳед, зеро Аллоҳ ҳамон замона аст".

❁(Ҳаёти дунёи мо): Яъне ҳаёту вуҷуде ҷуз ин ҳаёт нест, пас онҷо охират нест.
❁( Ва моро ба ҷуз замона (чизе) ҳалок намекунад): Ҳалоки мо ба амру қадари Аллоҳ нест, балки ба гузашти солҳо, барои касе ки муддаташ дароз шуда бошад ва бемориҳо, ғамҳову андӯҳҳо барои касе ки муддаташ кутоҳ шуда бошад, пас ҳалоккунандаи онҳо замона аст.
❁( Фарзанди Одам маро озор медиҳад): Яъне ба Ман озор мерасонад, пас азият барои Аллоҳ собит аст, бар мо исбот кардани он воҷиб аст, зеро Аллоҳ онро барои худ исбот кардааст, пас мо нисбат ба Аллоҳ аз Аллоҳ донотар нестем, локин он монанди азияти махлуқ нест.
❁( Замонаро дашном медиҳад): Яъне онро қабеҳ мегӯяд ва маломат мекунад ва лаънат мекунад ва даҳр ҳамон замон ва вақт аст.
❁(Ва Ман замона ҳастам): Яъне идоракунандаи даҳр ва гардонандаи он ва дастур диҳандаи он, мисли бод ва ғайри он.

**Оё даҳр аз номҳои Аллоҳ аст?**

Даҳр аз номҳои Аллоҳ ﷻ нест, ва ин ба чанд сабаб аст:

1-Равиши оят онро рад мекунад ва агар аз номҳои Аллоҳ бошад, ҳароина эътиқоди ҷоҳилият дуруст мебошад.

2-Равиши ҳадис низ онро рад мекунад.

3-Касе даҳрро Аллоҳ қарор диҳад, пас махлуқро Холиқ қарор додааст.

4-Номҳои Аллоҳ ҳамааш накӯ аст, дар комилтарини ҳусн расидааст ва маъно доранд ва дар даҳр ҳусн вуҷуд надорад.

5-Номҳои Аллоҳ ҳамааш муштақ ҳастанд ва даҳр исми ҷомид аст.

6-Наҳй аз дашноми чаҳорпо, бод ва таб омадааст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Наҳй аз дашноми замона. (Монанди гуфтаашон: Эй замонаи бебарор, ё замони бад, ё замони хиёнаткор).

**Дуюм:** Дашноми замонаро озори Аллоҳ номидан.

**Сеюм:** Андешидан дар фармудааш: Ман замона ҳастам. (Яъне тағйир диҳандаи замона ва сарфкунандаи он).

**Чорум:** Инсон гоҳо дашном медиҳад ва агарчи ба қалбаш қасди онро надорад.

Панҷум: Тафсири ояти сураи Ҷосия (Ва моро ҷуз замона ҳалок намекунад).

## (46) Боб андар номгузорӣ ба қози-юл-қузот ва монанди он (аз он манъ кардан)

۞Яъне шахсе барои худаш ин номро гузорад ё аз ғайраш ба гузоштани он ном розӣ шавад.

**Ҳукми қозиюлқузот номидан чист?**

۞Гуноҳи кабира аст, агар ба он танҳои номиданро қасд кунад.

۞Ширки акбар аст ҳаргоҳ эътиқод кунад, ки ӯ бар болои ҳамаи қозиҳо, ҳатто бар болои Аллоҳ ﷻ қозӣ аст.

۞ Агар онро ба тоифа ё шаҳр ё замон қайд ва ҳаср кунем ҷоиз аст ва беҳтар ин аст, ки тарк карда шавад.

**Далели аввал:**

Дар Саҳеҳ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:

***"Зишттарини ном дар назди Аллоҳ он аст, ки марде малик-ул-амлок номида шавад. Дар ҳоле ки молике ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад"***.

Суфён мегӯяд: Монанди Шоҳаншоҳ.

Ва дар ривояте омада, ки фармуд: ***"Баддидатарини шахс назди Аллоҳ ва палидтарини онҳо назди Аллоҳ дар рӯзи қиёмат аст"***.

Гуфтаи Ӯ: "أخنَع" яъне "أوضع" пасттарин аст.

۞(Зишттарин): Ба зидди қасдаш иқоб карда шуд ва мисли он аст, ҳар чизе ки бар ҷабарут ва султа ва таъзим далолат кунад.

۞(Ағяз): Дар ин исботи сифати ғайз (қаҳр, ғазаб) барои Аллоҳ аст, пас он сифатест, ки лаёқати ба Аллоҳро дорад ва зоҳир ин аст, ки ғайз аз ғазаб сахттар аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Наҳй аз номгузории шахсҳо ба Малик-ул-амлок.

**Дуюм:** Албатта он чизе ки маънои Малик-ул-амлокро дошта бошад, мисли он аст, ҳамонгуна ки Суфён раҳимаҳуллоҳ гуфт, (Монанди Қози-юл-қузот ва Ҳоким-ул-ҳукком ва Султон-ус-салотин).

**Сеюм:** Ҳушёрӣ барои сахтгирӣ дар манъи калимаҳое, ки чунин маъниҳо доранд, ҳатто маънои воқеъии онҳо қасд карда нашавад.

**Чорум:** Дарк кардани ин ки ин наҳй ба хотири эҳтироми Аллоҳ субҳонаҳу аст.

## Боб (47) андар эҳтироми номҳои Аллоҳ таъоло ва тағйири ном ба хотири он

### Ақсоми номҳои Аллоҳ ﷻ

**Махсус аст:** Танҳо барои Аллоҳ саҳеҳ мешавад, пас ба он ғайри Аллоҳро номида намешавад ва гар ба он номида шавад, тағйири он воҷиб мебошад, мисли: Аллоҳ, ар-Раҳмон, Рабб-ул-оламин ва монанди ин.

**Ғайри махсус аст:** Ба он ғайри Аллоҳро номидан дуруст мебошад, мисли ар-Раҳим, ас-Самеъ ва ал-Басир, агар мулоҳизаи сифат карда шавад, аз ба он номидан манъ карда мешавад ва агар сифат мулоҳиза карда нашавад, ба он бинобар ин ки исми маҳз аст, номидан ҷоиз мебошад.

**Далели аввал:**

Аз Абӯшурайҳ ривоят аст, ки кунияи ӯ Абӯлҳакам буд, Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Фақат Аллоҳ ҳакам аст ва ҳукм аз они Ӯст. Абӯшурайҳ гуфт: Қавми ман, вақте дар чизе ихтилоф мекарданд, назди ман меомаданд. Ва ман дар ихтилофи онҳо ҳукм мекардам ва ҳар ду тараф розӣ мешуданд. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Чи беҳтар! Ин кор бисёр хуб аст! Ва пурсид: Фарзанд дорӣ? Гуфтам: Бале, ба номҳои Шурайҳ, Муслим ва Абдуллоҳ. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Калонтаринашон кадом аст? Гуфтам: Шурайҳ аст. Фармуд: Пас ту Абӯшурайҳ ҳастӣ.

(Абӯдовуд ва дигарон ривоят кардаанд).

Куния калимаест, ки (падар) ё (модар) ё (бародар) ё (амак) ё (тағои) сар шудааст. Ин номе ки барои ин мард гузошта шуда буд, дар он маънои сифат мулоҳиза шуд ва он ҳакам аст, пас ба ин мувофиқи исми Аллоҳ гашт ва на танҳо барои исми маҳз будан, балки барои исме ки дар бар гирандаи маъност ва ба ин шарики Аллоҳ дар ин ном шуд ва барои Паёмбар ӯро ба кунияе ки шоистаи ӯ буд, куния гузошт ва ӯро ба иодаи ақиқа амр накард.

**<u>Масъалаҳо:</u>**

**Якум:** Эҳтироми сифатҳо ва номҳои Аллоҳ ва агарчи маънои онҳо қасд нашуда бошад. (Аз чизҳое, ки хос ба Аллоҳ аст ё ба он мулоҳизаи сифат қасд карда мешавад).

**Дуюм:** Тағйири ном ба хотири эҳтироми номҳои Аллоҳ. (Ва инчунин ҳаргоҳ амреро дар бар гирад, шоиста намебошад).

**Сеюм:** Ихтиёри калонтарини фарзандон барои куният. (Ва куния гузоштан мубоҳ аст ва мушрик куния гузошта намешавад).

## (48) Боб андар касе ки ба чизе ки дар он зикри Аллоҳ ё Қуръон ё Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам шӯхӣ менамояд

Касе ба Аллоҳ ё ба оятҳои кавнӣ ё шаръии Ӯ ё ба расулаш масхара ва истеҳзо кунад, кофири куфри акбар мешавад, зеро нафй кардани истеҳзо барои имон нафйкунандаи бузург аст ва ду навъи куфр аст:

**Куфри муоразат (мухолифат)** ва ин бузургтар ва сахттар аст, мисли куфри Абӯҷаҳл ва Абӯлаҳаб.

**Куфри эъроз:** Дар дини Аллоҳ дохил намешавад ва аз он манъ намекунад ва зидди он намеҷангад.

Ва истеҳзокунанда кофири куфри мухолифат аст, пас он бузургтар аз касест, ки танҳо барои бут саҷда мекунад ва ин масъала хело хатарнок аст, пас бисёр калимаест, ки соҳибашро дар бало мемонад, балки ҳалок мекунад ва ӯ эҳсос намекунад. Гоҳо инсон сухане мегӯяд, ки аз он ғазаби Аллоҳ меояд, ба он андеша намекунад, ӯро дар оташ меандозад.

Пас касе ба намоз ва агар нафл ҳам бошад масхара кунад ё ба закот ё ба рӯза ё ба ҳаҷ, пас вай ба иҷмоъи мусалмонон кофир аст, инчунин касе ки ба оятҳои кавнӣ истеҳзо кунад, масалан бигӯяд: Вуҷуди гармӣ дар рӯзҳои зимистон аз беақлӣ аст, ё гӯяд: Вуҷуди сармо дар рӯзҳои тобистон аз беақлӣ аст, пас ин куфри аз доираи Ислом хориҷкунанда аст, зеро ҳамаи феълҳои Парвардигор бар ҳикмат бино ёфтааст ва гоҳо ҳикмати онро дарк карда наметавонем, балки ба дарки он расида наметавонем.

**Тавбааш қабул намешавад ва ӯро султон мекушад:**

Бар ӯ намози ҷаноза хонда намешавад ва барои ӯ дуои раҳмат карда намешавад ва дар ҷои дур аз қабристони мусалмонон дафн карда мешавад ва агарчи гӯяд, ки тавба карда аст, зеро ин риддат аст, ки амри он бузург ва калон аст, дар он тавба фоида намедиҳад.

**Тавбааш ба шартҳо қабул мешавад:**

1-Сидқи тавбаашро донем.
2-Бар Аллоҳ сано гӯяд. 3-Аз он чи гуфт, безорӣ ҷӯяд. Локин дашномдиҳандаи Паёмбар ﷺ тавбааш қабул карда мешавад ва бар султон барои ҳаққи Ӯ ﷺ воҷиб аст, ки ӯро бикушад, ҳаргоҳ кушта шуд, ӯро мешуем ва кафан мекунем ва бар ӯ намоз мехонем ва бо мусалмонон ӯро дафн мекунем.

Далели аввал ва дуюм:
1). Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва (эй Паёмбар!) агар аз онҳо бипурсӣ (чаро чунин кардаед?) ҳароина мегӯянд: Мо ҳарф мезадем (шӯхӣ ва) бозӣ мекардем".
2). Аз Ибни Умар, Муҳаммад ибни Каъб, Зайд ибни Аслам ва Қатода ривоят аст, ки марде дар ғазваи Табук гуфт: Мо аз ин қориёни Қуръон, шикампарасттар, дурӯғгӯтар ва буздилтар дар ҷанг надидаем. Авф ба ӯ гуфт: Дурӯғ гуфтӣ ва ту мунофиқ ҳастӣ. Ва он чи гуфтӣ ба Паёмбар ﷺ хабар медиҳам. Авф рафт, ки ба Расулуллоҳ ﷺ хабар диҳад. Дид, ки Расулуллоҳ ﷺ ба воситаи ваҳй хабардор шудааст. Он мард пеши Расулуллоҳ ﷺ омад, эшон бар шутури худ савор шуда буд ва қасди ҳаракат карданро дошт, гуфт: Эй Расулуллоҳ ﷺ мо бо ҳам шӯхӣ мекардем, то машаққати роҳро кам кунем ва мақсади дигаре надоштем.

Ибни Умар разияллоҳу анҳу мегӯяд: Гӯё ман ҳамакнун он мардро мебинам, ки ба ресмони каҷоваи шутури Расулуллоҳ ﷺ часпида ва кашон-кашон меравад ва сангҳо ба қадамҳояш мезад ва маъзаратхоҳӣ мекард ва мегуфт: Ҷуз ин нест, ки мо шӯхӣ ва бозӣ мекардем. Ва Расулуллоҳ ﷺ мефармуд: **"Оё ба Аллоҳ ва оятҳои Ӯ ва паёмбари Ӯ масхара мекардед?"** (Сураи Тавба, ояти: 65) Ба ӯ аҳамият намедод, фақат ҳамин оятро такрор мекард.

❁(Қориёни мо): Мақсад ба онҳо Паёмбар ﷺ ва ёронаш буд ва дурӯғ гуфт, қасам ба Аллоҳ.
❁(Локин ту мунофиқ ҳастӣ): Ба ин дониста шуд, ки касе саҳобагонро дашном диҳад, кофир мешавад, зеро дар онҳо таъна задан, таъна задан дар Аллоҳ ва дар дини Аллоҳ ва дар Расулуллоҳ ﷺ аст.
❁( Ба ресмон): Банде ки ба он бор баста мешавад.
❁(Танкубу риҷлайҳи): Қадамҳояшро мезад.

**❁ Фоидаҳои ҳадис:**

1-Баёни илми Аллоҳ  ба он чизе ки мешавад, пас Аллоҳ он чиро ки ҳаст ва ба зуди мешавад, медонад.
2-Паёмбар ﷺ ба он чизе ки Аллоҳ ба Ӯ ﷺ нозил кард, ҳукм мекунад.
3-Решханд задан ба Аллоҳ ва оятҳои Ӯ ва расули Ӯ аз бузургтарини куфр аст.
4-Ба Аллоҳ решхандзананда кофир мешавад.
5-Истеъмоли сахтгирӣ дар маҳалаш.
6-Қабули тавбаи масхаракунанда ба шартҳояш.

**Танбеҳҳо:**

1-Касе ки дар дашном додан ҳозир мешавад, монанди касест, ки дашном медиҳад, магар дар сурате ки инкор кунад ё аз онҷо биравад, Аллоҳ таъоло фармуд: (**Ва "Аллоҳ" дар Қуръон "ин ҳукм"-ро бар шумо нозил карда ки чун шунидед "шахсоне" оятҳои Аллоҳро инкор мекунанд ва онро масхара мекунанд, бо онон нанишинед то ба сухани дигар бипардозанд**).

2-Аз зикри Қуръон ва ҳадис дур бош, то мардумро бихандонӣ ва дар вақти зикри ин ду тарсон бош!

3- Ҳаргоҳ сухан эҳтимоли дашномро дошта бошад, гӯяндаашро огоҳ месозем, пас агар тавба кунад вагарна ӯ масхаракунанда аст.

4-Аз худбинӣ ва ғурур ҳазар кардан, зеро ҳасана гоҳо дохили Ҷаннат мекунад ва бадӣ гоҳо дохили оташ месозад, пас ин мард бо Паёмбар ﷺ ба Табук баромад, сипас аз ӯ ҳосил шуд он чизе ки ҳосил шуд.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Масъалаи хело бузург ин ки касе ба ин (яъне Аллоҳ ва оятҳои Ӯ ва расулаш) шухӣ кунад, кофир мешавад.

**Дуюм:** Албатта ин тафсири оят аст дар ҳаққи касе ки чунин мекунад, фарқ надорад, ки гӯянда кист (мунофиқ бошад ё ғайри мунофиқ).

**Сеюм:** Фарқ байни суханчинӣ ва насиҳате, ки барои Аллоҳ ва расулаш бошад (ва ба он эҳтироми шаъоири Аллоҳ қасд мешавад).

**Чорум:** Фарқ байни авфе, ки Аллоҳ онро дӯст медорад (авфе, ки дар он ислоҳ аст) ва байни сахтгирӣ бар душманони Аллоҳ (локин гоҳо истифода бурдани нармӣ ба хотири даъват ва ҷалби дил хуб мебошад).

**Панҷум:** Баъзе узрҳо қобили қабул нест (агар дониста шавад, ки он ботил аст).

## Боби (49) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва агар пас аз ранҷе ки ба ӯ расида аст раҳмате аз сӯи худ ба ӯ бичашонем, мусаламан мегӯяд: Ин ҳаққи ман аст" то охири оят

Муҷоҳид дар тафсири оят гуфт: Ин дар муқобили амал ва шоистагии ман мебошад. Ва Ибни Аббос мегӯяд: Аз ҷониби худам мебошад.

Инсон ҳаргоҳ неъматро ба амал ва касбаш нисбат диҳад, пас дар он навъе аз ширк овардан дар тавҳиди рубубият аст ва ҳаргоҳ онро ба Аллоҳ нисбат диҳад, локин гумон кунад, ки ӯ шоистаи он аст ва ин ки он чи Аллоҳ ба ӯ ато кард некии маҳз нест, локин барои аҳл будани ӯст, пас дар ин навъӣ бартарӣ ва бологирӣ дар ҷониби бандагӣ аст.

**Далели дуюм ва сеюм:**

2). Ва фармудаи Аллоҳ: **"Гуфт: Ҷуз ин нест, ки бинобар донише, ки назди ман аст, моли фаровон ба ман дода шуд"**. Қатода дар тафсири ин оят гуфт: (Қорун) гуфт: Ин сарватро ба василаи донише, ки назди ман аст ба даст овардаам. Ва дигарон гуфтанд: Яъне чун Аллоҳ медонист ки ман шоистаи инҳо ҳастам, ба ман бахшида аст. Ва ин ҳамон сухани Муҷоҳид мебошад, ки дар тафсири ин ҷумла гуфтаанд: Ба хотири шараф ба даст овардам.

3). Ва аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Аллоҳ хост, ки се нафар аз бани Исроилро ки яке мубтало ба бемории пес буд ва дигаре кал ва сеюмӣ нобино буд, озмоиш бикунад. Фаришта аввал ба назди касе ки мубтало ба бемории пес буд, омада ва гуфт: Чиро дӯст медорӣ? Гуфт: Дӯст дорам ки дорои ранг ва пусти зебое бошам ва аз беморие ки мардум маро ба хотири он зишт медонанд, беҳбуд ёбам. Фаришта дасте ба сару сурати ӯ кашид. Беморияш аз байн рафт ва дорои ранг ва пусти зебо шуд. Онгоҳ аз ӯ пурсид: Чӣ молеро дӯст медорӣ? Гуфт: Шутур ё гов (ровӣ шак дорад). Ба ӯ шутури мода ва ҳомила дод ва гуфт: Аллоҳ дар он бароят баракат диҳад.

Сипас назди кал рафт ва аз ӯ пурсид: Дӯстдоштатарини орзуят чист? Гуфт: Дӯст дорам, ки муйҳои зебое дошта ва аз он чи ки маро дар назди мардум зишт кардааст, наҷот ёбам. Фаришта дасте ба сараш кашид, беморияш бартараф шуд ва дорои мӯйҳои зебое гардид. Фаришта пурсид: Чӣ молеро дӯст медорӣ? Гуфт: Гов ё шутур (ровӣ шак дорад). Фаришта ба ӯ гови мода ва ҳомила дод ва барояш дуои баракат кард ва назди нобино рафт. Пурсид: Беҳтарин орзуят чист? Гуфт: Аллоҳ рушноии чашмонамро баргардонад, то мардумро бубинам. Фаришта дасте ба чеҳрааш кашид, Аллоҳ рушноии чашмонашро баргардонид. Онгоҳ аз ӯ пурсид: Чӣ молеро дӯст дорӣ? Гуфт: Гусфанд. Фаришта ба ӯ гусфанди ҳомила дод ва барояш дуои баракат намуд.

Сипас баъд аз муддате дар асари зоидани шутур, гов ва гусфанд вазъ ба ҷое расид, ки якум дорои як дара шутур ва дуюм дорои даррае пур аз гов ва сеюмӣ дорои даррае аз гусфанд шуданд.

Гуфт: Сипас фаришта бо ҳамон қиёфа назди якум (пес) рафт ва гуфт: Марди мискин ва мусофир ҳастам ва аз идомаи сафар боз мондам ва имрӯз ба мақсадам расида наметавонам магар ба ёрии Аллоҳ, сипас ба ёрии ту. Ба хотири касе ки ба ту ранг ва пусти зебо ва мол додааст, ба ман шутуре бидеҳ, то ба василаи он ба роҳ идома бидиҳам. Мард гуфт: Ҳуқуқ бисёр аст. Фаришта гуфт: Ман шуморо мешиносам, магар ту ҳамон касе нестӣ, ки мубтало ба бемории пес будӣ ва мардум туро зишт медонистанд ва чизе дар бисотат надоштӣ?! Онгоҳ Аллоҳ ин ҳама молро дар ихтиёрат гузошт?! Гуфт: Не. Ман инҳоро аз падаронам мерос бурдаам. Фаришта гуфт: Агар дурӯғ мегӯӣ, Аллоҳ туро ба ҳамон ҳоли аввал баргардонад.

Сипас назди кал рафт ва ба ӯ низ ҳамон чизеро, ки назди якум гуфта буд, гуфт. Ӯ низ монанди якум рафтор кард. Фаришта гуфт: Агар дурӯғ мегӯӣ, Аллоҳ туро ба ҳоли аввал баргардонад.

Онгоҳ назди нобино рафт ва ҳамон суханони қаблиро ба вай гуфт. Нобино гуфт: Ман марди нобино будам, Аллоҳ бар ман миннат ниҳод ва чашмонамро ба ман бозгардонд. Ҳарчи аз молам мехоҳӣ бардор ва ҳарчи мехоҳӣ барои ман бигузор! Савганд ба Аллоҳ, ки имрӯз ҳарчи аз молам ба номи Аллоҳ бардорӣ, онро аз ту нагирам. Фаришта гуфт: Молатро барои худ нигаҳдор. Шумо мавриди озмоиши илоҳӣ қарор гирифтед Аллоҳ аз ту розӣ ва аз ҳамроҳонат норозӣ шуд. Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

**❁Дар ин ҳадис хело ибратҳои бисёр аст, аз ҷумла:**

1-Қиссаҳо дар Қуръон ва суннат ба хотири ибрату панд гирифтан меоянд.

2-Баёни қудрати Аллоҳ ба шифо додани пес, кал ва кур танҳо ба масҳ кашидани малоика ба онҳо.

3-Малоикаҳо ба ҳар шакл медароянд, ҳатто ба сурати башар медароянд, локин ба амри Аллоҳ барои онҳо.

4-Малоикаҳо ҷисманд ва фақат арвоҳ ё маъноҳо ё қувва нестанд.

5-Ҳарис будани ровиён бар нақли ҳадис ба лафзаш.

6-Инсонро лозим нест, ки ба қазошуда розӣ шавад ва бар ӯ розӣ шудан ба қазое, ки аз феъли Аллоҳ аст, воҷиб мебошад. Пас байни феъли Аллоҳ ва қазошуда фарқ аст ва қазошуда ба мусибатҳо тақсим мешавад, ки ба он розӣ шудан лозим намеояд ва ба аҳкоми шаръӣ тақсим мешавад, ки ба он розӣ шудан воҷиб мешавад.

7-Дуои муаллақ ҷоиз мебошад.

8-Паст омадан бо душман дар он чизе ки паст оянда ба он эътироф надорад ба хотири хомуш кунондани хасм (душман) ҷоиз аст.
9-Баракати Аллоҳ охир надорад, барои ин барои он водие аз шутур буд.
10-Баёни ин ки шукри ҳар неъмат ба мувофиқи он аст.
11-Ҷоиз аст, ки инсон ба ҳоле бибозад, ки ӯ дар ҳақиқат бар он ҳол нест.
12-Озмоиш гоҳо ом ва ошкор мебошад ва қиссаи онҳо машҳур аст.
13-Фазилати вараъ ва зуҳд ва он гоҳо инсонро ба чизе мекашонад, ки оқибаташ ситоиш мешавад, монанди кур.
14-Собит будани мерос дар умматҳои гузашта.
15-Аз сифатҳои Аллоҳ ризо, ғазаб ва ирода аст, пас барои Аллоҳ бар ваҷҳе ки лоиқи Ӯст онро исбот мекунем.
16-Суҳбат бар ҳамшаклшавӣ дар чизе аз чизҳо гуфта мешавад ва аз он наздикшавӣ лозим намеояд.
17-Озмудани Аллоҳ мардумро ба он чизе ки бар онҳо ато кардааст.
18-Панд додан гоҳо ба гуфтор ё кирдор ё ҳайатҳо мебошад.

**Масъалаҳо:**

Якум: Тафсири ояти "Ва агар пас аз ранҷе ки ба ӯ расида аст раҳмате аз сӯи худ ба ӯ бичашонем...".

**Дуюм:** Маънои (Ҳароина мегӯяд: Ин барои ман аст) чист? (Яъне ман шоистаи он ҳастам).

**Сеюм:** Маънои гуфтаи ӯ: (Ин сарватро ба василаи донише, ки назди ман аст ба даст овардам).

Чорум: Ибратҳои пандомӯз дар ин қиссаи аҷиб. (Ва аз ҷумла фарқ байни пес, кал ва кур аст, пас пес ва кал неъмати Аллоҳро баъди вуҷудаш инкор карданд ва пеш аз неъмат дилбохтагӣ ба Аллоҳ набуд, аммо кур ба неъмати Аллоҳ баъди вуҷуди неъмат эътироф кард ва пеш аз он ба Аллоҳ мутааллиқ буд. Ибни Қайим мегӯяд: Комилан аз туғён (ман, барои ман ва дар назди ман) ҳазар шавад, зеро ба ин лафзҳо Иблис, Фиръавн ва Қорун мубтало шуд, пас Иблис гуфт: (Ман аз ӯ беҳтарам) ва Фиръавн гуфт: (Мулки Миср аз они ман аст) ва Қорун гуфт: (Ин сарватро ба василаи донише, ки назди ман аст ба даст овардам). Ва беҳтарин (ман) дар сухани банда гузошта шуд: Ман бандаи гунаҳгори хатокор, талаби мағфираткун, эътирофкун ва монанди он ҳастам (ва барои ман) дар гуфтааш: Ман гуноҳ дорам ва ман ҷарима дорам ва ман мискинам ва ман фақиру хор ҳастам ва (дар назди ман) дар гуфтаи ӯ: "Кӯшишу ҷидди маро ва ҳазлу шухии маро ва хатои маро ва қасдани маро ва ҳамаи ин дар назди ман аст, маро мағфират кун".

## (50) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Пас чун Аллоҳ ба онҳо фарзанди шоиста дод, барои ӯ дар он чи ба онҳо дода буд, шарикон муқаррар карданд" то охири оят.

**Навъи ширке ки мақсад дар оят аст:**

**Ширки акбар:** Эътиқод мекунад ин ки кӯдакро фалон валӣ додааст ва монанди ин, зеро онҳо офаринишро ба сӯи ғайри Аллоҳ нисбат доданд.

**Ширки асғар:** Саломатии навзод ва ҳифзи ӯро ба табибон ва монанди онҳо нисбат медиҳад, зеро ӯ неъматро ба сабаб нисбат дод ва сабабгорро фаромуш кард.

**Ширки асғар** дар бандагӣ аст, ба ин ки муҳаббати ӯро бар муҳаббати Аллоҳ тақдим намояд ва ӯро аз тоати Аллоҳ машғул созад, пас чигуна ин кӯдакро дар муҳаббат ҳамтои Аллоҳ мегардонем.

**Далели дуюм:**

Ибни Ҳазм мегӯяд: Олимон иттифоқ доранд, ки номгузорӣ ба калимаи "абд" вақте нисбати он ба ғайри Аллоҳ бошад, монанди Абдуумар, Абдулкаъба ва монанди ин ҳаром аст, ба ҷуз Абдулмутталиб.

Банда гардондан барои ғайри Аллоҳ ҷоиз намебошад ва касе ба гуфтаи Паёмбар ﷺ: (Ман писари Абдулмутталиб ҳастам) далел оварид, бар вай рад мекунем:

1-Ин аз ҳадисҳои муташобеҳ аст ва мо насҳои возеҳи муҳкам дорем, ки инро рад мекунад.

2-Ин ҳадис аз боби хабар додан аст ва аз боби иншо ва иқрор кардан нест.

3-Паёмбар ﷺ ба ин касеро ном накардааст, ягон саҳобаашро ба ин иҷозат надода аст ё иқрор накардааст.

4-Ба ин ном Паёмбар ﷺ шинохта шуда буд ва агар мегуфт: (Ман писари Абдуллоҳ ҳастам), мардум ӯро намешинохтанд.

5-Расул ﷺ аз чизе ки воқеъ ва тамом шуд ва гузашта буд. сухан кард ва ба рости Абдулмутталиб вафот карда буд.

6-Абдулмутталиб исм нест, балки он лақаб аст ва номи ӯ Шайбатулҳамд ва падараш Ҳошим буд, ӯро дар сини хурдсолӣ ба Мадина ба назди тағоиҳояш бани Наҷор фиристод, то таълим гирад ва нашъӯнамо ёбад, пас вақте аммакаш Мутталиб Мадина омад, Шайбатулҳамдро бо худ гирифт, пас вақте ба Макка расид ранги ӯ аз сафари тулонӣ тағйир ёфта буд, пас мардум гуфт: Ин банда кист? Гуфтанд: Абдулмутталиб (ва бандагии ғуломӣ дар он ишколе нест). Пас ба он лақаб пайваста шуд ва ба ин ишкол аз байн меравад.

**Далели сеюм:**

Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо дар тафсири ин оят омадааст, ки вақте Ҳаво ҳомила гардид, Иблис назди онон омад ва гуфт: Ман ҳамон касе ҳастам, ки шуморо аз Биҳишт баровардам. Акнун низ сухани маро бипазиред ва номи фарзандатонро Абдулҳорис бигузоред, вагарна барои ӯ шоххое ҳамчун шоххои бузи кӯҳи дуруст мекунам, ки шикаматро пора бикунад ва чунин ва чунон мекунам ва таҳдид кард. Онҳо напазируфтанд. Фарзандашон мурда ба дунё омад. Боридигар ҳомила шуд, Шайтон дубора назди онон омада ва пешниҳоди худро такрор кард, боз ҳам напазируфтанд. Фарзандашон мурда ба дунё омад. Бори сеюм ҳомила гардид, Шайтон боз ҳам омад ва таҳдиди худро такрор кард. Муҳаббати фарзанд бар онҳо ғолиб омад ва қабул карданду номи ӯро Абдулҳорис гузоштанд. Ба хотири ҳамин аст, ки Аллоҳ фармуд: "Онҳо барои Аллоҳ дар чизе ки ба онҳо дода буд, шарикон муқаррар карданд". (Ривояти Ибни Абӯҳотим)

Ибни Абӯҳотим бо санади саҳеҳ, тафсири Қатодаро дар бораи ин оят чунин навиштааст: Инҷо шарик сохтанд дар тоат буд, на дар ибодат. Ӯ бо санади саҳеҳ, тафсири Муҷоҳидро дар фармудаи Аллоҳ: ﴿ لَئِنْ ءَاتَيْتَنَا صَٰلِحًا ﴾ оварда ки гуфтааст: Онҳо метарсиданд, ки фарзандашон ба ҷои инсон дар шакли чизи дигаре ба дунё меояд. Ба ҳамин маъно аз Ҳасани Басрӣ ва Саъид ва дигарон зикр шудааст.

❀(Ду шохи айл): Айл бузи нари кухӣ аст.
❀(Абдулҳорис): Ин исмро ихтиёр кард, зеро ин номаш аст, пас хост, ки ӯро барои худаш банда гардонанд.
❀ **Ин қисса аз чанд ваҷҳ ботил аст**:
1-Аз Паёмбар ﷺ дар ин қисса хабари дуруст нест, Ибни Ҳазм гуфт: (Ин қисса дурӯғу бофташуда аст).
2-Дар ниҳояти имтиноъ аст, ки Аллоҳ хаторо зикр кунад ва тавбаи онҳоро зикр накунад.
3-Анбиё ба иттифоқи олимон аз ширк поканд.
4-Мардум дар рӯзи қиёмат пеши Одам меоянд, пас ба хӯрдани аз дарахт узр меорад ва он маъсият аст ва агар ширк воқеъ мешуд, ҳароина узр овардан ба он қавитар, беҳтар ва ҳоистатар буд.
5-Шайтон барои онҳо гуфт: (Ман соҳиби шумо ҳастам) ва касе гумроҳ карданро мехоҳад, инро намегӯяд.
6-Мумкин нест, ки онҳо шайтонро тасдиқ кунанд, ки барои ӯ ду шохи бузи кухӣ месозад, пас ин ширк дар рубубият аст.
7-Дар оят (юшрикун) ба замири ҷамъ аст ва агар Одам ва ҳаво мебуд, ҳароина юшрикон (он ду ширк оварданд) мегуфт.
8- Бинобар ин тафсири оят ба сӯи фарзандони Одам мегардад, ки дар ҳақиқат ширк оварданд, пас баъзеи онҳо мушрик ва баъзеашон яктопараст ҳастанд.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Ҳаром будани изофа кардани калимаи "абд" дар номҳо ба ғайри Аллоҳ (ҳатто Абдулмутталиб).

**Дуюм:** Тафсири ояти: "Пас чун Аллоҳ ба онҳо фарзанди шоиста дод, барои ӯ дар он чи ба онҳо дода буд, шарикон муқаррар карданд".

**Сеюм:** Албатта ба муҷарради номгузорӣ беқасди ҳақиқати он ҳам ширк аст. (Ва дуруст ин аст, ки ин дар ҳақиқат ширк аст ва ширк аз ширк овардани фарзанди Одам аст, на аз Одам ва Ҳаво).

**Чорум:** Бахшидани духтари солим барои мард аз ҷониби Аллоҳ неъмат аст (зеро баъзе мардум гумон мекунанд, ки духтар бахшидан аз азоб аст, вагарна бахшидани писари солим низ аз боби неъматҳост).

**Панҷум:** Гузаштагони нек, фарқ миёни ширки дар тоат ва фармонбардорӣ ва ширки дар ибодатро баён доштанд. (Одам ва Ҳаво шайтонро итоат карданд ва ӯро ибодат накарданд ва ин бар асоси дурустии қисса аст).

## Боб (51) андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва номҳои нек аз они Аллоҳ аст, пас Ӯро ба он номҳо бихонед ва касонеро бигузоред, ки дар номҳои Аллоҳ каҷравӣ мекунанд" то охири оят.

Ибни Абӯҳотим назари Ибни Аббос разияллоҳу анҳуморо дар ин бора инчунин зикр кардааст: "Дар номҳои Аллоҳ каҷравӣ мекунанд", яъне ширк меварзанд.
Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо нақл аст, ки дар тафсири он гуфтааст: Номи Лотро аз илоҳ ва Уззоро аз Азиз гирифта номидаанд.
Ва аз Аъмаш дар тафсири он омада, ки: Дар номҳои Аллоҳ изофа мекунанд, он чизеро ки аз он нест.

❁ Дар ин боб рад бар касе аст, ки мегӯяд: Китоби тавҳид танҳо шомили тавҳиди улуҳият аст.
❁(Ва аз они Аллоҳ): Тариқи тавҳид инҷо тақдими хабар аст, зеро тақдими он чизе ки ҳаққи он баъд овардан аст, ифодаи ҳаср мекунад.
❁(Накутар): Яъне комилтарини ҳуснро аз ҳамаи ҷиҳат расидааст ва дар он нақс нест.
(Пас Аллоҳ ба он номҳо дуо кунед): Дуои Аллоҳ ﷻ ба номҳояш ду маъно дорад:

**Дуои ибодат:** Ба ин ки Аллоҳро ба муқтазои ин номҳо бипарастад, масалан ал-Басир, тақозо мекунад, ки Аллоҳ ба муқтазои ин ном бипарастад, ба ҳайсе ки аз ту феълеро набинад, ки онро написандад.

**Дуои масъалат:** Номи Аллоҳро пеш аз дуояш тақдим кунад, дар ҳоли буданаш ба он василаҷӯянда ба сӯи Аллоҳ, мисли гуфтани: (Пас моро аз назди худат мағфирате кун ва моро раҳмат кун, ҳамоно Ту омурзандаву меҳрубонӣ).

**Илҳод: Аз он чизе ки дар он эътиқод кардан воҷиб мебошад, гаштан аст ва илҳод тақсим мешавад ба:**

**Дар номҳо ва сифатҳо илҳод варзидан** ва он чанд навъ аст:
1-Ҳамаи номҳо ё баъзеашро инкор мекунад, мисли ҷаҳмия.
2-Исмро исбот мекунад ва сифатро инкор мекунад, мисли гуфтаи онҳо: Шунавост бешунавой.
3-Онҳоро далолаткунанда бар ташбеҳ қарор медиҳад, мисли мумассила.
4-Аз номҳои Аллоҳ барои бутҳо номҳо мегирад, монанди Уззо аз Азиз.
5-Аллоҳро ба номе меномад, ки худро ба он наномида аст, мисли касе ки мегӯяд: Аллоҳ яке аз се аст, ё Ӯ бар ихтироъ қудрат дорад.

**Дар оятҳо илҳод варзидан:**
Хоҳ оятҳо: 1-Шаръӣ бошад, мисли касе ки мегӯяд: Қуръон махлуқ аст.
2-Кавнӣ бошад, мисли касе ки мегӯяд табиат ашёро меофарад.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Исботи номҳо (барои Аллоҳ таъоло бар хилофи ҷаҳмия ва ғулоти муътазила).

**Дуюм:** Номҳои Аллоҳ накӯ ҳастанд (яъне дар ҳусн ба комилтарини он расидааст).

**Сеюм:** Дастур ба ин ки Аллоҳро  ба он номҳо дуо кунем (дуои ибодат ва дуои масъалат ва дар ҳардуяшон амршудааст, ки Аллоҳро ба ин номҳо дуо кунем).

**Чорум:** Траки инсонҳое, ки дар номҳои Аллоҳ каҷравӣ кардаанд (яъне роҳи ононро тарк кардан ва маънояш ин нест, ки ононро даъват накунем ва барои онон баён накунем ва боз оят таҳдидро дар бар мегирад).

**Панҷум:** Тафсири илҳод дар номҳои Аллоҳ.

**Шашум:** Ваъдаи азоб барои касе, ки дар номҳои Аллоҳ каҷравӣ мекунад.

## Имтиҳони аввал барои қисми нуҳум (11 боб аст)

1-Қисми нуҳум, ҳамон дарозтарини қисм дар китоб аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
2-Муаллиф бар ширки асғар диққат додааст, зеро он пӯшида аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
3-(Неъмати Аллоҳ): ☐ сиғаи танҳо аст ва мурод ба он ҷамъ аст ☐ сиғаи танҳо аст.
4-Неъмат: ☐ ба ҷалби дӯстдоштаҳо ☐ ба рафъи нописандҳо ☐ ба ҳамагӣ мебошад.
5-(Сипас онро инкор мекунанд): ☐ Вуҷуди онро инкор мекунанд ☐ изофаи онро ба Аллоҳ инкор мекунанд.
6-Кафкӯбӣ дар вақти фаромадани ҳавопаймо барои сипосгузории роҳбари ҳавапаймо: ☐ Дуруст аст ☐ даруст нест.
7-Нисбат додани неъмат ба ғайри Аллоҳ куфри ☐ акбар ☐ асғар аст.
8-Ширк дар дили фарзанди Одам: ☐ Пӯшидатар аз рафтани мурча бар санги сиёҳ дар торикии шаб аст ☐ ошкору баён аст.
9-Ба Аллоҳ дурӯғ савганд хӯрдан: ☐ Ширки асғар ☐ гуноҳи кабира ☐ ҳаром ☐ дар он баёни муфассал аст.
10-Ба ғайри Аллоҳ содиқона савганд хӯрдан: ☐ Ширки асғар ☐ гуноҳи кабира ☐ ҳаром ☐ дар он баёни муфассал аст.
11-Ширкро Аллоҳ мағфират намекунад ва агарчи асғар бошад: ☐ Дуруст ☐ хато.
12-Ба Аллоҳ дурӯғ савганд хӯрдан бар Ибни Масъуд аз ба ғайри Аллоҳ содиқона савганд хӯрдан сабуктар аст (☐ дуруст ☐ хато), ва Ибни Масъуд на инро дӯст медорад ва на онро (☐ дуруст ☐ хато).
13-Гуфтани барои ту ба чӣ қасам бихӯрам, то маро бовар кунӣ ☐ дуруст ☐ нодуруст аст.
14-Гӯяндаи (он чиро Аллоҳ хоҳад ва фалонӣ хоҳад), агар эътиқод кунад, ки фалон аз Холиқ бузургтар ё ба Ӯ баробар аст, пас он ширки (☐ акбар ☐ асғар аст) ва агар эътиқод кунад, ки он камтар аст, пас он ширки (☐ акбар ☐ асғар) аст.
15-Гуфтани (бар ту амонат), ё (амонат) ☐ ширки асғар ☐ гуноҳи кабира ☐ ҷоиз аст.
16-Омӯхтани ширк воҷиб аст, то дар он воқеъ нашавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
17-Саҳоба ﷺ ояти нозилшуда дар ширки акбарро тафсир мекарданд, ки он ширки асғарро фаро мегирад: ☐ Дуруст ☐ хато.
18-Савганди дурӯғин, ин аст ки ба Аллоҳ: ☐ дурӯғ савганд хӯрад ☐ ба он моли шахси мусалмонро бигирад.
19-Ҳарфи (вов) (☐ тартиб ☐ баробари)-ро тақозо мекунад, пас (☐ ширк ☐ ҷоиз) мебошад.

20-Ҳаргоҳ ба Аллоҳ савгандхӯранда дар ҷои сидқу боварӣ набошад (☐ барои ту ☐ барои ту нест) ки розӣ шудан ба савганди ӯро рад кунӣ.
21-Ба Паёмбар ﷺ ва ба ҳаёти модар ва ба замонат ва ба гарданам ва ба шараф савганд хӯрдан: ☐ Ба он балоҳо фарогир шудааст ☐ ширки асғар аст.
22-(Маро инчунин ва инчунин манъ мекунад) яъне:..........................................
23-Чаро ба савганд огоҳ накард магар яҳудӣ?...................................................
24-Яҳуд мансуб ба шариати (☐ Исо алайҳис салом ☐ Мусо алайҳис салом) аст ва сабаби яҳуд номидани онҳо, (☐ гуфтаи онҳо: "Мо ба сӯи Ту бозгаштем", ☐ барои бобояшон Яҳузо ☐ ҳамагӣ).
25-Паёмбар ﷺ бар ширки асғар ба ширки акбар далел овард дар фармудааш: "Оё маро ҳамтои Аллоҳ гардондӣ" (☐ дуруст ☐ хато), ва Паёмбар ﷺ ӯро роҳнамоӣ кард ба сӯи (☐ он чизе ки ҳамаи василаҳои ба сӯи ширкро қатъ мекунад ва агарчи дур бошад ☐ ширкро тарк кард).
26-Ҳаргоҳ шахсе барои ту дар вақти салом худашро хам кунад (☐ инкор мекунӣ ☐ боке надорад ☐ агар шарм туро боз дорад, пас боке надорад) ва агар инкор накунӣ пас ту (☐ тоғут ☐ яктопарастӣ).
27-Таъзими Паёмбар ﷺ ба лафзе тақозои баробарии ӯ ба холиқ мебошад: ☐ Ширк ☐ ба нияташ мегардад, агар нияти бузург доштанро кунад, пас боке надорад.
28-Яҳуд айбҳои бисёр дорад, локин хос шуд гуфтаи онҳо (Узайр писари Аллоҳ) аст, зеро он аз бузургтарин ва бадтарини он дар назди онҳост: ☐ Дуруст ☐ хато.
29-(Маро инчунин ва инчунин манъ мекунад): ☐ Шарм кардан аз инкори ботил ☐ аз он наҳй кардан бе амри Аллоҳ.
30-Дуруст: ☐ Далел овардан сипас эътиқод кардан ☐ эътиқод кардан сипас далел овардан аст.
31-Паёмбар ﷺ шарафаш ба будани Ӯ: ☐ бандаи Аллоҳ ва расули Ӯст ☐ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ.
32-Хоби нек ҳамонест, ки: ☐ Салоҳро дар бар мегирад ☐ бо тартиб меояд ☐ ҳамагӣ.
33-Хоб ҳаргоҳ бе тартиб бошад, пас он хоби парешон аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
34-Хобҳои нописанд аз ҷониби шайтон аст (☐ дуруст ☐ хато) ва суннат аст, ки (☐ бар таъбиргӯяндае  қисса кунад ☐ дар тарафи чапаш се бор туф мекунад ва аз шайтон паноҳ мебарад).
35-Агар ҳуҷҷатҳо бар мухолифатии хоб ба шариат далолат кунад: ☐ Эътибор карда мешавад ☐ ба он ибрате нест.
36-Гуфтаи ӯ барои ҳамсараш: (Сиёҳтарин рӯз дар ҳаёти ман рӯзи издивоҷамон аст): ☐ Дуруст ☐ нодуруст аст.
37-Дуруст ин аст, ки: ☐ Аз азият зарар лозим намеояд ☐ аз азият зарар лозим меояд.

38-Номҳои Аллоҳ накӯтар аст ва даҳр исми ҷомид аст, маъноеро бардошт намекунад, ҷуз ин ки номи вақтҳост: ☐ Дуруст ☐ хато, "ва Ман даҳр ҳастам" яъне:.......................................................................................................................

39-Гуфтани (замони бисёр хиёнаткун): ☐ Ҳаром ☐ ҷоиз аст, зеро аз боби хабар додан аст.

40-Гуфтани (Фалонӣ дар соли гишнагӣ таваллуд шудааст): ☐ Ҳаром ☐ ҷоиз аст, зеро аз боби хабар додан аст.

41-Гуфтани эй замин касе ки бар болои ту аст, ҳифз кун: ☐ дуои ғайри Аллоҳ (ширк) аст ☐ ҷоиз аст.

42-Ақсоми дашноми даҳр: 1-.................................ва ҳукми он............................. 2-.............................ва ҳукми он.........................3-................ва ҳукми он...........

43-Гуфтани: (Барои табиат аҷоибҳо ва асрор аст), ё (ин кори табиат аст): ☐ Дуруст ☐ хато.

44-Қозӣ байни лозим гардондан ва фатво додан ҷамъ овардааст: ☐ Дуруст ☐ хато.

45-Гуфтани (қозии қозиҳои асри ҳафтум): ☐ Ҷоиз ☐ беҳтар тарк кардани он аст.

46- Шайхи Ислом яъне: ☐ Шайхи мутлақ, ки Ислом ба сӯи ӯ боз мегардад ☐ навкунанда ва барои ӯ дар дифоъи Ислом асари нек аст.

47-(☐ Шоиста мебошад ☐ шоиста намебошад) риоя кардани ҷониби васфшуда ин ки мағрур нашавад ва ба нафсаш хушҳол нашавад.

48- Дӯстдоштатарин ном дар назди Аллоҳ исме аст, ки бар фурӯтанӣ ва шикастанафсӣ далолат кунад, мисли (☐ Шоҳаншоҳ ☐ Абдурраҳмон) ва пасттарин ном дар назди Аллоҳ, номест, ки бар (☐ ҷабарут ☐ султа ☐ таъзим ☐ ҳамагӣ) далолат кунад ва барои ин ба зидди қасдаш иқоб карда, пас хор шуд (☐ дуруст ☐ хато).

49-Номидан ба Маликуламлок ва Қозиюлқузот: ☐ Ҷоиз ☐ ҳаром ☐ гуноҳи кабира аст.

50-Куния сар мешавад ба (падар) ё (модар) ё (бародар) ё (аммак) ё (тағои) ва мебошад барои: ☐ мадҳ ☐ мазаммат ☐ якҷо шудани чиз ва лозим гирифтани он ☐ аламият ☐ ҳамагӣ.

51-Дар саҳобагон касе буд, ки номаш Ҳаким ва Ҳакам буд ва Паёмбар ﷺ онро тағйир надод, зеро ба он қасд нашуда буд, магар аламият (ном) (☐ дуруст ☐ хато) ва аз номҳои Аллоҳ таъоло манъ мешавад (☐оне ки махсус ба Ӯст ☐ оне ки дар он сифат мулоҳиза мешавад ☐ ҳамагӣ).

52-Ҳукми куния гузоштан: ☐ Мубоҳ ☐ мустаҳаб аст.

53-(Касе ба чизе ки дар он зикри Аллоҳ ё Қуръон ё расул аст, ҳазл кунад) мурод ба расул: ☐ Муҳаммад ﷺ ☐ ҳамаи расулон аст.

54-Нафй кардани истеҳзо барои имон нафйи бузург аст ва тасаввур карда намешавад, ки мусалмон инро надонад: ☐ Дуруст ☐ хато.

55-Шартҳои тавбаи масхаракунанда: 1-............................................................. 2-............................................................3-.........................................................
56-Сахтгирӣ дар боби масхара кардан ва сустӣ накардан зарур аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
57-Онҷо касе аст, ки аз касе ки Парвардигорро дашном медиҳад, дифоъ мекунад ва агар ӯро ё модарашро дашном диҳад, ҳимояти нафс ӯро фаро мегирад: ☐ Дуруст ☐ хато.
58-Барои мардум баён кардани хатари ин боб воҷиб мебошад ва ин ки он куфри аз дин хориҷкунанда аст ва интизор намешавем, то ки дашном ва масхара кардан воқеъ шавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
59-Онҷо касе аст, ки мегӯяд: Дашномдиҳанда ва масхаракунандаро мепурсем, оё қасди дашном дорад ё не ва ин: ☐ ботил аст ☐ саҳеҳ аст.
60-Аз таъзими ҳаққи махлуқ бар Холиқ қавли ин аст, кидашномдеҳ ба ғазаб узрдор хонда мешавад, бо вуҷуде ки дар дашноми раис ё падар ё гирифтани мол масалан узрдор ҳисобида намешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
61-Сахтгирӣ дар ин боб самараноктар аст ва ҳамду ситоиш барои Аллоҳ аст дар баъзе давлатҳо ва сустгирӣ дар баъзе давлатҳо сабаб шудааст ки хӯрду калон дашном медиҳанд: ☐ Дуруст ☐ хато.
62-Гуноҳи масхаракунанда аз касе ки барои бут саҷда мекунад, бузургтар аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
63-Гоҳо аз яҳуд ва насоро намешунавӣ касеро, ки Парвардигор ё Мусо ё Исо ё динро дашном диҳад ва локин гоҳо аз касе мешунавӣ, ки даъвои Ислом мекунад: ☐ Дуруст ☐ хато.
64-Мӯъмини ҳақиқӣ ҳаргоҳ Қуръон ё ҳадис зикр шуд, тарсад ва имонаш зиёд шавад, аммо мунофиқ масхар ва истеҳзо ва бозӣ мекунад ва сухане мегӯяд, то мардумро бихандонад: ☐ Дуруст ☐ хато.
65-Оё порчаеро ки дар он касе модаратро дашном медиҳад, нашр мекунӣ ё онро гуш мекунӣ? Пас чигуна ба касе ки модари ҳамаи мӯъминонро дашном медиҳад? ☐ Оре ☐ не.
66-Вақте порчае меояд, ки дар он таҳқиру дашном аст, воҷиб аст ки: ☐ Гуш ва нашр карда шавад, ☐ дар ҳол онро ҳазф карда шавад.
67-Ҷамъи порчаҳои дашном ва истеҳзо тариқаи ☐ салаф ☐ аҳли нифоқ аст.
68-Риддат ба сабаби дашном ва истеҳзо амраш бузург ва калон аст ва баъзе олимон гуфтанд, ки дар он тавба фоида намедиҳад ва зарур аст, ки султон ӯро бикушад ва бар ӯ намоз хонда намешавад ва барои ӯ дуо раҳмат карда намешавад ва бо мусалмонон дафн карда намешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
69-Дашномдеҳ ҳаргоҳ гӯяд, ки ӯ тавба кардааст, сипас бори дигар дашном диҳад, пас ин далел бар дурӯғгӯияш аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
70-Мунофиқ ҳаргоҳ дашном диҳад, гӯяд: Қасд надоштам ва ин танҳо ба забон гуфтан аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
71-Аз ҷумлаи он чизе ки бар сидқи масхаракун далолат намекунад, гуфтаи ӯ аз дашном ва истеҳзо, ки ин куфр аст ва ба Аллоҳ аз ӯ покӣ ҷӯяд: ☐ Дуруст ☐ хато.
72-Касе дашном ва истеҳзоро бишнавад ва инкор накунад ё мунсариф нашавад, ҳукми он монанди истеҳзокун аст: ☐ Дуруст ☐ хато.

73-Шайтон гоҳо дарҳои хайрро мекушояд, то туро дар куфр воқеъ кунонад, ин мард дар Табук буд: ☐ Дуруст ☐ хато.
74-Аз ҳадиси истеҳзокунанда истифода карда мешавад куфри касе ки саҳобагонро дашном медиҳад (дуруст хато), зеро таъна дар онҳо таъна дар (☐ Аллоҳ, ☐ Расул ﷺ ☐ дин ☐ дар саҳоба ☐ ҳамагӣ) аст.
75-Касе ки авфи ӯ фасод овардан бошад на ислоҳ, пас ӯ (☐ гунаҳгор аст ☐ гунаҳгор нест) ба ин ислоҳ.
76-Инсон ҳаргоҳ неъматро ба амалаш ва касбаш изофа кунад, пас дар он ширк овардан дар (рубубият ☐ убудият) аст ва ҳаргоҳ онро ба Аллоҳ нисбат диҳад, локин ӯ гумон кунад, ки шоистаи он аст, пас дар он навъи бартарӣ ва бологирӣ аст (☐ дуруст ☐ хато).
77-Розӣ шудан ба қазое ки он феъли Аллоҳ аст (☐ воҷиб аст ☐ воҷиб нест) ва қазошуда агар мусибат бошад, ба он розӣ шудан лозим намебошад (☐ дуруст ☐ хато).
78-Дар байни кур, кал ва пес дар талаб карданашон аз малоика фарқе вуҷуд надорад: ☐ Дуруст ☐ хато.
79-Абдулмутталиб ном гузоштан: ☐ Ҷоиз мебошад ☐ ҷоиз намебошад.
80-Навъе аз гулҳоро офтобпараст номидан: ☐ Ҷоиз аст ☐ ҷоиз намебошад.
81-Дар гирди исме ки ба он ном гузоштан ҷоиз намебошад, доира гузор: (Абдулмутталиб- Абдулкаъба- Абдуманоф- Абдулҳусайн- Абдуннабӣ- Абдулҳорис- Фиръавн- Хинзаб- Осия- Султонуссалотин- Сайидуннос- Ғуломалӣ- Раббулоламин- ар-Раҳмон- ал-Холиқ- Абдуссаттор- Абдуннур- Бутрус- Ҷорҷ- Сайидуссодот- Ситтуннисо- Абдунносир).
82-Он чи аз ғулуви рофизиҳо ба мусалмонон гузаштааст, ба он банда гардонданро мехоҳанд дар мисли қавли онҳо (Ғуломалӣ) яъне (Абдуалӣ) пас он банда гардондан барои ғайри Аллоҳ аст ва он ширк аст: ☐ дуруст ☐ хато.
83-Сухани касе ки дар моли ғайраш тасарруф карда наметавонад, мегӯяд: (Ман абдулмаъмур ҳастам): ☐ Ҷоиз мебошад ☐ ҷоиз намебошад.
84-Қисса дар ҳаққи Одам ва Ҳавво: ☐ Дуруст аст ☐ ботил аст.
85-Шайтон номи Абдулҳорисро ихтиёр кард: ☐ Зеро он номаш аст ☐ ин саҳеҳ нест, зеро Ҳорис ҳамон росттарини номҳост.
86-Ҳорис номидан: ☐ Ҷоиз мебошад ☐ ҷоиз намебошад.
87-Анбиё ба иттифоқи олимон аз ширк поканд ва касе дар ҳаққи онҳо гап занад ё аз чизҳое ки аз он сар задааст ҷустуҷӯ кунад, пас ӯ: ☐ мунофиқ аст ☐ яктопараст аст.
88-Дуои Аллоҳ ба номҳояш дуои ☐ ибодат ☐ масъалат ☐ ҳамагӣ мебошад.
89-Китоби тавҳид: ☐ Ҷомеъи ҳар се навъи тавҳид аст ☐ дар он танҳо тавҳиди ибодат аст.
90-Илҳод дар номҳо тақсим мешавад ба: ☐ ду қисм ☐ панҷ қисм.
91-(Ва тарк кунед касонеро, ки илҳод меварзанд) яъне: ☐ Онҳоро даъват намекунем ва барои онҳо баён намекунем ☐ роҳи онҳоро тарк мекунем.
92-Илҳод дар номҳо ва сифатҳо тақсим мешавад, ба: 1-.................................... 2-........................................................3-.......................................................................
4-.....................................................5-.........................................................................

## (52) Боб андар ин ки ассалому алаллоҳ гуфта намешавад (ҳаром аст)

### Барои чӣ?

Зеро он мухолифи ҳақиқат аст, пас Аллоҳ дуо карда мешавад ва барои Ӯ дуо карда намешавад, Ӯ аз мо бениёз аст, локин Ӯро ба сифатҳои камол сано гуфта мешавад.

Зеро мисли ин дуо нақсро дар ҳаққи Ӯ ба гумон меорад, зеро барои чизе ба салом дуо карда намешавад, магар ҳаргоҳ ки қобили ба он васф шуданро дошта бошад ва Аллоҳ аз нуқсон пок аст.

**Далели аввал:**

Дар Саҳеҳ аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Мо вақте бо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам намоз мехондем, мегуфтем: Салом бар Аллоҳ аз бандагонаш, салом бар фалон, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Салом бар Аллоҳ магуед, пас албатта худи Аллоҳ салом аст".

ас-Салом исм субутию салбӣ аст, пас салбӣ ба маънои ин аст, ки ба он нафйи ҳар нақс ё айбе ки зеҳн онро тасаввур мекунад ё ақл онро хаёл мекунад, хоста мешавад, пас Ӯро дар зоташ ё сифатҳояш ё корҳояш ё ҳукмҳояш нақс намепайвандад ва субутӣ ба маънои ин аст, ки собит будани ин исм барои Ӯ ирода мешавад ва сифатеро ки ин исм дар бар мегирад ва он сифати саломатӣ аст. Ва салом чанд маъно дорад:

Таҳия аст, ҳамчуноне ки гуфта мешавад: Бар фалонӣ салом бигӯ.

Саломати аз нақсу офатҳо, монанди гуфтаи мо: (Салом бар ту эй Паёмбар).

ас-Салом номе аз номҳои Аллоҳ аст.

**<u>Масъалаҳо:</u>**

**Якум:** Тафсири салом (Номе барои Аллоҳ азза ва ҷалла аст: Яъне аз ҳар нақсу айб солим аст). **Дуюм:** Салом дуо аст. **Сеюм:** Набояд онро дар мавриди Аллоҳ ба кор бурд (агар салоҳият надошта бошад, ҳаром аст).
**Чорум:** Баёни сабаби манъ буданаш (сабаб ин аст, ки Аллоҳ азза ва ҷалла салом аст).
**Панҷум:** Таълим додани онон таҳият ва саломеро, ки шоистаи Аллоҳ аст (дар ташаҳҳуд "аттаҳиёт", пас барои махлуқе таҳиёти ман намегуем).

## Боб (53) андар гуфтани: Эй Аллоҳ агар бихоҳӣ маро мағфират кун!. (Дар дуо истисно кардан ҳаром аст)

Ин боб камоли султони Аллоҳ ﷻ ва караму фазли Ӯро баён мекунад ва манъшуда дар ин таълиқ:

Он огоҳ мекунонад, ки Аллоҳ ӯро маҷбур-кунанда аст ва амр инчунин нест.

Он огоҳ мекунонад, ки ин амр бар Аллоҳ бузург аст, гоҳо бар Ӯ гарон меояд ва аз он оҷиз меояд ва инчунин нест.

Он огоҳ мекунонад, ки инсон аз Аллоҳ бениёз аст ва ин лоиқ нест ва аз адаб нест.

**Далели аввал:**

Дар Саҳеҳ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: (Яке аз шумо "дар вақти дуо" нагӯяд: Эй Аллоҳ, агар хостӣ маро мағфират кун ё агар хостӣ маро раҳмат кун ё агар хостӣ ба ман ризқ би-деҳ, бояд дар дуо ҷиддӣ дуо намояд, Аллоҳ он чӣ хоҳад мекунад, Ӯро касе ба коре маҷбур карда наметавонад).

Ва дар ривояти Муслим омада аст: (Бояд дар вақти дуо, аз Аллоҳ чизҳои бузургро дархост кунад, зеро Аллоҳ ҳарчи бибахшад, эҳсос намекунад, ки чизи бузурге ато кардааст).

Таълиқ дар дуои истихора таълиқи дар машият нест ва албатта барои амре ки дар назди ман номаълум аст, пас намедонам оё ин барои ман хайр аст ё не? Ва инчунин ба нисбати ҳадиси "**Маро зинда нигаҳ дор, модоме ки ҳаёт барои ман хайр бошад**".

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Наҳй аз истисно дар дуо.

**Дуюм:** Баёни сабаби наҳй.

**Сеюм:** Фармудаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: Дар дуо бояд ҷиддӣ бошӣ. (Ҳаргоҳ дуо кардӣ, пас ҷиддӣ бош ва тараддуд макун).

**Чорум:** Рағбатро бузург намудан (яъне он чи мехоҳад, мепурсад, пас ягончи бар Аллоҳ азиз ва мумтаниъ нест).

**Панҷум:** Баёни рағбатро бузург намудан (1) барои баёни олӣ будани шариат. (2) Зиёдатии оромии инсон. (3) Қиёс, ҳаргоҳ масъала дар аҳком бошад).

## (54) Боб: Ғулом ва канизи худро бандаи ман ва канизи ман нагӯяд

Ҳукми қавли: (Бандаи ман) ё (канизи ман)

Ба худаш изофа кунад, ин ду сурат дорад:

Ба сӯи ғайраш изофа кунад: Мисле ки гӯяд: (бандаи фалон) ё (канизи фалон), пас ин ҷоиз аст.

Ба сиғаи хабар бошад, мисли қавли: (Бандаамро таом додам) ё (бандаамро озод кардам) ва дар ин тафсил аст:

Ба сиғаи нидо бошад, мисли қавли: (Эй бандаи ман), аз ин наҳйшуда аст.

Ҳаргоҳ онро дар ғоибии банда ё канизан гӯяд, пас он ҷоиз аст.

Ҳаргоҳ онро дар ҳозир будани банда ё канизан гӯяд, нигоҳ мекунем, оё бар он ба банда ё ба мавло фасод тартиб меёбад, агар фасод ёфта шавад манъ карда мешавад вагарна он ҷоиз аст.

**Далели аввал:**
Дар Саҳеҳ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Ягон каси шумо нагӯяд: Барои парвардигорат ғизо биёр ё оби вузӯ омода кун, балки бигӯяд: Оқо ва сарвар, ҳамчунин ғуломон ва канизони худро ба калимаи (абд) ва (амма) фарёд накунед, балки бигӯяд: Ҷавонписар ҷавондухтар ва ғуломи ман".

❁( Ягон каси шумо нагӯяд: Барои парвардигорат ғизо биёр ё оби вузӯ омода кун): Зеро дар он бар ҷониби рубубият гузаштан аст.
❁( Ва локин: Оқо ва сарвар бигӯяд): Ин хитоб барои банда аст ва барои вуҷубият нест ва албатта барои иршоду мубоҳ аст, зеро олимон гуфтанд: Ҳаргоҳ амр дар муқобили чизи манъшуда биёяд, барои мубоҳӣ мегардад ва аз ҷумлаи он фармудаи Аллоҳ таъолост: (**Ҳаргоҳ аз эҳром берун омадед, пас шикор кунед**).
❁( Ва ягон каси шумо нагӯяд): Манъ кардан ё барои ҳаром будан ё барои кароҳият аст ва то ваҳм бурда нашвад, ки он бандагиест, ки намебошад, магар барои Аллоҳ ﷻ, (бандаи ман): Барои ғулом, (ва канизи ман): барои чуризан.
❁( Бигӯяд: Ҷавонписар ҷавондухтар ва ғуломи ман): Ин хитоб барои мавло аст ва дар ин омадааст, ки шариат ҳаргоҳ дари ҳаромро махкам

кунад, дари ҷоиз буданро мекушояд ва дар ин танбеҳ барои таҳқиқи тавҳид аст, ҳатто дар лафзҳо.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Наҳй аз гуфтани "бандаи ман ва канизи ман".

**Дуюм:** Ғулом ба соҳибаш нагӯяд: Парвардигор ё арбоби ман. Ва барои ғулом гуфта нашавад: Ба арбобат ғизо бидеҳ.

**Сеюм:** Соҳибон ба ғуломони худ, бигӯяд: Писари ман, духтари ман ва ғуломи ман.

**Чорум:** Ғуломон ба соҳибони худ бигӯянд: Оқои ман.

**Панҷум:** Муроду мақсадро огоҳ намудан ва он ҳам риоя кардани тавҳид аст, ҳатто дар лафзҳо.

# Боб (55) касе ба номи Аллоҳ чизе бипурсад, ба ӯ бидиҳед

**Ақсоми ба Аллоҳ пурсидан**

**Ба Аллоҳ пурсидан ба сиғаи:** Монанди гуфтани: Туро ба Аллоҳ мепурсам.

**Ба шариати Аллоҳ пурсидан**: Яъне суоле мекунад, ки шариат онро раво медонад, монанди пурсидани фақир аз садақа.

**Оё барои инсон ба Аллоҳ пурсидан ҷоиз аст ё не?**

Пурсидан аз ҷиҳате ки ҳаром ё макрӯҳ аст, магар ба хотири ҳоҷат ё зарурат ва барои ин Паёмбар ﷺ бо асҳобаш байъат кард, ки аз мардум чизе напурсанд ва аммо иҷобати пурсанда, пас ҳоли пурсанда холӣ нест, аз ин ки мепурсад:

**Суоли холӣ:** Мисли ин ки гӯяд: (Эй фалонӣ ба ман ато кун), пас агар чизе бошад, ки шариат онро раво донад, ба ӯ бидиҳад.

**Ба Аллоҳ пурсад:** Инро иҷобат мекунад ва агарчи мустаҳиқ набошад, зеро ӯ ба чизи бузург пурсид, пас иҷобати ӯ таъзими ин бузург аст, локин ҳаргоҳ гуноҳеро пурсад ё иҷобати ӯ бар пурсидашуда зарар орад, пас иҷобат карда намешавад.

**Далели аввал:**

Аз Ибни Умар разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Ҳар кас ба хотири Аллоҳ паноҳгоҳ хост, пас ӯро паноҳ диҳед. Ҳар кас ба хотири Аллоҳ чизе хост, ба ӯ бидиҳед. Ҳар кас шуморо даъват кард, бипазиред. Ҳар кас ба шумо некӣ кард, ҷавоби некияшро ба монанди некияш бидиҳед, пас агар наёфтед он чи ки мукофоташ диҳед, пас барояш дуо кунед, то гумон кунед, ки ҳаққи ӯро ба ҷо овардаед".

(Абӯдовуд ва Насоӣ бо санади саҳеҳ ривоят кардаанд).

❁(Пас ӯро паноҳ диҳед): Магар ки аз амре ки бар ӯ воҷиб аст, паноҳ талабад, ё бар кори гуноҳ ва душманӣ ёрӣ талаб кунад.

❁Оё иҷобати даъват ҳаққи Аллоҳ аст ё ҳаққи одамӣ? Ҳаққи одамӣ аст ва барои ин аз даъватчӣ дархост кардӣ, ки туро озод кунад, пас қабул кард, бар ту гуноҳе нест, локин он ба амри Аллоҳ воҷиб аст ва локин туро аз рӯи ҳаё ва хиҷолат аз ту, бе қаноат кардан озод кунад, пас дар ин ҳол шоиста нест, ки иҷобатро тарк кунӣ.

❀(Пас ӯро иҷобат кунед): Мурод ба даъват, даъватест, ки барои икром бошад, на садо кардан ва ҷумҳури олимон бар ин раъйянд, ки иҷобати даъват мустаҳаб мебошад, магар даъвати туй, пас он ба шаш шарт воҷиб мебошад:

1-Даъватчӣ аз касоне набошад, ки тарки ӯ воҷиб ё суннат бошад.

2-Дар макони даъват мункар набошад, агар дар онҷо мункар бошад, пас имкони онро дур карданро дошта бошад, бар вай ҳозир шудан воҷиб аст аз рӯи иҷобати даъват ва тағйир додани мункар.

3-Даъватгар мусалмон бошад вагарна иҷобат воҷиб намешавад.

4-Касби он ҳаром набошад.

5-Иҷобат соқит кардани воҷиберо дар бар нагирад, ё чизеро ки аз он воҷибтар бошад.

6-Бар иҷобаткунанда зараре надошта бошад, монанди сафар ё ҷудо шудан аз хонаводааш ки ба ӯ эҳтиёҷ доранд.

❀ Оё картаҳои даъват, ки тақсим мешавад, мисли ба даҳон даъват кардан аст? Ҳаргоҳ дониста шуд, ё бар гумон ғолиб омад, ки касе ки ба сӯи вай фиристода шудааст, худи он қасд карда шудааст, пас барои он ҳукми даъвати даҳониро дорад.

❀(Пас мукофоташ диҳед): Мукофот ду фоида дорад:

1-Соҳиби хайрро бар кори хайр ҳавасманд кардан.

2-Инсон хириеро, ки ба некӣ кардани ба вай ҳосил шуда буд, мешиканад.

## Масъалаҳо:

**Якум:** Паноҳ додан ба касе ки ба номи Аллоҳ паноҳ мехоҳад (касе ба номи Аллоҳ паноҳ барад, паноҳ додани вай воҷиб мешавад, магар аз чизе ки аз рӯи кардан ё накардан воҷиб бошад, паноҳ талабад, паноҳ дода намешавад).

**Дуюм:** Касе ба номи Аллоҳ чизе бихоҳад, ба ӯ ато кардан.

**Сеюм:** Даъватро иҷобат кардан.

**Чорум:** Дар ҷавоби некӣ подош додан (яъне ба касе, ки ба ту некӣ карда аст).

**Панҷум:** Дуо низ навъи подош аст, барои касе ки чизи дигар дар бисот надорад (зеро дуо дар ин подош аст ва дар он чизе ки одатан сонеъро мисли он подош дода намешавад).

**Шашум:** Дуо ба қадре бошад, ки дуокунанда ба ин натиҷа бирасад, ки подоши он шахсро додааст. (Дар дуо кутоҳӣ намекунад, балки дуо мекунад, то донад ё бар гумонаш ғолиб ояд, ки ҷазои ӯро додааст).

## (56) Боб андар ба ваҷҳи Аллоҳ ҷуз Ҷаннат чизе пурсида намешавад

### Маънои тарҷумаи боб:

**Яъне:** Ягон махлуқро ба ваҷҳи Аллоҳ напурс ва халқ бар додани Ҷаннат қудрат надоранд.

**Ё:** Ҳаргоҳ ба ваҷҳи Аллоҳ пурсидӣ, пас Ҷаннат бипурс ва чизе аз умури дунёро напурс.

Дар ин таъзими ваҷҳи Аллоҳ аст, ба ҳайсе ки ба ваҷҳи карими Ӯ пурсида намешавад, магар Ҷаннат ё чизе ки ба сӯи он мерасонад.

**Далели аввал:**

Аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Ба ваҷҳи Аллоҳ чизе ҷуз Ҷаннат пурсида намешавад"**. (Ривояти Абӯдовуд).

❁(Ба ваҷҳи Аллоҳ): Дар ин исботи ваҷҳ барои Аллоҳ аст ва он ба Қуръон, Суннат ва иҷмоъ собит аст, ваҷҳи ҳақиқӣ аст, ки рӯйҳои махлуқҳоро монанд намебошад.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Наҳй аз ин ки ба ваҷҳи Аллоҳ ҷуз ҳамон матлуби ниҳоӣ чизи дигаре хоста шавад (Аз адаб аст, ки ба ваҷҳи Аллоҳ ҷуз амри охират пурсида нашавад: Ба Ҷаннат зафар ёфтан ё аз оташ наҷот ёфтан).

**Дуюм:** Исботи сифати ваҷҳ (рӯй) барои Аллоҳ.

**Ҳукми дуо сифат:**

Дуои сифат ҷоиз намебошад, мисли қавли онон: Эй раҳмати Аллоҳ, эй ваҷҳи Аллоҳ, эй иззати Аллоҳ, ин дуои пайдошуда аст, дар ҳуҷҷатҳо вуҷуд надорад ва аз салаф наомадааст ва Шайхи Ислом раҳимаҳуллоҳ гуфт: (Ин куфр аст).

## (57) Боб андар он чизе ки дар бораи калимаи "агар" омадааст (дар ин баёни муфассал аст)

### Ақсоми истеъмоли калимаи "агар" бо ҳукми он:

| | |
|---|---|
| **Ҳаром аст ва гоҳо ба куфр мерасад:** Дар эътирози бар шариат истеъмол шавад. | (Агар моро дар ин кор амре мебуд, дар инҷо кушта намешудем): Мунофиқон бар шаръи Расул эътироз карданд ва гуфтанд: Агар моро итоат мекарданд ва мегаштанд, ҳамонгуна ки мо гаштем, кушта намешуданд, пас раъйи мо аз шаръи Ӯ беҳтар аст. |
| **Ҳаром аст** ин ки дар эътироз кардани бар қадар истеъмол шавад. | (Агар моро итоат мекарданд, кушта намешуданд): Яъне агар онҳо боқӣ мемонданд, кушта намешуданд, пас онҳо бар қадари Аллоҳ эътироз мекунанд. |
| **Ҳаром аст**, ки онро барои пушаймонӣ ва ҳасрат истеъмол кунад. | (Агар ман чунин мекардам, ҳароина чунин ва чунон мешуд): Зеро пушаймонӣ ба нафс ғаму тангӣ меорад ва Аллоҳ мехоҳад, ки дилкушод бошем. |
| **Ҳаром аст**, ки дар ҳуҷҷат овардани ба қадар бар маъсият истеъмол шавад. | (Агар Аллоҳ мехост, мо ширк намеовардем): Ин ботил аст, локин ба қадар дар мусибатҳо ҳуҷҷат овардан дуруст мебошад, на дар айбҳо ва дониста мешавад, ки банда тавба кунад ва аз гуноҳ дур шавад. |
| Агар хайр бошад, пас он хайр аст ва агар шар бошад, пас он шар аст, ки дар орзӯ истеъмол шавад. | **(Агар ман мол медоштам, ҳароина мисли фалонӣ мекардам): Пас ин таманнои хайр аст, пас Паёмбар ﷺ гуфт: (Пас ӯ тибқи нияташ аҷр дода мешавад, пас аҷри ҳар ду баробар аст), ва дар ҳаққи касе ки таманнои шар кард ﷺ гуфт: (Пас ӯ тибқи нияташ ҷазо дода мешавад, пас гуноҳашон баробар аст).** |
| Агар дар хабари маҳз истеъмол шавад, **ҷоиз** аст. | (**Агар ман чизеро ки баъдан донистам дар аввал медонистам, шутури қурбониро бо худ намеовардам**): Ин хабар аст, зеро Ӯ ﷺ хилофи тақдири Аллоҳ чизеро таманно намекунад, мисли қавли: Агар дар дарс ҳозир мешудӣ, ҳароина истифода мекардӣ. |

**Далели авввал то сеюм:**

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Мегӯянд, агар моро аз ин кор чизе мебуд, дар инҷо кушта намешудем".

2). Ва фармудаи Ӯ: "Касоне ки худ (аз ҷанг) боз нишастанд, дар ҳаққи бародарони хеш гуфтанд: Агар фармони моро гуш мекарданд, кушта намешуданд" то охири оят.
3). Дар Саҳеҳ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Ба он чи ки бароят манфиат дорад, ҳарис бош ва аз Аллоҳ талаби ёрӣ кун ва нотавон мабош. Ва агар дучори мусибате шудӣ, магӯ: Агар чунин мекардам, чунин ва чунон мешуд ва локин бигӯ: Тақдири Аллоҳ чунин буд ва Ӯ ҳарчи бихоҳад анҷом медиҳад, зеро калимаи "агар" дарвозаи умури шайтонро боз мекунад".

❀(Мегӯянд: Агар моро дар ин кор амре мебуд, дар инҷо кушта намешудем): Ин аз эътирози мунофиқон бар шариат аст, зеро онҳо бар Расул ﷺ итоб карданд, ки бе мувофақатии онҳо баромад.
❀Ва мумкин аст, ки эътирози бар қадар низ бошад, ба маънои ин ки (набаромадем, ки кушта шавем).
❀( Касоне ки худ (аз ҷанг) боз нишастанд, дар ҳаққи бародарони хеш гуфтанд: Агар фармони моро гуш мекарданд, кушта намешуданд): Дар ин эътироз бар мӯъминон ва бар қазову қадари Аллоҳ аст ва аз ҷиҳод тарсидан аст.
❀Касе бар қадар эътироз кунад, ба Парвардигории Аллоҳ розӣ намебошад ва тавҳиди рубубиятро таҳқиқ накардааст.
❀Фоидаҳои ҳадис:
1-Ҳарис будан бар чизе ки фоида меорад ва тарки он чизе ки зарар меорад. 2-Аз Аллоҳ ёрӣ хостан. 3-Дар кор рафтан ва онро идома додан ва оҷизӣ накардан, ин мартабаҳо ба ту вобаста аст. 4-Ҳаргоҳ хилофи мақсад ҳосил шавад, пас ин аз ҷониби ту нест ва албатта он ба тақдири Аллоҳ аст, пас амрро ба Аллоҳ бисупор.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ду ояти сураи Оли Имрон (якум эътироз кардан дар шаръ аст ва дуюм эътироз кардан дар қадар аст).
**Дуюм:** Наҳй аз гуфтани калимаи "агар", пас аз мусибат.
**Сеюм:** Баёни иллати манъ кардан, ин ки дарвозаи умури шайтонро боз мекунад. (Пас инсон афсус ва пушаймонӣ мекунад).
**Чорум:** Роҳнамоӣ ба гуфтани сухонони нек.
**Панҷум:** Амр ба ин ки ба амалҳои манфиатомез бояд ҳарис буд ва аз Аллоҳ бояд кумак гирифт.
**Шашум:** Манъ кардан аз зидди ин, он ҳам бошад нотавонӣ аст. (Аз анҷоми феъле сустӣ ва танбалӣ кардан, зеро он дар тақдири инсон аст).

## (58) Боб андар манъ кардан аз дашноми бод (ба қазо розӣ будан)

**Далели аввал:**

Аз Убай ибни Каъб разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Бодро дашном надиҳед, агар чизи ногуворе аз он дидед, ин дуоро бигуед: Бор илоҳо! Мо хайри ин бод ва хайри он чи дар он ҳаст ва хайри маъмуриятеро, ки дорад мехоҳем ва аз бадии ин бод ва аз бадии он чи дар он ҳаст ва аз бадии маъмурияте, ки дорад ба Ту паноҳ мебарем". (Тирмизӣ ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст).

❁Дашноми бод бар баёнест, ки дар дашноми даҳр гузашт ва муаллиф инро инҷо танҳо овард, барои бисёр воқеъ шуданаш ва наҳй аз лаънату дашном умуман омадааст, Паёмбар ﷺ фармуд: (**Мӯъмин таъназан, лаъ-наткун, бадрафтор ва дашномдеҳ нест**), ва ﷺ фармуд: (**Лаънаткунандагон дар рӯзи қиёмат шафоатгар ва шаҳидҳо намебошанд**).
❁Ва дар дашноми мусалмон ﷺ фармуд: (**Дашноми мусалмон фисқ ва куштани он куфр аст**).
❁Ва дар дашноми мурдагон ﷺ фармуд: (**Мурдагонро дашном надиҳед, зеро онҳо расиданд ба сӯи чизе ки пеш фиристода буданд**).
❁Ва дар дашноми ҳайвонҳо ﷺ фармуд: (**Шутуре ки бар он лаънат шуд, бо мо ҳамсафар нашавад**).
❁Ва дар дашноми таб ﷺ фармуд: (**Табро дашном надиҳед**).

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Аз дашноми бод манъ намудан, (барои ҳаром будани он, зеро дашноми бод, дашноми касест, ки онро офарида ва фиристодааст).
**Дуюм:** Рӯ овардан ба дуо ва суханони нек, ҳангоми мушоҳидаи чизи ногувор. (Аз ҷумла ин ки бигӯяд: Эй Аллоҳ ман Туро мепурсам..., ва ба асбоби ҳиссӣ чанг занад, монанди аз шарри он ба девор паноҳ бурдан).
**Сеюм:** Баёни ин ки бод амршуда аст.
**Чорум:** Бод гоҳо ба кори хайр ва гоҳо ба кори бад амр мешавад.
(Хулоса, бар инсон воҷиб аст, ки бар қазо ва қадари Аллоҳ эътирозу норизогӣ накунад ва онро дашном надиҳад ва барои амри кавнии Ӯ таслим шавад, ҳамчунон воҷиб аст, ки барои амри шаръии Ӯ таслим шавад, зеро ин махлуқҳо ҳеҷ коре карда наметавонанд, магар ба амри Аллоҳ).

(59) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Онҳо дар бораи Аллоҳ гумони ноҳақ мекарданд (монанди) гумони ҷоҳилият, мегуфтанд: Оё моро аз ин кор чизе ҳаст? Бигӯ: (Сариштаи) кор ба тамом аз они Аллоҳ аст"** то охири оят.

❁(**Онҳо дар бораи Аллоҳ гумони ноҳақ мекарданд**): (Мунофиқон) гумони ҷоҳилӣ мекарданд, ки гумонкунанда дар он қадру азамати Аллоҳро намедонад, пас он гумони ботил бар ҷаҳл бино ёфтааст ва ба Аллоҳ гумон кардан ду навъ аст:

**1-Ба Аллоҳ гумони нек кунад ва ин ду тааллуқ дорад**:

а-Ба он чизе ки дар олам мекунад, тааллуқ дорад, пас бар ту воҷиб аст, ки дар ин нисбати Аллоҳ гумони нек кунӣ.

б-Ба он чизе ки ба ту мекунад, тааллуқ дорад, воҷиб аст, ки ба Аллоҳ гумони нектар намоӣ, ба шарте ки дар назди ту бошад он чизе ки муҷиби гумони нек бошад ва он ихлосу пайравӣ аст.

2-Ба Аллоҳ гумони бад кунад: Мисли ин ки дар феъли Аллоҳ беақлӣ ё зулм ё монанди инро гумон кунад, пас ин аз бузургтарини ҳаромҳо ва зишттарини гуноҳҳо аст, ҳамчуноне ки мунофиқон ва ғайрашон ба ноҳақ гумон карданд.

**Далели дуюм:**

Ва фармудаи Ӯ: **"Ба Аллоҳ гумони бад доранд, ҳаводиси ногувор ва бад бар онон бод"**.

❁Мурод ба онҳо мунофиқон ва мушрикон ҳастанд, пас бадӣ онҳоро аз ҳамаи ҷониб иҳота дорад.

Ибни Қайим дар тафсири ояти аввал мегӯяд: Гумони баде ки дар инҷо ба он ишора гардид, мутааллиқ ба мунофиқон аст. Онҳо гумон мекарданд, ки Аллоҳ паёмбаронашро ёрӣ намерасонад. Ва ба зуди даъвати Расулуллоҳ ﷺ аз байн хоҳад рафт. Ҳам ҳикмати Аллоҳро инкор мекарданд ва ҳам тақдирро ва ҳам инро ки Аллоҳ ба паёмбараш ёрӣ хоҳад дод ва динашро бар дигар динҳо пирӯз хоҳад намуд. Ва ана ҳамин гумони бадест, ки аз мунофиқон ва мушрикон Аллоҳ дар сураи Фатҳ зикр кардааст. Ва ин гумон дар мавриди Аллоҳ ва бо ҳикмат ва ваъдаҳои Ӯ лаёқат надорад. Пас касе гумон кунад, ки Аллоҳ ботилро ғолиб месозад бар ҳақ ғолиб сохтане, ки ҳақ аз байн меравад ё ҳаводисе, ки ба қазову қадари Ӯст инкор кунад ё тақдири Ӯ ки бо ҳикмати расое аст, ба сабаби он шоистаи ҳамду сипос аст, инкор намояд, балки гумон намояд, ки танҳо иродаи беҳикмат аст. Пас ин "ҳамон" гумони кофирон аст, вой бар кофирон аз оташи (Дӯзах).

Имрӯз бештари мардум, дар ҳаводисе ки ба онон рӯх медиҳад, нисбати Аллоҳ гумони бад мекунанд ва аз ин беморӣ саломат намемонад, магар касе ки Аллоҳро бо номҳо ва сифатҳояш бишиносад ва бидонад, ки корҳояш аз ҳикмат ва маслиҳат сарчашма мегирад... Пас боақл, насиҳатгар бар худаш ба ин амр (яъне ба Аллоҳ гумон кардан) диққат диҳад ва ба сӯи Аллоҳ тавба кунад ва аз гумони баде, ки нисбат ба Парвардигораш кардааст, талаби мағфират намояд. Ва агар ту касеро тафтиш намоӣ, мебинӣ, ки аз тақдир шикояту гила дорад ва худро сарзанишу маломат мекунад ва бояд, ки чунин ва чунон мешуд, пас баъзе мардум кам ба тақдир эъти-роз мекунанд ва баъзеашон бисёр.
Ва худатро тафтиш намо, оё аз ин беморӣ солим ҳастӣ?

فإن تنجنها تنج من ذي عظيمة        وإلا فإني لا اخالك ناجيً ا

Агар аз он (бадгумони нисбат ба Аллоҳ) наҷот ёбӣ, аз балои бузурге наҷот ёфтаӣ, вагарна ман туро наҷотёфта намебинам.

❁Ин суханро Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ дар "Зод-ул-миод" дар паи ғазваи Уҳуд дар зимни баҳси ҳикматҳо ва ғоятҳои ситудашудае, ки дар он буд, зикр кардааст. Ва хулосаи он чи ки дар гумони бад зикр кардааст:
1-Гумон кардан, ки Аллоҳ ботилро бар ҳақ пирӯзии барқарор медиҳад, ки бо он ҳақ нобуд мешавад.
2- Он чизе ки ба қазову қадари Аллоҳ рӯй диҳад, инкор кунад ва чигуна дар мулки Аллоҳ чизе мешавад, ки онро намехоҳад.
3-Будани қадари Ӯро барои ҳикмати расое, ки бар он шоистаи ҳамд мебо-шад, инкор кунад.
❁Ва хулосаи он чи ки дар илоҷи гумони бад гуфтааст:
1-Номҳову сифатҳоро дар ҳақиқат донистан, на донистани таҳриф ва таъвил.
2-Ба ин боақл аҳамият диҳад, то ба Аллоҳ гумони ҳақ кунад, на гумони бад ва гумони ҷоҳилият.
3-Ба сӯи Аллоҳ ба тавба кардан аз маъсият гаштан, аз маъсият ба сӯи тоат ва истиғфор гаштан.
4- Ба нафсат гумони бад кун, пас инсон маҳали накс ва бадӣ аст.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири ояти сураи Оли Имрон, ("Нисбати Аллоҳ ба ноҳақ гумон мекунанд" ва замир ба мунофиқон мегардад)

**Дуюм:** Тафсири ояти сураи Фатҳ, ("Ба Аллоҳ гумони бад доранд" ва замир ба мунофиқон мегардад).

**Сеюм:** Хабар додан ба ин ки гумони бад анвоъи гуногун аст, ки маҳсур нест. (Ва қоидааш ин аст, ки нисбат ба Аллоҳ гумоне кунад, ки лоиқи Ӯ нест).

**Чорум:** Аз гумони бад ба Аллоҳ наҷот намеёбад, магар касе ки Аллоҳро ба номҳо ва сифатҳояш бишиносад ва худашро бишиносад. (Пас онро тафтиш намояд ва ҳақиқат ин аст, ки инсон маҳали нуқсон ва бадӣ аст ва аммо Парвардигор азза ва ҷалла маҳали камоли мутлақ аст, ки нуқсон ба ягон ваҷҳ пеш намеояд)

## (60) Боб андар он чизе ки дар мавриди инкоркунандагони тақдир омадааст

❁Қадар сирри Аллоҳ дар халқаш аст ва онро намедонем магар баъди воқеъ шудани он ва хоссатан ба тавҳиди рубубият тааллуқ дорад ва ба тавҳиди номҳо ва сифатҳо тааллуқ дорад. Ва мардум дар қадар се тоифаанд:

**1-Тоифиа ҷабрия:** Қадарро исбот карданд ва дар он ғулув карданд, то ки аз банда ихтиёр ва қудраташро гирифтанд ва гуфтанд: Инсон ихтиёр ва қудрат надорад.

**2-Тоифаи қадарияи мӯътазила:** Барои банда ихтиёр ва қудратро дар амалаш исбот карданд ва дар ин ғулув карданд, то ки барои Аллоҳ дар амали банда машият ё халқ бошад, нафй карданд.

**3-Тоифаи сеюм, аҳли суннат ва ҷамоат аст:** Байни далелҳо ҷамъоварӣ карданд ва дар равишашон беҳтарин миллатро пеш гирифтанд, пас ба қазову қадари Аллоҳ имон оварданд ва барои банда машияте ки марбут ба машияти Аллоҳ аст, исбот карданд.

**Барои имони ба қазову қадар фоидаҳои бузург аст, аз ҷумла:**

1-Он аз тамоми тавҳиди рубубият аст.

2-Он муҷиби сидқи эътимод бар Аллоҳ аст.

3-Он муҷиби оромии қалб аст, ҳаргоҳ донад, ки он чи ба ту расид туро хато намекард ва он чи туро хато кард, ба ту намерасид, ба он чизе ки ба ту мерасад, пас аз чанг задан ба асбоби нафъовар, ором мешавӣ.

4-Хушҳол шудани шахс ба амалашро манъ мекунад, ҳаргоҳ амале кунад, ки бар он шукр гуфта шавад, зеро Аллоҳ бар вай миннат ниҳод.

5-Ғамгин нашуданаш ба он чизе ки бар вай мерасад, зеро он аз ҷониби Парвардигораш ﷻ аст, пас он аз раҳмат ва ҳикмат содир шудааст.

6-Инсон ба асбоб чанг мезанад, зеро ӯ ба ҳикмати Аллоҳ имон дорад ва ин ки Ӯ ашёро тақдир намекунад, магар ки ба асбобаш пайваста аст.

**Далели аввал:**

Ибни Умар разияллоҳу анҳумо мегӯяд: Савганд ба зоте ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ки агар яке ба андозаи кӯҳи Уҳуд тилло дошта бошад ва ҳамаро дар роҳи Аллоҳ садақа намояд, то ба масъалаи тақдир имон наёварда бошад, аз ӯ қабул намешавад, зеро Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Имон иборат аст аз ин ки ба Аллоҳ, фариштагон, китобҳо, паёмбаронаш, ба рӯзи охират ва ба тақдири неку бадаш имон дошта бошӣ. (Ривояти Муслим)

**Имон:** Ба забон гуфтан ва ба қалб эътиқод кардан ва ба аъзои бадан амал кардан аст, ба тоат зиёд мешавад ва ба маъсият кам мешавад ва он шаш асос дорад:

- Ба Аллоҳ
- ва малоикаҳои Ӯ
- ва китобҳои Ӯ
- ва расулони Ӯ
- ва рӯзи охират
- ва ба тақдири хайр ва шарри Ӯ

"Ба Аллоҳ имон биёрӣ" имони ба Аллоҳ чор амрро лозим мегирад:

- Имон ба ҳастии Аллоҳ ва мебошад ба:
- Тавҳиди рубубият
- Тавҳиди улуҳият
- Тавҳиди номҳо ва сифатҳо

**Ақл:** Пас вуҷуди махлуқ бе Холиқ тасаввур карда намешавад (Оё онҳо аз ҳеҷ чиз офарида шудаанд, ё худ холиқи худанд).

**Ҳис:** Дар сахтӣ ва машаққат мебошӣ, сипас дуо мекунӣ, мебинӣ, ки сахтӣ ба дуои Аллоҳ бартараф мешавад, ҳамонгуна ки Паёмбар ﷺ дар Уҳуд дуо кард.

**Фитрат:** Паёмбар ﷺ гуфт: "Ҳар навзод бар фитрат таваллуд мешавад, пас волидайнаш ӯро яҳудӣ мекунад ё насронӣ.......".

**Шаръ:** Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ гуфт, ки дар Қуръон ояте нест, магар ки дар он далел бар тавҳид аст.

❁(Ва малоикаҳои Ӯ): Онҳо олами ғайбӣ ҳастанд, Аллоҳ онҳоро аз нур офарида аст, Аллоҳро итоат мекунанд ва бефармонӣ намекунанд, арвоҳ доранд (Рӯҳи қудус) ва ҷасадҳо доранд **("Касе" ки фариштагонро расулоне қарор дод, дорои болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона, ҳарчи бихоҳад дар офариниш меафзояд**) ва ақлҳо ва қалбҳо доранд (**То замоне ки нигаронӣ аз дилҳояшон бартараф шавад, гӯянд: Парвардигоратон чӣ гуфт**), ба онҳо имон меорем ва ба номҳояшон, ки Аллоҳ моро таълим дод (монанди Ҷибраил ва Микоил ва Исрофил) ва ба сифатҳои онон (**Дар он чи ба онон фармон дода нофармонӣ намекунанд ва ҳар чи фармон меёбанд анҷом медиҳанд**) ва ба амалҳои онҳо (монанди бардорандагони Арш) ва ба ахборе ки аз онҳо омадааст.

❁(Ва китобҳои Ӯ): Воҷиб аст, ки имон биёрем, ки онҳо дар ҳақиқат каломи Аллоҳ ҳастанд на маҷозан ва ин ки онҳо нозилшудаанд, махлуқ нестанд ва

ин ки Аллоҳ бо ҳар расул китобе нозил кардааст, ба онҳо имон миёрем ва ба он чизе ки Аллоҳ аз номҳои онҳо ва ахбори онҳо ва аҳкоми онҳо ба таври муҷмал ва муфассал хабар додааст, имон меорем, модоме ки мансух нашудааст. Ва имон меорем, ки Қуръон ҳамаи китобҳои пеш аз худро мансухкунанда аст ва онҳо: Таврот, Инҷил, Забур, Саҳифаҳои Иброҳим ва Мусо алайҳимас салом аст.

❁(Ва расулони Ӯ): Воҷиб аст, ки имон биёрем, ки онҳо башар ҳастанд, барои онҳо аз хусусиятҳои парвардигорӣ чизе нест ва онҳо банда ҳастанд, ки парастида намешаванд ва ин ки Аллоҳ онҳоро фиристода аст ва ба сӯи онҳо ваҳй кардааст ва ба оятҳо онҳоро қувват додааст ва онҳо амонатро адо карданд ва умматро насиҳат карданд ва рисолатро расониданд ва дар роҳи Аллоҳ чуноне ки шоиста аст ҷиҳод карданд, ба онҳо имон меёрем ва ба он чизе ки Аллоҳ моро аз номҳо ва сифатҳо ва ахбори онҳо дононда аст ва ин ки аввали анбиё Одам ﵇ ва аввали расулон Нуҳ ﵇ ва хотами анбиё ва расулон Муҳаммад ﷺ аст ва ин ки шариатҳои пешин ҳамаашон ба шариати Муҳаммад ﷺ мансух ҳастанд ва расулони увлулазм панҷто ҳастанд дар сураи Шуро ва Аҳзоб зикр шудаанд: (Муҳаммад ва Нуҳ ва Иброҳим ва Мусо ва Исо).

❁(Ва рӯзи охир): Имони ба ҳамаи чизҳое ки Паёмбар ﷺ хабар доданд, ки пас аз марг рӯх медиҳад, шомил мешавад, мисли: Фитнаи қабр, дар сур дамидан, хестани мардум аз қабрҳояшон, мизонҳо, саҳифаҳо, сирот, ҳавз, шафоат, Ҷаннат, Дӯзах, дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар рӯзи қиёмат ва дар Ҷаннат ва ғайрашон аз умури ғайбӣ.

❁(Ва ба қадар имон биёрӣ): Феълро аз сар овард "имон биёрӣ" зеро ба қадар имон овардан муҳим аст ва он чор мартаба дорад:
Илм, навистани мавлоямон, машияти Ӯ ﷻ ва халқи Ӯ ва он эҷод ва пайдо кардан аст.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Илм:** Имон доштан ба ин ки Ӯ субҳонаҳу ва таъоло ҳамаи чизро ба таври умум ва тафсил донист ва далел гуфтаи Ӯ таъолост: (Он чи дар пеши рӯи онон ва он чи дар пушти сарашон аст медонад). | **Навистан:** Имон доштан ба ин ки Аллоҳ тақдирҳои ҳамаи чизро то барпо шудани қиёмат нависта аст ва далел: (Ва ҳеҷ пинҳоне дар осмон ва замин нест, магар он ки дар китоби равшан аст). | **Машият:** Имон доштан ба ин ки ҳар чи Аллоҳ хоҳад мешавад ва ҳар чиро нахоҳад намешавад ва ин ки банда машият дорад, ки дар тахти машияти Аллоҳ аст: (Ва намехоҳед магар он чиро ки Аллоҳ бихоҳад). | **Халқ:** Чизе нест магар ки Аллоҳ холиқи он ва идоракунандаи он ва султони он аст, ҳатто феъи махлуқ махлуқ аст: (Ва Аллоҳ шумо ва он чиро ки мекунед, офарид). |

**Далели дуюм то чорум:**

Ва аз Убода ибни Сомит разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ба фарзандаш гуфт: Эй писарам, таъми имонро нахоҳӣ чашид, то ин ки яқин дошта бошӣ ба ин ки мусибате, ки дучори он мешавӣ, ғайри мумкин буд, ки аз ту бигзарад ва он чи ки аз он наҷот ёфтӣ, дар тақдир набуд, ки ба ту бирасад. Ва ман аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки фармуд: Албатта аввалин чизе ки Аллоҳ офарид, қалам буд. Онгоҳ фармуд: Тақдири ҳама чизро то қиёмат бинавис. Фарзандам! Ҳамчунин аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки фармуд: Ҳар кас бар ғайри ин ақида бимирад, аз ман нест.

Ва дар ривояти Аҳмад омада ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Вақте Аллоҳ қаламро офарид, фармуд: Бинавис. Онгоҳ ҳар он чи бояд, то қиёмат анҷом мегирифт, навишта шуд.

Ва дар ривояти Ибни Ваҳб омада, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ҳар кас ба хайр ва шарри тақдир имон надошта бошад, Аллоҳ ӯро дар оташи Дӯзах месӯзонад.

Ва дар Муснад ва Сунан аз Ибни Дайламӣ ривоят шуда ки эшон назди Убай ибни Каъб разияллоҳу анҳу рафту гуфт: Дар дили ман андаке шубҳа дар мавриди тақдир пайдо шудааст. Дар ин мавриди чизе бигӯ, то қалбам шифо ёбад. Убай ибни Каъб разияллоҳу анҳу гуфт: Агар ба андозаи кӯҳи Уҳуд тилло садақа намоӣ, Аллоҳ аз ту қабул намекунад, то ин ки ба тақдир имон дошта бошӣ. Ва он чи ба ту расид, набояд аз ту мегузашт ва он чи аз ту мегузарад, набояд ба ту бирасад. Ва агар бар ғайри ин ақида бимирӣ, аз дӯзахиён хоҳӣ буд.

Ибни Дайламӣ мегӯяд: Сипас назди Абдуллоҳ ибни Масъуд, Ҳузайфа ибни Ямон ва Зайд ибни Собит рафтам, онҳо низ аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳамон чизеро бароям гуфтанд, ки Убай ибни Каъб гуфта буд. Ҳадиси саҳеҳ аст. (Ҳоким дар Саҳеҳи худ ривоят карда аст).

❁(То бидонӣ): ва Аллоҳ таъоло ба ин маъно ишора карда дар фармудааш: (**Ҳеҷ мусибате дар замин ва на дар вуҷуди шумо рӯй намедиҳад, магар пеш аз он ки онро падид орем дар китоб "Лавҳи маҳфуз навишта" аст, яқинан ин амр бар Аллоҳ осон аст "инро баён кардем" то ба хотири он чи аз дастон рафтааст афсус нахӯред ва ба он чи "Аллоҳ" ба шумо додааст шодмон нашавед ва Аллоҳ ҳеҷ худписанди фахрфуршро дӯст надорад**). (Сураи Ҳадид, ояти: 22-23)

❁ (Эй фарзандам): Дар ин меҳрубонӣ кардани фарзандон дар мавъиза аст ва шоиста аст, ки фарзандонро аҳкомро ба далелҳояш гуфта шавад: (1) То фарзандатро бар пайравии дулелҳо одат кунонӣ, (2) ва то ӯро бар муҳаббати Расул ﷺ тарбия кунӣ.

❁ (Дар нафси ман чизе аст): Он чи дар нафси Дайламӣ воқеъ шуд, далел бар хатар доштани ҳамнишинӣ бо аҳли бидъат аст, ки дар қадар шак кардаанд ва шубҳа ба нақл дафъ карда мешавад, пас онро дур мекунад ва ба ақл дафъ карда намешавад, пас онро зиёд мекунад.

❁(Қалам): Дар он ду ривоят аст, ба замма ва фатҳа (-и мим):
**1-Ривояти ба замма:** Маъноаш ин аст ки аввалин чизе ки Аллоҳ офарид, ба нисбати махлуқҳое ки онро мушоҳида мекунем, қалам аст, монанди осмонҳо ва замин, пас он аввалии нисбӣ аст. Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Ва мардум дар қаламе ки қазо ба он аз тарафи Дайён (Аллоҳ) нависта шуд, ихтилоф доранд. Оё пеш аз Арш буд ё баъди он, дар назди Абӯлалои Ҳамазонӣ ду қавл аст. Ва ҳақ ин аст, ки Арш пеш аст, зеро он пеш аз навистан соҳиби сутунҳо буд.
**2-Ривояти насб (фатҳа):** Маъноаш ин аст, ки Аллоҳ аввале ки қаламро офарид, амр ба навистан кард.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Баёни фарз будани имон ба тақдири илоҳӣ.
**Дуюм:** Баёни чигуна ба он имон доштан (ба чор мартабаи қадар имон дошта бошем).
**Сеюм:** Нобуд шудани амалҳои касе, ки ба он имон надошта бошад (пас он кофири куфри акбар аст).
Чорум: Хабар додан ба ин ки касе ба тақдир имон надорад, таъми имонро намечашад.
**Панҷум:** Зикри аввалин офаридаи Аллоҳ. (Шакке нест, ки қалам баъди офаридани Арш аст ва қалам нахустин чизе ки офарида шуд нисбат ба чизҳое ки мушоҳида мекунем, пас он пеш аз офаридани осмонҳо ва замин аст, пас аввалияти он нисбӣ аст).
**Шашум:** Қалам тамоми ҷараёнҳоеро, ки то қиёмат қарор буд, ки бишавад, навишт. (Дар ин ҳадис тавҷеҳи хитоби Аллоҳ ба ҷамод аст ва ин ки он амри Аллоҳро мефаҳмад, зеро Аллоҳ ба қалам хитоб кард, пас қалам фаҳмид ва иҷобат кард).
**Ҳафтум:** Безории Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз касе ба тақдир имон надорад (пас вай кофири куфри аз дин хориҷкунанда аст).
**Ҳаштум:** Одати гузаштагони нек барои дур кардани шубҳа аз олимон мепурсиданд. (Ба хотири устуворӣ чанд олимро пурсидан ҷоиз аст, на барои дунболи рухсатҳо шудан).
**Нуҳум:** Олимон ӯро посух медоданд ба чизе ки шубҳаашро дур мекард. Ва инҳам бошад онҳо суханро танҳо ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нисбат доданд. (Ба ин шубҳа аз пеши мӯъмин тамоман меравад ва монеъ нест, ки ба далелҳои ақлӣ ё ҳиссӣ далел биёрӣ ба хотири қонеъ кардани муқобил ва мувофиқ мутмаин шавад ва дар ин далели чорум аст ва он далели фитрат аст)

## (61) Боб надар он чи ки дар мавриди сураткашон (аз ваъдаи азоби сахт) омадааст

1-Дар тасвир офаридан ва ба вуҷуд овардан аст, ба сабаби ин сураткаш дар ин офаридан ва ба вуҷуд овардан шарик бо Аллоҳ мешавад.
2-Аввалин ширке ки дар замин дар қавми Нуҳ рӯх дод, сабаби он суратҳо ва пайкараҳо буд.

**Далели аввал то панҷум:**

1-Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Аллоҳ азза ва ҷалла мефармояд: Кӣ золимтар аст аз касе ки меҳоҳад, монанди Ман биофаринад (агар касе метавонад), пас зарра, ё дона, ё як донаи ҷав биофарад". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)
2-Ва дар Бухорию Муслим аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Сахттарини азоб дар рӯзи қиёмат бар касонест, ки дар офариниш бо Аллоҳ монанд мекунанд".
3-Ва дар Бухорӣ ва Муслим аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки мегӯяд: Расулуллоҳ ﷺ-ро шунидам, ки мефармуд: "Ҷои сураткаш дар оташ аст, ҳар сурате ки сохта аст ба сурати зинда дармеояд ва ӯро дар Дӯзах ба василаи он азоб медиҳанд".
4-Ва он ду аз Ибни Аббос ба таври марфӯъ ривоят карданд: "Ҳар кас дар дунё сурате кашидааст дар рӯзи қиёмат ӯро вазифадор мекунанд, ки дар он рӯҳ бидамад ва ӯ қудрати ин корро надорад".
5-Дар Муслим аз Абӯлҳайёҷ ривоят аст, ки мегӯяд: Алӣ разияллоҳу анҳу ба ман гуфт: Оё туро барои анҷоми коре ки Расулуллоҳ ﷺ маро барои анҷоми он фиристода буд, нафиристам? Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Ҳеҷ суратеро магузор, магар онро нобуд кун ва ҳеҷ қабри баландеро нагузор, магар онро ба хок баробар кун!".

❁**Уқубати сураткаш:** (1) Ин ки ӯ сахттарини мардум аз рӯи азоб аст, ё аз сахттарини онҳо аз рӯи азоб аст. (2) Ӯ лаънатшудааст. (3) Аллоҳ барои ӯ дар ҳар сурате нафсе меофарад, ки ба он дар оташи Ҷаҳаннам азоб дода мешавад. (4) Ӯ дар оташ аст. (5) Ӯ вазифадор карда мешавад, ки дар он рӯҳ бидамад ва рӯҳ дамида наметавонад. (6) Дар ин боб ягон кас золимтар аз ӯ нест, ё ӯ дар қуллаи зулм аст.
❁(Онро нобуд кун): Агар ранга бошад, ба гузоштани ранги дигар аломатҳои онро аз байн бибар ва агар пайкара бошад, пас сараш қатъ карда мешавад ва агар кандашуда бошад, пас чеҳрааш канда мешавад, то нишонаҳояш маълум нашавад, пас нобуд кардан гуногун мешавад ва зоҳири ҳадис ин аст, ки хоҳ ба ҷуз Аллоҳ парастида шавад ё не.
❁ (**Мушриф**): Яъне баланд, (**онро баробар кунам**) ду маъно дорад:

1-Онро бар муқтазои шариат нек қарор диҳам. 2-Онро бо дигар қабрҳо баробар кунам.

**Ақсоми гирифтани суратҳо:**

**1-Барои таъзими сураткашидашуда**, пас ин бешак ҳаром аст, зеро таъзими султон ба гирифтани сураташон сурох дар тавҳиди рубубият аст ва таъзими соҳиби ибодат ба гирифтани сураташон сурох дар тавҳиди улуҳият аст.

**2-Барои суд бурдан** ба назар кардан ба сӯи он ё ба он лаззат бурдан, пас ин барои фитнае ки дар он аст, ҳаром мебошад.

**3-Барои ёдоварӣ аз рӯи меҳрубонӣ**, мисли касоне ки фарзандони хурдашонро сурат мегиранд ва ин ҳаром аст.

**4-Ба гирифтани он маҷбур шуд**, мисли суратҳое ки дар пулҳо ва картаҳои шахсӣ аст, дар ин гуноҳе нест, зеро аз он парҳез кардан имкон надорад.

**5-Барои тобеъи ғайраш будан**, дар он мутлақо рағбат нест, мисли суратҳое ки дар журналҳо аст, дар ин боке нест, локин агар нобуд карданаш бе машаққат имкон дошта бошад, пас нобуд карданаш беҳтар аст.

**6-Пастзадашуда бошад**, дар партовҳо партофта шуда бошад ё паҳн карда шуда бошад ё зер карда шуда бошад, пас дар он боке нест. Ба ин либосе ки дар он сурат аст, намепайвандад.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Сахтгирии шадид барои сураткашон.

**Дуюм:** Баёни иллати он, ки иборат аст аз беадабӣ нисбат ба Аллоҳ, чуноне ки фармуд: Кӣ золимтар аст аз касе, ки мехоҳад монанди халқи Ман биофаринад? (Пас вай бо Аллоҳ бадахлоқикунанда аст, ҳамонгуна ки касе Ӯро дар шаръаш зид ояд, пас ягон кас золимтар аз вай нест).

**Сеюм:** Танбеҳ ба ин ки Ӯ тавоно ва бандагон нотавонанд, аз рӯи фармудааш: Пас дона ё ҷаве биофаринанд, (зеро Аллоҳ аз ин бузургтарро офарид ва онон аз офаридани дона ё ҷаве оҷиз омаданд).

**Чорум:** Ошкор сохтан ба ин ки сахттарини азоб барои онон аст.

Панҷум: Дар баробари ҳар сурате ки сохтааст, Аллоҳ мавҷуде дар Дӯзах меофаринад, ки ба василаи он шиканҷа дода мешавад.

**Шашум:** Вазифадор мешавад, ки дар он рӯҳ бидамад (ин аз сахттарини уқубатҳост).

**Ҳафтум:** Дастур ба ин ки ҳаргоҳ сурате ёфт шавад, онро нобуд карда шавад. (Дар ин ҷамъ байни фитнаи пайкараҳо ва фитнаи қабрҳост, зеро ҳар кадоми ин васила ба сӯи ширк аст ва дар ин исботи азоб дар рӯзи қиёмат аст ва ин ки ҷазо аз ҷинси амал аст ва воқеъ шудани таклиф дар рӯзи қиёмат ба чизе ки бардошт карда намешавад, бинобар ҷиҳати уқубат аст).

## (62) Боб андар он чи дар бисёр савганд хӯрдан (аз ваъдаи азоб аз рӯи таъзими Аллоҳ) омадааст

**Далели аввал:**
Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Ва савгандҳои худро нигоҳ доред!"**.

Мартабаҳои ҳифзи савганд

| Дар ибтидо онро ҳифз кардан: Бисёр савганд нахӯрдан. | Дар байн онро ҳифз кардан: Дар он ҳонис нашудан магар он чизе ки ҷудо карда шуда бошад. | Дар охир онро ҳифз кардан: Баъди ҳонис шудан кафорат додан. | Ба ғайри Аллоҳ савганд нахӯрад. |
|---|---|---|---|

**Далели дуюм то шашум:**
2-Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ-ро шунидам, ки мефармуд: ***"Савганд матоъро ба фуруш мерасонад ва баракатро аз байн мебарад"***. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)
3-Ва аз Салмон разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"Аллоҳ бо се нафар сухан намегӯяд ва онҳоро покиза намекунад ва барои онон азоби дарднок аст: 1-Марди пири зинокор. 2-Фақири мутакаббир. 3-Ва марде ки номи Аллоҳро василаи рӯзгузаронии худ қарор додааст, тавре ки чизе намехарад, магар ба савганд ва чизе намефурушад, магар ба савганд"***. (Табаронӣ бо санади саҳеҳ ривоят кардааст)
4-Дар Саҳеҳ аз Имрон ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"Беҳтарини мардум, мардумони асри Ман ва касоне ҳастанд, ки баъд аз онҳо меояд ва ҳамчунин касоне ҳастанд, ки баъд аз онҳо меоянд. Имрон мегӯяд: Намедонам инро ду бор такрор кард ё се бор ва афзуд, ки баъд аз шумо қавме меояд, ки шоҳидӣ медиҳад, дар ҳоле ки онро шоҳид намегиранд ва хиёнат мекунад ва амонатро нигоҳ намедоранд ва назр менамоянд ва ба он вафо намекунанд ва дар онҳо фарбеҳӣ ғолиб мешавад"***. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)
5-Ва дар Саҳеҳ аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: ***"Беҳтарини мардум, мардуми асри Ман аст, сипас мардуме ки баъди онҳо меояд, сипас мардуме ки баъди онҳо меояд, сипас қавме меояд, ки гоҳо шоҳидияш қасамашро сабқат мекунад ва гоҳо қасамаш шоҳидияшро"***.
6-Ва Иброҳими Нахаъӣ мегӯяд: Моро барои шоҳидию аҳд мезананд, дар ҳоле ки хурдсол будем.

❀(Манфақатун): Яъне матоъро ривоҷ медиҳад, (мамҳақатун): Яъне касбро талаф медиҳад.
❀(Ва онҳоро покиза намекунад): дар рӯзи қиёмат, онҳоро мавриди эътимод қарор намедиҳад ва онҳоро таъйид намекунад ва бар онҳо ба имон шоҳидӣ намедиҳад.
❀(Ушаймит): Касе ки мӯи сиёҳи сараш ба сафедаш ба хотири калонсолияш омехта шудааст ва шаҳваташ паст шудааст (оил) фақир, (кибркунанда) аз қабули ҳақ ва бар халқ.
❀(Намехарад магар ба савгандаш): Пас бисёр савганд хӯрданаш, ба паст задани савганд ва нодида гирифтани он огоҳ месозад.
❀(Ва талаби шоҳидӣ карда намешаванд): Ё дар шаҳодат шитоб мекунанд ё дурӯғ шаҳодат медиҳад.
❀ (Шаҳодати якеи онҳо савгандашро сабқат мекунад):
1-Барои ба онҳо кам боварӣ кардан, шаҳодат намедиҳанд, магар ба қасам.
2-Ё киноя аз ин аст, ки онҳо парвои шаҳодат ва савганд надоранд.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Васият кардан ба нигоҳ доштани савганд.

**Дуюм:** Хабар додан ба ин ки савганд, боиси фуруши матоъ мешавад, вале баракати онро мебарад.

**Сеюм:** Ваъдаи азоби сахт дар бораи касе ки намефурушад, магар ба савганд ва намехарад магар ба савганд.

**Чорум:** Огоҳ сохтан бар ин ки гуноҳ бо заиф будани асбобаш бузург мешавад.

**Панҷум:** Мазаммати касоне ки савганд мехӯранд дар ҳоле ки аз онҳо хоста нашуда, ки савганд хӯранд (магар ҳоҷате бошад ё ҳаргоҳ маслиҳат талаб намояд).

**Шашум:** Ситоиши Расулуллоҳ ﷺ аз мардумони се асри аввал, ё чор асри аввал ва баёни ҳодисаҳои баъд аз онҳо.

**Ҳафтум:** Мазаммати касоне ки гувоҳӣ медиҳанд дар ҳоле ки аз онҳо касе нахостааст, ки гувоҳӣ диҳанд (ва хиёнат мекунанд ва амонат дода намешаванд ва назр мекунанду вафо намекунанд ва касоне ки асбоби фарбеҳ шуданро мегиранд ва аз фарбеҳ кардани қалб ба имону илм ғофил мебошанд).

**Ҳаштум:** Гузаштагони нек, фарзандонашонро ба хотири гувоҳӣ ва вафо ба аҳд танбеҳ медоданд, (аз рӯи таъзими аҳду шаҳодат ва аз рӯи аҳамият додани онҳо ба тарбияи фарзандонашон. Барои ҷоиз будани задани кӯдак шарт гузошта шудааст:
1-Кӯдак қобили адаб додан бошад, пас касеро, ки мақсади заданро наме-фаҳмад, зада намешавад.
2-Адаб додан аз тарафи валии кӯдак мебошад.
3-Дар адаб додан аз рӯи миқдор, чигунагӣ, ё навъ ё мавзеъ ё ғайри ин исроф накунад.
4-Кӯдак коре содир кунад, ки бар он шоистаи адаб додан бошад.
5-Қасди адаб додани вай бошад, на барои интиқом гирифтани худаш, вагарна нусратдиҳандаи нафси худаш аст).

## (63) Боб андар он чизе ки дар мавриди паймони Аллоҳ ва паёмбараш омадааст (аз рӯи ихлос ва пайравӣ)

Ба аҳди Аллоҳ вафо накардан, паст задани Ӯст ва ин дар тавҳид халал меорад, пас таъзими Аллоҳ воҷиб аст, ки дар таомули бо мардум бошад ва агарчи кофир бошанд ва агарчи дар душвортарини ҳолатҳо бошад ва он ҷиҳоди дар роҳи Аллоҳ аст, пас шариатро ҳоким мегардонад ва аҳди Аллоҳ ва аҳди Паёмбараш ﷺ таъзим кунед.

**Далели аввал ва дуюм:**

1-Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва ба паймони Аллоҳ (чун паймон бандед) вафо кунед ва савгандҳоро баъди муҳкам сохтани онҳо машиканед", то охири оят.

2-Ва аз Бурайда разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ҳаргоҳ Расулуллоҳ ﷺ касеро амири лашкар таъйин мекард, ӯро ба тақвои илоҳӣ дар мавриди худ ва мусалмононе ки бо ӯ ҳамроҳ буданд, васият карда мефармуд: "Ба номи Аллоҳ, дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод кунед ва ба касоне ки куфр варзиданд, биҷангед. Ҷиҳод кунед ва хиёнат накунед. Аҳдшиканӣ накунед, мусла накунед (яъне гушу бинӣ набуред). Кӯдаконро макушед. Ҳаргоҳ бо мушрикон ва душманонатон рӯ ба рӯ шудӣ, онҳоро ба қабули яке аз ин мавридҳо даъват кун ва ҳар кадомро қабул карданд, аз онон қабул кун, онҳоро аввал ба Ислом даъват кун, агар қабул карданд ту низ қабул кун. Онгоҳ аз онон бихоҳ ки ба шаҳри мусалмонон ҳиҷрат бикунанд. Ва бигӯ агар чунин кардед, аз тамоми ҳуқуқе ки муҳоҷирон аз он бархӯрдоранд ва ё бар уҳдаи онҳост, шумо низ аз онҳо бархӯрдор хоҳед буд. Ва агар ҳиҷратро қабул накарданд, монанди мусалмонони саҳронишин бо онҳо муомала мешавад. Яъне пойбанди Ислом бишаванд, аммо аз ғаниматҳо саҳме ба онҳо дода намешавад, магар ин ки дар ҷиҳод иштирок кунанд. Агар Исломро қабул накарданд, аз онҳо ҷузия (молиёт) бихоҳ, агар қабул карданд, ту низ қабул кун ва даст аз ҷанг боз дор. Аммо агар қабул накарданд, пас ба кумаки Аллоҳ бо онон биҷанг. Ва агар қалъаеро муҳосира кардӣ, сипас онон хостанд, ки ба аҳду паймони Аллоҳ ва паёмбараш бо ту сулҳ бикунанд, чунин макун, балки бар асоси аҳду паймони худат бо онон вориди гуфтугӯ шав, зеро агар шумо аҳду паймони худро бишканед, ҷазояш камтар аст аз ин ки аҳду паймони Аллоҳ ва расулашро бишканед, ҳамчунин агар сокинони қалъаеро дар муҳосираи худ даровардӣ, онгоҳ аз ту хостанд ки ҳукми Аллоҳро дар мавриди онон иҷро кунӣ, чунин макун, балки ҳукми худатро пешниҳод кун, зеро аз куҷо маълум, ки шумо воқеан мутобиқ бо дастури Аллоҳ бо онон рафтор кунед". (Ривояти Муслим)

❀(Ҷайш): Лашкаре ки аз чорсад мард зиёд аст.
❀(Ё сария): Сария аз чорсад мард кам аст.
❀(Ба номи Аллоҳ биҷангед): 1) Аз Аллоҳ ёрӣ талабкунанда. 2) Ҷангро ба номи Аллоҳ сар кунед.
❀(Дар роҳи Аллоҳ): Ният ва амалро шомил мешавад.
❀(Касе ки ба Аллоҳ кофир шавад): Бо мардум аз рӯи асабият ё қавмгароӣ ё ватанпарастӣ ҷанг накунед, барои маслиҳати онҳо бо онҳо биҷангед ва он наҷот додани онҳо аз оташ аст ва мадори куфр ба ду амр аст: Инкор ва кибр кардан.
❀(Ва хиёнат накунед): Чизе аз моли ғаниматро пинҳон накунед, пас мухтас ба он аст ва он аз гуноҳони кабира аст.
❀(Ва ғадр накунед): Ҳаргоҳ аҳд кардем, хиёнат намекунем ва ғадр беаҳд ҷоиз аст, зеро ҷанг фиреб додан аст.
❀(Ва мусла накунед): Зишт кардан ба буридани баъзе аъзо, ки ба он ҳоҷат нест, зеро он дар ғайри маҳалаш интиқом гирифтан аст, магар ҳаргоҳ ки моро мусла кунанд.
❀(Валидан): Пас хурдсол, занон, пиронсолон, обидон ва беморонро намекушем, магар ки биҷангаанд ё бар ҷанг ташвиқ кунанд, ё барои онҳо дар ҷанг раъй бошад.
❀(Душманат): Барои ҷанги онҳо барангехтан ва душман туро хор мекунад ва аз ту дур мешавад ва ҳаққи туро поймол мекунад.
❀(Ғанимат): Оне ки аз молҳои кофирон ба ҷанг ё ба чизе ки ба он мепайвандад, гирифта мешавад
❀(Ва файъ): Он чизе ки барои байтулмол сарф мешавад, монанди панҷяки панҷяки ғанимат ва хироҷ ва ҷузя.
❀(Магар ки ҷиҳод кунанд): Ҳаргоҳ ислом оранд ва ҷиҳод кунанд, пас барои онҳо он чизе ки аз ғанимат ва файъ барои мусалмонон аст, мебошад. ❀(Ҷизя): Моле ки ғайри мусалмон дар ивази ҳимояи ӯ ва зистанаш дар дори мусалмонон пардохт мекунад ва дар ин ҷоиз будани гирифтани ҷизя аз ғайри яҳуд ва насоро ва маҷус мебошад.

**Он чи бо ҳамаҳдон мекунем**

| | | |
|---|---|---|
| Ба аҳд вафо кардан воҷиб мебошад, ҳаргоҳ онҳо ба аҳд вафо кунанд: (То замоне ки вафодор монданд, шумо низ вафодор бимонед). | Ҳаргоҳ аҳдро шикастанд, аҳд соқит мешавад ва ҷангидан бо онҳо ҳалол мешавад: (Ва агар паймони худро пас аз аҳди худ шикастанд). | Ҳаргоҳ дар аҳде тараддуд кардем, бар онҳо онро мегардонем: (Ва агар аз хиёнати қавме бим доштӣ мунсифона "паймонашонро" ба сӯи онон бияндоз). |

| Он чи мусалмонон дар ҷиҳодашон бо кофирон мекунанд | Он чи кофирон дар вақти ҷангиданашон бо мусалмонон мекунанд |
|---|---|
| **Қатли кӯдакон, занон, обидон ва беморон ҳаром аст.** | **Куштани кӯдакон, занон, обидон ва беморон**. |
| **Бо онҳо ба хотири маслиҳати онон ҷангидан (наҷот додани онҳо аз оташ).** | Ҷангидани онҳо барои дунё. |
| **Барои онҳо аҳдро вафо мекунанд.** | **Бисёр аҳдро мешикананд.** |
| Ҳаргоҳ кофирҳо аҳдро шикананд, онҳоро ба тамом шудани аҳд огоҳ мекунанд. | **Аз онҳо огоҳ кардан ҳосил намешавад, ҳаргоҳ аз тарафи мусалмонҳо чизе рӯй диҳад.** |
| Хиёнат намекунанд. | Хиёнат мекунанд. |
| **Гушу бинии кушташудагонро намебуранд, магар ҳаргоҳ дар куштани онҳо мусла шуда бошад.** | Кушташудагонро мусла мекунанд, бе ин ки дар кушташудагони онҳо мусла шуда бошад. |
| Бо онҳо намеҷанганд то онҳо дар байни Ислом ё ҷизя ё ҷанг ихтиёр диҳанд. | Аслан дар назди онҳо даъват нест. |
| Дар ҳукм адл мекунанд ва зулм намекунанд | Аҳкоми онҳо бар зулм бино ёфтааст. |
| **Адади кушташудагон аз биъсати Ӯ ﷺ то вафоташ, дар ҳамаи ҷангҳо аз ҳазор намегузарад.** | Паёмбар ﷺ танҳо як мардро кушт. |
| Кӯдак ё зан ё пиронсоле кушта нашуд. | |

<u>**Масъалаҳо:**</u>

**Якум:** Фарқ байни аҳду паймони Аллоҳ ва паёмбараш ва аҳду паймони мусалмонон.

**Дуюм:** Роҳнамоӣ ба масъалае, ки зарараш аз масъалаи дигар камтар аст.

**Сеюм:** Ин дастури Расулуллоҳ ﷺ, ки фармуд: Ба номи Аллоҳ ва дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод кунед (ғазв бо ёрӣ хостан аз Аллоҳ ва ихлос ва мувофиқи шариат рафтан воҷиб мебошад).

**Чорум:** Ин фармоиши Расулуллоҳ ﷺ, ки фармуд: Бо касоне ки ба Аллоҳ куфр варзиданд, биҷангед (ва сабаби бо онон ҷангидан куфр аст).

**Панҷум:** Ин роҳнамоии Расулуллоҳ ﷺ, ки фармуд: Бо кумаки Аллоҳ бо онон биҷанг (ва инсон бар қувваташ эътимод намекунад).

Шашум: Фарқ байни ҳукми Аллоҳ ва ҳукми олимон.

**Ҳафтум:** Ин ки саҳобии Паёмбар ﷺ, дар вақти зарурат ҳукме содир мекунад, ки намедонад, бо ҳукми Аллоҳ мувофиқ аст ё не? (Ин хос ба саҳобагон нест, балки ҳатто барои баъди онон ҳам ҳаст).

## (64) Боб андар савганд хӯрдан бар Аллоҳ

Касе бар Аллоҳ савганд хӯрад, пас бо ҳамроҳи Ӯ беадабӣ карда ва фазли Ӯро танг карда ва ба нисбати Ӯ гумони бад кардааст ва ҳамаи ин камоли тавҳидро нафй мекунад ва шояд асли тавҳидро нафй кунад, пас савганд хӯрдан бар касе ки бузург аст паст задан мебошад.

### Ақсоми бар Аллоҳ ﷻ савганд хӯрдан:

Ҷоиз аст, ки ба он чи Аллоҳ ва расулаш ба он аз нафйю исбот хабар дода аст, қасам бихӯрад ва дар ин далел бар яқинаш аст, (Қасам ба Аллоҳ, ҳароина Аллоҳ паёмбарашро дар рӯзи қиёмат барои халқ шафоатгар мегардонад).

Ҷоиз аст ки бар Парвардигораш қасам ёд кунад аз рӯи қуввати умедаш ва гумони некаш ба Парвардигораш, ба шарте ки амали нек дошта бошад, ҳамчуноне ки дар қиссаи Анас ибни Назр ﷺ аст.

Ҳаром аст ва наздик аст, ки амалро бекор кунад: Ба он водор кунанда худбинӣ бошад ва танг қарор додани фазли Аллоҳ ва ба Ӯ таъоло гумони бад кардан, бошад.

**Далели аввал ва дуюм:**

1-Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Марде савганд хӯрд ва гуфт: Ба Аллоҳ савганд, ки Аллоҳ фалониро намебахшад. Аллоҳ фармуд: Ин кист, ки Маро савганд медиҳад, ки фалониро намебахшам? Ман ӯро бахшидам ва амали туро нобуд гардондам". (Ривояти Муслим)

2-Ва дар ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу омада, ки гӯяндаи ин сухан шахси ибодаткун буд. Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу мегӯяд: Он шахс бо гуфтани як сухан дунёву охираташро бар бод дод.

❁(Аллоҳ фалониро намебахшад): Бар ноумед шудан аз раҳмати Аллоҳ ва паст задани бандагони Аллоҳ ва худбинӣ далолат мекунад.

❁(Ба Ман савганд мехӯрад): Фазлу неъмати маро танг мегардонад, ки Ман бандаеамро ки бадӣ кардааст, мағфират намекунам.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Ҳушдор аз савганд додани Аллоҳ, ё савганд хӯрдан ба ҷои Аллоҳ.

**Дуюм:** Оташ аз банди кафшамон ба мо наздиктар аст.

**Сеюм:** Биҳишт ҳамчунон наздик аст.

**Чорум:** Ин ҳадис таъйид медиҳад ҳадисеро, ки дар он омада: "Мард ҳар-оина сухане мегӯяд..." то охири ҳадис.

**Панҷум:** Гоҳо инсон ба хотири амале, ки дар наздаш нописандидатарин аст, бахшида мешавад.

## (65) Боб аз Аллоҳ талаб карда намешавад, ки барои халқаш шафоатгар шавад (барои камоли бузургияш)

Аллоҳро шафоатгар гирифтан бар халқаш, паст задани Аллоҳ аст, зеро ӯ мартабаи Аллоҳро пасттар аз мартабаи дар назди вай шафоатшуда паст қарор додааст.

**Далели аввал:**

Аз Ҷубайр ибни Мутъим разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки марди саҳронишин назди Расулуллоҳ ﷺ омада гуфт: Эй Расулуллоҳ ҷисмҳо заиф ва лоғар шуданд, фарзандон гурусна ва чаҳорпоён ҳалок шуданд. Аз Парвардигорат, барои мо талаби борон кун! Мо Аллоҳро шофеъи ту ва туро шофеъи Аллоҳ қарор медиҳем. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Субҳоналлоҳ, субҳоналлоҳ, чандин мартаба тасбеҳ гуфт ва ҳатто ранги асҳобаш низ парид. Онгоҳ фармуд: Вой бар ту! Оё медонӣ Аллоҳ кист? Шаъну манзалати Аллоҳ бузургтар аз ин аст. Ва афзуд, ки Аллоҳро шофеъи ҳеҷ як аз бандагон қарор намедиҳанд". Ва ҳадисро зикр кард. (Ривояти Абӯдовуд).

❁(Лоғар шуд): Заиф шуд, (ва чаҳорпоён ҳалок шуданд): Аз бориши кам ва хушкӣ.
❁ (Пас талаби борон кун): Аз Аллоҳ талаб кун, ки ба мо борон нозил кунад ва ин дуруст аст аз касе ки иҷобати дуои ӯро умед карда мешавад бениёзмандӣ ба вай.
❁( Мо Аллоҳро шофеъи ту қарор медиҳем): Яъне Ӯро восита дар байни худамон ва дар байни ту қарор медиҳем, то Аллоҳро барои мо дуо кунӣ. Ва ин тақозо мекунад, ки ӯ мартабаи Аллоҳро пасттар аз мартабаи Расул ﷺ қарор додааст ва ин мункар аст.
❁( Субҳоналлоҳ, субҳоналлоҳ): Аз рӯи бузург ҳисобидани ин сухан ва инкори он ва пок шуморидани Аллоҳ ﷻ.
❁(Вой бар ту): Ба ту раҳм ва меҳрубонӣ мекунам.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Инкор бар касе ки мегӯяд: Мо Аллоҳро назди ту шафеъ қарор медиҳем.
**Дуюм:** Тағйири симои Расулуллоҳ ﷺ ва осори он дар симои асҳобаш низ, дар асари шунидани ин сухан.
**Сеюм:** Ин суханро ки гуфт: "Туро шафеъи Аллоҳ қарор медиҳем" рад накард.
**Чорум:** Огоҳ сохтан ба маънои "субҳоналлоҳ".
**Панҷум:** Мусалмонон дар вақти хушксолӣ назди Расулуллоҳ ﷺ меомаданд ва аз Ӯ дархости дуои талаби борон менамуданд. (Дар вақти ҳаёти Ӯ ﷺ). (Ва дар ин омадааст, ки шоиста аст, ки инсон дар назди талаб кардан, сифатҳоеро, ки меҳрубонӣ кардан бар ӯро лозим мегардонад, тақдим намояд).

## (66) Боб андар посбонии Расулуллоҳ ﷺ аз марзҳои тавҳид ва бастани роҳҳои ширк (ҳатто дар лафзҳо)

**Далели аввал ва дуюм:**

1-Аз Абдуллоҳ ибни Шиххир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки мегӯянд: Ман бо ҳайати бани Омир будам, ки назди Расулуллоҳ ﷺ рафтем ва ба эшон гуфтем: Шумо сайиди мо ҳастед. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Сайид Аллоҳ таборак ва таъолост. Гуфтем: Шумо аз ҳама бузургтар ва аз ҳама саховатмандтаред. Ҳамин сухан ё баъзеи онро бигуед. Шайтон бар шумо ғалаба накунад. (Абӯдовуд бо санади ҷайид ривоят кардааст)

2-Аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гурӯҳе аз мардум ба Расулуллоҳ ﷺ гуфтанд: Эй Расулуллоҳ ﷺ, эй беҳтарини мо ва фарзанди беҳтарини мо ва сайиди мо ва фарзанди сайиди мо. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Эй мардум сухaнонатонро бигуед ва шайтон шуморо фиреб надиҳад. Ман Муҳаммад бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ ҳастам. Дӯст надорам, ки маро болотар аз он чи ҳастам бибаред". (Инро Насоӣ бо санади ҷайид ривоят кардааст).

❁(Сайид Аллоҳ аст): Сайид номе аз номҳои Аллоҳ аст ва он аз маъноҳои самад (бениёзӣ) аст, онҳоро манъ кард, ки шайтон онҳоро бикашонад, пас аз сиёдати хосс ба сӯи сиёдати оммаи мутлақ, ки барои Аллоҳ аст, тараққӣ диҳад.

❁(Ва шуморо накашонад): Шуморо нагрдонад ба сӯи ин ки сухани мункар бигуед, пас онҳоро роҳнамоӣ кард ба сӯи чизе ки шоиста аст, ки анҷом дода шавад ва аз чизе ки шоиста нест, онҳоро манъ кард, аз рӯи ҳимоя кардани тавҳид аз нуқсон ва шикастан.

❁(Эй беҳтарини мо): аз рӯи насаб ва мақом ва ҳол, (ва писари беҳтарини мо) дар насаб на дар мақом ва ҳол.

❁(Ва шайтон шуморо фиреб надиҳад): Шайтон шуморо аз роҳ нагардонад, пас онро бихоҳед ва роҳҳои ӯро пайравӣ кунед, то ба ғулув бирасед.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Таҳзири мардум аз зиёдаравӣ.

**Дуюм:** Агар ба касе гуфта шуд сайиди мо, чӣ бигӯяд? (Мегӯяд: Сайид Аллоҳ аст ва бинобар ин сайид гардондани фосиқ, мунофиқ, кофир ҷоиз намебошад, хоҳ мард бошад ё зан).

**Сеюм:** Дастури Ӯ ﷺ "шуморо шайтон фиреб надиҳад" бо вуҷуди ин ки ҷуз сухани ҳақ нагуфта буданд.

**Чорум:** Фармудаи Расулуллоҳ ﷺ "Дӯст надорам, ки маро бештар аз он чи ҳастам, болотар бибаред". (Ва он бандагӣ ва рисолат аст).

## Даҳум: Хотима (як боб аст)

Китобро ба ин боб хатм намуд, ва Аллоҳ донотар аст:
1-То монанди мушрикҳо набошем, ки Холиқро таъзим намекунанд.
2-То ба амаламон мағрур нашавем, пас дар амали шахс ҳатман кутоҳӣ аст, пас банда худро барои Аллоҳ хор ва шикастанафс мегирад.
3-Аз рӯи иқтидо кардан ба имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ дар хатми китобаш ба ҳадиси (дар мизон вазбин ҳастанд), пас гӯё ӯ Аллоҳро дуо мекунад, ки мизонҳояшро ба ин китоб вазбин гардонад, ҳамчуноне ки ин махлуқот вазбин гаштаанд ва аз лағжиш талаби мағфират мекунад.

## (67) Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Ва Аллоҳро (ба андозаи) ҳаққи шинохтани Ӯ нашинохтанд ва рӯзи қиёмат ҳамаи замин якҷо дар қабзаи Ӯ бошад ва бартар аст аз он чи ки ширк меоранд".

❁Замир бар мушрикон боз мегардад, ки Аллоҳро чуноне ки шоистаи таъзим аст, таъзим накарданд, ба ҳайсе ки махлуқоташро ба Ӯ шарик гардонданд ва Ӯ аз ҳар нуқсону айб пок аст ва аз ҳамтоён пок мебошад ва агар Ӯро чуноне ки шоистаи таъзимаш аст, таъзим мекарданд, ғайри Ӯро ибодат ва итоат намекарданд.

**Далели дуюм:**

Аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки яке аз донишмандони яҳуд, назди Расулуллоҳ ﷺ омаду гуфт: Мо дар Таврот инро мебинем, ки Аллоҳ осмонҳоро бар рӯи як ангушт ва заминҳоро рӯи ангушти дигар ва дарахтонро рӯи як ангушт ва обро рӯи як ангушт ва хокро рӯи як ангушт ва дигар махлуқотро рӯи як ангушти Худ қарор медиҳад, онгоҳ мегӯяд: Манам подшоҳ. Расулуллоҳ ﷺ дар ҳоле ки суханони он яҳудиро тасдиқ мекард, тавре табассум кард, ки дандонҳояш, ошкор гардид ва ин оятро тиловат кард: **"Ва Аллоҳро (ба андозаи) ҳаққи шинохтани Ӯ нашинохтанд ва рӯзи қиёмат ҳамаи замин якҷо дар қабзаи Ӯ бошад"**. Ва дар ривояти Муслим чунин омадааст, ки кӯҳҳо ва дарахтонро рӯи як ангушт қарор медиҳад ва онҳоро маҳкам меҷунбонад ва мегӯяд: Манам подшоҳ, манам Аллоҳ. Ва дар ривояти Бухорӣ чунин омадааст, ки осмонҳоро рӯи ангушт ва обу хокро рӯи ангушти дигар ва бақияи махлуқотро рӯи ангушти дигар қарор медиҳад. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

❃(Ҳибр): Олиме ки илми васеъ дорад ва ӯро баҳр гуфта мешавад, (мо мехонем): Яъне дар Таврот.

❃ Дар ин исботи ангуштон барои Аллоҳ аст, ангуштони ҳақиқӣ, ки ба Аллоҳ лаёқат доранд, ҳамчуноне ки даст дасти ҳақиқӣ аст, ки ба Аллоҳ лаёқат дорад.

**Далели сеюм то панҷум:**

3- Ва аз Ибни Умар разияллоҳу анҳу дар Саҳеҳи Муслим ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: Аллоҳ дар рӯзи қиёмат осмонҳоро мепечонад ва онҳоро дар дасти рости Худ мегирад ва мегӯяд: Манам подшоҳ, куҷоянд подшоҳони ситамгар? Куҷоянд мутакаббирон? Сипас заминҳои ҳафтгона-ро дар дар дасти чапаш мегирад ва мегӯяд: Манам подшоҳ куҷоянд под-шоҳони ситамгар? Куҷоянд мутакаббирон? (Ривояти Муслим)

4-Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Осмонҳо ва заминҳои ҳафтгона дар дасти Аллоҳ, монанди донаи хардал дар дасти яке аз шумо мебошад.

5-Ва Ибни Ҷарир мегӯяд: Юнус ба ман ҳадис гуфт, Ибни Ваҳб ба мо хабар дода гуфт: Ибни Зайд гуфтааст, ки падарам ба ман хабар дод, ки Расулул-лоҳ ﷺ мефармояд: Осмонҳои ҳафтгона дар муқобили Курсии Аллоҳ монанди чанд дирҳам аст, ки дар дохили сипаре қарор дода шуданд. Ва гуфт: Абӯзар разияллоҳу анҳу гуфт: Аз Расулуллоҳ ﷺ шунидам, ки мегуфт: Курси дар муқобили Арш монанди ҳалқаи оҳанине аст, ки дар миёни дашти бузурге афтода бошад.

❃(Ман Малик ҳастам): Ман мулки мутлақ ва султони пурра дорам, дар ин ду касе бо Ман низоъ намекунад.

❃(Мутакаббирон дар куҷоянд?): Суол барои мубориза аст, яъне подшо-ҳони дунё, ки бар болои бандагони Аллоҳ султа ва такаббур ва кибр дош-танд дар куҷоянд? Ва онҳо дар он вақт ба монанди зарра барангехта ме-шаванд, ки мардум онҳоро ба қадмҳояшон зер мекунанд.

❃(Ба дасти чапаш): Ин зиёдати шоз (танҳо) аст ва ҳаргоҳ фарз кунем, ки он ҳифзшуда аст, пас он ба маънои дасти дигар мебошад. Ва ҳадиси (**ҳар ду дасташ рост аст**)-ро нафй намекунад ва монанди дасти чапи махлуқ нест, ки аз дасти рост ноқис аст

❃(Монанди донаи испанд): Донаи наботи хело хӯрд аст, ва ин далолати бар азамати Аллоҳ мекунад ва ин ки Ӯро чизе ба илм иҳота намекунад.

❃(Курсӣ): Мавзеи ду қадами Аллоҳ ﷻ аст. (Турс-сипар): Чизе аз пуст ё чуб аст, дар вақти ҷанг бардошта мешавад, ба он аз шамшер, найза ва монан-ди ин ду ҳимоя карда мешавад.

❁(Арш): Махлуқи бузурге, ки (Аллоҳи) Раҳмон бар болои он аст ва андозаи онро ҷуз Аллоҳ касе намедонад.
❁Ҳадис бар азамати Аллоҳ ﷻ далолат мекунад, пас ба тафсири оят дар тарҷумаи боб муносиб мебошад.

**Далели шашум ва ҳафтум:**

6- Ва аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу нақл шудааст: Байни осмони дунё то осмони баъди ба андозаи масофаи 500 сол мебошад. Ва байни ҳар осмон то дигаре ҳамин қадар аст. Ва аз осмони ҳафтум то Курсӣ 500 сол аст ва байни Курсӣ ва об 500 сол аст. Ва Арши Аллоҳ рӯи об ва Аллоҳ болои Арш аст. Ва ягон амалатон бар Ӯ пӯшида нест. (Ибни Маҳдӣ аз Ҳаммод ибни Салама, аз Осим аз Зур аз Абдуллоҳ ривоят кардааст. Ва монанди инро Масъудӣ аз Осим аз Абӯвоил аз Абдуллоҳ ривоят карда аст. Инро Ҳофизи Заҳабӣ раҳимаҳуллоҳ гуфтааст. Гуфт: Барои ин асар чандин тариқ аст).

Ва аз Аббос ибни Абдулмутталиб ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Оё медонед, байни замину осмон чӣ қадар аст? Гуфтем: Аллоҳ ва расулаш беҳтар медонад, фармуд: Байни замин ва осмон ба андозаи 500 сол мебошад. Ва аз ҳар осмон то осмони дигар ҳамин масофа вуҷуд дорад. Ва ғафсии ҳар осмон низ 500 сола роҳ мебошад. Ва байни осмони ҳафтум ва Арш баҳре вуҷуд дорад, ки чуқурии он ба андозаи миёни осмон ва замин мебошад. Ва Аллоҳ таъоло болои он аст ва ягон амали фарзанди Одам бар ӯ пӯшида нест. (Абӯдовуд ва дигарон ривоят кардаанд).

❁(Ва Аллоҳ бар болои Арш аст): Далели ошкор бар исботи олӣ будани Аллоҳ таъоло дар зот ва сифатҳояш аст.
❁( Ва ягон амалатон бар Ӯ пӯшида нест): Амалҳои қалбҳо ва аъзои бадан ки баъзеи он дидашуда ва шунидашуда аст ва ин барои умуми будани илми Ӯ ва васеъии он аст ва инро баъди зикри олӣ будани Ӯ овард, то баён кунад, ки олигии Ӯ аз донистани амалҳои мо, Ӯро манъ намекунад ва ин ишораи возеҳ ба сӯи олӣ будани Зоти Ӯ субҳонаҳу ва таъолост.
❁(Ҳал-оё): Суол аст, ки мурод ба он ду амр аст: 1-Ташвиқ кардан барои он чизе ки зикр карда мешавад. 2-Танбеҳ ба сӯи он чизе ки бар онҳо гуфта мешавад.
❁(Аллоҳ ва расулаш донотар аст): Гуфта мешавад дар: 1-Вақти ҳаёти Ӯ ﷺ, 2-ва дар умури шаръӣ, ки онро медонад.
❁ Дар ин таъзими Аллоҳ ва аз мухолифатии Ӯ ҳазар кардан аст, зеро Ӯ бар болои мост, пас Ӯ бар мо олӣ аст ва амри Ӯ моро иҳота мекунад.

**Масъалаҳо:**

**Якум:** Тафсири н сухани Парвардигор, ки фармуд: "Ва рӯзи қиёмат ҳамаи замин якҷо дар мушти Ӯ бошад".

**Дуюм:** Ин масъалаҳо назди яҳуд, дар замони Паёмбар ﷺ боқӣ монда буданд ва онҳо на онҳоро инкор ва на таъвил мекарданд. (Гӯё мегӯяд: Яҳуд аз таҳрифкунандагони он беҳтар аст, зеро онҳо онро на дурӯғ шумориданд ва на таъвил карданд).

**Сеюм:** Расулуллоҳ ﷺ сухани он олими яҳудиро тасдиқ кард ва ояте низ ба тасдиқи ӯ нозил гардид.

**Чорум:** Хандидани Расулуллоҳ ﷺ ба хотири ошкор сохтани ин илм, ба воситаи он яҳудӣ буд.

**Панҷум:** Ошкор сохтан ба ин ки Аллоҳ дорои ду даст мебошад, ки осмонҳо рӯи дасти рост ва заминҳо рӯи дасти дигараш қарор хоҳанд гирифт. (Ва барои Аллоҳ сифати ду даст ба Қуръон, суннат ва иҷмоъи салаф собит шудааст).

**Шашум:** Ошкор намудан ба ин ки дасти дигараш чап номида шудааст. (Ривояти шоз аст).

**Ҳафтум:** Дар онҷо ҷабборон ва мутакаббиронро хитоб мекунад.

**Ҳаштум:** Замин ва осмон дар дасти Аллоҳ, монанди хардале дар дасти инсон хоҳад буд.

**Нуҳум:** Бузургии Курси нисбати осмонҳо (монанди ҳафт дирҳаме ки дар сипар партофта шудааст).

**Даҳум:** Бузургии Арш нисбати Курси (монанди ҳалқае, ки дар саҳро партофта шудааст).

**Ёздаҳум:** Арш, Курси ва об чизҳои ҷудогона мебошанд.

**Дувоздаҳум:** Чӣ қадар масофа аст байни осмонҳо? (Пансад сол).

**Сездаҳум:** Миёни осмони ҳафтум ва Курси чӣ қадар аст? (Пансад сол).

**Чордаҳум:** Миёни об ва Курси чӣ қадар аст? (Пансад сол).

**Понздаҳум:** Арш дар рӯи об аст.

**Шонздаҳум:** Албатта Аллоҳ дар болои Арш аст.

**Ҳабдаҳум:** Масофаи миёни осмон ва замин чӣ қадар аст? (Пансад сол).

**Ҳаждаҳум:** Ғафсии ҳар осмон пансад сола роҳ аст.

**Нуздаҳум:** Баҳре ки дар болои осмонҳост, умқи он пансад сола роҳ аст. Ва Аллоҳ донотар аст. (Аз ҳадисҳои боб истифода бурда мешавад: 1) Аз мухолифатии Аллоҳ ҳазар кардан. 2) Бар Аллоҳ чизе аз амалҳои фарзани Одам пӯшида намемонад). Ва Аллоҳ донотар аст ва ҳамд барои Аллоҳи парвардигори оламиён аст ва салоту саломи Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ﷺ бод ва Аллоҳро дуо мекунам, ки хотимаи мову шуморо ба тавҳид хотима бахшад, омин.

## Имтиҳони боқии қисми нуҳум ва хотима (16 боб аст)

**Суоли аввал:** Аломати ☒ дар макони муносиб гузор ё ҷои холиро пур кун:

1-Қавли (Салом бар Аллоҳ) ҳукми ин: □ Макрӯҳ □ ҳаром □ ҷоиз.

2-ас-Салом номи Аллоҳ аст: □ Субутӣ □ салбӣ □ ҳамагӣ, ва Аллоҳ ﷻ: □ Дуо карда мешавад □ барои Ӯ дуо карда мешавад.

3-Барои чизе ба салом дуо карда намешавад, магар вақте ки қобили ба он васф шуданро дошта бошад: □ Дуруст □ хато.

4-Қавли (эй Аллоҳ маро мағфират кун, агар бихоҳӣ) ҳукми ин: □ Макрӯҳ □ ҳаром □ ҷоиз.

5-Дар дуо истисно кардан ҷоиз аст: □ Дуруст □ хато, ва истисно ҳамон шарт аст: □ Дуруст □ хато.

6-Инсон ҳаргоҳ дуо кунад, дудила шавад ва дуоро таълиқ кунад: □ Дуруст □ хато.

7-Ҳаргоҳ банда дуо кунад, он чи барои ӯ ошкор мешавад бипурсад, пас чизе бар Аллоҳ ғолиб ё имконнопазир нест: □ Дуруст □ хато.

8-Қавли (Эй Аллоҳ ман аз Ту мепурсам, ки маро дарбон дар назди дари Ҷаннат кунӣ): □ Ҷоиз мебошад □ ҷоиз намебошад.

9-(Эй Аллоҳ ман аз Ту радди қазоро намепурсам, ва локин аз Ту лутф кардан дар онро мепурсам): □ Ҷоиз мебошад □ ҷоиз намебошад.

10-Оё Аллоҳ □ Ҷаннат □ Фирдавси олитарини онро мепурсӣ.

11- Дуои истихора (□ дар он □ дар он нест) таълиқи дар дуо аст.

12-Қавли (бандаи фалон ё канизи фалон) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ ҳаром аст.

13-Қавли мавло: (Эй бандаи ман инчунинро деҳ) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ ҳаром аст.

14-Наҳй аз гуфтани (писари ҷавони ман ва духтари ман) барои таҳқиқи тавҳид, ҳатто дар лафзҳо аст: □ Дуруст □ хато.

15-Талбидан ҳаром ё макрӯҳ аст, магар дар вақти ҳоҷат ё зарурат: □ Дуруст □ хато.

16-Касе туро ба Аллоҳ мол бипурсад, ба он чизи ҳаром мехарад, монанди арақ: □ ато карда мешавад □ ато карда намешавад.

17-Ҳукми иҷобати касе ки ба Аллоҳ мепурсад: □ Мустаҳаб □ воҷиб.

18-Дар ҳадис: (Касе шуморо даъват кунад, пас ӯро иҷобат кунед) мурод ба даъват: □ Барои икром кардан □ барои фарёд кардан.

19-Иҷобати даъват: □ Мутлақо воҷиб аст □ мустаҳаб аст, магар даъвати туй, ки воҷиб мебошад.

20-Касе аз чизе ки кардан ё накардани он воҷиб аст, паноҳ талаб кунад, пас ӯ: □ Паноҳ дода мешавад □ паноҳ дода намешавад.

21-(Пас барои ӯ дуо кунед, то бинед, ки шумо ӯро мукофот додаед) яъне: □ Як дуо □ дар дуо кутоҳӣ накунед.

22-(Ба ваҷҳи Аллоҳ танҳо Ҷаннат пурсида мешавад) яъне: □ Ягон махлуқро ба ваҷҳи Аллоҳ напурс □ Аллоҳро ба ваҷҳаш напурс магар Ҷаннатро □ ҳамагӣ.

23-Сифати ваҷҳ барои Аллоҳ собит аст ба: □ Қуръон □ Суннат □ иҷмоъ □ ҳамагӣ.

24-Қавли (Эй Аллоҳ ман Туро ба ваҷҳи каримат мепурсам, ки маро барои ҳифзи Қуръон муваффақ гардонӣ): □ Ҳаром □ ҷоиз, ва қавли: (Эй Аллоҳ ман ба ваҷҳи Ту аз оташ паноҳ мебарам) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ ҳаром аст.

25-Қавли (эй Аллоҳ ман Туро ба ваҷҳат мепурсам, ки ба ман асоси зеборо насиб гардонӣ): □ Ҷоиз □ ҳаром.

26- Қавли (Агар маро итоат мекардӣ ва сафар намекардӣ, бароят ин ҳодиса рӯх намедод): □ Ҷоиз □ ҳаром.

27-Қавли (Агар сафар намекардам, фоидаро аз даст намедодам): □ Ҷоиз □ ҳаром.

28-Қавли (агар Аллоҳ мехост, дурӯғ намегуфтам) ҳукми ин: □ Ҷоиз □ ҳаром.
29-Қавли (Агар ман монанди моли фалон медоштам, пас ба он садақа медодам): □ Ҷоиз □ мустаҳаб □ ҳаром.
30-Қавли (агар дар даст ҳозир мешудӣ, ҳароина истифода мекардӣ) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ ҳаром.
31- (□ Шоиста мебошад □ шоиста намебошад) барои боақл ин ки кушишашро дар чизи бефоида гузаронад.
32-Дар он чизе ки инсон қудрат надорад (□ барои ӯ □ барои ӯ нест) ки бар он ба қадар ҳуҷҷат орад.
33- Ба қадар ҳуҷҷат овардан бар: □ мусибатҳо на бар айбҳо □ баракс.
34-Дашноми бод: □ Ҳаром □ макрӯҳ аст ва қавли (боди боронзан рӯ овард): □ Ҷоиз □ ҳаром.
35-Қавли (Парвардигорам маро дӯст медорад) барои касе ки неъмат ҳосил шудааст, ҷоиз: □ дуруст □ хато.
36-Қавли касе ки бойи фосиқеро дид: (Ин шоистаи ин молҳо нест): □ Ҷоиз □ ҳаром.
37-Инсон ҳаргоҳ дар воҷибот кутоҳӣ кунад ва даст ба ҳаромҳо бизанад ва ба Аллоҳ гумони нек кунад, пас ин (□ гумони бад □ гумони нек) ба Аллоҳ аст.
38-Гумони баъзе мардум ин аст, ки агар ӯ Аллоҳро бар ваҷҳи шаръӣ дуо кунад, пас Аллоҳ ӯро иҷобат намекунад, пас ин гумони: □ бад □ нек аст.
39-Қавли (Аллоҳ дар азоб додани итоаткун ва савоб додани осӣ ҳақ дорад) гумони: □ бад □ нек аст.
40-Қавли (Ман бисёртар аз фалон шоистаи инчунин мансаб ҳастам) гумони: □ бад □ нек аст.
41-Барои бемор мегӯяд: (мискин) ва (муносибат нест) ва (агар амр дар дасти ман бошад, барои ту ин ҳосил намешуд), ин гумони: □ бад □ нек аст.
42-Қавли (агар амр дар дасти ман мебуд, фалонро муфтӣ мемондам) ҳукмаш: □ Ҷоиз □ ҳаром.
43-Қавли (тариқи саломат) аз гумони бад аст: □ Дуруст □ хато.
44-Қавли (мебояд, ки ба бемориҳо гирифтор нашавем ва барои мо ризқи васеъ бошад) гумони: □ бад □ нек аст.
45-Зарур аст, ки мард ба нафсаш гумони: □ бад □ нек кунад.
46-Воҷиб аст, ки ба нафсат гумони бад кунӣ, то ба нафсат мағрур шавӣ: □ Дуруст □ хато.
47-Нафс ҷойгоҳи ҳамаи бадӣ аз бахилӣ ва зулм аст: □ Дуруст □ хато.
48-Мартабаҳои қазову қадар: □ чорто □ панҷто □ сето аст.
49-Ҳукми касе ки қазову қадарро инкор мекунад: □ Аз дин хориҷ мешавад □ хориҷ намешавад.
50-Гуфтаи ӯ (Дар нафси ман чизе оиди қадар аст) яъне: □ Шак ва изтироб □ инкор ва ҷуҳуд.
51-(Дар нафси ман чизе оиди қадар аст) яъне:......................ва оё ба ин кофир мешавад..........................................................................................................................
52-Қалам: □ Аввали ҳамаи махлуқот аст □ аввали махлуқотест ба нисбати он чизе ки мушоҳида мекунем.
53-Одати салаф дар дур кардани шубҳа ба суол додани: □ олимон □ обидон аст.
54-Бештар аз як олимро суол додан ҷоиз аст, ҳаргоҳ бошад: □ барои устуворӣ □ барои дунболи рухсатҳо гаштан □ ҳамагӣ.
55-Шубҳа пурра аз байн меравад, ҳаргоҳ амр нисбат дода шавад ба сӯи: □ Аллоҳ ва расулаш □ олимон.
56-Воҷиб аз шунидани шубҳа ҳазар кардан аст, зеро он гоҳ мутааллиқ мешавад: □ Дуруст □ хато.
57-Бисёртари мардум амри Паёмбар ﷺ–ро ба шунидани шубҳаҳо ва нашри он мухолифат мекунанд: □ Дуруст □ хато.
58-Хондани Таврот ва Инҷил ҷоиз намебошад ва ғайри ин ду аз боби авло дуруст нест: □ Дуруст □ хато.

59-Овардани (боби он чи дар мавриди сураткашон омадааст) хато аз тарафи баъзе нусханависон аст, зеро ин боб ба тавҳид алоқа надорад ва албатта алоқаи он ба фиқҳ аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
60-Уқубати сураткаш аз (☐ 5 ☐ 4 ☐ 3) аъзо пайдо мешавад.
61-Сурат кашидан халқ ва ибдоъ аст, ба ин сураткаш бо Аллоҳ дар ин шарик мешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
62-Сурат кашидан аз гуноҳони кабира аст, зеро он: (☐ба кофирон монанд шудан аст ☐аз исроф аст ☐ баробар шудан ба халқи Аллоҳ аст).
63-Кашидани сурати дарахтон, баҳрҳо, кӯҳҳо ва дарёҳо: ☐ Ҷоиз ☐ ҳаром аст.
64-Нобуд кардани сурат мебошад, ба: ☐ гузоштани ранги дигар, ки аломатҳои онро аз байн мебарад ☐ қатъи сари пайкара ☐ кандани рӯй дар кандашуда ☐ ҳамагӣ ба мувофиқи ҳол.
65-Қабри мушриф яъне бар он: ☐ нишонаҳо ☐ бино ☐ рангҳо ☐ аз ғайраш ба сангҳо ва хок фарқкунанда аст ☐ ҳамагӣ.
66-Баробар кардани қабрҳо мебошад ба: ☐ мувофиқи суннат кардан ☐ ба қабрҳои атрофаш баробар кардан ☐ ҳамагӣ.
67-Сурат гирифтан барои таъзими суратгирифташуда: ☐ Ҷоиз мебошад ☐ ҷоиз наме-бошад.
68-Касе ки бисёр қасам мехӯрад: ☐ Аллоҳро таъзим мекунад ☐ Аллоҳро таъзим на-мекунад.
69-Ҳар савганд ибтидо, миёна ва охир дорад: ☐ Дуруст ☐ хато.
70-Фарбеҳие ки инсон дар он ихтиёр надорад: ☐ Мазаммат мешавад ☐ мазаммат намешавад.
71-Гуноҳ бо камии даъватчӣ бузург мешавад: ☐ Дуруст ☐ хато.
72-Ба савганд ҳаргоҳ ҳоҷат бошад ё маслаҳат тақозо кунад: ☐ Ҷоиз мебошад ☐ ҷоиз намебошад.
73-Задани хӯрдсол: ☐ Мутлақо ҷоиз аст ☐ ба шартҳо ҷоиз аст.
74-Барои Аллоҳ бар бандагонаш аҳд аст: ☐ Ӯро ибодат кунанд ва ба Ӯ чизеро шарик наоранд ☐ касе ки ба Ӯ чизеро шарик наорад, ӯро азоб намедиҳад.
75-Ҷайш онест, ки аз (☐ 400 ☐ ҳазор) мард зиёд бошад ва сария акси ин аст.
76-Дар роҳи Аллоҳ: ☐ Махсуси ният аст ☐ махсус ба амал аст ☐ нияту амалро шомил мешавад.
77-Бо кофирон барои маслиҳаташон меҷангем ва он аз оташ наҷот доданашон аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
78-Ғулул ин аст, ки чизе аз моли ғаниматро пинҳон кунад, пас ба он хос мешавад (☐ дуруст ☐ хато) ва ҳукми ғулул (☐ ҷоиз ☐ ҳаром ☐ гуноҳи кабира) аст.
79-Куштани авлоди кофирон ва занон ва обидону зоҳидон ҷоиз намебошад: ☐ Дуруст ☐ хато.
80-Мусла кардани кушташудагон ва ғулул ва ғадр ва қатли хурдсол ва занон: ☐ Ҷоиз ☐ ҷоиз нест.
81-Ҷизя гирифта мешавад аз: ☐ Яҳуд ва насоро ва маҷус ☐ ҳамаи кофирон.
82-Қавли (Аллоҳ тавбаи туро қабул намекунад) ҳукмаш: ☐ Ҷоиз ☐ гуноҳи кабира аст.
83-Қавли (Қасам ба Аллоҳ, Аллоҳ касеро ки ба Ӯ ширк биёрад, намебахшад) ҳукмаш: ☐ Ҷоиз ☐ гуноҳи кабира аст.
84-Аз лағзиши забон дар ҳукм кардани бар мардум ҳазар кардан: ☐ Мубоҳ ☐ ҷоиз ☐ воҷиб аст.
85-Наҳй аз гуфтани (Аллоҳ фалониро намебахшад, дар ҳоле ки ӯ зиндааст): ☐ Хос ба мусалмони осӣ ☐ шомили мусламон ва кофир аст.
86-Мункар гуфтани (Шафоатгар мегирем...): ☐ Аллоҳро бар ту ☐ туро бар Аллоҳ.
87-(Аллоҳро бар ту шафоатгар мегирем) яъне:..................................................................
88-Боби он чи дар ҳимояи Мустафо ﷺ омадааст (☐ боби мустақил ☐ такрорӣ аст) ва дар он ҳимояи Ӯ ﷺ барои тавҳид дар (☐ амалҳо ☐ лафзҳо) аст.
89-Сайид: ☐ Аз номҳои Аллоҳ ﷻ ☐ аз номҳои Аллоҳ ﷻ нест.
90-Сайид аз маъноҳои самад аст: ☐ Дуруст ☐ хато.
91-Сиёдати хос ҷоиз мебошад ба хилофи сиёдати омма: ☐ Дуруст ☐ хато.

92-Нектарин ва расотарин васф барои Паёмбар ﷺ: □ Бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ □ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ аст.
93-Яҳуд беҳтар аст аз касе ки сифатҳоро инкор ва таъвил мекунад, дар ҳамин боб ва Аллоҳро некӯтар медонанд: □ Дуруст □ хато.
94-Арш ҳамон:........................................Курсӣ ҳамон........................................................
95-Дар хотимаи китоби тавҳид гӯё муаллиф раҳимаҳуллоҳ Аллоҳро дуо мекунад, ки мизонҳояшро ба ин китоб вазбин кунад, ҳамчуноне ки осмонҳо ва Арш ва курсӣ вазбин аст (□ дуруст □ хато) ва огоҳ мекунад, ки кофир Аллоҳро чуноне ки шоистаи қадр кардан аст, қадр намекунад, пас мисли ӯ набош, балки Ӯро ба тавҳид таъзим кун (□ дуруст □ хато).
96- Бисёре аз салаф бар ақидаи дуруст номҳое гуфтанд аз ҷумла номҳои зайл аст: □ Суннат □ Шариат □ Тавҳид □ Фиқҳи акбар □ ҳамаи зикршудаҳо.

# Феҳрасти мавзӯъҳо

Хулосаи бобҳои китоби тавҳид (67 боб аст).....................................................................4
Аввал: Муқаддима (5 боб аст).............................................................................................12
1-Боби воҷиб будани тавҳид...............................................................................................13
2-Боб андар баёни фазли тавҳид ва баёни ин ки тавҳид гуноҳҳоро тоза мекунад......21
3-Боб андар касе ки тавҳидро дар ҳаёт татбиқ кунад,
беҳисоб дохили Ҷаннат мешавад.......................................................................................25
4-Боб андар тарсидан аз ширк.............................................................................................29
5-Боб андар даъват ба сӯи шаҳодати "Ло илоҳа иллаллоҳ"...........................................34
Имтиҳони қисми аввал (5 боб аст).......................................................................................38
Дуюм: Тафсири тавҳид (9 боб аст).......................................................................................44
6-Боби тафсири тавҳид ва шаҳодати ин ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест...........44
7-Боб: Пӯшидани ҳалқа ва ресмон ва монанди ин ду барои рафъи бало,
ё дафъи он ширк аст.............................................................................................................47
8-Боб андар руқияҳо ва туморҳо..........................................................................................51
9-Боб андар шахсе ки ба дарахт ё санг ва монанди инҳо табаррук меҷӯяд..................55
10-Боб андар забҳ кардан барои ғайри Аллоҳ.....................................................................58
11-Боб андар ин ки барои Аллоҳ қурбонӣ карда намешавад дар ҷое, ки
барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ карда мешуд...........................................................................61
12-Боб назр барои ғайри Аллоҳ ширк аст............................................................................64
13-Боб ба ғайри Аллоҳ паноҳ бурдан ширк аст....................................................................65
14-Боб фарёдрасӣ кардан ба ҷуз Аллоҳ, ё дуо кардани ғайри Аллоҳ ширк аст...........67
Имтиҳони қисми дуюм (9 боб аст)........................................................................................69
Сеюм: Ботил будани ибодати ғайри Аллоҳ (4 боб аст).....................................................73
15-Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Оё ин мушрикон шарик муқаррар
мекунанд (ба Аллоҳ) чизеро ки ҳеҷ (қудрате надорад, ки чизеро) биёфаринад.
Ва худи ин шарикон (яъне бутон) махлуқанд ва обидони худро
ёрӣ дода наметавонанд" то охири оят..................................................................................73
16- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "То чун тарсу ҳарос аз дилҳояшон
бартараф шавад, мегӯянд: Парвардигоратон чӣ фармуд: Мегӯянд:
Ҳақ ва Ӯ баландмартабаи бузург аст".................................................................................76
17-Боб андар шафоат...............................................................................................................80
18- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Албатта ту ҳидоят намекунӣ, касеро ки дӯст
медорӣ" то охири оят...............................................................................................................83
Имтиҳони қисми сеюм (4 боб аст)........................................................................................85
Чорум: Сабаби кофир шудани фарзанди Одам (4 боб аст)...............................................87
19- Боб андар ин ки сабаби кофир шудани фарзанди Одам ва тарки дин
карданашон ҳамон зиёдаравӣ дар ҳаққи бузургон
буд..............................................................................................................................................87
20- Боб андар сарзаниши сахт дар ҳаққи касе ки Аллоҳро дар назди қабри марди
солеҳ парастад, пас чигуна аст ҳаргоҳ ӯро бипарастад?!.................................................91
21- Боб андар ин ки зиёдаравӣ дар қабрҳои бузургон, онон ро бутҳое

мегардонад, ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад.......................................................95
22- Боб андар ҳимояи Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷониби
тавҳидро ва бастани Ӯ ҳамаи роҳҳоеро, ки ба
сӯи ширк мерасонад............................................................................................97
Панҷум: Ботил кардани ҳуҷҷати касе ки мегӯяд: Ширк дар ин уммат
ё дар ҷазира воқеъ намешавад (як боб аст)..........................................................99
23-Боб андар ин ки баъзеи ин уммат бутҳоро мепарастад..........................................99
Имтиҳони қисми чорум ва панҷум (5 боб аст)........................................................104
Шашум: Амалҳои шайтонӣ (7 боб аст)...................................................................107
24-Боб андар он чи дар мавзӯи ҷоду омадааст........................................................107
25-Боб андар баъзе анвоъи ҷоду...........................................................................111
26- Боб андар мавзӯи коҳинӣ ва монанди он..........................................................113
27-Боб андар мавриди ботил кардани ҷоду.............................................................116
28-Боб андар фол задан ба парвози паранда.........................................................118
29-Боб андар мавриди ситорашиносӣ....................................................................123
30-Боб андар ҳукми талаби борон кардан ба ситорагон.............................................125
Имтиҳони қисми шашум (7 боб аст).......................................................................128
Ҳафтум: Амали дилҳо (9 боб аст)........................................................................132
31-Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Баъзе азмардум ғайри Аллоҳро
ҳамонанди Аллоҳ гиранд ва чунон ки Аллоҳро бояд дӯст дошт бо онҳо
дӯстӣ варзанд) то охири оят................................................................................132
32- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Танҳо ин шайтон аст, ки метарсонад
дӯстдорони худро, шумо мусалмонон аз онон натарсед ва аз Ман битарсед, агар
аҳли имонед".......................................................................................................136
33-Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Ва бар Аллоҳ таваккул кунед,
агар имон доред)...................................................................................................139
34- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Оё онҳо худро аз макри Аллоҳ
дар амон медонанд, дар ҳоле ки ҷуз зиёнкорон худро аз макри
Аллоҳ эмин намедонанд).........................................................................................142
35-Боб андар ин ки сабр кардан ба тақдирҳои Аллоҳ
аз ҷумлаи имони ба Аллоҳ аст..................................................................................144
36-Боб андар мавзӯи риё (худнамоӣ).......................................................................147
37-Боб андар анҷоми амалҳои ухравӣ барои дастёбӣ
ба аҳдофи дунявӣ низ навъи ширк аст.....................................................................149
38-Боб андар итоати олимон ва раҳбарон дар ҳалол донистани
ҳаромҳо ва ҳаром донистани ҳалолҳои илоҳӣ...........................................................152
39- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Оё касонеро надидӣ ки гумон
мекунанд...) то охири оятҳо....................................................................................154
Имтиҳони қисми ҳафтум (9 боб аст).........................................................................157
Ҳаштум: Тавҳиди номҳо ва сифатҳо (як боб аст).......................................................161
40-Боб андар инкори чизе аз номҳо ва сифатҳои Аллоҳ.............................................161
Имтиҳони қисми ҳаштум (як боб аст)......................................................................168
Нуҳум: Лафзҳои манҳӣ ва ширкӣ (26 боб аст)...........................................................170
41- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Онҳо неъмати Аллоҳро мешиносанд,

сипас онро инкор мекунанд) то охири оят
(куфри неъмат аз ширк аст)........................................................................................170
42- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: (Пас дидаву дониста
барои Аллоҳ ҳамтоёне нагиред), (тафсири нид).........................................................172
43-Боб андар шахсе ки ба савганди ба номи Аллоҳ қаноат
Намекунад (аз ҷумлаи гуноҳони кабира аст).............................................................174
44-Боб андар гуфтани "он чи Аллоҳ ва ту бихоҳӣ"......................................................175
45-Боб андар шахсе ки замонаро дашном диҳад, пас Аллоҳро
озор додааст (нисбати ҳодисаҳо ба даҳр)..................................................................177
46-Боб андар номгузорӣ ба Қози-юл-қузот ва монанди он (наҳй аз он)....................179
47-Боб андар эҳтироми номҳои Аллоҳ таъоло ва тағйири ном ба хотири он............180
48-Боб андар касе ки ба чизе ки дар он зикри Аллоҳ ё Қуръон
ё Расул шухӣ менамояд.................................................................................................181
49- Боб он чи дар фармудаи Аллоҳ таъоло омадааст:
(Агар ба ӯ баъди сахтие ки ба вай расида бошад,
бахшоише аз ҷониби Худ бичашонем) то охири оят..................................................184
50- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Пас чун Аллоҳ ба онҳо
фарзанди шоиста дод, барои ӯ дар он чи ба онҳо дода буд,
шарикон муқаррар карданд" то охири оят...................................................................187
51- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло:
"Ва номҳои нек аз они Аллоҳ аст) то охири оят..........................................................190
Имтиҳони аввал барои қисми нуҳум (11 боб аст)........................................................192
52-Боб андар ин ки ассалому алаллоҳ
гуфта намешавад (ҳаром аст)........................................................................................197
53-Боб андар гуфтани: Эй Бор илоҳо, агар бихоҳӣ маро мағфират кун!
(Истисно дар дуо ҳаром аст).........................................................................................198
54-Боб ғулом ва канизи худро бандаи ман ва канизи ман нагӯяд.............................199
55-Боб касе ба номи Аллоҳ бипурсад, рад карда намешавад
(ҳаром ё макрӯҳ аст).......................................................................................................201
56-Боб ба ваҷҳи Аллоҳ ҷуз Ҷаннат чизе пурсида намешавад......................................203
57-Боб андар он чизе ки дар бораи калимаи "агар" омадааст
(дар ин баёни муфассал аст)..........................................................................................204
58-Боб андар наҳй аз дашноми бод (ба қазо розӣ шудан)...........................................206
59- Боб андар фармудаи Аллоҳ таъоло: "Онҳо дар бораи Аллоҳ
гумони ноҳақ мекарданд (монанди) гумони ҷоҳилият"............................................207
60-Боб андар он чизе ки дар мавриди инкоркунандагони қадар омадааст
(аз куфри акбар)...............................................................................................................209
61-Боб андар он чи ки дар мавриди сураткашон омадааст
(аз ваъдаи азоби сахт)......................................................................................................214
62-Боб андар бисёр савганд хӯрдан (аз ваъдаи азоб аз рӯи таъзими Аллоҳ)............216
63-Боб андар он чизе ки дар мавриди паймони Аллоҳ
ва паёмбараш омадааст (ихлос ва пайравӣ)...............................................................218
64-Боб андар савганд хӯрдан бар Аллоҳ......................................................................221
65-Боб аз Аллоҳ талаб карда намешавад, ки барои халқаш

шафоатгар шавад (барои камоли азамати Ӯ).....................................................................222
66-Боб андар посбонии Мустафо ﷺ аз марзҳои тавҳид
ва бастани роҳҳои ширк..........................................................................................................223
Даҳум: Хотима (як боб аст).....................................................................................................224
67-Боб он чизе дар фармудаи Аллоҳ таъоло омадааст:
(Ва Аллоҳро ба андозаи ҳаққи шинохтани Ӯ нашинохтанд...).......................................224
Имтиҳони боқии қисми нуҳум ва хотима (16 боб аст)....................................................228
Феҳрасти мавзӯъҳо...................................................................................................................232

ТАҚСИМ ВА ТАНЗИМИ ҚОЙДА БАРОИ ҚАВЛИ
МУФИД: ИН КИТОБ БО ЗАБОНИ ТОҶИКӢ,
МУЪАЛИФАШ ДОКТОР ҲАЙСАМ САРҲОН
МЕБОШАД, ВА ИН МУХТАСАРИ КИТОБИ ҚАВЛУЛ
МУФИД АЛО КИТОБИ ТАВҲИД АЗ АЛЛОМА
АЛ УСАЙМИН РАҲИМАҲУЛЛОҲ МЕБОШАД, ВА ОН АЗ
ҶУМЛАИ ФОЙДА ОВАРТАРИН КИТОБҲО ДАР ЗАМОНИ
ҲОЗИР БА ШУМОР МЕРАВАД, ВА ОН ДАР
БАЁНИ ТАВҲИДЕ КИ АЛООҲ БОЛОЙ БАНДАГОНАШ
ВОҶИБАШ ГАРДОНДА АСТ, ВА ИНЧУНИН ЗИКРИ О
ЧИЗҲОЕ КИ АСЛИ ТАВҲИД РО АЗ БАЙН МЕБАРАД АЗ
ҶКМЛАЙ ШИРКИ АКБАР Ё ИНКИ КАМОЛИ ОН РО АЗ БАЙН МЕБАРАД
АЗ ҶУМЛАЙ ШИРКИ КӮЧАК.
МУЪАЛИФ ИН РО ДАР ШАКЛИ ЗЕБО ВА ТАҚСИМБАНДИ КАРДА
ВА ДАР ОН МАҚСАДҲОИ УМУМИ БОБҲО ВА МАЪНОҲОЙ УМУМИ Б
АРОЙ ДАЛЕЛҲО ВА АСАРҲО ЗИКР НАМУДААСТ ВА БАЪДИ ҲАР
ТАҚСИМБАНДИ САВОЛҲО ВА ОЗМОИШИҲО ГУЗОШТААСТ ҲАМАЙ ИН НА
БА ШАКЛИ МУХТАСАРЕ КИ КАМБУДИ ДОШТА ВА НА ТӮЛОНИЕ
КИ ХАСТА КУНАНДА БОШАД.

معهد السنة
As-Sunnah College

Email: islamtorrent@gmail.com
вебсайт: https://alsarhaan.com/
вебсайт: https://mahadsunnah.com/